# САРОЙИ САНГ

Романи таърихӣ

*Ба хотираи дурахшони маорифпарварони бузурги Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Охон Сулаймон Қурбонмуҳаммадзода ва Охон Шоҳфитур Муҳаббатшоҳзода.*

Душанбе
«Сухан»
2018

ББК 84 __________
А-87

Муҳаррир Низом Қосим, Шоири халқии Тоҷикистон

А-87 Мирхоҷа Ато. Саройи санг
(романи таърихӣ, қисми якум)
– Душанбе, нашриёти «Сухан», 360 саҳ.

«Саройи санг» нахустин асари бадеии калонҳаҷмест дар адабиёти тоҷик, ки сарнавишти пурфоҷеаи тоҷикони Кӯҳистони Бадахшони асри XIX-ро инъикос кардааст. Муаллиф муборизаи ҷоннисоронаи халқиятҳои ориёинажоди ин сарзаминро дар роҳи нигоҳ доштани марзу буми аҷдодӣ ва истиқлолияту ҳувияти хеш ҷолибу хонданӣ ба қалам додааст.

**Пешгуфтор:** *Саттор Турсун, Нависандаи халқии Тоҷикистон*

**Ороишгар:** *Муқим Мирзоев*

**Рассом:** *Рамзулло Раҳмихудоев*

ISBN __________

@Ато Мирхоҷа, 2018

# ДОСТОНИ РОДМАРДОНИ КӮҲИСТОН

Шоири маъруфи мо Ато Мирхоҷа солҳои охир ба насри бадеӣ низ рӯй оварда, пас аз таълифи чанд ҳикоя ва як қиссаи марғуб инак нахустин рамани худро ба номи «Саройи санг» манзури хонанда мегардонад. Ин асари доманадор таърихӣ буда, дар саҳифаҳои гарми он зиндагии пурмашаққати тоҷикони Шуғнонзамин дар масири санаҳои 1860-1880-уми асри XIX ва муборизаи шадиди мардуми банангу номуси кӯҳистон алайҳи зулму истибдоди ҳокимони худсари давр возеҳ ба қалам омадаанд. То ҷое ки огаҳам, чунин воқиаҳои тақдирсозро дар адабиёти тоҷик касе аз нависандагон ба таҳқиқ нагирифтааст. Ҳарчанд парчаҳое аз ҳаёти сокинони Бадахшони қарни нуздаҳ дар ёддошт, филмнома ва достонҳои устод Мирсаид Миршакар, дар баъзе шеърҳои Нодир Шанбезода, Тилло Пӯлодӣ, дар рамани Раҳим Ҷалил «Шӯроб» ва ҳикояи Фазлиддин Муҳаммадиев «Сози Мунаввар» ба муҳаббат тасвир шудаанд. Агар фарохтар дидан мехоҳем, ин мавзӯи мушкилро танҳо адибон ва муҳаққиқони рус ба мисли Павел Лукнитский ва Окмир Агаханянтс ба доираи тадқиқ кашида, дар иктишофи бадеии ҳувият, суннату оин ва баъзе аз махсусиятҳои иҷтимоии мардуми Помир, ҳамзамон ҷаҳонбинӣ ва ҷанбаҳои назарраси олами ботинии ин халқиятҳо заҳмати шоиста ба харҷ доданд.

Бояд гуфт, ки тоҷикони Бадахшон низ монанди аҳолии ҳар гӯшаву канори ватани азизамон то раҳо ёфтан аз фишори мудоми салтанати бегонагон ва ба даст овардани истиқлоли воқеӣ таҳти парчами Тоҷикистони кунунӣ давраҳои басо сангини таърихро дар ҷараёни мубориза барои нигоҳ доштани марзу буми хеш, ҳатто дар талош ва меҳнату муқовимати зиёд ба ормони зинда мондан пушти сар гузоштаанд. Чархи беамони қисмат мардуми содадили ин кишвари пурганҷро на як бору ду бор ба фоҷиаҳои хунин рӯбарӯ кардааст. Вале садоқати беандоза ба зодгоҳи аҷдодӣ, забони равонпарвар ва назофати тамаддуни ориёӣ сабаб мегардид, ки иродаву матонати азалии эшон боз ҳам шикастнопазир монанд. Ба масал онҳо аз хокистари хонумони сӯхта такроран зинда мешуданд ва ба сари гуна-гуна ғосибон чун сангу тармаи кӯҳистон фуру

рехта, то метавонистанд, хоки поки ниёгонро эмин дошта, дар мушкилтарин айём низ тарзу тариқ ва расму оини рӯзгори дерини худро аз нав барқарор месохтанд.

Таърих шаҳодат медиҳад, ки дар ҳолатҳои ниҳоят сахти зиндагӣ гӯё бидуни интизор қаҳрамононе падид омада, фарёдраси халқи бечора мешуданд. Зеро ниҳонхонаи ҷони ҳар қавм, вақте аз тӯфони фалокатбори замонаҳо мегузарад, маскани фарзандонест, ки дар миёни гирудори ҳаёту мамот арзи ҳастӣ намуда, дар майдони аз чанги ҳалокат берун овардани ҳамрешаҳои хеш бе ягон таассуф ҳатто сар ба дорҳои баланд медиҳанд. Мо исми шарифи родмардонеро, ки дар Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд, Панҷакат, Фалғар, Истаравшан, Рашт, Исфара, Хатлон, Ҳисор ва ғайра хиттаҳои тоҷикнишин ҷонбозӣ кардаанд, хуб медонем. Деваштич, Спитамон, Темурмалик, Восеъ, Муқаннаъ, Абумуслим, Мирзо Ризо, Бибизайнаб, Чинор Имомов, Абдулқодир Муҳиддинов, Нусратулло Махсум ва даҳҳо шахсияти дигар, ки зиндагии ибратомӯзи бисёре аз онҳо зеби осори илмиву бадеӣ низ будаанд. Аммо то алҳол ба ҷуз ҳаёти Азизхони ҳоким ва Ширишоҳ Шоҳтемур аз корномаи чандин диловари Кӯҳистони Бадахшон бидуни шунидаҳо маълумоте надорем.

Ато Мирхоҷа дар рамани худ саҳифа ба саҳифа кӯшидааст ҳамин ҷиҳатро ба таҳқиқ гирад. Вай солҳои дароз таърихи Бадахшонро аз ҳар паҳлу омӯхта, чун натиҷа дар ин асар симои хотирнишини муборизони роҳи ҳақиқат дар Шуғнону Рӯшон – Саид Фаррухшоҳ, Ҷаҳонгир, Мирзоазиз, Мулло Хишол, Манзаршоҳ, Дорöбшоҳ ва Хайримуҳаммадро равшан ба қалам медиҳад. Дар замони онҳо сулолаи ҳокимони қатаған, ки дар Қундуз ҳукумат доштанд, Шуғнонро ба тасарруф меоранд. Бар асари ҷангҳои бебарори озодихоҳӣ ва ноустувории рӯҳониёни маҳаллӣ дар баробари таҷовузи равияҳои гуногуни дини ислом на фақат Шуғнону Рӯшон, балки Вахон ҳам аз истиқлоли хеш маҳрум мегардад. Қабилаҳои муғулу турктабор асрҳо боз дар Варорӯд давра ба давра тахту тоҷ ёфта, мехостанд халқиятҳои саргаҳи дарёи Панҷро низ оқибат ба доираи итоат кашанд. Онҳо дар ниҳояти талошҳои хунин Бадахшонро,

ки ҳанӯз Помир дар ҳайаташ набуд, билкул ҳам набошад, фатҳ намуда, зери назорати қатъӣ мегиранд.

Лекин шоҳони қатағанӣ мардуми ин диёрро дар тӯли ҳокимияти худ мудом бад медиданд. Дар ҷараёни мутолиаи раман баръало мушоҳида мекунем, ки чи тавр Абдураҳимхон ва писарони ӯ Муҳаббатхону Юсуфалихон дар роҳи расидан ба қудрат на танҳо ба табааву зердастон, ҳамчунин ба якдигар низ заррае шафқат надоранд. Дар айни ҳол пайваста мекӯшанд мардуми таҳҷоӣ аз суннатҳои аҷдодӣ даст кашида, ҳар чи зудтар урфу одати онҳоро ба гардан гиранд. Аз ин рӯ дар ҳаққи халқи маҳаллӣ ҳама гуна зулму тааддиро бебаркаш раво медонанд. Ба ночизтарин баҳона мардумро мубталои исканҷа карда, ҳатто хона ба хона гашта, аз сӯхтору куштор низ рӯй наметобанд. Хонанда беихтиёр гумон мебарад дар он марзу бум касе нест, ки шабу рӯз таҳти назари навкарони бераҳми салтанат набошад.

Халқ, албатта, ба ин ҷабру ҷафоҳо муросо карда наметавонист. Нангу номус, дайни дифоъ аз расму оин, маскану волидайн ва зану фарзанд хоҳ-нохоҳ шермардони кӯҳистонро ба муборизаи зидди шоҳону ҳокимони истилогар таҳрик медоданд. Муаллифи раман бар асоси ҳуҷҷатҳои таърих аз тахайюли бадеӣ муассир истифода бурда, моро ба ҳодисаҳои риққатангези Шуғнони он аҳди сангин ва талошу шуҷоати халқ аз барои озодӣ барҳақ рӯбарӯ месозад. Ҳангоми мутолиа маълум мегардад, ки кори нависанда ба ҳамин як китоб анҷом намегирад. Ҳақиқати он замона ва маводи дастраси ӯ паҳнои ҳунари фарохтар мехоҳанд. Ба хусус дар сурате ки шоир истеъдоди хуби нигорандагӣ ҳам дорад. Бо вуҷуди ин мебояд таъкид намуд: минбаъд дӯсти дар ҷодаи эҷод устувори мо Ато Мирхоҷа ба фасоҳати сухансозӣ дар саноати насри бадеӣ ва меҳрубонӣ ба услуб бештар эътибор медиҳад. Дар ин амри хайр, ки заҳматаш ҳаргиз интиҳо надорад, ба адиби соҳибназар аз самими қалб пирӯзӣ мехоҳем.

***Саттор Турсун,***

***Нависандаи халқии Тоҷикистон***

# АРЗИ БЕБАРОР

Ҷаҳонгир аз дарбори шоҳ бо табъи хира баргашт. Вақте ки аз дарвозаи қалъа бадар омад, эҳсоси мағшуши пирӣ тамоми баданашро якбора фаро гирифт. Аз ҳаштод гузашта бошад ҳам, то кунун дар рагу пайвандаш хуни паҳлавонӣ аз ҷӯш намондааст. Аммо суханони тунду таҳқиромези Муҳаббатхон, гузашта аз ин, ба замин задани обрӯи паҳлавони солхӯрда вуҷуди Ҷаҳонгирро дарҳам шикаст, гӯиё аз тори кӯҳ банохост санги азиме канда шуда, ба сараш зад ва устухонҳои ӯро реза-реза кард.

«Ҳалло[1], ҷангу майдондорӣ маро шикаст надод, магар забони бади ин падаркуши хунхор», – то расидан ба хона чанд бор зери лаб такрор кард Ҷаҳонгир ва бо қадамҳои вазнин ба ҳавлӣ даромад.

Мирзоазиз, ки дар болои дарахт тут мехӯрд, бобояшро дида, фарёд зад:

– Furthermore Species;

– Бобоҷон омад, чи хубе! – ва худро ба замин партофта, ба пешвозаш давид. – Ба ту чӣ шуд, бобоҷон? – авзои парешон ва қомати якбора хамидаи бобо хушҳолии набераро дарзамон нопадид сохт.

Ҷаҳонгир даст ба сари набераaш бурда, онро силакунон гуфт:

– Бачам, бобот пир шуд.

Ду қатра ашки сӯзон ба рухсорааш давиданд ва рӯ-рӯи риши дарозаш милт-милт шорида, ба рӯи набераaш чакиданд.

Аз боғи паси хона садои Мирзоазизро шунида, қозӣ Давруқ ва ҳамроҳонаш ба назди бобову набера расиданд.

– Паҳлавон, ранг бину ҳол пурс, – баробари расидан гуфт қозӣ бо овози ларзон. – Маълум, ки туро ҳам рӯйхотир накард.

Ҷаҳонгир аз ҷигар оҳи пурдарде бароварду сараш чарх зад. Калавид. Ҳамроҳони қозӣ Давруқ зери бағалаш дарома-

1. Ҳалло – нидои таассуф

данду ӯро ба айвон бурда, болои палос хобонданд. Мирзоазиз аз ҳоли бобояш сахт тарсида, гумон кард, ки ӯ ҳам мисли падару амакаш мурд. Домани гиряро сар дода буд, ки қозӣ гуфт:

– Мирзо, бачам, ғавғо накун, бобот зиндаву саломат аст, зуд об биёр!

Мирзоазиз ҷониби ҷӯй давид ва дар кӯзачае об овард. Қозӣ ба ҳамроҳонаш ишора кард, ки берун бароянд. Вақте онҳо айвонро холӣ намуданд, ӯ бо биге[1] ба Ҷаҳонгир об нӯшонд ва нимшунаво ба хондани ояе аз Қуръон шурӯъ кард. Мирзоазиз бо чашмони пурашк ба чеҳраи аз ғояти пирӣ чӯкидаву беранги қозӣ Давруқ нигоҳ карда, манзараи рӯзи ҷанозаи амакаш пеши назар падид омад. Он рӯз ҳам ҳамин қозӣ Давруқ ҷасади падараш – Маҳмадазимро такфин намуд. Тиловату дуо карду мардони ғамзада ба лобаву зории Мирзоазиз ва мӯйканиву рӯйкании занон нигоҳ накарда, амакашро ба гӯристон бурданд.

Чи ҳоли баде дошт Мирзоазиз он рӯз! Амаки паҳлавонаш ба ҷанг рафт ва як ҳафта пас мурдаашро ба аспаш бор карда оварданд. На ӯ, на ягон каси дигар бовар надошт Маҳмадазимеро, ки сарлашкари шоҳи Шуғнон буду зери қадамаш замин меларзид, кушта бошанд. Куҳансолон ҳарчанд монеъ гаштанд, Мирзоазиз бари ҷасади амак, паҳлуи модару момояш нишаст ва аз ҷигари бирён сиришки хунин рехт. Модар гоҳ ба ёди шавҳари ҷавонмаргаш Маҳмаднасим, ки Мирзоазиз ҳанӯз таваллуд нашуда, дар ҷанги нобаробар бар зидди қатағанҳо ҷон бохта буд ва гоҳ бар наъши бародаршӯи ормониаш навҳаи ҷонгузо мекашид. Ҷуссаи бузург, чеҳраи зарди ором у босалобат, риши сиёҳи шероза ва лабони нимвои моил ба табассуми амак якумр дар ёдаш нақш бастанд.

Модараш тунд даромаду Мирзоазизро аз банди хаёлоти мушавваш бадар овард.

– Тағо, ба падарам чӣ шуд? – пурсид Азизмо бо овози лар-

1. Биг – пиёлаи сафолӣ

зон ва мунтазири ҷавоб нашуда, ба сари хусураш омад. Саллаву тоқии ӯро гирифту таксарие зери сараш гузошта, чодаре болояш партофт. Қозӣ Давруқ дуохониашро нашикаст. Ҷаҳонгир нафаси амиқе кашид ва нимхез шуд.

– Духтарам, ҳамёнамро биёр.

Азизмо аз хона ҳамёни куҳнаи секунҷае бароварда, ба хусураш дод ва берун баромаду писарашро таъкид кард:

– Бачам, сари бобот ҳозир бош.

Мирзоазиз ба бобояш наздиктар омад, дузону зад ва мунтазири амри ӯ шуд. Қозӣ Давруқ тиловатро тамом кард ва гуфт:

– Паҳлавон, Худо хоҳад шиддати дардат паси сар шуд. Агар доруе дошта бошӣ, бихӯр.

Ҷаҳонгир ҳамёнро боз кард, ҳабби алафие бароварда, байни ду ангушташ молиш дод ва зери забон партофт. Саросема нашуда, онро хоида, фуру бурду гуфт:

– Мирзо, ҷамоатро даъват кун.

Мирзоазиз ҳафт нафар ҳамроҳони қозӣ Давруқро ба айвон дароварду худ дар кунҷе нишаст.

– Гапам бо шоҳ напухт, бародарон! Гуфтамаш, ки бандиён гуноҳе надоранд. На писарони қозӣ Давруқ, на Мазҳабшову писараш Маҳмадзиё, на дигарон. Гуфтам, ки инҳо ҳама шабу рӯз дар ғами халқу ободии мамлакатанд, дуои ҷони туро мекунанд. Касе гуфта бошад, ки ба ҷонат суйиқасд карданианд, аз душманӣ гуфта, на аз дӯстӣ. Ба ҳаққи Худованд, ба ҳаққи ду писари шаҳидам, ки барои салтанати ту ҷонашро қурбон намуд, хуни ин бегуноҳонро бар ман бибахш. Аммо дили Муҳаббатхон заррае нарм нашуд, баракс тозиёнаи дасташро бар тахт зад ва гуфт:

«– Эй Ҷаҳонгир, замони ту гузашт, ту дигар ба дарди касе намехӯрӣ. Агар арвоҳи писаратро пеши ман оварда бошӣ, бидон, ки имрӯз лашкарам садҳо Маҳмадазим дорад, ки ҷавоби

душманони мулки Шуғнонро даҳ маротиба аз ӯ бештар медиҳанд. Ин мунофиқони бадандешро фардо худам як-як мепарронам. Бирав ва шукр бигӯ, ки барои густохият туро гардан назадам».

Буғз пирамардро гулугир кард. Дигар гап зада натавонист. Дегрез, ҷавонмарди таҳмевӣ, ду даст ба сар зад ва гуфт:

– Дареғ, ҳазорон дареғ, ки Маҳмадазим нест, набошад ин турки раҳгум чунин тунд намеомад. Як сояи ӯ бас буд, ки Муҳаббатхон поро ба андозаи гилемаш дароз кунад.

Ин асно овози ҷорчии шоҳ аз таги дарвоза ба гӯш расид:

– Фардо нимрӯзӣ дар Саройи санг осиёни давлатро қатл мекунанд. Шоҳ амр кардааст, ки аз хурд то бузург дар маърака ҳозир бошанд.

Чопор гузашта рафт. Маъюсиву навмедӣ чун корд бар дилу ҷигари ҳозирин халид. Шаби бемаҳтоб деҳаро зери чодари сиёҳ гирифт.

## НАҶОТ АЗ УЛЧАКӢ

Аз замоне Мирзоазиз худро шинохтааст, дар деҳаашон Баҳшор, ки қалъаи Баҳрпанҷа дар он ҷо воқеъст, зуд-зуд задухӯрде, бедодгарие, кашмакаше рӯй медоду падару бобояш дар онҳо иштирок мекарданд. Ақли Мирзоазиз ҳеҷ намегирифт, ки барои чӣ одамон ҳамдигарро мезананд, ҳақорату дашном медиҳанд, ҳатто мекушанд. «Ба ин калонсолон чӣ намерасад?», – суол медод ба худ кӯдаки дунёбехабар ва ҷавобе наёфта, боз аз пайи машғулиятҳои тифлияш дунёро фаромӯш мекард.

Як рӯз духтари ҳамсояашон – амаки Мирҳазорро ду марди порсигӯ аз хонааш базӯр кашола карда бурданд. Ба саволи ӯ модараш кӯтоҳак чунин ҷавоб дод:

– Гулбегимро барои бадахшиҳо улчакӣ[1] карданд.

1. Улчакӣ – навдае, ки бо он қади наврасонро чен мекарданд.

Ва тамом, на шарҳе, на тафсире.

Ин бадахшиҳо кистанд, ки бачаҳои мардумро бидуни пурсише мебаранд? Мирзоазиз мешунид, ки на танҳо духтарон, балки писаронро ҳам амон намедодаанд. Онҳо бачаҳои мардумро барои чӣ ин қадар ҷамъ мекарда бошанд? Барои чӣ мардҳои бузбалаи деҳаашон пеши роҳи ин бедодро намегиранд?

Як рӯз қариб худашро улчакӣ мекарданд. Чанд сол пеш модараш ӯро ба деҳаи Демурғон ба хонаи духтари аммааш тутчинӣ бурд. Гашти рӯз калонсолон аз гармии офтоби тамуз ба каппаҳои лаби рӯдхона паноҳ бурданд. Мирзоазиз ҳамроҳи бачаҳои деҳа рустшавакон бозӣ мекард. Банохост марди харакии қатмапӯше[1] пайдо шуд. Ӯ дар назди боғ истод, хӯрҷинашро боз кард ва як каллақанди барф барин сап-сафедро бароварда, гуфт:

– Касе аввал ба назди ман бирасад, қанд аз они вай мешавад.

Ҳама ҷониби мард давиданд. Мирзоазиз аввал расид, хост қандро аз болои девор чанг зада гирад, ки мард пешдастӣ карда, онро гирифт ва гуфт:

– Ҳамаатон саф кашед, ман ботантана қандро ба ин андувол[2] туҳфа мекунам.

Бачаҳо зуд саф кашиданд. Марди қатмапӯш аз хӯрҷин навдае баровард, онро ба тани ҳар бача расонда, сафро зуд гузашту гуфт:

– Боракаллоҳ, агар сари чӯбдастам кулоҳак пайдо шавад, ҳамаи шумо одамони хушбахт мешавед.

Вай чӯбдастро аз таги шиками хараш гузаронда, ба бачахо нишон дод. Дар сари чӯбдаст кулоҳаки сиёҳе пайдо шуда буд! Бачаҳо аз хурсандӣ тоқиашонро ба осмон партофтанд.

Мард қандро ба бачае доду гуфт:

– Қандро шумо байни худ тақсим карда хӯред, ман ин андуволи ғолибро то охири деҳа бурда меорам.

---

1. Қатма – як навъ ҷелаки бофташ ғафс
2. Андувол (ҳамдувол) – рафиқ, дӯст

Мирзоазиз, ки аз ғолиб омадану таъриф шунидан дар пеши бачаҳо шерак шуда буд, ба хар нишаст. Мард зуд савор шуду харро давонд. Деҳа ба охир расид. Хар ба дашти беодам баромад, вале мардак гашти онро суст намекард. Дили Мирзоазиз таҳ кашид. Хост лаҷоми харро бикашад, аммо мард ба дастҳояш заду харро тезтар ронд. Баракс, бачаро ба синаи худ ҷафс кард, ки наҷунбад. Мирзоазиз яқин кард, ки мард ӯро дуздиданист. Ҳар ду дасташро боло бурду ба гардани мард ҳалқа кард ва аз ҳавли ҷон чунон зӯре зад, ки ҳарду аз болои хар сарозер шуданд. Мирзоазиз рост болои синаи мард афтид ва зуд бархосту роҳи гурезро пеш гирифт. Ба деҳа расид, ки модару аммаи ҳаросон дучораш омаданд.

– О ҷигарам, Мирзои азизам, ҷонам ба қурбонат, туро куҷо бурданд?

Мирзоазиз аз шиддати ҳаяҷон ишорае ҷониби дашт кард ва худро ба оғӯши модар зад.

Рӯзи дигар хабар омад, ки он харакӣ барои шоҳ писарону духтарони наврас меҷустааст. Ҳангоми аз хар афтидан сараш ба санг зада, аз ҳуш рафтааст. Баъди ба ҳуш омадан базӯр худро ба деҳаи наздиктарин расонда, бистарӣ шудааст.

Вақте аҳли деҳа фаҳмиданд, ки Мирзоазизи нуҳсола улчакидорро аз хар ғалтондааст, ҳамагӣ ангушти ҳайрат газиданд. Аммо қаду баст ва тану тӯши ғайриодӣ аз неруи фавқулода доштани ӯ шаҳодат медоданд. Ба ин сабаб, мардум ба ин гап на танҳо бовар, балки онро бо рангу пардозҳои муболиғаомез дар тамоми водӣ паҳн карданд.

## ҒАЗАБИ ШОҲ

Муҳаббатхон он рӯз то як поси шаб ба сари ҳар касе, ки наздаш медаромад, дӯғ мезад, ба ҳар сухани ночиз хурда мегирифт. Ними шаб амр кард, ки оқсақоли деҳаи Бахшор – Исҳоқро ҳозир кунанд. То омадани оқсақол Муҳаббатхон мисли мурғи посӯхта ҳуҷраашро чанд бор давр зада, ба ёвараш фармуд, ки

чилимашро аз чарс пур кунад.

То ба охир расидани чарс оқсақол ҳам расиду пеши дар истода, салом кард. Шоҳ саломашро алейк нагирифта, бонг зад:

– Ту як саги дайдуе будӣ бо номи Соқак! Оё ман туро *оқсақол Исҳоқ* накардам? Ман ба туи рӯсиёҳ мансабу ҷоҳу ҷалол бахшидам, туро аз даруни ваҳал ба кӯҳи амал кашидам. Сипоси ту оқибат ба некиҳои ман ин аст, ки хешу таборат дар пайи куштани ман шаванд? Оё ту хабар надоштӣ? Оё намедонистӣ, ки қозӣ Давруқи фосиқ бар зидди ман шӯриш омода кард? Ҷавоб деҳ, разили сиёҳбахт!

Исҳоқ бо сари хам гуфт:

– Шоҳам, савганд ба номи Парвардигор, тасаддуқи ҷадди бузурги ту, ки на Давронқадам, на каси дигар ба муқобилат амали баде содир накардааст.

– О-ҳо, кадом як Давронқадам ҳам ҳамроҳашон будааст. Ин сагбача кист?

– Қозӣ, шоҳам, номи аслии қозӣ Давруқ Давронқадам аст.

– Давронқадам... Давруқ... Рӯбоҳи пир! Саҳеҳтараш саги бовафои падарам Абдураҳимхон. Номашонро шунидан намехоҳам! – Шоҳ бо ғазаб қамчине бар пушти оқсақол зад.

Оқсақол дандон ба дандон монда, тоқат кард ва гуфт:

– Шоҳам, ман дурӯғ гуфта наметавонам. Ягон сокини Баҳшор бар шумо ёғӣ нагаштааст.

– Бале, дар ин мамлакат танҳо як нафар – шоҳ Муҳаббатхон дурӯғ мегӯяд. Боқӣ ҳама муъминони мустаҳақанд.

Дар андоми Исҳоқ ларза афтод.

– Фардо осиёнро худат тир мезанӣ! – эълон кард шоҳ.

Барои оқсақол ин амр аз зарбаи қамчин ҷонкоҳтар буд. Рангаш канд, пушташ биҷиррос зад.

– Шоҳам, чунин кор аз дастам намеояд. Беҳтар он аст, ки маро ҳам бикушӣ.

Муҳаббатхон чизе гуфтанӣ шуд, аммо аз раъяш баргашт.

Қамчинро ба пеххои [1] гулдӯзиаш зада, каме фикр кард ва гуфт:

– Сустии шумо – шуғниҳо ин аст, ки кушта наметавонед. Хуб, ман бароят супориши дигаре дорам. Як ҳафта пас аҳли авлоди осиёнро ба Файзобод мебарӣ ва мефурӯшӣ. Нархи ҳар як нафарро шахсан худам муайян мекунам. Акнун бирав, ки хаста шудам.

Оқсақол чобук бадар рафт. Ёвар бо чилими даргиронда беовоз ворид шуд ва онро ба шоҳ дароз кард. Муҳаббатхон пайи ҳам се қуллоби жарф гирифт ва рӯйи болишт якпаҳлу зад. Чашмонаш хумор, асабҳояш ором шуданд. Пеш аз он ки хоб бар ӯ ғалаба кунад, чилимдорро огоҳ кард:

– Бонак, Салор ва Эҷабро таъкид кун камонҳоро омода созанд.

## ТАҲЛУКА

Саройи санг қалъаест болои кӯҳпора дар лаби рӯди Панҷ. Андаке дуртар дар пушти он қалъаи маъруфи Баҳрпанҷа – боргоҳи шоҳони Шуғнон қомат афрохтааст.

Офтоб як қади найза баланд шуда буд, ки мардум аз ҳар ҷониб пиёдаву савора, як-яку ду-ду, ҳатто гурӯҳ-гурӯҳ ба Саройи санг омадан гирифтанд. Майдонҳои пушту паҳлу аз одам пур шуд. Тамоми тоифаи мардум – поршиневӣ, сӯчонӣ, шохдарай, ғундӣ, дармораxтӣ, хуфӣ, рӯшонӣ, бартангӣ, ҳатто ишкошимиву вахонӣ ва язгуломиву дарвозиро дидан мумкин буд. Майдони рӯбарӯи тӯпхона холӣ. Ягон хел тӯп надошта бошад ҳам, қаровулгоҳи табақаи дуюми биноро ҳама «тӯпхона» мегуфтанд. Навкарони шамшердор одамонро ба ин ҷо намемонданд. Касе наздик меомад, ба қамчин зада, дураш меронданд. Дар гӯшае хешу табори маҳкумшудагон ҷамъ омада буданд. Ҳар замон зане навҳа мекашид, марде фарёди ҷонсӯз мебаровард.

Мирзоазиз аз болои шахпораи баланди боғи калони пушти

1. Пех – маҳсии маҳаллӣ

қалъа ин манзараро тамошо карда, бо ҳаяҷон мунтазири соати ҷазо додани маҳбусон буд. Аз кӯчаи паси боғ ҳам одамон дилу бедилон ба майдони Саройи санг мефаромаданд. Мирзоазиз ҳатто гуфтугӯяшонро равшан мешунид. Инак, қозӣ Давруқ низ дар ҳалқаи чанд нафар дар хамгашти ҷониби боғ пайдо шуд.

Пушти қозӣ хам зада буду ду нафар ӯро дошта мебурданд. «Дирӯз мӯсафед чӣ хел буду имрӯз чӣ хел шудааст! Айнан ба монанди бобоям пас аз мулоқот бо шоҳ: қоматаш камону рангаш кандагӣ», – аз дил гузаронд Мирзоазиз.

Қозӣ Давруқ барои нафас рост кардан болои санге нишаст. Ҳама бо чеҳраҳои ғамзада мунтазири бархостани пирмард истоданд. Вай муддате риши мошубиринҷашро панҷа зада, фарёд кашид:

– Оҳ аз ин номусулмон! Ё Мавло, ба ҷони ин маъсумон раҳм бикун. Ба ғайр аз ту додрас надорем!

Чанд нафар ғирев бардошт. Марди ҷандапӯши қадбаланде, ки Мирзоазиз ӯро бори аввал медид, бонг зад:

– Аз нолаву ғирев суде нест. Ҳанӯз ки фурсат ҳаст, қозӣ ба назди шоҳ дарояду дилашро нарм созад.

Давруқ заҳрханде заду гуфт:

– Маҳмадаслам, ман наздаш қурб медоштам, аз қозигӣ маъзулам мекард? Ба ҳафт писари нозанинам туҳмат мезад? Онҳоро ба куштан маҳкум менамуд?

Чун қозӣ лаб фуру баст, Маҳмадаслам андешаи дигар баён кард:

– Сайид Фаррухшоро ба миён даровардан лозим. Шоҳ гапи ӯро, албатта, гӯш мекунад.

– Бародар, Сайид, бе он ки касе аз вай хоҳиш кунад, ду ҳафта пеш ба назди шоҳ даромада буд. Муҳаббатхон ӯро сахт коҳиш карда гуфтааст, ки ту ба кори мазҳабиат машғул бош, ба ҳукумат ғараз накун, ки пушаймон мешавӣ. Дирӯз паҳлавон Ҷаҳонгирро фиристодем. Обрӯи ӯро ҳам ба замин зад.

Мӯсафед, оҳи ҷигарсӯз кашида, бархост. Ҷамоат ҷониби

Саройи санг ҳаракат кард.

Мирзоазиз борҳо номи Сайид Фаррухшоро шунида, дар бораи шахси ғайриодӣ буданаш қиссаҳое ба гӯшаш расида буд. Мулзам шудани ӯро дар назди шоҳ фаҳмида, ҳайрон монд, ки гапи чунин шахси афсонавӣ ҳам ба шоҳ таъсире надоштааст. Сабабашро ҳатман аз бобояш мепурсад.

## ХУНРЕЗӢ

Он рӯз барои мардум таҳлукаомезу фоҷеавӣ сар шуда бошад ҳам, осмони охири моҳи саратон ғуборе надошт. Хуршед бо нурборони саховатмандона заминро пуртобу таб карда буд. Расо ними рӯз як гурӯҳ навкарон, маҳбусонро дар миёна гирифта, ба майдон баровароданд. Расанеро ба камари ҳар маҳбус ҳалқа карда, дар масофаи якқадамӣ онҳоро ба ҳам баста, ҳар ду нӯгашро ба замин гулмех заданд. Сипас навкарон дар ду тарафашон саф оростанд.

Дар айвони тӯпхона се кас пайдо шуданд. Дар байн – худи шоҳ, дар ду паҳлуяш ҷаллодон Салор ва Эҷаб. Нолаву фарёди хешу ақрабои маҳкумшудагон ба фалак печид.

Бо ишораи Муҳаббатхон Эҷаб камони дасташро ба ӯ дод. Шоҳ маҳбусонро нишон гирифт ва парронд. Касе ғалтид. Шоҳ натиҷаи амалашро интизор нашуда, камони Салорро ба даст гирифт. То нишон гирифтану тир холӣ кардан аз камони Салор Эҷаб камонашро пур карда, ба шоҳ медод ва баракс. Доду бедод, нолаву зории мардум ва навҳаву лобаи ҷонхароши занон, духтарон ва кӯдакон ба гӯши Муҳаббатхон намерасид. Ӯ он қадар ба шавқу шӯр саргарми тирборон гардид, ки тири охиринро парронда бошад ҳам, боз даст ба камон бурд. Вақте дуди борут пароканд, шоҳ ду-се дақиқа қурбониёни худро, ки дар ҳар ҳолате ба замин афтода буданд, тамошо карду сипас ба тӯпхона даромада, нопадид шуд.

Мардум хостанд ҷасади наздиконашонро бигиранд, аммо навкарон бо шамшерҳои бараҳна ҳушдор доданд, ки касе наздик ояд, захм хоҳад хӯрд.

Ин гуна тирборони ваҳшиёнаи одамонро дар Шуғнон касе дар хотир надошт. Мирзоазиз ин ҳама даҳшатро аз болои шах тамошо мекарду дилаш хун мегирист. Дар пеши назари садҳо кас аз дасти як нафар ваҳшии одамсурат ҳалок шудани бандиёнро бо чашмони худ дида, бовараш намеомад, ки мардум дар назди шоҳ ин қадар оҷизу нотавон бошад. Хурдсол бошад ҳам, аз ҳайбати шоҳу ҳалокати одамон наҳаросид. Баракс хунаш чунон ба ҷӯш омад, ки мехост аз шах фарояду рост ба қалъа равад ва Муҳаббатхонро бо ду ҷаллодаш зада, устухонҳояшонро реза-реза кунад. Бо ҳамин изтиробу ҳаяҷон аз шах поййин омаду ҷониби Саройи санг раҳсипор шуд.

Вақте ба майдон наздик омад, шоҳиди фоҷеаи дигар гардид: қозӣ Давруқ ва хоҳари оқсақоли деҳаи Виёд аз ғами кушта шудани фарзандонашон дилкаф шуда мурдаанд.

Шом фаро мерасид, қурбониён дар саҳни майдон ғарқи хоку хун мехобиданду ду ҷасади дигар дар ҳалқаи мардум. Мирзоазиз аз байни одамон роҳ кушода, худро ба сари мурдаи қозӣ Давруқ расонд. Чакмани дароз ва саллаи мӯйсафедро кушода, болои ҷасадаш партофта буданд. Одамони хасташуда фиғону нола ҳам карда наметавонистанд. Онҳо гурӯҳ-гурӯҳ ба замин нишаста, зери лаб мемӯиданд. Ин мӯиши паст, ки аз забони даҳҳо нафар марду зан якбора мебаромад, ба ҳам пайваста, оҳанги ҷонгудозе ба вуҷуд овард. Ин забони мотам буд, мотами халқи Шуғнон.

Гоҳе аз гӯшае садои кашшагӯии[1] осмонхароши зан ё марде баланд мешуду сӯзу гудози мардум алангаи тоза мегирифт.

1. Кашшагӯӣ ё кашшазанӣ – шеванест, ки дар Помир дар сари майит мебароранд ба ин тариқ: «кашшā тāтик», «кашшā виродик» ва амсоли ин, муродиф ба «эй вой, балам», «э вой фалонӣ»–и тоҷикӣ.

Банохост аз сари ҷасади хоҳари оқсақоли виёдӣ садои ҷарангосии зане ба ҳавои «Фалак» баланд гардид:

***Лаънат ба шаҳе, ки рӯзамон кард сиёҳ,***
***Дар хонаи мардум аст аз ӯ гиряву оҳ.***
***Эй Бор Худо, сиёҳрӯзаш гардон – е–е,***
***Бар хоки сияҳ фикан ту ин тахту кулоҳ.***

Ин рубоӣ ба оташи аламу ҳасрати мардум равғани сӯзон рехт. Оҳу нолаи халқ ба гардунҳо паровар гашт ва марде хитоб намуд:

– Лаънат ба Муҳаббатхон!!

Мирзоазиз ҳам ба ҷамоат ҳамсадо гашт ва баъди чанд бор лаънат фиристодан ба шоҳ худро сабук ҳис кард. Ба назараш чунин намуд, ки бо ҳар бор садо додани ин хитоб қалъаи Баҳрпанҷа ба ларза меояду тире ба синаи Муҳаббатхон холӣ мешавад.

## СУПОРИШИ МАХФӢ

Хуршед домани чун ҷомаи шаҳидон хунолуди худро аз фарози қуллаҳо барчид ва барои торикӣ ҷой холӣ кард. Муҳаббатхон дар хилватгоҳаш масти хоб буд. Пас аз он ки қаҳру ғазаби худро бо тирборон ба сари бандиён рехт ва хунашонро хаёлан нӯши ҷон намуд, асабҳояш ором гирифтанд. Ба ҳуҷраи хоб даромада, амр кард, ки то худ бадар наояд, безобитааш накунанд. Чун шаб аз ғояти асабоният ва ҷӯшиши хашм мижа таҳ накарда буд, дарзамон хобаш бурд. Вале дере нагузашт, ки бо сари гиҷ ва табъи хира бедор шуд. Хоб дид, ки падараш бо ришу мӯйи титу парешон миёни тӯдаи барф нишаста, ҳар замон кулӯлае ба ҷониби ӯ ҳаво медиҳаду фарёд мекашад:

«Номамро ба ёдам расон, ки фаромӯш кардаам».

Муҳаббатхон ҳарчанд фарёд мезад, ки «номат Абдураҳимхон» аст, падар саволашро такрор карда, он қадар барфборо-

наш намуд, ки то гулу ғарқ шуд. Ҳарчанд даступо мезад, баромада наметавонист. Ин асно бедор шуду эҳсос кард, ки баданашро арақи сард зер кардааст. Аз ҷо барҷаста буд, ки ба гӯшаш шевани мардум расид. Тозон ба даҳлез баромада, садои мардумро возеҳ шунид, ки мегуфтанд: «Лаънат ба Муҳаббатхон!»

– Муборак, ҳо Муборак! – бо хашм фарёд кашид шоҳ.

Дақиқае пас Муборак, ки оқсақоли Синург буд, ҳозир шуд.

– Ин чӣ бемазагӣ?

– Тақсир, маъзарат мехоҳам, вале агар ҳоло халқро пароканда кунем, ба ҷанг даст мезананд. Қозӣ Давруқ ва як зани виёдӣ мурдаанд. Мардум ҷасади кушташудагонро талаб дорад.

Шоҳ каме мулоҳиза карду амр дод:

– Бирав, бигӯ, ки мурдаҳоро бардоранд. Занҷирро даъват кун.

Оқсақол «хуб шудааст» гӯён берун рафт.

Бонак дартоз омада, ба шоҳ чилим дароз кард. Шоҳ дуди онро маззакунон фуру бурд ва бо заҳрханди тунд нимшунаво ғурунгид:

– Фардо модаратонро лаънат хоҳед кард, ки шуморо зодааст. – Ва баргашту чилимдорро тозиёнае кӯфта, бонг зад:

– Зону зану понздаҳ бор худатро лаънат кун!

Чилимдор дузону зад ва гуфт:

– Ман лаънатиам.

Шоҳ дастаи қамчинро ба сараш кӯфт ва дод зад:

– Баландтар!

Чилимдор бо тамоми овоз фарёд кашидан гирифт:

– Ман лаънатиам!

Ин замон Занҷири ҷаллод даромада, дар пушти чилимдор истод. Шоҳ аз китфаш зер карда, ӯро дар паҳлуи чилимдор шинонд ва ишора кард, ки ба лаънатгӯии Бонак ҳамроҳ шавад.

Онҳо «Ман лаънатиам!» гуфта дод мегуфтанду Муҳаббатхон чилим кашида, қадам мезад. Сипас даст бардошт, ки бас кунанд.

– Ман понздаҳ маротиба гуфтам, шумо аз бист гузарондед, лаънатиҳо!

– Бибахшед, шоҳам,– гуфтанд бо як овоз ҷаллоду чилимдор.

– Бонак, ту бирав.

Чилимдор рафт. Шоҳ ба Занҷир рӯ овард:

– Чӣ хабар?

– Зани бародари оқсақол Сафар дар ҳақатон шоирии хеле бад гуфт, чунки хоҳари оқсақол барои кушта шудани писарамаки шавҳараш дилкаф шуд. Пас аз он ки ин занак шоириашро хонд, мардум ба лаънатгӯӣ оғоз карда...

– Бас! – наъра кашид Муҳаббатхон, – Боз чӣ хабар? Оқсақол Сафар буд ё не?

– Албатта, буд, шоҳам. Сарашро дудаста қапида, диккак нишаста буд.

– Ҳо ҳаромзодае, садқаи нону намакам шавӣ..., – аз ғояти ғазаб рагҳои гардани шоҳ дамиданду давоми гапашро гуфта натавонист.

– Боз чӣ?

– Мардум мунтазири иҷозаи шумоянд, ки мурдаҳоро бардоранд.

– Иҷозат.

Муҳаббатхон ришашро дақиқае ханҷол зада, сипас бо овози паст ба Занҷир нақшаи кашидаашро фаҳмонд:

– Шобдулфайзу Сурхонро ҳамроҳат гиру ба манзили мурдадорон равед. Худро ошкор накарда, маълум намоед, ки кадоме аз тирзадагон мурдаву кадоме зинда мондааст. Дар бораи зиндаҳо зуд ба ман хабар расонед. Фаҳмо?

– Бале, тақсир.

– Бидав!

Занҷир дав-давон аз пайи иҷрои супориш шуд.

## НАФРАТЗАДАГОН

Ширинбек, оқсақоли Демурғон, дар Рӯшон хешу табори бисёр дошт. Падараш чоснудӣ буду модараш демурғонӣ. Амакаш, ки  духтари худро ба шавҳар медод, ӯро ба тӯй даъват кард. Фасл тобистон буду роҳҳо кушода. Ширинбек ҷирани бодпояшро савор шуду савғотии фаровон гирифта, ду рӯз пеш аз сур худро ба Чоснуд расонд. Амакаш Ҳоҷимаҳмад халифаи он мавзеъ буд. Вай на танҳо дар Рӯшон, балки дар Ванҷ, Дарвоз ва Бадахшон ҳам нуфузу эътибори зиёд дошт. Ба ин хотир, аз деҳаҳои дуру наздики Рӯшон, Дарвозу Ванҷ ва ҳатто Файзободу Қундуз ҳам ёру дӯстони қадрдон ба табрикаш омада буданд. Бисёрашонро Ширинбек бори аввал медид. Аҷибаш ин буд, ки вақте амакаш ӯро чун мансабдори шоҳи Шуғнон муаррифӣ мекард, баъзеашон рӯ турш мекарданду иддае зуд аз наздаш дур мешуданд. Ширинбек дар ҳолати ногувор монда, чи карданашро намедонист. Вале пас аз нишасту бархости чандрӯза бо одамони гуногун билохира муаммои канораҷӯии одамонро кушуд: гап дар он будааст, ки онҳо ба Муҳаббатхон нафрати беандоза доштаанд.

Панҷ-шаш сол пеш Муҳаббатхон ва Юсуфалихон бо лашкари гарон аз Бадахшон ба Шуғнон омада, падарашон Абдураҳимхонро маҷбур карданд, ки истеъфо диҳад. Ӯро, ба хотири кӯтоҳ сохтани дасташ аз умури давлатдорӣ ба деҳаи Баҷув бадарға карданд. Бародарашон Амирбек, ки дар Рӯшон ҳоким буд, аз маъзул гаштани падар огоҳ шуда, тарсид ва ба амири Бухоро паноҳ бурд. Муҳаббатхон ҳукумати Шуғнонро ба даст гирифта, Рӯшонро ба бародараш Юсуфалихон дод.

Амирбек ҳам бекор нанишаст ба поймардии амири Бухоро Мир Сайид Муҳаммадбек лашкар талабида, хост ҳокимияти Рӯшону Шуғнонро аз нав ба даст орад. Дарвоз тобеи аморати Бухоро буд ва ин амр, албатта, дар мувофиқа бо амири Бухоро су-

рат гирифт. Амирбек қалъаи Почвари Рӯшонро бо ҷанги кӯтоҳе гирифт ва омодаи набарди ҳалкунанда бо бародарони худ шуд.

Муҳаббатхон ва Юсуфалихон аз бародарони модарҷудои худ Амирбек ва дигарон бо он мумтоз буданд, ки дар роҳи ба даст овардани мақсуд аз ягон навъ разолату ноҷавонмардӣ рӯ намегардонданд. Ин ду бародар яке аз дигаре золимтар, маккортар ва худхоҳтар буданд. Онҳо баробари хабар ёфтан аз ҳуҷуми Амирбек ба Рӯшон, нахустин коре, ки карданд, падари худ Абдураҳимхонро аз Баҷув ба деҳаи Барсеми Ғунд кӯчонданд.

– Зимоми сиёсат дар дасти шоҳи Шуғнон Муҳаббатхон буд. Нақшаи амалро ҳам ӯ тартиб дода, барои он ки боиси ранҷиши хотири Юсуфалихон нашавад, бо ӯ муҳокима мекард, – гуфт дар як суҳбат Ҳоҷимаҳмад, ки аз сиёсату давлатдории шоҳони тамоми минтақаҳои атроф огоҳии хуб дошт. – Амирбек даҳ рӯз дар хонаи ман иқомат дошт. Ман ба ӯ гуфтам, ки «шоҳбача, аз раъят баргард, Муҳаббатхон шахсе нест, ки бо ӯ бозӣ кунӣ». Шоҳбача аз ман малол шуд ва гуфт, ки амир барои фатҳи Шуғнон дувоздаҳ ҳазор сарбоз додааст. Муҳаббатхон ва Юсуфалихон тамоми Шуғнону Рӯшонро ба по хезонанд ҳам, шаш ҳазор ҷанговар пайдо намешавад. Ман гуфтам, ки дар ҳар сурат, эҳтиёт кунад, ки ҷанг бештар тадбир мехоҳад, то шамшер. Чун толеъномаашро дида будам, иқболи шоҳӣ надошт.

Аммо, медонӣ, Муҳаббатхони дурандеш чӣ кард? Ба Занҷири демурғонӣ пинҳонӣ амр дод ду бародари наврасаш – Абдулғозихон ва Абдулшаҳидхонро, ки аз Сафармо, ҷавонтарин зани падараш, зода шуда буданд, ба деҳаи Чарсеми Ғунд бурда, парронад. Пасон баргашта ба Барсем ояд ва Абдураҳимхонро хафа карда кушад. Занҷир шоҳбачаҳоро дар як бой[1] гӯр кард ва мурдаи шоҳ Абдураҳимхонро ба Баҳрпанҷа оварда, гуфт, ки ӯ аз қабзи меъда мурдааст. Муҳаббатхону Юсуфалихон дар Рӯ-

1. Бой – ғори кӯҳӣ

шон дар масофи Амирбек буданд ва амр карданд, ки падарашонро дар деҳаи Баҳшор дафн кунанд.

Лашкари Амирбек то деҳаи Барзуд пеш рафт, аммо аз рӯшониҳо шикаст хӯрда, ба Почвар аҳиб нишаст. Муҳаббатхон ба гирифтани қалъаи Почвар даст зад, вале дар чанд ҳамла дастёб нашуд. Амирбек фурсати муносиби ҳуҷум меҷуст. Муҳаббатхон чун дид, ки вақт кашол меёбад ва фатҳи қалъа корест душвор, роҳи макрро пеш гирифт. Ӯ ва Юсуфалихон ба унвони бародарашон мактубе бо чунин мазмун навиштанд, ки ту бародари бузурги мой ва ба мо ҳукми падарӣ дорӣ. Моро бо ту дар миён хусумате нест, ҳар чи низоъе буда, мобайни туву падари мо Абдураҳимхон будааст. Ба ҳукми қазову қадар даври салтанати ӯ ба охир омад ва ҳоло аз рӯи инсофу адолат давр даври туст, зеро ба солу таҷрибаи ҳукмронӣ аз мо бузургтарӣ. Бидон ва огоҳ бош, ки мардуми Шуғнон ҳокимияти моро намехоҳанд ва рӯзу шаб дар садади онанд, ки дар ҷое сустӣ кунему тоҷу тахтро аз мо рабоянд. Агар дар байни мо ҷанги тӯлонӣ афтаду ту ғалаба кунӣ, мо ҷумла асири дарвозиҳо мешавем ва туро низ сари салтанат нахоҳанд гузошт. Чун писари Абдураҳимхон ва бародари мой ва ин қонуни нонавиштаи давлатдорист. Раъйи дуруст он аст, ки мо се бародар аз дари сулҳ дароем ва бо ҳам бинишинему маслиҳат бикунем.

Амирбек номаи бародаронашро мутолиа намуда, гапашонро ба ҷон бовар кард. Чун дар охир ба номи Аллоҳу Муҳаммади Мустафо ва чорёри пайғамбар қасам хӯрда буданд. Ғайр аз ин, чунин кушоиши ғайриинтизори қазия ва базудиву осон расидан ба тахти салтанат чашми оқибатандеши ӯро хира сохт. Ва ӯ ба мулоқот ризоият дод.

Рӯзи дигар Муҳаббатхону Юсуфалихон дар соати таъйиншуда бо ҳадяву савғо ва иззату икроми зиёд ба мулоқоти Амирбек шитофтанд. Дар қадамаш сар монданд, шоҳаншоҳи мулки Шуғнон эълон карданд ва барои ӯ ва аҳли рикобаш дар

боғистони лаби рӯд зиёфати пурдабдаба оростанд. Маро ҳам Амирбек ба ин зиёфат даъват кард. То гашти рӯз базму тараб давом ёфт. Амирбек аз он ки бародаронаш дар мазҳаби суннат пойдор мондаанд, изҳори хушнудӣ намуд.

– Ман ин ҳама солҳои ҳиҷрат гумон мекардам, ки шумо ҳам мазҳаби шуғниҳоро гирифтаед ва ин як сабаби адоватам бо шумо гашта буд.

Муҳаббатхон гуфт:

– Худо нигаҳ дорад. На бобо, на падар, на мо мазҳаби ин осиёнро эътироф накардаем ва фарзандонамон низ. Ин мазҳаб нест, кофарӣ ва берун шудан аз ислом аст.

Ман дигар тоқати шунидани гапи шоҳзодаҳоро накарда, ба баҳонае бархоста, ба хона рафтам. Рӯз торик нашуда, хабар омад, ки Муҳаббатхон ва Юсуфалихон Амирбекро куштаанд. Онҳо ба як даста сарбозон махфӣ амр додаанд, ки Амирбекро пас аз анҷоми зиёфат, вақте ҷониби қалъа равад, бипарронанд. Навкарон Амирбекро парронда, лашкарашро асир мегиранд. Муҳаббатхон тахти Шуғнонро худ гирифту Рӯшонро ба Юсуфалихон дод. Чанд сол гузашт, ки ҳирси тоҷу тахтталабии Муҳаббатхон боло гирифту ба Рӯшон ҳуҷум овард. Юсуфалихон ба Бадахшон фирор кард. Рӯзи сиёҳе, ки Муҳаббатхон ба сари мардуми Рӯшон овард, таърихи олам ёд надорад.

– Эҳсоси мардуми Шуғнону Рӯшонро фаҳмидан мумкин, инҳо табааи Муҳаббатхонанд, аммо дарвозиён бо ӯ чӣ мухолифат доранд, ки аз шунидани исмаш рӯ турш мекунанд? – охируламр саволи чанд рӯз дар хаёлаш пайдошударо ба забон овард Ширинбек.

Халифа Ҳоҷимаҳмад чунин посух дод:

– Писарам, Асфалихон (Юсуфалихонро чунин ном мебурданд) пас аз кушта шудани Амирбек бисёре аз лашкариёни Дарвозро қатл кард. Онҳое, ки асир афтоданд, азоби дӯзах насибашон гашт. Бародарон иддаеро ба аъёну акобир ба ғуломӣ

доданд, бархеро ба Бадахшону Кобул бурда, фурӯхтанд. Барои ҳамин дарвозиҳо тоқати шунидани номашонро надоранд. – Халифа зери лаб калимаи радди куфр хонда, ба чор тараф пуф кард ва суханашро ҷамъбаст намуд. – Бачам, Муҳаббатхон пушту рӯй надорад, ҳар қадаматро дониста мон, ҳар суханатро санҷида гӯй. Туро ба хотири эҳтиром доштанат дар Рӯшону Дарвоз оқсақол таъйин кардааст. Худатро эҳтиёт кун. Ман бароят ҳайкал[1] менависам, то аз офатҳо нигаҳбонат бошад.

Ду рӯз пас аз анҷоми сур Ширинбек роҳи Шуғнонро пеш гирифт. Ҳайкали чармпеч аз китфи рост то зери бағали чапаш ба монанди тасма ҳамоил буд.

## МУРДАИ ЗИНДАШУДА

Ширинбек шоми танг ба Демурғон расид. Қиссаи бо дасти шоҳ парронда шудани сӣ маҳбусро то ба деҳа расидан роҳгузарон барояш нақл карда буданд. Зану фарзандонаш мотамзадагонро мемонданд. Ӯро бо ҳоли парешон пешвоз гирифтанд. Занаш баробари салом инони гиряро сар дод:

– Гумон кардам, ки туро ҳам ҳабс карданд. Аз ғусса ба ҷон расидам.

– Ман ягон гуноҳ накарда бошам… Барои сафари Рӯшон иҷозаашро гирифта будам.

– Ширин, хаёл мекунӣ ин маҳбусон гуноҳ доштанд? Худоё, ин чӣ рӯзе буд, ки ба сари халқ омад?!

Оқсақол бори аспашро фароварда, ба зану фарзандонаш ҳадяҳо тақдим кард. Бо омадани ӯ, гӯё дар хона якбора чандин чароғ афрӯхта бошанд, эҳсоси андӯҳ аз дили ҳама бадар рафт.

– Давлатназар куҷост? – писари аз ҳама бузургашро надида, пурсид Ширинбек.

– Чопоре омада, мардумро ба тамошои қатли маҳбусон

1. Ҳайкал – як навъи тӯмор

даъват кард. Ӯ ҳамроҳи чанд тан ба қалъа рафт.

Занаш ширбиринҷ овард ва аҳли хона якҷо сари дасторхон нишастанд.

– Ширин, дар Ёрканд чи зиндагии тинҷу ороме доштем. На ҷанг буд, на золимӣ. Дар ин ҷо фарзандам қазои ҳоҷат барояд, метарсам, ки улчакиаш накунанд.

– Нор, – Ширинбек занашро, ки Гуланор ном дошт, кӯтоҳ чунин меномид, – дилам нашуд, ки хонаву ҳавлии падарамро бесоҳиб гузорам. То ман зиндаам, хоре ба поятон намехалад.

Гуланор дасторхонро бардошта буд, ки Давлатназар даромад. Вай имсол ба ҳабдаҳ қадам мегузошт. Ҷавони баландболо, сабзина ва ҷасуре шуда буд. Давлатназар падарро оғӯш гирифта, пас аз ҳолпурсӣ хоҳиш кард:

– Татҷон[1], берун бароем, коре пеш омад.

Ширинбек ба рӯи ҳавлӣ баромаду суроби одамеро дар торикӣ дида, пурсид:

– Ин кист?

– Ҳамсояамон Диноршо.

Диноршо худро ба пойи оқсақол афканда, фиғон баровард:

– Ширинбек, ман гуноҳе надорам. Мани фақир кучову қасди ҷони шоҳ кардан куҷо?! Ба арвоҳи ҷадди бузургат ба зану фарзандонам раҳм кунед.

Ширинбек Диноршоро ба по рост кард ва бо ҳайрат пурсид:

– Давлат, ин мард аз куҷо пайдо шуд? Магар дар қатори маҳкумшудагон набуд?

– Буд, аммо тир ба танаш нарасидааст. Вақте ба Демурғон даромадем, аз худ дарак дод.

– Зинда буданашро кӣ медонад?

– Ҳамаи онҳое, ки ҳамроҳи мо буданд.

– Шаби сиёҳ ду қаламам кунад, агар гуноҳ карда бошам, – боз ба илтиҷо даромад Диноршо. – Оқсақол, охир ту фарзанди ҳа-

1. Тāт (шуғнонӣ) – падар

мин деҳаӣ, падарам пиди[1] модари раҳматиат буд, ману ту бародарем...

Барои Ширинбек чун рӯз равшан буд, ки Диноршо ягон гуноҳ надорад. Шоҳ барои тарсондани чашми мардум ба чунин қабоҳат даст зад. «Аз намурдан мурданаш беҳтар буд», – дар умқи дили Ширинбек чунин андеша барқ зад ва ӯ худро барои чунин фикри зишт ноҳинҷор ҳис кард. Шоҳ аз зинда мондани Диноршо ҳатман огоҳ мешавад. Агар оқсақол пинҳонаш созад, ба ғазаби шоҳ дучор мегардад. Агар ба ӯ ёрӣ нарасонад, байни хешу табор обрӯяш мерезад.

– Ту ба хона даро, хӯрок хӯру дам гир, ману Давлат барои талаби афват ба назди шоҳ меравем.

– Ҷонам қурбонат, Ширинбек, – дар дили Диноршо шуълаи умед дурахшид. – Як умр ғуломат мешавам.

Диноршоро ба хона дароварданд. Ширинбек қазияро кӯтоҳ ба ҳамсараш тавзеҳ дод, таъйин кард, ки ҷабрдидаро сер кунаду дар даҳлез ҷогаҳи хобаш андозад.

Ширинбек мутмаин набуд, ки гапаш ба Муҳаббатхон мегузарад. Аз ин рӯ, қарор дод, ки ду шахси бонуфузтарини деҳаро ҳамроҳ гирад.

– Бачам, Сарҳадбеку Мироншоро бо худ гирифтан лозим. Шоҳ гапи моро намегирад.

– Гапи онҳо чӣ қурбе доштааст? – пурсид Давлатназар.

– Вақте Муҳаббатхон дар Шохдара ҳоким буд, Сарҳадбек барояш айёрӣ мекард. Мироншо дар куштани девонбегӣ Муҳаммадкарим корнамоӣ карда буд. Ҳар ду дар пеши Муҳаббатхон азизанд. Шоҳ ба ҳар ду дар деҳаи мо замин ҳадя кард, вагарна инҳо демурғонӣ нестанд.

Нахуст ба хонаи Сарҳадбек даромаданд. Ӯ чун аз муддаои оқсақол огоҳ шуд, гуфт:

1. Пид – касе, ки чодари арӯсро дар рӯзи сур бардошта, рӯяшро мекушояд ва падари ӯ эълон мегардад.

– Меравем, албатта, рафтан даркор. Лекин Диноршоро танҳо гузоштан лозим нест.

– Барои чӣ? – пурсид Ширинбек.

– Муҳаббатхон ниҳоят бадкинаву сипоҳ аст. Ба куштани Диноршо ҷаллод фиристоданаш мумкин.

– Вай дар хонаи ман аст, – гуфт Ширинбек.

– Барои шоҳ чӣ фарқ дорад, ки хона аз кист. Беҳтараш ту ба хона баргарду ҳушёр бош. Гапи маро нагирад, гапи Мироншоро мегирифтагист.

Ширинбек ба хона баргашт, Давлатназару Сарҳадбек Мироншоро гирифта, ба Саройи санг рафтанд.

## ДАР МЕҲМОНИИ ШОҲ

Шоҳ Муҳаббатхон чилими тоза кашид, бар бистари мулоим пушт зад ва ноҷунбон ба гирдоби андеша фуру рафт. Ҳодисаҳои рӯзонаро як-як пеши назар оварду эҳсоси гуворои ғалаба ба ҷонаш роҳат бахшид. «Имрӯз ҳукумати маро тамоми Шуғнон ҳис кард. Бигзор донанд, ки ман на Асфалихонам, на Абдураҳимхон. Ман МУ – ҲАБ – БАТ – ХОН – ам! Бигзор, муҳаббати маро истифҳом кунанд, аз тарсу ваҳм ба ман муҳаббат варзанд. Ин мардум чунинанд: ҳар қадар сахташон бигирӣ, ҳамон қадар дӯстат хоҳанд дошт.

Бонаки чилимдор дар кӯфт ва хаёлоти фараҳбахши шоҳ парешон шуданд.

– Чӣ мегӯӣ, Бонак?

– Шоҳам, валъамат[1] Сарвиноз мунтазири амр аст.

– Биёяд.

Зани нозукандоми хушқаду қомат аз паси пардаҳои даромадгоҳ хиромон назди шоҳ омад ва таъзими зебое кард. Муҳаббатхон аз остинаш гирифта, ӯро рӯи ҷогаҳ нишонд.

1. Валъамат – хонум, хитоб ба зан дар Шуғнони он давр

– Дарди сарат монд, азизам? – пурсид шоҳ бо оҳанги нарму навозишомез.

– Ду рӯз боз худро беҳтар ҳис мекунам, – хеле паст ҷавоб дод зан ва сарашро поин андохт.

– Нигоҳатро надузд, ҷонам. Дар ин ҷаҳон боиси дилхушии ман ҳамин нигоҳи туст. Медонӣ, вақте зани падарам будӣ, ҳар гаҳе туро медидам, ба чи ҳоли баде меафтидам! Шабу рӯз чеҳраи зебою қомати дилрабоят аз пеши назарам дур намерафт. Гӯё девонае будам. Он вақт намедонистам, ки муҳаббат чист. Муҳаббат туӣ, Сарвиноз! Оё медонӣ чи қадар дӯстат медорам.

Шоҳ аз кисааш шаддаи муҳра бароварда, ба Сарвиноз дароз кард.

– Шоҳам, ин чист?

– Ин ҳамел танҳо ва танҳо зеби гардани Сарвиноз аст. Муҳраи дурахшоне, ки байнашон мебинӣ, лаъл аст, лаъл!

Шоҳ шаддаро ба гардани Сарвиноз овехта, ӯро ба оғӯш кашид. Сарвиноз бо ишва худро аз оғӯшаш раҳо карда, таъзиме намуд.

– Арзе дорӣ, азизам?

– Оре.

– Бигӯ, қурбон.

– Шоҳам, дигар зани қумоӣ[1] будан намехоҳам. Аз муносибати мо панҷ сол гузашт. Духтарамон чорсола шуд. Дигар тоқати шунидани пичингу ғайбати мардумро надорам. Тассадуқ.

Муҳаббатхон гирди бистар се бор давр зада, рӯбарӯи Сарвиноз сари по нишаст ва гуфт:

– Рост мегӯӣ, валъамат, ҳафтаи оянда никоҳ мекунем. Тамом? Қонеъӣ?

Сарвиноз бархосту таъзим кард. Шоҳ ӯро рӯйи бистар кашиданӣ шуд, ки зан ангушт ба лаб бурда, ширин хандид ва гуфт:

1. Қумоӣ – зани беникоҳ

– Шоҳам, акнун ман номзади туам. Як ҳафта муддате нест, ки тоқат накунӣ.

Шоҳ дасташро бӯсид ва фарёд кард:

– Бонак, валъаматро ба ҳарам бар.

Чилимдор дарро кушод ва аз паси парда овоз дод:

– Мунтазир, шоҳам.

Сарвиноз боз таъзими зебое кард ва бо ишваю ноз бадар рафт.

Пас аз муддате Бонак даромад ва гуфт:

– Шоҳам, Занҷир пушти дар истодааст.

– Дарояд.

Занҷир даромад, таъзим кард ва мунтазири амр истод.

– Чӣ хап истодаӣ, гап зан!

– Шоҳам, Мазҳабшову писараш Маҳмадзиё зинда мондаанд.

– Тамом?

– Таҳқиқро то субҳ давом медиҳем.

– Эҷабро ҳозир кунед.

Бонак Эҷабро овард. Шоҳ амр кард:

– Одам бигиру ба хонаи Мазҳабшо рафта, ӯ ва писарашро кушед.

Эҷаб пурсид:

– Шоҳам, ба шамшер ё ҳалқовез, ё...?

– Бо шамшер пора-пора кунед.

Муҳаббатхон бо хашм дасташро шамшервор чанд бор болову поин бурд. Ҷаллодон рафтанд. Муҳаббатхон чилим хост ва рӯбарӯи Бонак истода, гуфт:

– Аз дасти ман ҷон ба саломат бурдан осон нест, Бонак! – Шоҳ чилимашро чанд бор ба синаи ӯ бо нармӣ кӯфт, – Бояд донанд, ки Муҳаббатхонро касе фиреб дода наметавонад.

Бонак сар ҷунбонда, ҳар як суханашро тасдиқ мекард. Аз тарс дастонаш меларзиданд.

– Масалан, куштани ту ва ҳамдеҳагонат барои ман душворие надорад. Ё не?

– Надорад, шоҳам, албатта, надорад.

– Шумо – хуфиёнро барои мардуми хуб буданатон ба хизматам роҳ додаам. Агар дар бораатон сухане шунавам, ҳо – оо – о, модар набинад дарди фарзанд. Воқеан номи аслиат чист?

– Меҳрубоншо, шоҳам.

– Бонак, – шоҳ зери лаб хандид, - Бонак, Бон-ак, а?

– Оре, шоҳам, – хандаи ночаспоне кард Бонак ва дам ба дарун зад.

– Медонӣ, қавмат барои чӣ дар хизмати ман аст?

– Бале, шоҳам, барои супурда натавонистани хироҷ.

– Хуфиён шабу рӯз бояд дар ҳаққи ман дуо кунанд, ки онҳоро ба фурӯш надодам.

– Тасаддуқ, шоҳам, тасаддуқ.

– Бин, каси борхоҳ ҳаст ё не?

Бонак ҷониби дар шитофт ва зуд баргашт.

– Шоҳам, аз Демурғон Сарҳадбек бо ду кас омадааст.

– Дароянд.

Сарҳадбек пеш-пеш, Мироншову Давлатназар аз паси ӯ ворид шуда, салом доданд.

– Валайк. Мироншо? Сараҳадбек?

– Бале, шоҳам, – гуфт Мироншо, – бахшиши зиёд мехоҳем, вале кори сахте афтоду арвоҳи бузургонро гирифта, дар ин шаби сиёҳ наздат омадем.

– Аҷиб, хеле аҷиб, чӣ гап шуд? – пурсид Муҳаббатхон бо ҳайрат.

– Умрат дарозу давлатат бегазанд бод, шоҳам! Омадем, ки ҷони Диноршоро бароямон бибахшӣ.

– Диноршо?! – ҳайрон шуд Муҳаббатхон.

– Оре, шоҳам, Диноршое, ки ба қатл ҳукмаш кардӣ. Ман дар ин қисса набудам,[1] аммо медонам, ки ин ҷавон одами беозору содадилест. Ба кори давлат ақли дахолат кардан ҳам надорад. Шояд дар ҳақаш бадгӯие карда бошанд. Тасаддуқ. – Сухани

1. Яъне огоҳ набудам.

Мироншоро Сарҳадбек қувват дод.

Муҳаббатхон гирди онҳо се-чор бор давр зад ва охир заҳрхандае карду гуфт:

– Ҳоло бигӯ бегуноҳ аст?

– Шоҳам, ӯро ба ман бибахш. Худованд нахоста, ки бимирад. Ту ҳам аз хунаш гузар. Илтиҷо мекунам, – дузону зад Сарҳадбек.

Муҳаббатхон чанд дақиқа ба сурату суммоти ҳар се нигоҳ карда, ба Давлатназар рӯ овард.

– Ту писари оқсақолӣ?

– Оре, шоҳам.

– Падарат ҳанӯз наомадааст?

– Омад, шоҳам, намози шом расид.

– Худаш барои чӣ наомад?

– Омаданӣ буд, ман ӯро баргардондам, – ба гап ҳамроҳ шуд Сарҳадбек. – Раҳкӯфтаву бемадор буд. Мо ин вазифаро бо илтимоси ӯ ба гардан гирифтем.

– Он падарсаги ёғӣ дар куҷост?

– Дар хонаи мо, – ҷавоб дод Давлатназар. – Ба назди падарам омада, ҷони худоӣ талабид.

Шоҳ асабонӣ номафҳум сар ҷунбонид ва гуфт:

– Сарҳадбек, ба ту иродати калон дорам. Ба ту ҳам, Мироншо. Дер боз надидаем. Шумо намеоед, ман фурсат надорам, ки дидоратонро бинам. Чи кори хуб кардед, ки омадаед. Имшаб ҳар сеятонро меҳмон гирифта, ҳаққи намак ба ҷо меорам. Фардо ихтиёр бо шумост.

Аз он ки шоҳ суханашонро ба замин нагузошт, дар чеҳраи ҳар се меҳмон аломати хурсандӣ ҳувайдо шуд.

– Тасаддуқ, – гуфт Мироншо, – меҳмони шоҳ будан барои мо олитарин шараф аст. Сипос, ки гапамонро ба замин нагузоштӣ

– Бонак, меҳмонон раҳкӯфтаанд. Ба меҳмонхонаашон бар,

Малакбозро бигӯ, обу таом кунад.

Бонак онҳоро ба меҳмонхона бурд. Меҳмондори дарбор – Малакбозро хоҳиш кард, ки онҳоро зиёфат диҳад ва боз ба назди шоҳ баргашт.

Муҳаббатхон, ки чилим хеле хушҳолаш карда буд, Бонакро амр кард, ки наздаш дузону занад ва даҳ бор такрор кунад: «Ман аҳмақтарини аҳмақонам». Бонак ибораро такрор кардан гирифт.

– Бас, даҳ бор гуфтам, даҳ бор бигӯ, Бонак. Бе ҳамин ҳам аҳмақ буданатро тамоми дарбор медонад. Акнун Салори ҷаллодро даъват кун.

Чанд дақиқа пас Салор ҳозир шуд. Муҳаббатхон ба ӯ чунин амр дод:

– Навкареро ҳамроҳат бигиру зуд Демурғон бирав. Диноршои бадбахт ба хонаи оқсақол Ширинбек паноҳ бурдааст. Ӯро реза-реза куну бирав деҳаи Виёд. Оқсақол Сафарро бигӯ, ки фардо наздики чошт наздам биёяд.

Салори ҷаллод таъзиме карду баромад. Муҳаббатхон, бар ҷогаҳи хобаш такя зада, ғурунгид:

– Чи мардуми пastанд ин худозадаҳо...

## ҲАЛОКАТИ ДИНОРШО

Давлатназарро тамоми шаб хоб набурд. Ҳушу ёдаш ба золимии Муҳаббатхон банд буд. «Агар хунхор набошад, кадом шоҳ вазифаи ҷаллодро худаш иҷро кардааст? Хуни ин қадар одами бегуноҳро рехт, на танҳо рехт, балки маззакунон лесид. Хайрият аз хуни Диноршо даргузашт...»

Банохост андешаи пурваҳме дар хаёлаш барқ заду дилаш чанд сония аз тапиш монд. Саросема ҳамроҳонашро бедор кард.

– Илтимос, бархезед!

– Ягон ҳодиса рӯй дод? – хоболуд сар бардошт Мироншо.

– Дилам эҳсоси нохуше дорад. Ба фикрам, шоҳ моро фиреб дод.

– Аҷабе нест, – Сарҳадбек ҳам аз ҷогаҳааш парида хест, – дили ман ҳам раг зад, ки Муҳаббатхон моро беҳуда маътал накард.

– Ин фикри бад аз куҷо ба сарат омад? – пурсид Мироншо.

– Аз он ки шоҳ як сари қадам ба наздамон надаромад, – ҷавоб дод Давлатназар, ки аз саргумӣ забонаш мепечид.

– Ман борҳо ба доми ин рӯбоҳи маккор афтодаам. Фикр мекунам, ин бор ҳам панд намегирам, – Сарҳадбек куртаашро пӯшиду даст ба пеххо бурд.

Мироншо чизе гуфтанӣ шуд, вале Сарҳадбек монеъ гашт:

– Либосатро пӯш, ки ҷони Ширинбеку Диноршо дар хатар аст. Рафтем.

Онҳо саросема аз ахтахона аспҳояшонро бароварда, зин заданд. Саис бедор шуда, хоболуд пурсид:

– Чӣ гап шуд? Сабр кунед, рӯз равшан шавад.

– Кори оҷиле афтод, бародар, – гуфт Мироншо. – Рафтан даркор.

Саис дудилаву ҳайрон дарвозаи қалъаро кушода, онҳоро гусел кард.

Меҳмонон ба ҷониби Демурғон асп тозонданд. Вақти субҳидам ба хонаи Ширинбек расиданд. Аз ҷамъ омадани одамон дар рӯи ҳавлӣ фаҳмиданд, ки Диноршоро куштаанд. Модари Давлатназар бо мӯйи парешону чашмони хунбор худро ба пойи писараш партофт.

– Падарам дар куҷост?

– Аз пасашон давид. Ману падарат вақте хабар ёфтем, ки дер шуда буд. Ҷаллодон ӯро аз ҷогаҳи хобаш берун бароварда, куштаанд. То падарат берун давид, ки савор шуда рафтанд.

Ин асно Ширинбек ҳам расид ва аз асп фаромаду бонг зад:

– Сарҳадбек, шуморо барои он фиристодам, ки ҷаллодонро ба хона равон кунед?

Сарҳадбек саллаашро ба гардан овехт ва даст ба сар заду гуфт:

– Ширин, ба Худо, моро хуш қабул карду меҳмон гирифт. Хаёл кардем, гапамонро қабул кард. Аз куҷо донем, фиреба-

мон медиҳад ин золим?

Оқсақол фаҳмид, ки шоҳ чи найранге ба кор бурдааст. Дигар ҳарфе назаду занашро ба хона даровард. Ӯро каме ором карду баромад ва ба сари мурда рафт. Бисёр мехост бо тамоми овоз ба шоҳи хунхор нафрин бифиристад, вале худдорӣ кард. Метарсид, ки ҳар суханашро начакондаву нарезонда, бурда мерасонанд. Тафси синаашро фуру нишонду хам шуд ва аъзои реза-резаи мақтулро ба ҳам пайвастан гирифт. Ҷамъомадагон хомӯшона ба оқсақол ёрӣ доданд. Давлатназар аз хона чанд парчаи тоза баровард. Бо якеаш бадани шаҳидро маҳкам бастанд. Парчаҳои дигарро болои ҷасад партофта, ҷасадро болои нардбон гузоштанд. Об оварданду ҳавлиро покиза шустанд.

Бо равшан шудани рӯз мурдаи Диноршоро ба хонааш оварда, ба ҷаноза омода карданд. Ширинбек болои санге нишаста, аз ғиреву нолаи зану фарзандони мақтул дарун-дарун месӯхт.

«Ҳамин қадар қадр доштаем дар назди ин модарзинокун. Падараш ҳам золим буду бобояш ҳам. Лекин ин безот аз ҳама гузаронд! Чӣ бояд кард? Агар илоҷе накунем, сари ҳамаро ба ғарғара медиҳад. Афсӯс, сад афсӯс, Маҳмадазим кушта шуд. То ӯ зинда буд, ин падарсагу бародараш Асфалихон ҷилавашонро ин андоза сар намедоданд. Баъди сари ӯ дигар гӯрашонро равшан диданд[1]».

## ПАЙИ ҚАДАМИ МУЛЛО ХИШОЛ

Ҷаҳонгир ба муддати ду рӯз сахт бемор шуд. Таб баровард, алой мегуфт. Мирзоазиз шабу рӯз дар сари болинаш буд. Азизмо ба хусураш доруҳои гиёҳӣ хӯронда, ба пешониаш латтаи тар мегузошт. Мирзоазиз ба алоигӯиҳои бобояш диққат дода, мушоҳида кард, ки ӯ бештар номи Маҳмадазимро ба забон ме-

1. Гӯри худро равшан дидан (зурбулмасал) – дар иҷрои коре монеа надидан.

орад ва ашк мерезад. Гоҳе номи Манзаршоро ҳам, ки Мирзоазиз намешинохташ, ба забон меоварду чизе мегуфт.

Субҳи рӯзи сеюм Мулло Хишол ба аёдати Ҷаҳонгир омад. Ин ҷавонмарди миёнақади газгӯшт аз оғози баҳор то охири поиз яктаҳу шалвори сафед, ҷелаки бунафш ва пеххҳои човадии[1] кӯтоҳ мепӯшид. Саллаи бефаши ҳамранги ҷомааш  ба ӯ бисёр мезебид. Чизе, ки Мирзоазизро бо дидани ин шахс ҳар бор дар ҳайрат мегузошт, тозагиву озодагии фавқулодааш буд.

Хишол охонӣ мекард ва соли чорум Мирзоазиз дар пеши ӯ сабақ мегирифт. Синнаш аз сӣ гузашта бошад ҳам, издивоҷ накарда буд. Барои дарс додан ба бачаҳои мардуми Баҳшор аз Поршинев даъват шуда, дар ҳамин ҷо маскун шуд. Баҳшориён барояш хона сохта, рӯзгорашро таъмин мекарданд. Мактаб ҳам дар шафати хонаааш буд.

Мулло Хишол сари болини Ҷаҳонгир нишаста, даст ба пешониаш гузошт. Бемор ҳам гӯё маътали ҳамин фурсат бошад, чашм кушод ва овоз баровард:

– Мулло Хишол, туӣ?

– Бале, паҳлавон, гуфтанд таб дорӣ, дурӯғ будаст-ку?

Мӯйсафед табассум кард:

– Дар қадамат тасаддуқ, охон, имрӯз беҳтар шудам.

– Баъзан фанд кардан ҳам лозим, набошад аз ҷунбуҷули рӯзгор роҳи дигари раҳоӣ нест.

Паҳлавон нимхез шуд, Мирзоазиз зери шонаҳояш болишт гузошт.

– Мирзо, дилам ош[2] мехоҳад. Нанаатро[3] гап зан.

Мирзоазиз назди модараш рафт.

– Синҳорам, Худо хайрашро диҳад, дасти бамазза дорад. Бо ту

1. Пехи човадӣ – як навъ махсии кӯтоҳи чармӣ, ки дар деҳаи Човад медӯхтанд.
2. Ош – оши боқилой, ки ба оши туппа монанд аст.
3. Нанā, нāн – модар (шуғнонӣ)

як-ду лах[1] ош хӯрда, суҳбат кардан кам муяссар мешавад, охон.

– Ростӣ оши хоҳарамро хеле ёд кардам, амак. Баъзан Мирзоазиз насибаи маро ба мактаб меорад.

– Хонданаш чӣ хел?

– Нағз мехонад. Саводаш пурра баромад. Моҳе пас ба Ҳофиз мегузарад.

– Писарам, сахташ бигир, нахонад, калтакаш ҳам занӣ, ихтиёр дорӣ.

Хишол хандаи базебе кард:

– Амак, ман бадхонтарин бачаро ҳам намезанам. Ин шеваи ман нест. Ғайр аз ин, Мирзоазизро магар зада мешавад?

– Чаро? – бо ҳайрат абрӯ боло кард Ҷаҳонгир.

– Ба вай зӯри ҳеҷ кас намерасад. Хеле пурқувват аст. Ман бовар намекардам, лекин як моҳ пеш боғбони қалъадорро ба замин заду ман ба қувваташ тан додам.

– Шӯракро зад? Барои чӣ?

– Як рӯз дар набудани ман Шӯрак ба мактаб даромада, бачаҳоро ҷанг кардааст, ки аз боғи қалъадор мева медузданд. Аз як сар ҳамаро кӯфтан гирифтааст. Вақте ба сари Мирзо мушт бардоштааст, набераат ӯро бардошта, ба саҳни ҳавлӣ партофтааст.

Гӯё ба тани мӯйсафед ҷони тоза даромада бошад, кӯрпаро як сӯ карду бо ҳайрати ҳаяҷономез пурсид:

– Наход?!

– Вақте ман ба ҳавлӣ даромадам, бачаҳо дар сари Шӯрак ҳайқириғ доштанд. Маро диду тоқиашро бардошта, носазогӯён бадар рафт.

– Барои чӣ Шӯрак назди ман ба шикоят наомад?

---

1. Лах – навбати қошуқ. Таоми обакиро бо як қошуқи чӯбӣ банавбат мехӯрданд.

Охон шарҳ дод:

– Чӣ, омада гӯяд, ки ӯро бачаяке зад?! Бо кадом обрӯ, амак? Сари кафида зери тоқӣ гуфтаанд.

– Барака ёб, охон, ана аз ин гапат сиҳат ёфтам. Воқеан ҳоло ҳам саратро ҷуфт кардан намехоҳӣ?

Хишол сар хам кард, ангуштонаш ба бозӣ даромаданд.

– Ростӣ... дар ин қисса нестам.

Мӯйсафед худро барои саволи ноҷояш коҳиш намуд, вале аллакай тир аз камон ҷаставу дили ҷавонро шикофта буд.

– Писарам, чи ғаму ғусса доштанатро медонам. Лекин як умр ба ёди муҳаббати айёми ҷавонӣ будан кори хубе нест. Обрӯву иззат, хонаву дар дорӣ, Худованд бароят бузургтарин касбро лоиқ донистааст. Ман худам бароят хостгорӣ мекунам.

Хишол чордаҳ сол дошт, ки ба Зайналмо – духтари Саиднасими ханкаш[1] ошиқ шуд. Падараш ду сол пас аз орзуи писар огоҳ гашт ва духтарро хостгорӣ кард. То сурашон як ҳафта монда буд, ки бадахшие ба Паҳшор омад ва арӯси Хишолро улчакӣ карда бурд. Вақте Хишол аз воқеа хабар ёфт, улчакидорон аз дарёи Панҷ гузашта буданд.

Хишоли нокомро дарди фироқи ёраш ба муддати ду моҳ бемор кард. Ду моҳ таб кард, на хоб дошт, на хӯр. Обу адо гашт. Волидон аз зинда мондани ӯ умед барканданд. Аммо баъди шасту панҷ рӯз ӯ қаламу коғаз талабид ва даст ба навиштан зад. Навишту навишт, пайи ҳам коғаз сиёҳ кард. Он қадар саргарми навиштан шуд, ки падараш маҷбур шуд ба дегззори[2] дараи Бишкун баромада, ду дарза бруч[3] биёрад. Хишол пас аз он ки тафти дилашро рӯйи коғаз рехт, батадриҷ сиҳат ёфт. Вақте падараш навиштаҳои ӯро ба халифаи деҳа нишон дод, вай бо ҳайрат гуфт:

1. Ханкаш – касе, ки бар дарё амад меронад; хан – амад аз гупсарҳо.
2. Дегз - як навъ дарахти тӯсмонанд, ки пӯсташро чун коғаз истифода мекарданд.
3. Бруч – пӯсти коғазмонанди дарахти дегз.

– Табрик, бародар, писарат шоир шудааст.

Ҳамин тариқ, Хишол даст ба шеъру шоирӣ зад. Хаёли зан гирифтанро аз сар бадар кард. Ба хондан дил баст. Падар ӯро назди халифа шогирд монду орзу дошт, ки пас аз анҷоми таҳсили ибтидоӣ ба мадрасаи Кобул мефиристад. Аммо толеаш пастӣ кард: волидонаш пайи ҳам фавтида, ӯву ду хоҳаршро ятим гузоштанд. Хишол таҳсилашро бо роҳи худомӯзӣ давом дод. Саводашро ҳатто Сайид Ҷаъфар, ки бузургтарин донишманди Поршинев буд, эътироф намуд. Бо фотеҳаи ӯ Хишол ба унвони «охон» соҳиб шуд ва барои кушодани мактаб иҷоза гирифт. Бо заҳмати худ ҳар ду хоҳаршро ба шавҳар дод, аммо дили ӯ ба ҷуз Зайналмои дурафтодааш дигар касеро намехост. Ҳамин буд, ки вақте паҳлавон Ҷаҳонгир дар хусуси хонадор карданаш гап кушод, захми дилаш тоза гардид.

– Амак, чӣ кунам, охир дилам касеро намехоҳад. Ман муҷаррадиро ихтиёр кардаам.

Ҷаҳонгирро ҳар бор дилсофиву сидқи Мулло Хишол тасхир мекард. Ин маротиба низ ҳамин ҳолат ба ӯ даст дод. Дилаш аз эҳсоси эҳтироми бениҳоят ба ин ҷавонмарди равшанзамир моломол гардид, дар чашмонаш ашк ҷӯшид.

– Мебахшӣ, писарам, ба дилат нохун задам, – нимшунаво овоз баровард мӯйсафед.

Мирзоазиз бо корсони ош даромад ва дасторхон партофт. Ҳар се даст ба таом бурданд. Пас аз чор-панҷ лах гирифтан Ҷаҳонгир сукутро шикаст.

– Мулло, Мирзо куштори шоҳро ба ман нақл кард. Ин чахти[1] валадзино ташнаи хуни мост. Падараш аз ман метарсид, бародараш аз Маҳмадазим. Ман бекор[2] шудам, Маҳмадазимро рӯшониён куштанд. Дигар касе нест, ки сагашро чих гӯяд. Ҳа-

---

1. Чахт – кач, бераҳа. Вожаи таҳқиромезе, ки нисбат ба ашхоси аз дину мазҳаб баргашта кор фармуда мешуд.
2. Бекор – нотавон, заиф



мин тавр ду даст дар остин нишинем, дар Шуғнон тухми инсон намемонад. Бояд коре бикунем.

– Амак, росташро гӯям, аз ман баҳодуриву ханҷаркашӣ намеояд. Вале агар лозим ояд, бо ҷону дил шамшер ба даст мегирам.

– Офарин, мулло! Ману ту ба ғайр аз деҳқону мулло будан боз мард ҳам ҳастем. Мард бояд халқашро ҳимоя кунад.

– Бобо, муаллим ба ҷанг равад, ба мо кӣ дарс медиҳад? –содалавҳона суол кард Мирзоазиз.

Ҷаҳонгир ба ҷойи ханда сулфае карда гуфт:

– Дуруст мегӯӣ, Мирзо. Мардуми ом бисёр аст, вале муаллим аз ҳазор яке. Агар шоҳон муаллими дуруст медоштанд, золиму ҷоҳил намешуданд.

– Ба ҷойи муаллимам ман ба ҷанг меравам, бобо!

Мӯйсафеду охон маънидорона ба Мирзоазиз нигаристанд. Ӯ суханашро давом дод:

– Парерӯз вақте шоҳ он бечораҳоро тир мезад, бисёр мехостам аз гарданаш бигираму ба дарёаш партоям, лекин аз ғазаби ту тарсидам, бобо.

– Дуруст кардӣ, бачам, бе амри ман ё охонат ба чунин корҳо даст назан.

Ҷаҳонгир, гӯё набераашро бори аввал дида бошад, бо диққат аз назар гузаронд. Тану тӯш, бозуву кӯполи Мирзоазиз ӯро ҳаждаҳ-бистсола нишон медоданд. Ҳайкали чорпаҳлу, чеҳраи зебои беҷурм, бинии теғдори баланд, пешонии васеъ, чашмони сиёҳи барроқ, абрӯвони сермӯй, гардани баланди бақувват, рухсораҳои сурху мӯйсари ҷингилаи зич аз тандурустӣ ва тавоноии ӯ дарак медоданд. «Ману падараш дар ин синну сол бозуву панҷаи Мирзоро надоштем», – бо қаноатмандӣ аз дил гузаронд бобо.

– Пагоҳ ҳамроҳи ман ба деҳаи Вуж меравӣ, Мирзо. Бояд дар чароғравшани[1] қозӣ Давруқ иштирок кунам.

---

1. Чароғравшан – марсими мазҳабист, ки дар рӯзи сеюми баъд аз дафн гузаронда мешавад.

– Амак, ман ҳам ҳамроҳатон меравам. Дар як деҳа ҳашт мурда – дар як рӯз! Худо нишон надиҳад, – гиребон дошт Мулло Хишол ва ин рубоиро ба забон овард:

***Золим пӯшад либоси хунбофтаро,***
***То маҳв кунад халқи забунёфтаро.***
***Бо сангдилон шиори худ сахтӣ кун,***
***Бардор ба оҳан оҳани тофтаро.***

– Баҳ-баҳ, чи байти аҷибе хондӣ, охон! Коре, ки ту мекунӣ, ягон паҳлавон карда наметавонад. Дидӣ, аз қудумат тандуруст шудам, ҳатто азми сафар кардам.

## ҲАЛОКАТИ ОҚСАҚОЛ САФАР

Он рӯзи наҳс тамоми мардум сияҳпӯш буд. Дар деҳаҳои Баҳшор, Демурғон, Виёд ва Вуж шаҳидонро ба хок месупурданд. Фасл тобистон бошад ҳам, субҳи он рӯз ҳаво ғуборолуд гашт: шамоли кунд чангу хоки биёбонҳои дуродурро сари дӯш бардошта, гӯё аз тай намудани раҳи дароз хаста шуда бошад, бо суръати сангпушт ҳаракат карда, бори тирафоми худро бо беҳавсалагӣ ба болои чаману киштзорон, кӯҳу пушта ва чашмаву бешаҳои кӯҳистон мерехт.

Дар кӯҳистон мардум ҳамагӣ ба ҳам решапайванданд. Марги як нафар боиси афсурдагии садҳо кас мегардад. Дар деҳаи мурдадор одамонро аз хурд то бузург эҳсоси маъюсиву навмедӣ фаро мегирад. Он ба сокинони деҳаҳои атроф низ таъсири бадашро мегузорад. Ҳузури нохушаш ба мисли ҳамин бод фазоро тира сохта, ба дилу мағзҳо фишор меоварад.

Вақте мардон дар намози ҷаноза саф оростанд, меғи захими сиёҳ осмонро дар ихтиёр гирифт. Хуршед ҳам, гӯё аз кирдори зишти заминиён ба хиҷолат афтода бошад, аз назарҳо ниҳон гашт.

Оқсақол Сафар хоҳари ягонаи худро ба лаҳад гузошту пас аз анҷоми тиловати Қуръон рост роҳи қалъаи Баҳрпанҷаро пеш гирифт. Ҳарчанд андешид, сабаби даъват шуданашро муайян карда натавонист. Аз ғазаби Муҳаббатхон метарсид, аз ин рӯ, ду каси дигар – писарамаки худ Шаҳбозбек ва Шоҳзодаэрони ёварашро ҳамроҳ гирифт. Се писар ва бародарашро барои қабули фотеҳахонон муваккал кард, то бо ӯ набошанд. «Ин разил ба ҳама гуна пастиву қабоҳат қодир аст. Кӣ медонад, яке қасди куштани маро дошта бошад», – хавф бурд оқсақол.

Сафарро Абдураҳимхон оқсақоли Виёд таъйин карда буд. Аз чи бошад, ки на Юсуфалихон, на Муҳаббатхон ӯро аз мансабаш барканор накарданд. Ӯ аз авлоди шаҳмирон буд. Падараш Пирӯзшо мегуфт, ки шоҳони аслии Шуғнон аҷдоди онҳо будаанд. Сайид Саломатшо дар маъракаҳо гоҳе таъкид мекард, ки қаҳрамониву паҳлавонии ниёгони онҳоро шоир Фирдавсӣ дар як достони худ тавсиф кардааст. Сафар хату савод дошта бошад ҳам, чун ба ғайр аз «Ваҷҳи дин»-и Носири Хусрав дигар китобе дар хона надошт, ҳамеша орзу мекард, ки «Шоҳнома»-ро боре бихонад. Аммо солаш аз панҷоҳ гузашту ба орзуяш нарасид.

Дарвозабони Баҳрпанҷа гуфт, ки шоҳ ӯро дар Саройи санг мунтазир аст. Онҳо ба қалъа омаданд. Майдонеро, ки як рӯз пеш қатлгоҳи сӣ нафар марди бегуноҳ гашт, об зада рӯфта буданд. Ҷойи ғавғову ғиреви ҷонгудози мардумро сукути гарони ҳузновар гирифта буд. Абри барзаминзадаи пурғубор онро бимноктар мекард.

Шаш хуфии хизматгор дар як кунҷи майдон, дар лаби дарёи Панҷ аспони шоҳро мешустанд. Ба дили Сафар изтироб раҳ ёфта бошад ҳам, ҳалқа ба дарвоза кӯфт.

– Кист? – садо дод посбон аз пушти дарвоза.

– Шоҳро огоҳ кунед, ки оқсақол Сафар аз Виёд расидааст.

Чанд дақиқа пас шаш нафар сарбози мусаллаҳ баромаданд ва бидуни пурсише оқсақолро дар миёна гирифта, ба ҷонибе

бурданд, ки хизматгорон асп мешустанд.

– Ман бояд шоҳро бибинам, – эътироз кард оқсақол, вале онҳо ӯро телазанон то лаби дарё расонданд. Шаҳбозбеку Шоҳзодаэрон музтару парешон аз қафояшон омаданд.

«Маро дар об ғарқ карданианд», – аз дил гузаронд Сафар ва фарёд кашид:

– Лоақал бигӯед, ки чӣ гуноҳ кардам?!

Сарбозон рӯяшро қафо, ба ҷониби қалъа гардонданд. Сардорашон гуфт:

– Шоҳ худаш тавзеҳ медиҳад.

Дақиқае пас Муҳаббатхон ҳамроҳи як афсар аз қалъа баромад. Ӯ қамчини дасташро ҳар замон ба чамусаш[1] зада, beшитоб ба назди онҳо расид. Дар масофаи ду қадам дар рӯбарӯи оқсақол истод ва ба сарбозон дӯғ зад:

– Биравед!

Сарбозон рафтанд ва дар пойи девори кӯшк истоданд. Шаҳбозбеку Шоҳзодаэрон ҳам понздаҳ-бист қадам ақиб рафтанд. На шоҳ, на навкарон ба будану набудани онҳо эътиборе надоданд.

Муҳаббатхон бо нигоҳҳои палангӣ оқсақолро саропо зери синчаи шадид гирифт. Сафар бо овози паст салом дод ва сар хам кард.

– Аз кай боз авлодат шоиру маҳмаддоно шудааст, мурдор?

Оқсақол ишораи пичингомези шоҳро нафаҳмида, китф дарҳам кашиду гуфт:

– Тасаддуқ, нафаҳмидам.

– Туро барои ҳамин маъзул накардам, ки аҳлу авлодат дар ҳақи ман бадгӯӣ кунанд?

– Шоҳам, савганд ба Худованд, ки аз қавми ман касе дар ҳақат сухани зишт нагуфтааст.

– Дирӯз зани бародарат дар ин ҷо буд?

– Ҳа, – чи муносибат доштани зани бародарашро ба пурсуҷӯ муайян карда натавониста, посух дод оқсақол.

1. Чамус – як навъ пойафзори сабук аз пӯсти ҳайвон.

– Вай дирӯз дар сари мурдаҳои хабисатон чӣ хонд, ки мардум ба шӯр омад?

Оқсақол акнун фаҳмид, ки шоҳ ӯро ба чи муттаҳам карданист. Лаҳзаи мавриди назари Муҳаббатхонро аранге дар хотир дошт. Хоҳараш он дам ҷон доду ӯ ҳуш бохта буд. Аз ғояти андӯҳ сарашро дошта, сари по нишаст. Ҳаёҳӯйи мардуми атроф ба гӯшаш намедаромад.

– Шоҳам, он соат хоҳарам мурду олам дар назарам торик шуда буд. Чизе ба ёд надорам.

Чашмони Муҳаббатхон аз ҷӯшиши хашм танг гаштанд. Ӯ по бар замин кӯфт ва бонг зад:

– Дар ёдат нест? Аҷабо, мардум дар атрофат шоҳи Шуғнонро нафрин кунанду ту хабар надорӣ? Магар ту арбоби ман нестӣ?! На фақат хоҳарат, худат мемурдӣ ҳам, бояд гӯшу ҳушат ба халқ мебуду даҳани ҳамтаборонатро мебастӣ!

– Узр, шоҳам, ман ростӣ беёд будам.

– Хомӯш, лелаи[1] бадбахт, – шоҳ чанд тозиёна бар бадани оқсақол зад. – Ба ёдат омад?

Оқсақол аз шиддати дард печ хӯрда, нолиш кард:

– Ба ҳаққи Худо, дунё он замон дар назарам торик шуда буд.

– Дунё он замон не, балки ин замон бар ту торик мешавад, кӯрнамаки хиёнаткор!

Муҳаббатхон чун лочин ба оқсақол дарафтод ва қамчин задан гирифт. Шоҳзодаэрон дарёфт, ки шоҳ қасди куштани оқсақол дорад, салла ба гардан овехта, наздаш зону зад ва ба зора даромад:

– Шоҳам, дар ҳақиқат Сафар гуноҳе надорад. Ба ӯ раҳм кун, ки хоҳараш мурдаву тамоми авлодамон азодоранд...

Гапаш ба охир нарасида, Муҳаббатхон баргашт ва чанд тозиёна ба сару рӯяш зад.

1. Лела – аблаҳ

– Ман на фақат ин хоинро, балки он зани бефаровездаҳан ва ҳар нафареро, ки аз авлоди касифатон маро таҳқир кард, бо ҳамин дастони худам мекушам! – дод зад шоҳ.

Ин тасмими зишти Муҳаббатхон гӯё оби сарде буд, ки ба сари оқсақол рехт. Мағзи хуфтаи ӯ бедор гашт, дарк кард, ки шоҳи хунхор авлоди ӯро ҳатман аз дами теғ мегузаронад. Занҷирҳои ноаёни дасту пойи оқсақол дар они воҳид шикастанд. Вай чун шер наъра зада, ба Муҳаббатхон ҳуҷум кард. Муҳаббатхонро ҳаракати ғайричашмдошти Сафар лаҳзае ба ҳайрат овард. Даст аз азоби Шаҳбозбек нигоҳ дошта буд, ки ба синааш мушти обдоре хӯрд.

– Занед, кӯбед ин золими хунхорро! – фарёд кашид Сафар, – бикушед ӯро, пеш аз он ки тамоми мардуми Шуғнонро қатл бикунад!

Муҳаббатхон якпаҳлу ба замин афтод. Оқсақол ба ишкамаш ду лагади дигар зад. Шаҳбозбек ба чи гуноҳи азим даст задани амакашро дарк намуда, байни онҳо даромаду дод зад:

– Амак, чӣ коре буд, ки кардӣ?

– Дур шав, Шаҳбоз! Хуни ин ҳайвон ҳоло бар ман ҳалол шуд! То кай хуни моро ба беҳуда мерезад ин палид?

Шоҳ фурсат пайдо карда, ба по хест. Густохии Сафар ӯро аз тамоми чаҳорчӯбаҳо бадар овард. Бо қамчин ба Сафар ҳуҷум кард. Ғазабаш ҷӯшиду зарбаи аввали қамчинаш ба рӯйи оқсақол расид ва чашми росташро дарзамон кафонд. Вай дудаста рӯяшро дошт. Ғайрати шоҳ бештар гардид ва қамчинаш бар бадани Сафар ҳар бор ҷароҳати тозае зам кардан гирифт. Ӯ ба замин афтод. Шоҳ ба лагадкӯб гузашт ва ҳарифашро ғелонда-ғелонда, то лаби дарё бурд. Шоҳзодаэрону Шаҳбозбек чи кор карданашонро надониста, аз ноилоҷӣ ба замин нишастанд.

Сафар дар лаби дарё нимхез шуд ва домани гилеми[1] Муҳаббатхонро ба даст гирифта, зӯр овард, ки ӯро ба ҷарӣ

1. Гилем (шуғнонӣ) - чакман

партояд. Муҳаббатхон худро аз панҷаҳои гирои Сафар раҳо кардан хост, аммо Сафар ваҷаб ба ваҷаб ӯро ба лаби шах наздик меовард. Шоҳ ба воҳима афтод ва дод зад:

– Ёрӣ диҳед, ёрӣ!

Хуфиён, ки саҳнаи афтударафтро тамошо мекарданд, бо шунидани овози шоҳ давида, ба назди онҳо омаданд ва шоҳро аз дасти оқсақол раҳо карданд.

– Партоедаш! – ҷониби партгоҳ ишора кард шоҳ ва аз бемадорӣ ба замин нишаст.

Хизматгорон аз дасту пойи оқсақол гирифтанд ва ба ҷарӣ ҳавояш доданд. Сафар, дар ҳоле ки пояш аз замин канда мешуд, дод зад:

– Гу-ре-зееед!

Шаҳбозбеку Шоҳзодаэрон донистанд, ки ин хитоб ба онҳо буд. Зуд бархостанд ва роҳи гурезро пеш гирифтанд.

## ҶИГАРИ САДПОРАИ БИБИАНОР

Бибианор болои харсанги бузурги боғ нишаста, ду дида ба кӯҳи баланди соҳили чапи рӯди Панҷ дӯхт. Роҳе, ки дар баъзе мавзеъҳо аз камари кӯҳу дар баъзе ҷоҳо аз лаби дарёи Панҷ мегузашт, аз раҳгузар холӣ буд. Аслан, аз ин роҳ одам кам мегузашт, аммо се рӯзи охир ҷонзоде дар он ҳаракат намекард. «Шояд аз биму пайрадорони шоҳ мардум шабона ба сафар бароянд», – тахмин зад дар дилаш Бибианор. Ҳамин лаҳза дар роҳ суроби марде, ки аспашро этак карда мерафт, намоён шуд. Дили зан шуввӣ кард ва хаёле аз тапиш монд.Аз ҷо бархост ва бодиққат наззора кардан гирифт. Мард чобук роҳ мепаймуд.

«Манзаршо бошад? – зери лаб гуфт Бибианор. – Агар Манзаршо бошад, ҳо, ана ба ҳамон ёбонаки лаби дарё ки расид, ҳатман меистад ва ба ин тараф менигарад. Ӯ медонад, ки ман дар Шидзам, дар асорати Булато. Ё шояд надонад..., –ҳаракати

раҳгузарро аз доираи назар дур нагузошта, андешарониашро давом дод зан. – Медонад. Вай зирактарин марди Рӯшон аст. Наход надонад, ки зану фарзандаш дар куҷоянд?»

Аспдор ба ҳамвории лаби дарё расид, вале на ин ки наистод, балки бошитоб савор шуда, роҳашро давом дод.

– Не, ин мардак Манзаршо набудааст, – бо дареғу афсӯс нимшунаво овоз баровард Бибианор ва қатраҳои ашки сӯзон ба рухсораҳои зебояш шориданд. Танҳо чизе, ки ин раҳгузарро ба Манзаршо монанд карда метавонист, чолокии ӯ буд.

Зан ба ёди шавҳари ғарибаш оҳи бадарде кашида, аз рӯйи одат ба ангуштаринаш нигарист. Ранги нигини он ҷигарии тира метофт. Субҳ, вақте ки зан хаёли омадани шавҳарашро ба дил ҷой дод, ранги он равшан ба назар мерасид. Аммо ҳоло аз ғубори навмедие, ки бар дили ҳассосаш нишаст, «дил»-и ангуштаринаш низ сиёҳ шуда буд.

Ин ангуштари булаҷабаро Манзаршо ба занаш дар шаби аввали арӯсӣ туҳфа карда гуфт:

– Ба ёдат бигир, духтар, ман имрӯз дилатро канда, дар ин ангуштар ниҳодам. Онро ба ҳеҷ ваҷҳ гум накун.

Он вақт Бибианор сухани шавҳарашро шӯхии навбатӣ пиндошт. Бидуни андешае ангуштаринро, ки нигини сабзи зардомехта дошт, ба ангушташ гузаронд. Дақиқае тамошояш карду дигар аҳамияте надод. Вале бо гузашти чанд ҳафта мушоҳида кард, ки он ҳар рӯз ранги нав мегирад: гоҳе равшан, гоҳе сояравшан, гоҳе моил ба тирагӣ мешавад.

Боре Бибианор ин ҳолатро ба шавҳараш хабар дод. Манзаршо дасти Бибианорро бо риши зардаш молиду чашмони айёрашро нимпӯш карда гуфт:

– Нагуфта будам, ки дилатро канда, дар нигинаш гузоштам? Ту бовар накардӣ. Нигинаш аз моҳсанг аст. Моҳсанг оинаи дили соҳибаш аст…

Ранги нигин табъи Бибианорро хиратар намуд ва ӯ ба оҳанги «Фалак» ин рубоиро суруд:

***Афтоб нишасту соя дар домани ҷар,***
***Аз сӯзиши дил пора шавад банди ҷигар.***
***Мардум меган ҷигари садпората дӯз,***
***Медӯзуму пора мешавад ҷойи дигар.***

Соли шашум аст, ки Манзаршо ҷилои ватан кардаву занаш Бибианор дар болои ҳамин харсанги боғи шавҳари кунуниаш ҳар рӯз як-ду соат нишаста, роҳи ӯро мепояд. Албатта, раҳпоии ӯ бо ҳамин як-ду соат маҳдуд нест, ӯ ҳар лаҳзаву ҳар нафас ҳузури шавҳари азизашро эҳсос мекунад. Аммо соатҳои дигар худро бо кор андармон месозад. Ба мурғон дон медиҳад, мерӯбад, тут мечинад, либос мешӯяд ва ҳоказо.

Падари Бибианор Қубод мардест бадавлату саховатпеша. Пушт ба пушт авлодаш сокинони бумии деҳаи Баҳрзуди Рӯшонанд. Замину боғи бисёре доранд. Бибианор сарфарзанди хонавода буда, се хоҳару ду бародар дорад. Ду амакаш аз хонаи падарӣ, ки мувофиқи расми аҷдодӣ ба писари аз ҳама хурдии хонавода – Қубод расида буд, ҷудо шуда, дар ҳамсоягӣ аҳлу тифоқ зиндагӣ мекарданд. Бибианор дар чунин хонавода ба воя расида буд.

Бори аввал Манзаршоро дар дувоздаҳсолагиаш дид. Дар боғи зери хонаашон бо бачаҳо саргарми бозии «Пу ё не?»[1] худро паси дарахте пинҳон кард. Дам ба дарун зада, хеле нишаст, ки «посбон» ба суроғаш наомад. Аз паси дарахт баромада буд, ки саги бадҳайбати ношиносе рост аз пеши роҳаш баромада, дар рӯ ба рӯяш истод. Бибианор аз тарс чашмонашро зери ду каф пинҳон кард. Зонуҳояш ба ларза афтоданд. Ин асно овози зангӯладори ҷавоне баланд шуд:

1. «Пу ё не? – бозии рустшавакон дар Помир



– Натарс, духтар, саг намегазад.

Бибианор аз роғи ангуштонаш ҷавони қадбаланди зардинамӯеро дид, ки саги дигаре аз қафояш, ҷониби боғ меомад. Ӯ ба назди духтар расиду ба сагон амр кард:

– Бишин! Наҷунб!

Сагон ҳар ду карахт нишастанд ва чашм ба даҳони ӯ дӯхтанд.

– Номат чӣ? – пурсид ҷавони ношинос, ки чашмони дарёранги калон ва абрӯвони кӯтоҳи каммӯй дошт.

– Бибианор, – аз шарм чеҳраи духтар сурх шуд.

– Хонаи Қубод ҳамин аст?

– Ҳа, – ҷавоб дод Бибианор ва ба майдони бозӣ давид.

Ҷавон ҳамроҳи сагони худ ба хонаи ӯ рафт. Чанд дақиқа пас модари Бибианор ӯро садо кард, ки зуд ба хона биёяд. Модар амр дод, ки зарфҳоро шуста, ба хона дарорад. Духтар дегу табақ ва чумчаҳоро дар оби равони ҷӯйи рӯи ҳавлӣ шуста, хона даромад ва ба ҷавону падараш, ки дар суфаи даҳлез суҳбат доштанд, нимнигоҳе карду ба ошхона даромад. Модараш барои меҳмон авеҷхушпа[1] пухт. Бибианор ба ӯ ёрдам медод.

– Мод[2], ин сагдорак кист? – пурсид духтар.

– Хидматгори шоҳ Асфалихон.

Бибианор назди меҳмон ва падараш дасторхон густурд, чою мева ва атола гузошт. Падараш бо меҳмон дар бораи ҳайвоноти ваҳшии Рӯшон суҳбат мекарданд. Духтар диққат дод, ки шеваи гуфтори ҷавон аз онҳо фарқ мекунад.

Пас аз сарфи таом Қубод духтарашро ҷеғ зада пурсид:

– Сагбачаҳоят чандто мондаанд?

– Панҷто.

– Дар деҳа боз кӣ саг дорад?

– Бачаҳоро пурсам, медонанд.

– Ба Манзар сагбача даркор, – шарҳ дод падар. – Ту ҷояшро

1. Авеҷхушпа – атолаест аз омехтаи чанд навъи ғалла
2. Мод (рӯшонӣ) - модар

нишон бидеҳ, ӯ интихоб мекунад.

Бибианор, ба он ки ҷавон аз роҳи дур барои интихоби саг омадааст, ҳайрон шуд, вале чизе напурсида, ҳамроҳи падару меҳмон аз хона баромад.

Модасагашон ҳафт бача карда буд. Дутояш нобуд шуданду боқимонда дар зери буттаи сершоху барги вини[1] пушти ҳавлӣ мезистанд. Модасаг, одами бегонаро дида, аккос зад, вале Қубод ӯро пеш кард. Манзар синчакорона сагбачаҳоро аз назар гузаронд ва дуто – як нару як модаро интихоб карда, ба халтааш андохт.

– Акнун пеши бачаҳо меравем, – гуфт бо мамнуният меҳмон ва бо Қубод хайрухуш карду ҳамроҳи Бибианор ба назди бачаҳо рафтанд. Ду саги меҳмон дар фосилаи чор-панҷ қадам аз дунболашон ҳаракат мекарданд.

Роҳравон Бибианор ҷуръат карда, пурсид:

– До[2], ин қадар сагро чӣ кор мекунӣ?

– Кушта мехӯрам.

– Э ту гӯшти саг мехӯрӣ? – ба ҳайрат афтод духтар ва қиқирос хандид.

– Саг бомаззатарин гӯшт дорад, – ҷиддӣ ҷавоб дод ҷавон, –лекин ту ба ягон кас нагӯ. Агар мардум донад, ки гӯшти сагро хӯрдан мумкин аст, ману ту гушна мемонем.

– Ман? – духтар аз ғояти ҳайрат аз рафтан бозистод.

– Ҳа, ту. Ман минбаъд бароят гӯшти саг меорам. Пинҳон аз ҳама пухта мехӯрӣ.

Аз ин гап дили Бибианор шӯрид. Аз саволи додааш пушаймон, ба назди бачаҳо расиданд.

– Бачаҳо, кӣ дар хонааш сагбача дорад?

Чанд нафар «мо дорем» гуфтанд.

– Касе сагашро ба ман диҳад, дар давоми як ҳафта вайро ана ҳаминҳо барин калон карда мебиёрам.

1. Вин – буттае, ки меваааш ба олуча монанд буда, ба андозаи боқилост.
2. До (рӯшонӣ) – хитоб ба мард, ба маънии амак ё тағо ҳам меояд.



Бачаҳо зуд ба «муъҷизакор»-ии шахси ношинос бовар карда, тамоми сагбачаҳои деҳаро барои ӯ як-як шумурданд. Бибианор мехост сагхӯрии меҳмонро эълон кунад, лекин шарм дошт. Додараш Баҳромро ба ихтиёри ӯ монду худ ба хона баргашт.

Ин ҷавон ҳамагӣ якуним ё ду соат дар деҳа истода бошад ҳам, дар дили Бибианор таассуроти амиқ гузошт. Шояд барои он ки аз одамони деҳа бо зиндадиливу муносибати озодаш фарқ мекард. Офтоб сари кӯҳ расида буд, ки Баҳром ба хона баргашт ва дар бораи меҳмони ғалативу сагҷамъкунии ӯ чунин гуфт:

– Панҷ халта дошт, ҳар панҷашро аз сагбача пур кард. Баъд ба ду хар бор карда, ба Вомар бурд.

– Нагуфт, ки сагбачаҳоро чӣ кор мекунад? – бо эҳтиёт суол дод Бибианор.

– Ростӣ, напурсидам, – ҷавоб дод Баҳром, – шояд ба бозор бурда фурӯшад. «Ба инҳо нагуфтааст, – дар дилаш хурсандӣ кард Бибианор, – сиррашро фақат ба ман бовар кардааст».

Аммо гӯшти саг хӯрдани як инсони дуппа-дуруст Бибианорро як навъ ба ташвиш гузошт. Ба ин сабаб чанд рӯз пас аз падараш пурсид:

– Пид[1], гӯшти саг ҳалол аст ё ҳаром?

– Албатта, ҳаром, – аз суоли духтараш тааҷҷуб карда, посух дод Қубод, – барои чӣ пурсидӣ?

– Ҳамту, – ҷавоб дод Бибианор.

– Аҳа, – пас аз дақиқае андеша падар манзури духтарашро дарк кард, – ту фикр кардӣ, ки Манзаршо барои он сагбача ҷамъ мекунад, ки бихӯрад?

Бибианор ба рамузфаҳмии падар қоил шуда, сар ҷунбонд. Падар аз таҳти дил хандиду суханашро давом дод:

– Шояд гуфта бошад, ки гӯшти саг мехӯрад, а? Ҳа, вай ҳамин хел шӯхиҳо дорад, духтарам. Маълум, ки ба гапаш бовар кардаӣ. Вай сагбони ҳокими мо – Асфалихон аст. Барои ҳоким

1. Пид (рӯшонӣ) – падар

саг ҷамъ мекунад.

Бо шунидани калимаи «сагбон» дили Бибианор якбора тира гашт. Эҳсоси нохуше ба рагу пояш сӯзан халонд. Барои он ки падар дигар шудани авзоъашро пай набарад, ба баҳонаи рӯфтани ҳавлӣ берун шитофт.

Аз байн ду сол гузашта буд, ки Амирбек ном мард бо лашкари бисёр ба Рӯшон ҳуҷум овард. Падараш мегуфт, ки ин Амирбек бародари Асфалихон аст, ки аз чизе қаҳр карда, ба Дарвоз рафтааст ва дарвозиҳоро ҳоло ба сари бародараш овардааст.

– Пи, наход бародар бо бародар ҷанг кунад-а? – ба гапи падараш бовар накарда, пурсид духтар.

– Духтарам, барои тоҷу тахт бародар бо бародар, падар бо писар на ин ки ҷанг мекунанд, балки ҳамдигарро мекушанд.

Бибианор аз кори ҷаҳон ангушти ҳайрат газид. Тасаввур кард додаронаш, ки зери як кӯрпа калон шудаанду дар ғаму шодӣ шарики ҳаманд, Худо накарда, ба сари ҳам шамшер кашанд.

Вале вақте ки лашкари Амирбек ба деҳаи ҳамсоя – Дерзуд расиду хайма зад ва Бибианор давуғеҷи сарбозони силоҳдорро аз болои пуштакӯҳи деҳаашон бо чашми худ дид, шубҳаву гумонаш бартараф шуд. Нимаи дуюми ҳамон рӯз аз ҷониби Вомар низ лашкари бисёр омад ва дар баромадгоҳи деҳа дар майдони калоне қарор гирифт.

Падару амакҳояш низ ба асп савор шуда, озими урдугоҳ шуданд. Аз паси онон мардони аз бистсола боло ҳам савораву пиёда ба ҷанг рафтанд. Басечи[1] сарбозон дар деҳа ба зиммаи падараш буд. Бибианор, ки акнун чаҳордаҳсола шудаву ба воқеаҳои олам сарфаҳм мерафт, медонист, ки аз деҳаашон панҷоҳу се нафар ба лашкар пайваст. Ғайр аз ин, медонист, ки кадом хонавода барои ҷанг чи қадар озуқаву мол додааст. Дар чеҳраҳои калонсолон гарди изтиробу ташвиш нишаста буд, аммо кӯдакону

1. Басеч – эъзоми лашкар, сафарбарӣ

наврасон бо ифтихору шодмонӣ ба якдигар мегуфтанд:

– Дар деҳаи мо ҷанг мешавад!!!

Офтоб ба сари кӯҳ расида буд, ки падару амакаш ҳамроҳи се савор ба хона омаданд. Бибианор ва додарону хоҳаронаш онҳоро дар рӯйи ҳавлӣ пешвоз гирифтанд. Саворон аспҳои худро ба дарахтон бастанд. Бибианор дар байнашон Манзаршоро диду аз ин вохӯрии ғайричашмдошт дақиқае шах шуд. Ӯ дар сар кулаҳхуди сияҳфоми гӯшидор, дар тан хафтони калтачамонанд бо миёнбанди чармини қирапчиаш[1] филизӣ, шалворҳои зарди фарох, дар по пеххҳои баланди тагчармашон ғафс дошт. Дар паҳлуи росташ шамшери дарозе бо ғилофи норанҷӣ овезон буд. Риши кӯтоҳи зардрангаш бо чашмони нилиаш бозӣ мекард.

Манзаршо баробари дидан Бибианорро шинохт ва хитоб кард:

– Номат Бибианор буд-а?

Духтар бо аломати тасдиқ сар ҷунбонд ва хаёл кард, ки аз шарму ҳаё вуҷудаш об шуд.

– Сагчаҳоят калон шудаанд, Бибӣ, – суханашро давом дод Манзаршо, – ҷанг тамом шавад, ба ту нишон медиҳам.

Ӯ чанд сонияи дигар назди Бибианор истоду пас ҳамроҳи дигарон ба хона даромад. Бибианорро ҳиссиёти аҷибе пахш кард. Андешааш карахт шуд, тамоми олам аз ҷунбиш бозистод. Ва, баракси ин, дилаш зуд-зуд тапидан гирифту нафасаш гиреҳ баст. Духтар фикр кард, ки бемор шудааст, аммо вақте ҷониби хона ду-се қадам гузошт, аз «беморӣ»-аш осоре намонд. Меҳмонон пас аз сарфи таом ба анбор даромаданд. Анбор дар баробари ғаллаву орд ва дигар анвои озуқа живи[2] алоҳидае барои аслиҳа дошт, ки аз се камони пилтаӣ, панҷ шамшер, чанд навъ ханҷар ва хафтону найза иборат буд. Онҳоро ба саҳ-

1. Қирапчӣ – қисми филизии тасма, ки барои бастани он хизмат мекунад.
2. Жӣв (шуғнонӣ-рӯшонӣ) – канду, ҷой барои нигоҳдории озуқа дар анбор

ни ҳавлӣ баровარданд. Манзаршо хар як силоҳро бодиққат аз назар гузаронду гуфт:

– Хеле хуб, до Қубод, борут ҳам дорӣ?

– Се тоқӣ[1] ворӣ дорам, – ҷавоб дод Қубодхон, – ҳоло мебиёрам.

Пас аз он ки Қубод халтачаҳои чармини борутро ба Манзаршо супурд, меҳмонон хайрухуш карданд. Маслиҳат шуд, ки Қубоду бародараш субҳ ба лашкар пайванданд.

Бибианор аз нақли падару амакаш фаҳмид, ки ҳокими Рӯшон Асфалихон Манзаршоро дар ҷанг ба муқобили лашкари дарвозиҳо сипаҳсолор таъйин кардааст. Духтар ниҳоят ҷуръат карда, саволеро, ки ду сол боз барояш ҷавоб меҷуст, дар назди падараш ба забон овард:

– Пид, он сол Манзаршо ба Асфалихон саги бисёр бурд. Ба ҳоким ин  қадар саг чӣ лозим?

– Сагҳо қалъаи ҳокимро посбонӣ мекунанд. Ғайр аз ин, Асфалихон сагҷангу шикор бо сагонро бисёр дӯст медорад.

Ниҳоят духтар ба саволаш посухи қонеъкунанда гирифт.

– Пид, дар ҷанги пагоҳ фақат дарвозиҳо кушта мешаванд ё рӯшониҳо ҳам мемуранд?

Қубод ба ин саволи содалавҳонаи духтараш аввал хуб хандид, сипас қиёфаи ҷиддӣ гирифту гуфт:

– Духтарам, камону шамшер намепурсад, ки ту рӯшониӣ ё дарвозӣ. Дар ҷанг зӯр нозӯрро мекушад.

Духтар банохост дарк кард, ки дар ҷанг фардо падараш ҳам метавонад кушта шавад. Дилашро ваҳм зер кард, пушташ ларзид. Бо илтиҷо хитоб кард:

– Пид, илтимос, ба ҷанг нарав.

Ашк бар рухсораҳои духтар чакид. Додарону хоҳарон ҳам маъюс шуданд. Падар сари Бибианорро ба оғӯш кашиду гуфт:

---

1. Тоқӣ – ченаки ғалла, гунҷоиши миқдори ғалла (дар ин ҷо борут) дар як тоқӣ

– Бачам, агар ҳар марди хона аз мурдан тарсида, ба ҷанг наравад, медонӣ, чӣ мешавад? Душман мулки моро гирифта, аввал мо – мардонро мекушад, баъд духтарону занонамонро беномусу каниз мекунад. Барои ин беҳтараш ба ҷанг биравему душманро бикушем.

Бибианор аз ин посух таскин наёфт. Модараш ӯро ба хона даровардa, насиҳат кард:

– Духтарҷон, гиря накун, пеш аз гусели падарат ба ҷанг ашк нарез, ки хосияти хуб надорад. Баракс худатро ба даст гиру дилашро пур кун.

– Мод, ту наметарсӣ, ки падарам мабодо дар ҷанг кушта шавад?

– Метарсам, духтарам, метарсам, лекин марди хона бояд хонаву фарзандашро ҳимоя кунад. Ин бори чорум аст, ки падаратро ба ҷанг гусел мекунам. Иншооллоҳ, ин бор ҳам саломат бармегардад.

Бибианор сар ба синаи модар гузошт.

Субҳи барвақт падару амакаш камону камар карда, савор шуданду ба ҷанг рафтанд. Аҳли хонавода онҳоро хомӯш гусел намуд.

Пас аз соате дар Дерзуд рӯшониён ба дарвозиҳо ҳуҷум бурданд. Бачаҳо бар кӯҳдоманаҳои деҳ ба тамошои муҳориба баромаданд. Гашти рӯз гурезогурези дарвозиҳо сар шуду хабар омад, ки онҳо ба он тарафи дарёи Панҷ гузаштаанд.

Аз ҳар деҳа ду-се нафарӣ сарбоз ҳалок гардид. Аз деҳаи онҳо як нафар – Шакарбеки оҳангар сахт захмӣ шуд ва даҳ рӯз пас вафот кард. Падару амаки Бибианор баъд аз бисту як рӯз зиндаву саломат баргаштанд. Қубод мол кушта, худоӣ дод ва мардумро бо ғалабаи лашкари Шуғнону Рӯшон шодбош гуфт. Ӯ диловариву корнамоии сарлашкарашон – Манзаршоро хеле сутуд ва гуфт, ки Асфалихон ӯро оқсақоли Чоснуд таъйин кардааст.

Як моҳ пас, дар рӯзи ҷашни Меҳргон, банохост Манзаршо ҳамроҳи чор нафар марди хушлибос ба хонаашон омад. Вақте аз

аспҳо фаромаданд, Бибианору хоҳараш дар боғ хазон мерӯфтанд.

– Ман ваъда дода будам, ки туро ба тамошои сагҳоят мебарам, – хитоб кард Манзаршо ба Бибианор ва афзуд, – инак омадам.

Қубод хабар ёфта, ба пешвозашон баромад ва ҳар якашонро оғӯш кашида, салом доду ба хона даровард.

Бибианор ва хоҳараш ба гапи меҳмон ҳайрон шуданд. Ӯ ҳеҷ фикр намекард, ки шахси машҳуре чун Манзаршо ба суроғи як духтараки одии назарногир биёяд. «Боз падарамро ба ягон ҷанг бурданист» – бо изтироб аз дил гузаронд духтар ва ҳамроҳи хоҳараш давида, ба хона даромаданд, то ба модарашон ёрӣ расонанд.

Пас аз муддате модараш, ки ба хона хӯрок бурда буд, ба ошхона баргашт ва бо ҳаяҷон гуфт:

– Бибиҷони ман, муждагонӣ! Инҳо ба хостгории ту омадаанд, – ва сарашро дар канор гирифт.

Бибианорро гӯё барқ зада бошад, ба замин нишаст ва пурсид:

– Хостгорӣ? Барои кӣ?

– Барои Манзаршо.

– Ман... зар ... шо? – аз ҳаяҷону ҳаё дар гулуи духтар нам намонд.

– Бале, духтарам, Манзаршо туро гирифтанӣ. Инҳо амаку тағоиҳояш будаанд. Аз ҳамон раҳи дур ба гулбонги ту омадаанд. Ту чӣ мегӯӣ?

Бибианор чизе гуфта натавонист. Якбора гиря гулугираш кард, сар ба зонувони модар ниҳод ва бесадо гирист.

Модар сарашро сила кард ва гуфт:

– Илоҳӣ, хушбахт шавӣ, ҷигарпораи ман.

Ҳамин тавр, Манзаршо ба Бибианор издивоҷ кард ва то рехтани барфи аввал ба хонаи падариаш – ба деҳаи Йурх бурд…

Навори хотираҳои ширини Бибианорро садои сархизматгор Ошо барканд.

– Валъамат, мурдаи Бобакро оварданд, ғамхона[1] меравӣ ё не?

– Меравам, албатта, меравам, амак.

Бибианор аз санг фаромад ва барои табдили либос ба хона даромад.

Бобак шикорчии маъруф буд. Хонаву дари обод дошт. Чанд сол пеш дар ҷанги байни Шуғнону Рӯшон асир афтоду шоҳи Шуғнон Муҳаббатхон ӯро ба зиндони Саройи санг афканд. Се рӯз пеш хабар омад, ки шоҳ бо дасти худаш ӯро паррондааст. Бобак аз вафодорони Манзаршо буд, аз ин сабаб зану бачаҳои калонашро, ки бузургтаринашон писари сездаҳсола буд, ба Бадахшон бурда фурӯхтанд. Дар хона модари пиру писари чорсолааш монданд. Бибианор ҳар моҳ ба воситаи Ошо аз шавҳараш пинҳон ба падари Бобак озуқа мефиристод, то мӯйсафеду наберааш бенаво намонанд.

Ӯ ҳамроҳи Ошо ба таслият рафт.

## НОМУС

Деҳаи Вомар дар ҳукми сабзаву гул буд. Рӯди пуртуғён аз дараи зебои нопайдоканори он башаст ба дарёи Панҷ саросер шуда, бо ҳар мавҷаш шамоли мамлу аз бӯйи гулу гиёҳ ва дарахтони кӯҳиро ба ҳар сӯ мепароканд ва шиддати гармии фасли харбузапазро коҳиш медод. Зардолуи тирамоҳӣ, себу амрӯди норасид ва ҷо-ҷо ангуру ноки хушмазза назаррабоӣ мекарданд. Тобистони нозанини обистани меваю ғаллаи фаровон ба охир мерасид. Гармо мардумро водор мекард, ки шабҳо болои бом хоб кунанд, то аз ҳавои серуни роҳатафзо баҳраманд гарданд. Вале Беҷодамо ва Шодаврон соли панҷум аст, ки аз чунин неъмат маҳруманд. Онҳо маҷбуранд дар хона бихобанд.

1. Ғамхона – хонае, ки аз он ба тозагӣ мурда баромадааст.

Падару модари Беҷода халқия[1] буданд. Онҳо аз баҳор то тирамоҳ гову моли мардумро дар айлоқ бонӣ карда, аз ҳамин ҳисоб озуқаву ажғол[2] ҷамъ оварда, осуда умр ба сар мебурданд. Дар охири деҳа, наздик ба ҷангали анбӯҳи лаби дарёи Панҷ, кулбаи фақирона ва замину боғ доштанд, соҳиби ду фарзанд – Беҷода ва Камонгир буданд.

Беҷода ёздаҳ сол дошт, ки падараш дар вақти подабонӣ аз шах афтоду ҳалок шуд. Баъди ду сол модараш дучори буғумдарди шадид гашт ва пас аз ҳашт моҳи беморӣ даргузашт. Бародараш Камонгир он вақт понздаҳ сол дошт ва чун ҷавони пурқуввату чолок буд, ба дарбори ҳокими Рӯшон – Юсуфалихон навкараш гирифтанд. Хоҳару бародар ғаму ғуссаи марги волидонро пушти сар ва андаке қомат рост карданд, ки Муҳаббатхон ба Рӯшон ҳуҷум овард ва пас аз ҳашт моҳи муҳосираи қалъа бародараш Юсуфалихон ҳамроҳи беш аз сад нафар мансабдору сарбоз ба Бадахшон фирорӣ шуд. Камонгир ҳам дар ин гурӯҳ буд.

Ҳашт моҳи пурра лашкари Муҳаббатхон дар Вомар ва деҳоти атрофи он чи бедодиҳое кард! Ҳар ҳафта ба баҳонаи тайёр карданн ҳезум барои пухтани хӯрок ва афрӯхтани гулхан барои навкарон хонаи ободеро вайрон менамуданд. Даҳ-понздаҳ навкар ба хонае зада медаромаданд, мисли мӯру малах ба бом баромада, тиру вассаҳоро меканданд ва ба вайрона табдил медоданд. Мардонро мезаданд, занонро дастзӯр мекарданд, духтарон ва писарони наврасро ба назди Муҳаббатхон мебурданд, гову молро кушта, ба ошхонаи шоҳ месупурданд. Вомар дар ҳудуди дувист буна дошт. Мардум аз бедодии гӯшношунид батадриҷ деҳаро тарк карда, ба кӯҳҳои атроф рафт. Мавриди ҳуҷум хонаҳое қарор мегирифтанд, ки касе аз онҳо дар хидмати Юсуфалихон буд. Кишти хазонии аҳли деҳ поймол, полизу боғот талаву тороҷ гардид.

1. Халқия –табақаҳои поёни ҷамъият
2.  Ажғол (шуғнонӣ) – асосу палос, ҷиҳози хона

Хонаи Беҷодамо аз марказ дур бошад ҳам, аз он ки бародараш навкари ҳоким буд, метавонист ҳар лаҳза ба ҳуҷуми сарбозон гирифтор ояд. Дӯсти бародараш – Доробшо чанд бор ба хона омада, ӯро ташвиқ кард, ки гурезад. Барояш макони зиндагӣ ҳам ёфт. Аммо Беҷодамо дил аз хонаву дараш канда наметавонист. Фикр мекард, ки агар гузори навкарон ба хонааш афтад, ба як духтари ятими муштипар раҳм хоҳанд кард.

– Инҳо ба касе раҳм надоранд, – мегуфт Доробшо, – илтиҷо мекунам, содагӣ накун. Агар бо ту воқеае рух диҳад, ман худро намебахшам.

– Дороб, агар Камонгир аз муҳосира озод шуда, ба хона ояду маро наёбад, чӣ гумон мекунад?

– Ҳамроҳи ман бошӣ, чизе намегӯяд.

– Ту лоақал хеши дурамон мебудӣ, имконе дошт. Бо ту равам, мардум чӣ мегӯяд?

– Ҳоло касе дар андешаи касе нест, Беҷода. Баракс, агар Камонгир бифаҳмад, навкарон ки ба ту зиштие раво дидаанд, маро намебахшад. Бовар кун ба гапам. Ҳоло ки фурсат ҳаст, биё, бигурезем.

– Не, ман ба ҷое намеравам!

Қарори духтар қатъӣ буд ва Доробшо донист, ки суханаш суде надорад.

– Агар қарорат чунин бошад, ман туро посбонӣ мекунам.

Духтар изҳори норизоият карданӣ шуд, вале Доробшо ба ӯ фурсати лаб кушодан надода, қатъӣ гуфт:

– Хоҳӣ-нахоҳӣ, пойи навкареро, ки ба ин хона қадам мениҳад, мешиканам!

Бори аввал дар ҳаждаҳ соли зиндагии худ аз сухани мард дили Беҷода такон хӯрд. Ӯ ба чашмони мешии пурнури ҷавон нигарист. Вуҷудаш лабрези меҳр гашт. Дида ба замин дӯхту гуфт:

– Ихтиёр дорӣ.

Ва хиромон тобе хӯрда, ба хона даромаду беовоз домани гиряро сар дод.

Дар як хона бо духтари барояш номаҳрам зиндагӣ кардан аз рӯйи одоб набуд. Бинобар ин, Дороб дар кунҷи боғ аз санг чайлаҳаке сохт. Онро бо каҳгил андова намуд. Ба фаршаш пӯстакҳо густурда, ба зимистон, ки нафаси сардаш пас аз ғуруби офтоб эҳсос мегашт, омода шуд.

Рӯзона кори хона мекард, ба духтар ёрӣ мерасонд, бегоҳ гову молро ба оғил даровbooда, фориғ мешуд ва хӯроки пухтаи Беҷодаро тановул карда, хоб мерафт.

Доробшо аслан баҳррӯшонӣ буд. Падараш дар ҷанги дарвозиҳо шаҳид шуда буд. Ягона хоҳарашро афсаре ба асорат бурд. Ӯ ва модарашро сарбозон то охирин рамақи ҷон қамчинкорӣ карда рафтанд. Баъд аз сари падар зиндагиашон тоқатфарсо гашт. Доробшо маҷбур шуд, ки хонаи фақиронаашро дар Баҳррӯшон партофта, бо модараш ба деҳаи Савноби Бартанг ба хонаи тағояш равад. Соле баъд аз алами марги шавҳару фироқи духтар модараш аз ақл бегона шуд. Бародараш ӯро парасторӣ мекард, вале Доробшо дастнигари тағояш шудан нахост. Ба Рӯшон фаромада, дар ҳар даре хизмате карда, рӯз мегузаронд. Аз қазо ду сол пеш бо Камонгир дучор омад ва рафтуомад ба хонаи ӯ ба дӯстӣ табдил ёфт. Як моҳ пеш, вақте ки пас аз муҳорибаи дурӯза дар Пастхуф лашкари Рӯшон шикаст хӯрду дар Вомар қалъабанд шуд, Доробшо дар Баҳррӯшон буд. Ӯ хабари шикасти рӯшониёнро шуниду дилаш барои дӯсташ Камонгир ба ташвиш афтод. Зуд ба Вомар омад ва аз Беҷодамо донист, ки Камонгир зиндаву саломат буда, мисли дигар лашкариёни Юсуфалихон ба муҳосира афтодааст.

Азбаски Доробшо ба истиқболи рӯзи шуми ҳуҷум ба хонаи дӯсташ ботинан омода буд, чун шаш нафар савори шамшердор қариби чоштгоҳ ҷониби хона омаданд, шивезни[1] дегзишро ба даст гирифта, мунтазири расидани сарбозон шуд. Яке ба ёдаш омад, ки

1. Шивезн – чӯбдасти мустаҳками ҷангии шуғнониён ба дарозии найза, ки дар нӯгаш саққои оҳанӣ дошт.

Беҷодаро огоҳ накардааст. Давида хона даромад ва ғалаёни эҳсосашро дар як кунҷи қалб фуру нишонду ҳарчи оромтар гуфт:

– Беҷодамо, навкарон омаданд!

Духтар оҳе кашида, ба лаби танӯр нишаст. Доробшо шивезнро сари китф гузошта, дар остона истод. Саворон расиданд ва ҷавонро дида, фарёд заданд:

– Ин хонаи Камонгир аст?

Дороб ҷавобе надод. Саворон аз асп фаромаданд. Марди тануманди паҳлавонсурат, ки яқинан сардорашон буд, пурсид:

– Ӯҳ, бача, ту бути амонатӣ[1] ё одам? Дар хона кӣ ҳаст?

Чун дид, ки аз ҷавон садое нест, фармон дод:

– Бигиредаш!

Се навкар бо шамшерҳои бараҳна ҳуҷум оварданд. Доробшо аз ҷо наҷунбида, бо ду зарба ду нафарро ба замин ғалтонда буд, ки сеюмаш ақиб нишаст. Сардор аз муқобилати ғайриинтизор ва оромонаи ҷавон тааҷҷуб кард ва дод зад:

– Чӣ истодаед, бизанедаш! – Ва худ ба тамошо истод.

Навкарон аз нав ба Доробшо ҳамла карданд. Вай ҳам ду қадам пеш гузошту ба ҳамлаи ҷавобӣ гузашт. Якеро аз по даровард, аммо шамшери навкари дуюм ба ронаш расиду шасташро гардонд. Савумӣ шивезнашро қапида, ба сӯйи худ кашид. Доробшо силоҳро сар доду ба навкар часпид ва ҳар ду ба замин ғелиданд. Навкарон худро ба болои Доробшо партофтанд ва пахшаш карда, зери борони мушту лагад гирифтанд, ки сардор фармон дод:

– Бандед!

Навкарон дастонашро баста, ба по рост карданд. Лабаш кафида, аз рони росташ хун мечакид. Ду навкаре, ки аввалин зарбаҳои Доробшоро хӯрда буданд, беҳуш мехобиданд.

1. Бути амонат (ибораи рехта) – киноя аз одаме, ки ба пурсиш посух намедиҳад.

Сардор ба назди Доробшо омада, даме ба рӯяш нигоҳ кард ва пурсид:

– Аз навкарони Манзаршоӣ?

Доробшо хуни лабонашро туф карда, бо нафрат рақибашро аз назар гузаронд ва боз хомӯширо авло донист. Сардорро хомӯшии ҷавон ба хашм овард. Ӯ бо дастаи қамчин чунон зарбае ба синааш зад, ки поҳояш суст шуданду ба зону афтид.

Ин ҳангом садои духтар аз даҳлез баланд шуд:

– Илтимос, накушед!

Сардор ба даҳлез даромад ва аз дасти Беҷодамо кашида, ба рӯи ҳавлӣ баровард ва пурсид:

– Ту кистӣ?

– Соҳиби хона.

– Ту хоҳари Камонгирӣ?

– Ҳа.

– Ин паланг кист? – бо қамчин Доробшоро нишон дода, пурсид сардор.

Духтар даме сукут кард ва гуфт:

– Писари холаам – Доробшо.

– Ӯ чӣ кор мекунад дар ин хона?

– Маро тарсбонӣ[1] мекунад.

Сардор ба сари навкарони аз по дарафтода рафта, онҳоро бо мадади ҳамсилоҳонашон ба таги дарахти себ бурд ва ба духтар амр дод:

– Ба сарашон яксатилӣ об резу захми холабачаатро банд.

Духтар ҳамчунин кард. То бастани пойи Доробшо мадҳушон ба ҷунбиш даромаданд. Сардори даста фармон дод, ки онҳоро ба аспҳояшон савор кунанд.

– Чанд молу гов дорӣ? – пурсид ӯ аз Беҷодамо.

1. Тарсбон – хешованд ё шахси наздике, ки занон ва кӯдакони танҳоро дар хонаашон ҳамроҳӣ мекунад.

– Як гов бо гӯсолааш, даҳ бузу гӯсфанд.

– Молу говашро ба қалъа мебарем, – ва андак таваққуф карду гуфт, – худашро ҳам.

Навкарон ба оғил давиданд. Якеашон пурсид:

– Хонаро чаппа кунем?

– Не, раҳ дур, чӯбашро бурдан душвор, бигзор истад, – ва ба Беҷода рӯ овард: – Чизҳои заруриатро бигир, туву холабачаатро ба дарбор мебарем.

Доробшо аз шунидани ин гап ба ҷунбиш даромада, наъраe зад. Сардор ба ӯ хитоб кард:

– Дандон гиз накун, муштзӯр. Худо гӯ, ки саратро аз тан ҷудо накардам.

Беҷодамо бухчае дар даст аз хона баромад, дарро лук[1] заду ашкрезон гову молашро ҳай карда, пеш-пеши саворон ба роҳ даромад. Доробшо бо дастони баставу каманди ба миёнаш маҳкам лангон-лангон аз паси аспи сардор ҳаракат кард.

Барои Доробшо ва духтари дӯстдоштааш Беҷодамо талхтарин рӯзҳои зиндагӣ сар шуданд. Беҷодаморо бо гову молаш рост ба «дарбор»-и Муҳаббатхон burданд, ки дар ҳавлии ободи оқсақоли ҳоло қалъабандони Вомар воқеъ буд. Доробшоро дар сарои пушти ҳавлӣ ҳабс карданд, духтарро рост ба хонаи Муҳаббатхон даровcareданд. Муҳаббатхон марде буд қоматбаланд, кулӯтариш, серҳаракат, чашмонаш моил ба тангӣ, биниаш сергӯшти андаке пучуқ, ишкамаш дамида. Абрувони сермӯйи ғафсаш аз он шаҳодат медоданд, ки аз мардуми маҳаллӣ нест. Дар танаш камзӯли хокистарие дошт, ки гиребону остинҳояш зардӯзӣ буданд. Ба ҷуз шоҳ боз се марди дигар дар қӯшхона нишаста буданд. Муҳаббатхон духтари чашмонаш аз гиря сурхидаву рӯяш варамро бо нигоҳҳои бадхашмонаи тунд дақиқае муоина кард ва пурсид:

– Дар қалъа кӣ дорад?

1. Лук – қуфли чӯбӣ

– Бародараш навкар аст, шоҳам, – ҷавоб дод сардори даста.

– Чандсола аст?

– Ҳаждаҳ, шоҳам.

– Кӣ дорад?

– Ятим аст, як холабача дорад, ки ба бандихона фиристодам.

– Ба бандихонаи занон баред, – амр дод шоҳ.

Сардор аз остини духтар гирифта, аз ҳавлӣ бароварду пас аз гузаштани се хона ба ҳавлии калоне овард, ки мардум онро «боҷхона» мегуфтанд. Ба тақ-тақи дар зане баромад. Сардор Беҷодаморо беозор ба ҷонибаш тела доду гуфт:

– То амри шоҳ нигоҳ дор, валъамат.

Зан духтарро зуд ба хона даровард ва ба сардор гуфт:

– Тасаддуқ, албатта, до Додихудо.

Боҷхона аз дигар иморатҳои деҳа бо он фарқ мекард, ки ҳавлии калоне бо ду дарвоза дошт. Он майдони бузургеро ишғол мекард ва танҳо одамони боэътимоди ҳокими Рӯшон ба он иҷозаи вуруд доштанд. Беҷодамо танҳо ҳаминро медонист, ки хироҷи аз мардум ҷамъовардаро ба ин ҷо оварда месупурданд.

Зан номи Беҷодамо ва аслу насабашро пурсиду дигар ҳарфе назад. Қуфли оҳании дареро кушода, ӯро даруни хоначаи торике тела доду дарро қуфл кард. Беҷодамо дар ин ҳуҷраи нимторик ҳамроҳи нуҳ зан, ки аз бист сол зиёд надоштанд, андаке бештар аз ҳафт моҳ нишаст. Ба бандиҳо дар як шабонарӯз як хӯроки атоламонанди бемазза медоданду ба андозаи гӯши одам нони арзании дандоншикан. Дар маҳбас Беҷодамо фаҳмид, ки шумори занону духтарони бандӣ дар боҷхона аз саду панҷоҳ нафар зиёд буда, ҳамаашонро рӯзи сиёҳ интизор аст.

## ДАР ОҒИЛИ БАНДАЙШО

Додихудо Доробшоро хеле бозпурсӣ кард. Чун мутмаин гашт, ки ҷавон дар ҳақиқат ҳам аз умури дарбору дарбориёни Юсуфалихон дур аст ва муқобилаташ танҳо ба хотири дифоъ аз номуси духтари холааш будааст, амр дод, ки ӯро дар оғили Бандайшо бандӣ кунанд. Пеш аз фиристоданаш ба маҳбас ба китфаш тап-тап заду гуфт:

– Боракаллоҳ, бачаи диловар ва паҳлавон будай. Ҳамин хел бош.

Доробшо аз ин меҳрубонии ногаҳонӣ каме рӯҳбаланд гашт ва то расидан ба маҳбас раҳораҳ ба худ андешид, ки чаро ду нафар навкари ин мардро майиб карда бошад ҳам, ба ҷойи ҳақорат ба ӯ офарин хонд.

Бандайшо яке аз кордорони[1] дарбор будааст, ки худ дар қалъабандон мондаву зану фарзандонашро бо амри Муҳаббатхон ҳабс карда, оғилашро барои шахсони шубҳанок ба зиндон табдил додаанд. Дар чаҳор хоначаи ин оғили танги бадбӯй бисту се нафар бандӣ дар болои пахол хуфтухез мекарданд. Дар бому дараш якнафарӣ навкари камону шамшердор посбон меистоданд. Навкарон Доробшоро дарун тела дода, дарро бастанд. Ӯ то одат кардани чашмонаш ба торикӣ дар кунҷе истод. Бандиҳо баъзе болои охур, иддае болои фарш нишаста, қисме суҳбат мекарданд, нафароне хобидаву чанде танҳоиро авло донистa, ғарқи фикру хаёлоти худ буданд. Вай дилу бедилон хоначаҳоро як-як аз назар гузаронд ва ба пурсишҳо посухе надода, билохира дар паҳлуи марди солхӯрдае нишаст. Мард калонсол тобад ҳам, на дар сар тори сафеде дошт, на дар риш.

– Заданд? – пурсид мард ба рони Доробшо ишора карда.

– Бале, – кӯтоҳ ҷавоб дод Доробшо ва акнун дарёфт, ки пояш месӯзад.

---

1. Кордор - мансабдор

Мард почаи шалворро боло кард ва ҷойи захмхӯрдаро бодиққат аз назар гузаронд. Беҷодамо захмро баста бошад ҳам, хунаш ҳанӯз мезаҳид.

– Ҷӯра, ин хел намешавад, ҷароҳатат омос мегирад ва дур нест, ки бепой бимонӣ.

– Чӣ кунам?

– Тоқат кун.

Мард аз намадаке, ки дар болояш менишаст, порае канд, чахмох бароварду дар хаспораҳо оташ афрӯхт ва пораи намадро сӯзонда, ба ҷароҳат пахш кард. Доробшо лабҳояшро ба дандон газида, сӯзиши дардро фуру бурд. Мард бо дастор ҷароҳатро хеле моҳирона басту сипас ба таги равзан рафта, фарёд зад:

– Сафедак, ҳо Сафедак!

Посбон сари равзан омада, пурсид:

– Чӣ гап дорӣ, до Шодаврон?

– Бигӯ ба ман тутпису шилми камол биёранд.

– Чӣ мекунӣ?

– Бисёр лозим аст, фаҳмидӣ?

– Дар ивазаш чӣ медиҳӣ?

– Лали гову саргини хар, аблаҳ.

Сафедак баланд хандид ва гуфт:

– Медонам, аз ту ҳамин қадар чиз мебарояд, мӯсафед. Шаб ягон суруди ошиқона бихон, ман – розӣ.

– Бошад, мехонам, лекин ту фаромӯш накун, ошиқи бетавфиқ.

Шодаврон назди Доробшо омад ва гуфт:

– Бачам, агар андомат беқувватӣ кунад, захмат дер шифо меёбад. Барои ҳамин бояд тутпис бихӯрӣ.

– Сипос, падар, барои ғамхориат, лекин аз шилми камол дилам беҳузур мешавад.

– Бачам, шилмро намехӯрӣ, онро ба захмат мемолам, ки варамашро бигардонад. Акнун, коре карда, хоб рав.

Доробшо ҳарчанд кӯшид, мижа таҳ карда натавонист. Ҳарчанд ба чизҳои дигар андешиданӣ мешуд, хаёлаш аз ҳама ҷониб ба сӯйи Беҷодамои зебову раъно мебурд. Меандешид, ки вайро ба куҷо бурда бошанд. Худо накарда, доманашро ҳаром созанд, барои Доробшо зиндагӣ дигар маъное дошта наметавонад. Агар сардори навкарон намебуд, Доробшо сарбозонро ё мекушт, ё зада маслуқ мекарду дилдорашро гирифта мегурехт. Вале, афсӯс, Додихудо аз ӯ бақувваттар баромад. Афсӯс... Сад дареғ, ки Беҷодамои азизашро ҳифз карда натавонист. Аз ғояти хорӣ муштонашро гireҳ басту чунон дандонҳояшро ба ҳам совид, ки ғиҷиррос заданд. Ва фарёди гиреҳхӯрдааш ба нимовоз аз қафаси сина берун ҷаҳид:

– Ман ин шуғниҳоро мекушам!!

Шодаврон нидои ҷавонро шуниду ба сӯяш хам шуда, бо меҳрубонӣ пурсид:

– Киро куштаний, писарам?

Даробшо барои аз даст рафтани инони ихтиёраш хиҷолат кашид ва нимшунаво гуфт:

– Ҳеҷ касро. Дигар фурсат аз даст рафт.

– Дар бораи куштани посбонҳо фикр ҳам накун, бачам. Инҳо ҷавонони бад нестанд. Гапи моро мегиранд, ёрӣ медиҳанд. Баракс, дилашонро ба даст ор. Ғайр аз ин, агар ягон нафарашонро озор диҳӣ, калонтарҳо рӯзатро аз ин бадтар мекунанд.

Ин гапи Шодаврон, ба ҷойи таскин бахшидан, аламҳои дили Доробшоро тоза кард. Ӯ эътироз намуд:

– Падар, охир ин шуғнониҳо чӣ ҳақ доранд, ки омада, дар мулки мо бедодӣ кунанд? Мардумамонро бехонаву дар, боғу роғамонро талаву тороҷ намуданд, ба модару хоҳаронамон ҳар гуна шайтанатро раво мебинанд. Намемонанд, ки дар ватанамон гаштугузор кунем!

Суханҳои нафратомези Доробшоро шунида, бандиён якяк ба назди ӯ ва Шодаврон омадан гирифтанд. Ҷавон мегуфту

онҳо хомӯш ба гапаш гӯш дода, ҳар як ҳарфи таболудашро тасдиқ намуда, сар меҷунбонданд. Доробшо гапи дили онҳоро мегуфт.

– То ба кай дар оғилҳои торик нишаста, мунтазир мешавем, ки ин тоифа ба мо боз чӣ ҷабре раво мебинанд? Магар мо ҳайвонем? Агар ҳамаи мо яку якбора ба шуғниҳо ҳуҷум кунем, бовар кунед, ягон нафарашон аз Рӯшон ҷон ба саломат намебарад.

Дороб гуфту гуфту гуфт, он чи дар дил дошт, бо овози баланд ба забон овард, сӯзи дарунашро паст кард ва охир хомӯш шуд. Бандиён гапҳои ҷавони ношиносро дар тарозуи ақлашон баркашида, ҳар яке даҳани дигареро мепоид, ки ӯ ба ин андешаҳои аҷибу ғариб чи баҳо медода бошад.

Хомӯширо Шодаврон, ки аз ҳама солмандтар буд, шикаст.

– Писарам, номат чист, аз кадом деҳӣ?

– Аслан аз деҳаи Баҳррӯшонам. Номам Доробшо, падарам Гардоншо дар ҷанг шаҳид гашту хоҳарамро дарвозиҳо ба канизӣ бурданд. Ман ятими саргашта шудам.

– Сабаби бандӣ шуданат чист?

– Шуғниҳо ба хонаи духтари холаам ҳуҷум оварданд, ман ӯро ҳимоя кардам, – кӯтоҳ ҷавоб дод Доробшо ва аз тафсири қисса худдорӣ намуд.

– Падаратро мешинохтам, худораҳматӣ човандози моҳир буд. Шаҳид шуданашро ҳам медонам. Лекин ба шаҳид гаштани падарат дарвозиҳову ба бандӣ шудани худат шуғнониҳо айбдор нестанд. Ман дар тамоми ин мулкҳо будам ва медонам, ки халқи фақир дар ин ҷангу бедодҳо даст надорад. Ҷангандоз шоҳону амалдоронанд. – Ва қадре овозашро паст карда, суханашро давом дод. – Ҳоло шумо ҳамаатон хаёл мекунед, ки Шуғнон бо Рӯшон ҷанг дорад. Не, ин фикр тамоман ғалат аст. Шоҳи Шуғнон Муҳаббатхон мехоҳад ҳокимияти Рӯшонро аз дасти бародараш Юсуфалихон кашида гирад, вассалом. Ҷанг байни ин ду бародар меравад, на байни халқ.

Ин гап барои ҳозирон чунон ногаҳонӣ ва аҷиб буд, ки гӯё шуълаи барқе боми оғилро шикофта, дили ҳар як бандиро равшан карда бошад.

– До, лекин гапи нодуруст задӣ, – мулоим эътироз кард як бандии чиҳил-чиҳилу дусола, ки доим дар даст тасбеҳ дошт ва зери лаб ҳама вақт зикр мекард. – На шуғниҳо гунаҳкоранд, на Муҳаббатхону Юсуфалихон. Ҳама чиз дар дасти Худованд аст ва бо ризоияти ӯст. Тақдирамон ҳамин будааст, ношукрӣ накунед.

Ин тарзи муҳокимаронӣ ба нишастагон магар бештар писанд омад, ки «ҳа, бале», «гапи мулло дуруст» гӯён, сухани ӯро тасдиқ намуданд. Шодаврон дид, ки шунавандагон мулло Мусаввиршоро тарафгирӣ карданд, каме ранҷид ва ба ҳимояи худ бархост.

– Гапи Мусаввиршо, албатта, дуруст аст, аммо Худои таоло ба бандагонаш танҳо некӣ ва меҳрубонӣ раво мебинад. Бадиву ҷаҳлу зулм кори шайтон аст, лиҳозо, бандагон набояд мутеи кирдори шайтони раҷим гарданд. Пири мо Носири Хусрав мефармояд, ки:

***Зи нодону зи ноҷинсу зи нокас***
***Ба шаб бигрезу мангар ҳеҷ бар пас.***

Шумо медонед, ки аз дасти ман ба ғайр аз суруд хондану хуш кардани вақти мардум кори дигаре намебарояд. Дар шаст соли зиндагиам ба касе бадӣ накардаам. Шуғнон, Вахон, Зебок, Ишкошим, Бадахшон ва Дарвозро деҳа ба деҳа гаштаам. Бо ҳамин ғижакам сури тамоми тоифаи мардумро обод кардаам. Дар ягон мулк аз халқ бадие надидам. Лекин шоҳҳо ба ман чӣ карданд? Дар сури шоҳ Абдураҳимхон се рӯз хизмат кардам, медонед, подошам чӣ шуд? Занамро аз ман ҷудо карда, ба никоҳи худ даровард. Он вақт бисту як сол доштам. Бо занам ҳамагӣ ду моҳ хона-

дорӣ карда будам. Чашми шоҳи ноинсоф дар боғ ба он соҳибҷамол афтид, имонашро шикаст ва маро бехонумон кард. Ҳоло ҳам ҷурмам ин аст, ки дар базмҳои Юсуфалихон суруд мехондам. Магар барои хондани суруд одамро ба зиндон меандозанд?

Ба ин суханони Шодаврон касе чизе нагуфт. Гапаш ҳақ буд, вале зиндон ҷойе набуд, ки дар ҳақи шоҳу ҳокимон бадгӯйӣ кунанд. Девор муш дошту муш – гӯш.

Шодаврон аз даруни ҷилди пӯстин ғижакашро баровард, гӯшакҳояшро тоб дода, торҳояшро ҷӯр кард ва ин суруд хонд:

***Эй кавги хушхиром, ба дунё хуш омадӣ,***
***Бо нозу ишвае ту ба ин ҷо хуш омадӣ...***

Овози ӯ бағоят ширадору гуворо буд. Доробшо ончунон мафтуни замзамаи латифи мӯсафед гашт, ки дарди поро ҳам аз ёд баровард. Бо тараннуми ҳар мисраъ дар дилаш ба ёди Беҷодамои зебо оташаке мавҷ мезад, ҳасрат, умед, меҳрубонӣ, дилсардӣ, садоқат лаҳза-лаҳза дар кунҷу канори замираш ҷой иваз мекарданд. Ҳофиз панҷҳарфаро[1] ба охир овард ва ба ғазал гузашт:

***Дил меравад зи дастам, соҳибдилон, Худоро!***
***Дардо, ки рози пинҳон хоҳад шуд ошкоро...***

Ду-се нафар ба ӯ ҳамовоз шуданд. Касе тағораи чӯбӣ гирифт ва ба ҳавои суруд доира навохт, ду нафар ба рақс бархостанд, дигарон чапак зада, базмро гармтар сохтанд. Ҳама ғаму андӯҳи маҳбаси зулмониро фаромӯш карданд. Вақте Шодаврон сурудро бо оҳанги якбайта[2] ба охир расонд, бандиён ба

1. Панҷҳарфа – мухаммас, ки дафсоз бо он сар мешавад.
2. Якбайта – қисмати охири дафсоз.

таҳсини ӯ овоз баланд карданд:

– Шаҳ бош!

– Боракаллоҳ!

– Забон булбул!

– Гӯё бош!

Ҳангоме ки ҳама сокит шуданд, посбон дарро кушод ва фарёд кард:

– Шодаврон, чизе, ки фармудӣ, оварданд.

Мӯйсафед аз дасти посбон тугунчае гирифта, изҳори миннатдорӣ кард ва нишасту онро кушод. Дар он ба ғайр аз шилми камолу тутпис дар халтае гандумшӯрак низ ниҳода буданд. Вай хӯрданиро ба ҳамроҳонаш баробар тақсим намуда, тутпису шилмро ба Доробшо доду гуфт:

– Тутпис моли туст, бо касе тақсим накун. Шилмро аз пагоҳ сар карда, ҳар рӯз худам ба ҷароҳатат мемолам.

Ҳамин тавр, Доробшо дар ин оғилзиндон ҳамроҳи Шодаврону бандиҳои дигар се моҳи умри ҷавонашро зоеъ сохт. Чандин бор нийят кард, ки бигрезад, вале Шодаврон садди роҳаш мегашт. Аммо андешаи озодӣ ягон дақиқа аз сараш дур намешуд. Пайваста ба ин саволҳо посух меҷуст: «Чаро рӯшониён дар баробари золимон оҷизанд? Барои чӣ мардуми одӣ ин қадар бадбахт аст?». Баъзан аз шиддати хаёлот ва ҷавоб наёфтан сараш ба дард меомад. Танҳо сурудҳои зиндагидӯстона ва ошиқонаи Шодаврони солхӯрда гоҳе ғами дилашро мезududанд ва насиҳатҳои ӯ саманди саркаши хулқу атворашро лаҷом мезаданд. Ӯ ин марди содадилу меҳрубонро чун падар сахт дӯст дошт, баъзан ҳатто вақте эҳтироси ботинӣ вуҷудашро ба ғалаён меовард, сар дар бағалаш мениҳоду ором мегирифт.

Зиндониён ҳисоби шабу рӯзро гум карда буданд, зеро боре ҳам иҷозаашон намедоданд, ки берун бароянд ва дақиқае ҳа-

вои тоза нафас бикашанд. Аммо рӯзе мардеро ба маҳбас оварданду сарнавишти Доробшо тағйир ёфт.

## ФИРОР АЗ ЗИНДОН

Ин мард Хайримаҳмад ном дошт. Падараш аз Вамд буд, модараш аз Сохчарви Шуғнон. Аҷдод ба аҷдодаш шикорчӣ гузашта буданд. Каме боғу замин ҳам доштанд ва рӯзгорашон бад намегузашт. Падараш Бозмаҳмадро чун инсони худотарс, тақводор ва саховатманд дар тамоми водӣ мешинохтанд. Чаҳор фасли сол моҳе ду-се маротиба ҳамроҳи писаронаш Хайримаҳмад ва Шакармаҳмад ба шикори нахчир мебаромад. Ҳам ба онҳо касбашро ёд медод, ҳам шикор карда, оилаашро бо гӯшти хушлаззат таъмин менамуд. Ва на фақат оилаашро. Вақте бузро пӯст меканд, ҳар як андомашро ба номи як ҳамсояаш хеле назиф мебурид ва дарзамон ба дасти бачаҳояш медод, ки ба хонаи фалонӣ бирасонад. Пеш аз шурӯи пӯсткании ба занаш амр медод, ки дар танӯр оташ афрӯзад. Баробари кашидани пӯст шушу ҷигар ва дилу гурдаи ҷонварро ба дег меандохт. То ба охир расидани андомҷудокунӣ кабоби хушбӯю болаззат омода мешуд ва аҳли хонавода гирди дасторхон ҷамъ омада, онро нӯши ҷон мекарданд.

Бозмаҳмад марди китобхон буд ва ба фарзандонаш – ду писару се духтар шахсан худаш савод меомӯхт. Гоҳе модари бачаҳо эътироз мекард, ки вақти духтаронро бо таълими хату алифбо беҳуда нагирад, аздусар кори онҳо хонадориву бачапойӣ хоҳад буд, на муллоиву охонӣ. Вале Бозмаҳмад мегуфт, ки зану мард бояд аз илму дониш баробар баҳраманд бошанд, чун инсон аз ҳайвон бо донишу тоат фарқ мекунад. Худ пайваста намоз мехонду зану фарзандонашро ҳам намозхон карда буд. Шомгоҳони зимистону тирамоҳ дар гирди танӯр ва баҳору тобистон болои суфа менишастанд ва падар дар хусу-

си дину диёнат ва одобу ахлоқ қиссаву ривоятҳо мегуфт ё китобе мехонду онҳо гӯш мекарданд. Махсусан, вақте дар бораи Мавлои замон гап мезад, аз даҳонаш асал мерехт. Мегуфт, ки Мавло дар рӯи замин мартабаи худоӣ дорад ва шофеи рӯзи қиёмати тамоми мусулмонон ӯст. Ӯ нигаҳдорандаи замину осмон ва мушкилкушои бандагони хокист. Тамоми исмоилиён ба номи ӯ намоз мехонанд ва фармонҳои муборакаш дастури зиндагонии онҳоянд.

Хайримаҳмад таҳти таъсири мавъизаҳои падар ба Мавлои замон сахт дилбаста гардид, ба сараш ҳавои дидори ӯ афтод, ҳатто гоҳу ногоҳ ин шахси бузург ба хобаш медаромад. Ӯ хобашро ба касе, ҳатто ба падари меҳрубонаш нақл намекард, метарсид, ки кӯтоҳие аз ӯ сар бизанад ва Мавло ӯро аз неъмати дидори худ бенасиб бигардонад.

Солҳо гузаштанд, падару модараш пир шуданд, хоҳаронаш шавҳар карданд, ӯву додараш зан гирифтанд ва мувофиқи расму русум, падараш ба ӯ хонаи алоҳида сохту Шакармаҳмад дар хонаи падарӣ монд. Падар дар рӯзи хонадароён ба Хайримаҳмад як камони наппа-нав ҳадя кард.

– Писарам, ин камонро ман ба ивази аспи туруқ аз як дӯсти қалъаихумбиам барои ту гирифта будам. Агар хоҳӣ, аз касбат баракат ёбӣ, ҳафтае аз як сар бештар шикор накун. Гӯшти сайдатро аввал бо беваву бечора, баъд бо бародар ва ҳақу ҳамсояҳои наздикат қисмат намо. Сад нахчирро ки шикор кардӣ, камонатро шикаста, гӯраш кун ва ба номи Мавлои замон ба мардум худоӣ деҳ. Фақат баъд аз ин бо камони нав ба шикор баро. Китоби «Сайднома»-ро ба бародарат медиҳам. Агар дар корат гиреҳе афтад, онро мутолиа бикун.

Ҳамин тавр, Хайримаҳмад дуои падарро гирифт ва шикорчии касбӣ шуд. Ба дунёву шуъбадаҳои он коре надошт, тамоми фикру зикраш ба тарбияи фарзандон банд буд. Дар ҷангҳое, ки гоҳ-гоҳ рух медоданд, на дӯст дари онҳоро кӯфта буду на

душман. Обрӯву нуфузи падараш на фақат хонаводаи ӯ, балки тамоми сокинони деҳаро аз ҳуҷуму ғорат масун медошт.

Аммо балое, ки ба сари ӯ омад, чунон ки мегӯянд, рост аз таги по бархост. Он рӯз субҳи солеҳон камон сари китф аз хона баромада, ба азми шикор роҳи кӯҳро пеш гирифт. Ба даҳанаи дара наздик расид, ки банохост аз хамгашти роҳ панҷ аспсавори ношинос пайдо шуда, роҳашро гирифтанд. Ду нафарашон камонҳои худро ба сӯяш рост карда, пурсиданд:

– Кистӣ ва бо камон ба куҷо равонаӣ?

– Ман бунаи ҳамин деҳаам, номам Хайримаҳмад, шикорчиам ва азми шикор дорам.

Онҳо ба гапи ӯ бовар накарданд, камонашро гирифтанд ва дастонашро ба пушт баста, то бегоҳи рӯз ба маркази Рӯшон оварданд. Дар роҳ фаҳмид, ки онҳо навкарони шоҳи Шуғнон будаанд, ки барои посбонии роҳи Дарвоз муваккал шудаанд. Ӯро ба назди афсари қирғизмонанде даровper, ки ба шуғнонии шикаста ҳарф мезад ва Хайримаҳмад аз салобату гапзаниаш фаҳмид, ки яке аз сардорони лашкар аст. Афсар пас аз бозпурсии кӯтоҳ амр дод, ки камонашро гиранду ҳабсаш кунанд.

Ҳамин тавр, тақдир Хайримаҳмаду Доробшоро дар оғили бадбӯйи Бандайшои вомарӣ ба ҳам овард. Хайримаҳмад ҷавонмарди сӣ-сивудусолаи тануманд ва қадбаланд буд. Азбаски сараш ба шифти оғил мерасид, хам шуда ҳаракат мекард ва вақте менишаст, тоқиашро аз гарду чанг ва тори анкабут тоза менамуд. Пайкари бузургу қавии ӯ аз саломатӣ, дилпурӣ ва мардонагиву паҳлавонӣ ончунон саршор буд, ки дарзамон ба қалби атрофиён таъсираш мерасид. Ӯ бо худ габале[1] аз пӯсти хирс ва миқдоре нон, мева ва гӯшти яхнӣ дошт. Баробари нишастан габалро ба тагаш андохта, ҷойи нишасти гарм муҳайё намуд. Баъд дасторхон кушода, ҳамаро ба «зиёфат»

1. Габал – пӯстини калон

хонд ва хӯрокашро ба онҳо тақсим кард. Доробшо аз Хайримаҳмад фаҳмид, ки фасли зимистон гузаштаву лашкари Шуғнон ҳамоно қалъаи Вомарро фатҳ накардааст. Сипоҳиён дар Вомару деҳаҳои атроф ба бедодиву айшу ишрат машғуланд. Мардуми фақир хонаҳояшонро монда, ба деҳаҳои дурдасти Рӯшон ва Бартанг фирор кардаанд.

Хайримаҳмад бо бандиён зуд унс гирифт ва азбаски саводнок буд, ба онҳо аз китобҳои хондааш, бахусус «Шоҳнома», «Амир Ҳамза» ва «Чор дарвеш» қиссаву ривоятҳои аҷибу ғариб нақл мекард.

Ҳафтае гузашта буд, ки як субҳ Хайримаҳмад ба гӯши Доробшо гуфт:

– Дороб, шаб хоби аҷибе дидам. Марди сабзпӯше ба наздам омад ва дасташро дароз карду гуфт: «Эй Хайримаҳмад, ту магар говӣ, ки кунҷи оғил интихоб кардаӣ. Аз дасти ман бигиру бигрез». Овозаш он қадар равшан буд, ки дар ҳар ду гӯшам ҷарангас зад. Дигар хобам набурд. Биё, ҳамин шаб бигурезем.

Дороб, ки аз рӯзи аввали маҳбусӣ мунтазири ҳамин ишора буд, аз ғояти хурсандӣ гардани дӯсташро оғӯш гирифт ва гуфт:

– Чи хоби хайре! Мегурезем. Лекин чӣ тавр?

– Аз равзан, – пичиррос зад Хайримаҳмад.

Дӯстон аз нийяташон ҳатто Шодаврони хирадмандро огоҳ накарданд. Метарсиданд, ки мӯйсафед садди роҳашон мегардад.

Вақте посе аз шаб гузашту ҳамаро хоби гарон ба оғӯш гирифт, Хайримаҳмад Доробшоро чорғов шинонда, ба пушташ баромад ва сарашро аз равзан берун баровард. Посбон дар хоби маст буд. Доробшо ӯро бардошт. Вақте ними бадани Хайримаҳмад аз равзан берун шуд, бо дастонаш ба канораҳои равзан такя карда, бо ёрии Доробшо ба бом баромад. Дарҳол дасту по ва даҳони посбонро басту даст дароз карда, Доробшоро ҳам берун кашид. Сипас камони посбонро гирифтанд ва

бо нардбон ба рӯи ҳавлӣ фаромада, ба ҷониби Вамд ҳаракат карданд.

Пойҳои Доробшо, ки бештар аз се моҳ роҳ нагашта буд, пас аз баромадан аз деҳаи Вомар бемаҷол шуданду ӯ ба замин нишаст. Хайримаҳмад ӯро ба пушт гирифт ва роҳашро давом дод.

– Ба Баҳрзуд ки расидем, ман илоҷи корро меёбам. Аз як дӯсти падарам асп мегирам. Бояд шабошаб ба Вамд расем ва субҳ надамида, ба он тарафи дарё гузарем, то касе моро набинад. Аммо ба ин ҳоле ки дорем, ба даст меафтем, – гуфт Хайримаҳмад ва қадамашро тез кард.

Дӯсти ҷонии падари Хайримаҳмад дар Баҳрзуд Қубод буд. Ӯ чун донист, ки писари дӯсташ ба чи ҳол афтодааст, дарҳол аз ахтахона аспе баровард, зину лаҷом кард ва ба гурезагон дод. Доробшову Хайримаҳмад бо Қубод хайрухуш карда, ба асп нишастанд ва бошитоб рафтанд. Раҳораҳ Доробшо норозигии дар дилаш ҷамъомадаро ба Хайримаҳмад баён кард:

– Бародар, ба ман мебуд, посбонҳоро мекуштаму бандиёнро раҳо мекардам. Одами бисёр раҳмдил будаӣ.

Хайримаҳмад ҷавоб дод:

– Андувол, агар чунин мекардем, ғалоғула мешуд. Ҳам ҷони худро ба хатар мегузоштем, ҳам ҷони дигаронро. Шояд мо ҷон ба саломат мебурдем, лекин онҳо чунон заиф гаштаанд, ки пояшонро кашола карда наметавонанд. Гир меомаданд ва ҳамаашонро аз дами теғ мегузаронданд. Посбон ҳам ба мисли ману худат фарзанди кадом як фақир аст, ки маҷбур ба навкарӣ гирифтаанд. Ӯ ягон гуноҳ надорад.

– Шуғниҳо гунаҳкор набошанд, навкарон гунаҳкор набошанд, пас мо гунаҳкорем, ки намемонанд дар ватанамон осуда нафас бикашем?

– Мағзи гапро гуфтӣ, Дороб, – гунаҳкор моем, мо – рӯшониҳову шуғнониҳо. Мепурсӣ, ки чаро? Барои он ки дар ватана-



мон бояд мо худамон ҳукмрон бошем, на бегонаҳо.

Ин гап барои Дorобшо ба дараҷае нав буд, ки аз ҳайрат ба пушти ҳамроҳаш тап-тап зада, пурсид:

– Магар Юсуфалихону бародараш шуғнонӣ нестанд?

– Не, бародар, турканд онҳо. Аз Қатаған лашкар оварда, мардуми моро кушта, тахту тоҷи аҷдодамонро соҳиб шудаанд.

– Охир, Юсуфалихону Муҳаббатхон ҳар ду ба шуғнонӣ гап мезананд. Турк бошанд, бояд порсӣ гап зананд, на шуғнӣ, – ба гапи Хайримаҳмад бо шубҳа эътироз кард Доробшо.

– Албатта, шуғнӣ гап мезананд, чунки табаашон шуғнизабонанд ва бибикалонашон ҳам зани шуғноние буд. Лекин ботинашон дигар аст. Инҳо аз ҳисоби халқи мо бо карру фар зиндагӣ доранд, вале моро инсон ҳам ҳисоб намекунанд.

Аз ин суханҳо мағзу дили Дорообшо якбора равшан шуд, ҳатто хаёл кард, ки ин равшанӣ шаби торикро ҳам ба рӯз табдил дод. Аз он ки тақдир ӯро бо чунин инсони хирадманд ва дурандешу бебок рӯбарӯ сохт, баҳри дилаш кушод. Акнун дарк намуд, ки озод накардани бандиён кирдори хирадмандонае буд аз ҷониби Хайримаҳмад. Дорообшо ҳеҷ тасаввур карда наметавонист, ки агар одам чанд муддат раҳ нагардад, пойҳояш бемаҷол мешудаанд. Охир, як чақрим нарафта, аз пой афтод. Агар бандиёнро озод мекарданд, шояд ягон нафарашон аз Вомар фаротар қадам гузошта наметавонист.

Пас аз соате ба Вамд расиданд. Хайримаҳмад рост ба хонаи бародараш рафт. Аспро ба дарахте баста, ба хона даромаданд. Аҳли хонавода бедор шуданду онҳоро гарм истиқбол намуданд.

– Бачам, хайрият зиндаву саломат будаӣ, – ашки чашмашро поккунон гуфт Бозмаҳмад, – хаёл кардем, ки дар кӯҳ ҷар шудӣ. Чанд рӯз боз аҳли деҳа туро мековад.

Хайримаҳмад қиссаи бандӣ шуданашро кӯтоҳ шарҳ дод ва афзуд:

– Падарҷон, дигар фурсати нишастан нест. Бояд то равшан шудани рӯз ба он соҳил гузарем. Аз Қубодшои ошноят асп гирифтам, онро коре карда, номаълум ба ӯ баргардонед. Барои он ки халқ нафаҳмад, то омадани навкарон аз Вомар ҷустуҷӯятонро давом диҳед.

Муйсафед амр дод, ки барояшон зуд тӯшаи сафар омода кунанд. Хайримаҳмад барои видоъ ба хонааш рафт. Ӯ ҳамсарашро бедор намуд ва барои он ки бачаҳояш нороҳат нашаванд, қазияро гӯшакӣ ба ӯ фаҳмонд.

– Бачаҳо омадани маро нафаҳманд, беҳтар, – гуфт ӯ. – Ман ба ҷустуҷӯйи ҳақиқат мебароям ва, иншооллоҳ, зиндаву саломат бармегардам.

Сипас фарзандони масти хобашро бӯсид ва бо ҳамсари музтарибу ғамзадааш бо ҷигари сӯхта хайрбод гуфта, аз хона баромад. Онҳо тӯшаву камонро бардошта, ба лаби дарё фаромаданд. Ду саночро дам карда, ба ҳам бастанд, сипас либосашонро кашида, бар пушт ниҳоданду худро ба об афканданд. Доробшо дар шиноварӣ таҷриба надошт, вале Хайримаҳмад гупсари худ ва ҳамроҳашро моҳирона идора карда, амвоҷи сарди дарёро бурида, пас аз даҳ-понздаҳ дақиқа ба соҳили чапи Панҷи саркашу пуртуғён гузаштанд.

## ДАР МОТАМИ ҚОЗӢ ДАВРУҚ ВА ПИСАРОНАШ

Ҷаҳонгир дар суфаи айвон нишаста, бо синҳораш суҳбат дошт. Бори чандум буд, ки бо Азизмо дар хусуси зиндагии ояндааш гап мекушод. Дилаш ба ин зан, ки дар бисту чорсолагӣ бева монд, падарвор месӯхт. Намехост, ки ҷавонии Азизмо дар хонаи ӯ хазон гардаду ӯ зомини бахташ бошад. Аммо ҳар бор, ки аз ин мавзӯъ гап мекушод, синҳораш сар пеш афканда, ангуштшиканӣ мекард ва ба насиҳатҳои ӯ як хел ҷавоб медод:

– Татҷон, ман дар ҳамин хона бахтамро ёфтам. Аз ин ҷо

фақат мурдаи маро мебароранд. Шавҳарам шаҳид шуда бошад ҳам, ту ва писараки ширинам ҳастед. Барои ман дигар чизе ва касе лозим нест. Ҳазор марди зиндаро ба мурдаи Маҳмаднасим иваз намекунам.

Ин ҳангом Мулло Хишол ҳамроҳи Мирзоазиз ба ҳавлӣ даромаданд. Азизмо ба пешвозашон бархоста, аз суҳбати барояш нохуш раҳо ёфт.

– Ман бароятон шикана[1] мебиёрам, – гуфт Азизмо пас аз салом бо Мулло Хишол ва ба ошхона рафт.

Чаҳонгир ҳам хурсандона ба пешвозашон бархост ва Мулло Хишолро ба паҳлуяш шинонд.

– Аҳволат, иншооллоҳ, хеле беҳ шудааст, – ба оҳанги дилбардорӣ забон кушод Мулло Хишол, – хеле хушҳол шудам.

– Аз дирӯз ин тараф сари ҳол омадам. – гуфт паҳлавон, – хайрият, ғубори ҳаво пасанда шуду дилам ҳам равшан гашт. Қозӣ Давруқ инсони шариф буд, бо ӯ бештар аз панҷоҳ сол дӯсту бародар будем. Худо худаш хоста, ки дар мансубааш[2] иштирок ва чароғашро зиёрат кунам. Кӣ мегуфт, ки дар сӯги фарзандонаш бо чунин хориву зорӣ ҷон медиҳад…

Пас аз сарфи таом Ҷаҳонгир савори асп ва Мирзоазизу Мулло Хишол пиёда дар рикоби ӯ ҷониби деҳаи Вуж равон шуданд. Дар роҳ одамони бисёре пиёдаву савора ба онҳо пайвастанд. Мардум ғамзадаву афсурда барои таъзия ба хонаводаҳои шаҳидон мерафтанд. Ҷо-ҷо гурӯҳи занони сиёҳу кабудпӯш дучор меомаданд, ки бар сар табақҳои дасторхонпеч, ба ғамхонаҳо сокт[3] мебурданд. Ин манзараҳои ҳузнангез Ҷаҳонгирро сахт андӯҳгин сохтанд.

– Абдураҳимхон ҳам золим буд, вале ин падарсаг аз ҳад гузаронд. Ҳоло афсӯс мехӯрам, ки тамоми неруи ҷавониамро

---

1, Шикана – хӯроке иборат аз нон, шӯрбо ва гӯшт.
2. Мансуба – маросими азо.
3. Сокт, цоҳт (шуғнонӣ) – ноне, ки ба ғамхона баранд.

беҳуда сарфи нигоҳ доштани ҳукумати инҳо кардам, – оҳи сард кашида, гуфт Ҷаҳонгир. – Вақте Абдураҳимхон дар Ёрканд фирорӣ буд, ман бо паҳлавонони худам рафта, ӯро ба Бадахшон бурдам, ки аз он ҷо ба тасхири Шуғнон биёяд. Дар роҳ сарбозони манҷурӣ ба корвонамон ҳамла карданд. Се рӯз бо онҳо ҷанг кардем. Ман сад навкар доштаму онҳо аз панҷсад зиёд. Дар рӯзи чорум маҷбурашон кардем, ки рӯ ба гурез оранд. Дувоздаҳ нафар паҳлавони шуғнӣ кушта шуд, ман аз шонаам тир хӯрдам. Мо панҷоҳу се манҷуриро куштем. Он вақт аз куҷо медонистем, ки ин Абдураҳиму фарзандонаш балои ҷони мардуми Шуғнон мешаванд? Бовар доштем, ки агар ҳоким шаванд, халқамон осуда мегардаду мулкамон обод. Вой бар мо… – Паҳлавони пир, аз шиддати ғазаб муштонашро гиреҳ баста, ба сандуқи синааш зад. Сипас хеле сукут кард ва пурсид:

– Оқсақоли Виёд чӣ ҳол дошта бошад?

– Паҳлавон, оқсақолро дирӯз шоҳ ба дарё афканда, ғарқ кард, –посух дод Мулло Хишол.

– Чӣ хел? Барои чӣ? – аз ин хабари нохуш Ҷаҳонгир чунон моту мабҳут шуд, ки ҳатто лаҷоми аспашро кашид.

– Сабабашро возеҳ намедонам, вале шогирдонам гуфтанд, ки Муҳаббатхон ӯро қамчинкорӣ карда, аз болои шахи Саройи санг ба дарё партофтааст.

– Оҳ, хонаат бисӯзад, хони модарбахато! – нидо дод Ҷаҳонгир, – Ин падарлаънат тамоми одамони баномуси моро нобуд сохт.

Мӯйсафед дигар ҳарфе назад. Саллаашро боз намуда, ба гардан овехт ва гашти аспашро тезонд.

– Охон, ин хабари шумро намегуфтӣ, беҳтар буд, – аз авзои бади бобояш мутаассир шуда, гуфт Мирзоазиз.

– Фикр кардам, ки дониста бошад, беҳтар, – ҷавоб дод Мулло Хишол, ба дурустии ин амали худ чандон бовар надошта бошад ҳам.

Деҳаи Вуж байтулҳазанро мемонд. Даҳ хонаводa мотам дошт. Чун имкон набуд, ки ҳар хонавода маросими мотамро

алоҳида гузаронад, калонтарони деҳа салоҳ донистанд, ки фотеҳахониву чароғравшанро дар назди остон[1] барпо кунанд. Мардон дар як тараф, занон дар тарафи дигари остон ба мотам нишаста буданд. Фотеҳахонҳо меомаданд, ояте қироат мекарданд, ҳамдардӣ менамуданд, занон зор-зор мегиристанд, мардон дарун-дарун месӯхтанд ва барои дигарон ҷой холӣ карда, мерафтанд. Бо дидани паҳлавони овозадор мардон аз ҷо бархостанд ва бурда, дар паҳлуи халифа шинонданд.

Халифа Шонасим бо паҳлавон дастбӯс[2] кард. Ҷаҳонгир дузону зад ва оят хонд. Халифа такбир кард, издиҳом омин гирифт.

– Ин қадар қурбонӣ…– ба оҳанги надомат дар бехи гӯши паҳлавон гуфт халифа ва ду қатра ашки ба ришаш шоридаро бо остини рағзааш пок карду афзуд: – Чӣ хатои бузурге аз мо гузашта…

– Бале, хатои бузурге кардем…– гуфт Ҷаҳонгир ва гӯё давоми гапашро фаромӯш карда бошад, чашм ба одамони навомада дӯхт.

Мулло Хишол ва Мирзоазиз ҳам дар байнашон буданд. Хизматгорон охонро шинохта, барои эҳтиромаш ӯ ва ҳамроҳашро ба нишастгоҳи халифа бурданд. Чун расми салому таъзияро баҷо оварданд, халифа аз Мулло Хишол хоҳиш кард, ки оят бихонад. Овози нарму хушоҳанги охон баланд шуду шеваи хонишаш ҳамаро мафтун сохт. Хондани ӯ он қадар дилкашу ҷолиб буд, ки одамон эҳсос мекарданд чи тавр ғаму ғусса майда-майда тору пуди вуҷудашонро тарк намуда, ҷойи онро ҳарорати гарми умед ба зиндагӣ пур месозад.

– Ин гуна лаҳҷаи ширинро бори нахуст мешунавам, – ба Мулло Хишол рӯй овард халифа Шонасим. – Худованди таоло ҳафт пуштатро раҳмат кунад, бародар.

– Мулло Хишол мояи ифтихори деҳкадаи мост, халифа, –

1. Остон – ҷойи муқаддас ё қадамгоҳи ягон шахси бузург.

2. Дастбӯс – дар Помир ҳангоми вохӯрӣ се бор дасти ҳамро мебӯсанд.

бо ифтихор гуфт Ҷаҳонгир. – Барои ҳамин мо ӯро аз Поршинев ба Демурғон оварда, барояш хонаву дар сохтем. Ҳоло бачаҳои моро сабақ медиҳад.

– Медонам, паҳлавон, медонам, – тасдиқ намуд халифа, – аз деҳаи мо ҳам ду писарро ба шогирдӣ қабул кардааст. Афсӯс мехӯрам, ки даврони шогирдиам гузашт, вагарна илми қироатро дар назди Мулло Хишол азбар мекардам.

Аз ин таърифҳо Мулло Хишол ноҳинҷор шуд ва азми рафтан кард:

– Паҳлавон, медонам, ки шумо шаб меистед, ба ману Мирзоазиз иҷозат диҳед.

Ҷаҳонгир розӣ нашуд:

– Мулло, шаб дар маърака меистем. Саҳар, пас аз чароғравшан, ҳар сеямон якҷоя меравем.

Халифа Шонасим ҳам монеи азми Мулло Хишол гашт:

– Тақсир, ғами мардумро қироати диловезат сабук мегардонад. Ин кори бисёр савобест, ки ҳоло барои мусулмонон карда метавонӣ.

Торикӣ фаромад. Пас аз адои намоз маърака сар шуд. Халифа амр кард, ки барои Мулло Хишол рубоб биёранд. Навбати аввали мадҳияхониро ба ӯ доданд. Мулло Хишол асбобро ҷӯр намуд ва ниёишро бо ин рубоиҳои ҷигарсӯз оғоз кард:

***Ман бандаи Мавлои Муҳаммад бошам,***
***Девонаи шайдои Муҳаммад бошам.***
***Рӯзе, ки қиёмат ошкоро гардад,***
***Ман хоки кафи пои Муҳаммад бошам.***

***Ё Раб, бирасон ба ҳазрати соҳибро,***
***Фарзанди Алӣ ибни Абутолибро,***
***К-аз дурии ӯ ҳамеша фарёд занам,***
***Монанди саге, ки гум кунад соҳибро...***

Овози дилнавози Мулло Хишол ба савти ҷонгудози рубоб омехта, дилҳои аз ғаму ғуссаи марги ҷигарбандон зардобгаштаи садҳо марду зани дар гирди остон ба мотамнишастаро гоҳ мефишурду гоҳ сар медод. Аз байни нишастагон гоҳ-ногоҳ фарёди ҷонхароши зане баланд мегашт ё марде ба ёди шахси шаҳидаш наъраи пурдарде аз умқи ҷигар бармекашид, чандон ки акси он ба кӯҳҳо меафтод. Кӯҳҳои солору боҳашамат низ гӯё ихтиёр аз даст медоданд ва он садои ҷигарсӯзро чанд маротиба бо навои ҳузн такрор намуда, дар авроқи сангини хеш сабт мекарданд.

## АРӮСИ ПАДАР ВА ПИСАР

Аҳли дарбор ҳамагӣ дар тараддуди сури шоҳ Муҳаббатхон буд. Мувофиқи амри ӯ, рӯзи панҷшанбе маросими никоҳ, рӯзи ҷумъа сури арӯсӣ баргузор мешуд. Хароҷоти базм бар уҳдаи оқсақолони деҳоти атроф фаромад. Малакбоз, меҳмондори дарбор, бо амри шоҳ ба Шева, Рӯшон, Шохдара, Ғунд, Сучон ва ҳатто Дарвоз ҷаҳтгар[1] фиристод, то аъёну акобири ин мулкҳоро ба сур даъват кунанд.

Ҳар як бунаи деҳаҳои атрофи Баҳрпанҷа то Поршиневу Шидвуд вазифадор карда шуданд, ки то рӯзи чоршанбе ба қалъа яктоӣ гӯсфанд ё буз, ду тафсин[2] равған, як банд ҳезум, ним пуд[3] ҷав, як пуд орд, як ғирбол табағӣ[4], як сабад коҳи сафед сурона бурда, ба хазинадор таслим намоянд. Мосалон[5] деҳа ба деҳа гашта, иҷрои амри шоҳро назорат мекарданд. Дар иҷро накардани амр ягон узр қабул намешуд. Хонаводае, ки аз нодорӣ сурона дода наметавонист, ба фишори сахт, ҳатто

1. Ҷаҳт – даъват, ҷаҳтгар – касе, ки мардумро ба сур хабар мекунад.
2. Тафсин – воҳиди ченаки равған, баробар ба 3 пиёла
3. Пуд – ченаки ғаллаву орд, баробари 16 кг.
4. Табағӣ – меваҷоти хушк
5. Мосал – шакли сабукшудаи муҳассил, нозири амвол

ҷамчинкӯбии мосалон гирифтор мегашт. Бинобар ин, маҷбур мешуд, ки қарзу қавола карда, ҷони худро аз ин азоби алим халос намояд.

Ду канизаки ҷавон Сарвинозро ба гармобаи ҳарам дароварданд. Гармоба хонаи васеъ буд. Дарозии деворҳояш ҳафт-ҳашт ва баландиашон тахминан чаҳор қулоч андоза дошт. Аз оби гарму гуворои ҳавзи сангини ҳуҷра бӯйи хушу фараҳбахши карафсу райҳон ба димоғ мерасид. Канизон чолок либоси арӯсро кашида, ӯро рӯйи даст бардошта, ба ҳавз даровfarданд. Аввал бо сеҷиби[1] чӯбин ба сараш об рехтанд, сипас ба молиш додани пайкари сафеду нозукаш пардохтанд.

Ин бори дувум буд, ки Сарвинозро дар ҳамин ҳавз барои арӯс шудан обтанӣ медиҳанд. Бори нахуст барои падар, ин бор барои писар. Расо ҳафт сол пеш, айнан ба мисли ҳозир,  ду канизак ӯро шустушӯ дода, барои даромадан ба оғӯши шоҳ Абдураҳимхон омода карданд. Он вақт оби гармро ду канизаки дигар аз берун мекашонданд, чунки дегхона дар пушти гармоба воқеъ буд. Аммо ду сол пеш устое оварданд, ки девори ҷонибиi ҳавлиро канда, гӯлах сохт ва онро ба воситаи мӯрӣ ба гармоба пайвасту дар дохили гармоба дегдоне иморат кард. Бар ин дегдон деги бузурги чилманӣ шинонданд. Вақте дар он сӯйи девор дар гӯлах оташ меафрӯхтанд, обаш гарм мешуд ва аз таъсири ин гармӣ ҳавои дохили бино ҳам ҳамеша барои обтанӣ мусоид буд.

Он замон Сарвиноз ҳамагӣ понздаҳ сол дошт. Як субҳи наҳси тобистон қирғизони Марғов соате пеш аз хурӯсбонг ба деҳаашон Сарез ҳуҷум оварданд. Аҳли деҳ дар хоби ширини саҳарӣ, посбонони қалот[2] ҳам бонги хатар назаданд. Шояд қирғизон онҳоро ҳам ғофилгир карда буданд. Сарвинозро

1. Сеҷиб – обгираи чӯбӣ
2. Қалот – дидбонгоҳ, ки аломати он сангҳои болои ҳам ба шакли аҳром чида мебошанд.

овози ҷонхароши модар бедор кард. Падараш дар суфаи айвон бо касе афтударафт дошт. Дар нимторикӣ ғел зада, якдигарро мекӯфтанд. Модараш «ёрӣ диҳед, қирғизҳо!» гӯён ҳар замон дод мезад. Сарвиноз ҳам ба доду фарёди модар ҳамроҳ шуд. Ин асно саворае расиду ба замин ҷаст ва бо қамчин ба пушти сари Пасор зарбае зад. Ӯ овоз набароварда, аз суфа ба замин ғалтид. Қирғизон модару духтарро кашолакунон ба аспҳо шинонда, аз деҳа берун бурданд. Савор Сарвинозро бо дасти чап ба синаи худ пахш карда, бо дасти рост асп меронд. Духтар ҳарчанд зӯр зад, фишори ҳалқаи дасти қирғизро суст карда натавонист. Вай марди лоғарандому сабуквазн бошад ҳам, чолоку бӯзина[1] буд. То намози шом дастаи қирғизон, бисту панҷ – сӣ савор, аспҳояшонро якзайл резачорпо ронда, ба деҳаи Аличур расиданд. Саркардаи ин роҳзанон Муҳаммадкарим будааст. Ӯ марди миёнсоли болобаланди шонапаҳни сурхинае буд бо чашмони ғазаболуд, пешонии дунг ва гӯшҳои ғайриодӣ калон. Баракси қирғизони дигар, ки ҳамагӣ қалпоқ доштанд, телпаки пӯсти барра ба сар ва чакмани хушбофти қирмизиранги тоҷикӣ ба бар дошт.

Роҳзанон ғаниматҳои овардаашонро як-як ба қӯрбошӣ (онҳо Муҳаммадкаримро чунин ном мебурданд) таслим намуданд. Сарвиноз чизу чораи аҳли деҳааш – хурма, шап[2], гоҳвора, табар, чӯби вассаву тир, меваи хушк, сандуқ, анвои ғалла ва ҳоказоро дар гирду атрофи хаймаи қӯрбошӣ дида, аз дидааш хун боронд. Аз сокинони деҳа ҳамин ду нафар – Сарвинозу модараш Гулнозро асир оварда буданд.

Ду рӯз дар Аличур истоданд. Рӯзи савум Муҳаммадкарим бо даҳ нафар роҳзан роҳи Шуғнонро пеш гирифт. Тамоми ға-

1. Бӯзина (шуғнонӣ) – одаме хурдҷусса, вале тавонову варзида
2. Шап – зарфе, ки аз лал (поруи ҳайвонот) барои нигоҳ доштани пашм месохтанд.

ниматро ба се шутур бор карданд. Сарвинозу модарашро ҳам ба шутуре дар каҷовахо шинонданд. Аҷибаш он буд, ки қирғизон ба онҳо меҳрубонона муносибат мекарданд. Дар корвон ҳамроҳашон ду зани қирғиз ҳам буданд, ки баробари эълон шудани таваққуф ё шабхобӣ ба назди онҳо меомаданд, ҳолпурсӣ мекарданд ва, ҳарчанд аз гулуяшон чизе намегузашт, пешашон хӯрдание мегузоштанд.

Қирғизон ба забони шуғнонӣ озод гап мезаданд, ҳатто нафароне ба порсӣ суруд мехонданд. Вале ин муносибатҳои хуш зррае на ба модар мефориданд, на ба духтар. Ба замми ин, дар куталҳои осмонбӯс дилашон аз нарасидани ҳаво мешӯрид, гӯшҳояшон ғуввос зада, баъзан зангулазанон садо мекашиданд, сарҳо дард мекарданд. Дили модару духтар ба ёди шавҳару падар, ёру диёр ҳар лаҳза хун мешуд ва ашки ҳасрату надомат пайваста аз чашмашон шашқатор мерехт. Модари зор бо ҷигари сӯхта, ба расми зане, ки аз паси ҷаноза овоз меандозад, дар кӯҳу пуштаҳои бефарёдраси Помир нола мекашид:

***Э-э-эй, садбарги сафеда бин, чӣ ҳоло дорад,***
***Тақдири Илора бин, чӣ коро дорад.***
***Гуфтум биравум пеши фалак нола кунум-е-е-е,***
***Аз гиряи ман фалак чӣ парво дорад!***

Бо рубоихонии модар аз дили ба ёди падар порагаштаи Сарвиноз қатра-қатра хун мезаҳид ва ӯ сари овози модарро мегирифт:

***О-о-о, андӯҳу ғам аст дар диёрум, чӣ кунум?***
***Ин ашк ба ҳоли ӯ биборум, чӣ кунум?***
***Ҳар лаҳза зи ғам як хабаре мешунавум-е-е-е,***
***Гардида хазон гули баҳорум, чӣ кунум?***

Корвон дар дуроҳаи кутали Харгӯшӣ ба чап, ҷониби водии Шохдара тоб хӯрд. Вақте ба Ҷавшангоз расиданд, нафаскашиашон сабук шуду аз дидани сабзаву гиёҳ чашмашон андаке равшан гашт.

Рӯзи чорум ба Шуғнон расиданд. Дар қалъаи Баҳрпанҷа асирон фаҳмиданд, ки саркардаи роҳзанон қӯрбошӣ Муҳаммадкаримхон пас аз шоҳ шахси дувуми дарбор, яъне девонбегӣ будааст!

Девонбегӣ модарро худ ба занӣ гирифту духтарро ба шоҳ Абдураҳимхон тортуқ кард. Шоҳ, пас аз як соли хуфтухез бо Сарвиноз, ба ӯ чунон дил баст, ки як ҳафта суру шодмонӣ эълон намуда, ӯро ба никоҳи худ даровард. Баъдҳо, вақте ки Сарвиноз дар дарбори Абдураҳимхон одами худӣ шуд, фаҳмид, ки Муҳаммадкаримхони девонбегӣ соле ду маротиба ба Помир сафар карда, бо дастаи роҳзанонаш сокинони ин сарзаминро ғорат намуда, ғанимати бадастовардаашро ба шоҳ месупурдааст. Шоҳ ҳам барои ин «корнамоӣ» - ҳояш ӯро дар мансаби девонбегӣ нигоҳ медоштааст. Умури идораи мамлакат амалан дар дасти ин қирғиз буд. Ӯ ҳарчи мехост, бо мардум мекард. Ҳар ҳукме, ки мебаровард, Абдураҳимхон қобили қабул медонист. Нуфузаш дар давлат ба андозае афзуд, ки ҳатто писарони шоҳ ба ташвиш омаданд. Бинобар ин, вақте ки Муҳаббатхон ҳокими Шохдара буд, бо бародараш Юсуфалихон ба маслиҳат нишастанд ва шабе ба Баҳрпанҷа ҳуҷум оварда, Муҳаммадкаримро ба қатл расонданд.

Баъди ин воқеаи мудҳиш модари Сарвиноз бе шавҳар монд. Бо миёнравии Сарвиноз Абдураҳимхон иҷозат дод, ки ӯ ба зодгоҳаш – деҳаи Сарез баргардад. Ду навкаре, ки Гулнозро аз роҳи Рӯшон ба Бартанг мебурданд, пас аз як ҳафта баргашта, хабар оварданд, ки Гулноз ҳангоми гузаштан аз дарё ғарқ шудааст. Ин мусибат Сарвинозро ба дараҷае маъюс сохт,

ки се соли тамом либоси сиёҳ ба бар кард, аз хушиҳои зиндагӣ даст бардошт ва ба мотами модараш нишаст. Ин мотами дарозмуддат эътироз ва эътисоби ҷиддии Сарвиноз буд ба шавҳари золимаш Абдураҳимхон. Зеро ӯ яқинан медонист, ки он ду навкар модари азизашро бо амри махфии шоҳ дар роҳ ба ҳалокат расондаанд. Гулноз асрори зиёде медонист, вале шоҳ, албатта, намехост, ки сирри хонаводааш аз забони шоҳиди зиндае ба мисли Гулноз дар даҳони авом афтад.

На модар, на духтар аз шавҳарони худ фарзанд наёфтанд. Сабабаш шояд он буд, ки ҳардуяшон ин золимони таҷовузкорро сахт бад медиданд, бо тамоми вуҷуд ба онҳо нафрат доштанд ва барои ҳамбистарӣ накардан бо онҳо ҳазору як баҳона пеш меоварданд. Гулноз ҳамоно ба ёди шавҳари ба ҷону дил баробараш – Пасори хоксору меҳрубонаш месӯхт ва муҳаббати поки ӯро бо худ ба дунёи бақо бурд. Ӯ то вопасин нафас намедонист, ки шавҳараш он субҳи наҳс ҳалок гардид ё зинда монд. Дили Сарвинози ҷавон, баракси модараш, аз муҳаббат холӣ буд. Ӯ ҳанӯз ба дарки муъҷизаи ишқ нарасида, ба таҷовузи шоҳи Шуғнон, ки бисту панҷ-сӣ сол аз ӯ бузургтар буд, гирифтор омад. Аз ин рӯ, ба ҷинси мард нафрат пайдо кард ва обистан шуданро ба шаъни худ таҳқир медонист…

Оби ширгарму хушбӯйи истахр ва молиши гуворои канизакон пайкари Сарвинозро роҳат бахшид. Исфанҷу собуни муаттари ҳиндӣ на танҳо бадан, балки дилашро ҳам ба наҳве муло-им карданд. Ӯ фармуд, ки духтарашро ба гармоба оранд. Пас аз таваллуд кардани духтараш дили Сарвиноз ба зиндагӣ андаке гарм шуд. Духтарак ягона василаи дилхушии ӯ дар дарбори маҳбасмонанди шоҳи Шуғнон буд. Вақте ки Муҳаббатхон пас аз мурдани падараш ба зани ӯ, яъне модарандари худ, чашм ало кард, Сарвиноз намедонист аз шарму ҳаё сарашро ба куҷо занад?

Вале Муҳаббатхон аз байни тамоми занони ҳарами худ ба ӯ майли зиёд дошт. Вай ҳавои ишқи ин ҷавонзани чун ҷӯҷаи парӣ зебои бартангиро аз рӯзи аввали ба дарбор оварданаш дар сар мепарварид ва акнун ки ҳокими мутлақи мамлакат гашт, мехост, ки ӯро – ягона зани дар тамоми олам дӯстдоштаашро ба мартабаи шоҳбонуи дарбор расонад. Аз он ки Сарвиноз зани қонунии падараш буд, Муҳаббатхон парвое надошт. Муҳаббати шӯрангези Сарвиноз чашмонашро кӯр ва гӯшҳояшро кар карда буд. Дар моҳи сеюми ҳукуматаш бо меҳрубониву ҳадяву хушомади бисёр Сарвинозро ба худ моил намуд. Бо кушта шудани Абдураҳимхон дар дили Сарвиноз шуълаи умед барқ зад, ки акнун Муҳаббатхон ӯро ба мисли дигар занони падараш ё озод мекунад, ё ба ягон муқаррабаш мебахшаду ниҳоят аз ин зиндони дилгиркунанда ба олами фарох мебарояд. Вале тақдир ин бор ҳам барои Сарвиноз пешомади дигаре омода сохт. Муҳаббатхон қариб тамоми шабҳояшро бо ӯ мегузаронд. Гоҳ-гоҳ ва он ҳам дилу бедилон ягон зани дигарашро ба хонаи хобаш даъват менамуд, то қоидаи заношавҳариро риоя карда бошад. Ин ҳама таваҷҷуҳу меҳрубонӣ дар дили Сарвиноз беасар намонд. Ғунчаи дар айни навбаҳори ҷавонӣ пажмурдаи ишқу муҳаббат дар кадом як гӯшаи вуҷудаш сабз гардид. На, ӯ иқрор карда наметавонист, ки Муҳаббатхонро дӯст доштааст. Навозишҳои самимии ошиқонаи шоҳ каме ҳам бошад, вулқони нафрати ӯро ба дарбору дарбориён коҳиш дода буд. Дар моҳи ҳаштуми ба тахт нишастани Муҳаббатхон Сарвиноз обистан шуд. Вақте бо ҳарос ин хабарро ба шоҳ расонд, ӯ ҳарчанд мехост хурсандиашро пинҳон дорад, натавонист ва Сарвинозро ба оғӯш гирифту гуфт:

– Бисёр мехоҳам аз ту фарзанд дошта бошам. Фарзандат ҳам ба мисли худат бароям азиз хоҳад буд.

Чунин рафторро Сарвиноз аз шоҳ интизор надошт. Вай чу-

нин меандешид, ки ӯ ба шоҳ танҳо барои хуфтухоб лозим асту бас, вақте фарзанд кард, Муҳаббатхон аз баҳраш мегузарад; ҳатто шояд аз дарбор биронад ва ниҳоят ба орзуи ягонаи зиндагиаш – раҳо ёфтан аз қайди қафаси дарбор бирасад. Медонист, ки шоҳони Шуғнон занони беникоҳи худро ба маҳзи бачадор шуданашон ба деҳаҳои дурдаст мефиристоданд, аммо фаромӯш намекарданд. Оқсақолонро ба нигоҳубини онҳо мегумоштанд. Фарзандони аз занони қумоӣ зодаро «шаҳна» мегуфтанд. Онҳо аз мардуми одӣ дар зинаи баландтар меистоданд ва мансабҳои гуногуни маҳаллиро аввал ба онҳо медоданд.

Сарвиноз ҳеҷ тасаввур карда наметавонист, ки фарзанди як зани одии бартангӣ ва он ҳам беникоҳ, барои шоҳи Шуғнон ин гуна азиз буда метавонад!

– Духтар бошад, чӣ? – боэҳтиёт тагпурсӣ кард Сарвиноз.

Ӯ бисёр мехост, ки тифли батнаш духтар бошад ва номи модари азизашро тоза кунад[1].

– Духтар бошад ҳам, – кӯтоҳ ҷавоб дод шоҳ.

Ин ҷавоби шоҳ Сарвинозро ба риққат овард. Ӯ ҳеҷ тасаввур намекард, ки дар паҳлуяш золимтарин шахси Шуғнон хоб асту чунин гапи аҷиб аз даҳони ӯ мебарояд. Шоҳ мӯйи Сарвинозро байни ду ангушташ ҳалқа кардаву беозор кашида, ӯро навозиш мекард.

– Охир, мо никоҳ надорем, шоҳам, – бо овози ларзон беҷуръатона пичиррос зад ӯ дар баногӯши Муҳаббатхон.

– Никоҳ...? – гӯё аз кадом як гӯшаи дуродури замин нидо баровард шоҳ, – Никоҳ.., чӣ аҳамият дорад он?

– Охир...– «ман зани қонуниат нестам» гуфтанӣ шуд Сарвиноз, вале дарзамон дарк кард, ки ин сухан густохист ва лаб фуру баст.

---

1. Ном тоза кардан (ибораи шуғнонӣ) – номи падар, модар ё хешу табори наздикро ба кӯдак ниҳодан. Яке аз суннатҳои қадимии мардуми Шуғнон.

– Ту зани манӣ, Сарвиноз, – шоҳ посухи саволи надодаи занро сари забон оварда, ин бор ҳам ӯро дар ҳайрат гузошт ва давом дод: – Никоҳ чӣ аҳамият дорад ? Вақташ расад, мекунем.

Гӯё сӯзани ноаёне ба кадом риштаи гиреҳхӯрдаи дили зан барқосо халиду он худ ба худ боз шудан гирифт. Аз тамоми сиву ду рагу пояш забонаҳои оташ ҷониби гулу ҳаракат карданд ва дар ғабғабаш ҷамъ омада, гулуяшро фушурданд. Гиря вуҷудашро ларзонд. Аввал кӯшид худро ба даст гирад, вале бо тӯфони дар замираш бархоста муқобилат карда натавониcту рӯяшро байни ду каф пинҳон намуда, овозашро сар дод. Гӯё ҳамин замон падар ё модараш мурда буду дар сари ҷисми беҷони вай бехудона навҳа мекашид. Гиристу гирист, нолиду мӯйид, мӯйиду нолид.

Шоҳ аввал бесаранҷом шуд, вале вақте дарёфт, ки Сарвинозро меҳрубонии ғайричашмдошташ ба чунин амал таҳрик додааст, сари ӯро ба синааш пахш карду босаброна мунтазир шуд, ки ғаму ҳасрати худро бо охирин ашк аз сина берун оварда, ором гардад. Сарвиноз расо ним соат гирист. Сипас дастонашро ба гардани шоҳ ҳалқа карда, ба хоб рафт.

Ӯ тамоми дарду алами дар тӯли панҷ-шаш соли дар қалъаи Баҳрпанҷа дар вуҷудаш ҷамъомадаро он шаб, ба навиди обистан шуданаш бо ин гиряи дурударози худ фуру нишонд ва дар тамоми ин муддат бори нахуст аз ғаму ғуссаи олам озод ба болин сар ниҳод…

Каниз духтарашро овард. Сарвиноз фармуд, либоси кӯдакро кашиданд ва ӯро ба дасташ доданд. Гулноз худро ба оғӯши модар зад, сипас дастаку почакзанон бо оби ҳавз ба бозӣ даромад. Шавқуну дилхушии Гулноз ба модараш фараҳ бахшид. Эҳсоси гуворои хушбахтӣ вуҷудашро фаро гирифт. Аз он ки пас аз зуҳр Муҳаббатхон ӯро ба никоҳи деринтизори худ медарорад, дилаш ширин-ширин гум зад. Тамоми бадбахтиҳои

ба сараш омада ин лаҳза ӯро канор гузоштанд; балки ба тӯли солҳои дароз аз вай фосила гирифтанд. Сарвиноз духтараки хушбахту бепарвояшро ба сари сина пахш карда, аз чашмонаш бӯсид ва фармуд, ки барояш собуни хушбӯ бидиҳанд, то пайкари наҳифи тифлашро бо дастони худ бишӯяд.

## ТАРАДДУДИ ЗАНГИРӢ

Шуғнон ба азои шаҳидон нишаста буду шоҳи Шуғнон тараддуди сур дошт. Субҳи рӯзи панҷшанбе меҳмонон аз ҳар ҷо ба қалъаи Баҳрпанҷа омадан гирифтанд. Муътабартариnашонро Муҳаббатхон худ бор медод, суронаашонро қабул мекард ва амр медод, ки барояшон дар меҳмонсаройи қалъа ҷой омода кунанд. Меҳмонони дувуму сеюмдараҷаро Малакбози хонсолор мепазируфт, ҳадяву суронаи овардаашонро дар дафтаре менавишт ва онҳоро ба деҳаҳои атроф – Демурғон ё Баҳшор ба ихтиёри оқсақолон мефиристод.

Офтоби тобистон мобайни осмон расида буд, ки Муҳаббатхон оқсақоли Баҳшор – Исҳоқро ба ҳузур хонд.

– Супоришам дар ёдат ҳаст? – пурсид пас аз ҷавоби сард ба саломи ӯ.

– Оре, шоҳам.

– То чоштгоҳи пагоҳ зану фарзандони ҳамаи онҳоеро, ки куштам, дар майдони Саройи санг ғун карда, ба Файзобод ҳаракат мекунӣ. Касе зану фарзанд надошта бошад, падар, модар, нашуд, бародар ё хоҳарашро багир меорӣ.

– Тасаддуқ, – буғзи дар гулу дармондаашро базӯр фуру бурда тасдиқ кард Исҳоқ.

– Гуноҳат дар назди ман рӯз то рӯз на кам, балки зиёд мегардад. Аз куштани бандиҳо сар боз задӣ, агар одамони ман рафта Мазҳабшову писарашро ёфта намекуштанд, аз зинда мондани он сагон огоҳам намекардӣ.

– Шоҳо, ман... – оқсақол дар ҳимояи худ чизе гуфтанӣ шуд, ки шоҳ по бар фарш кӯфта, хиррос зад:

– Ман-ман накун, кӯр нестам, ҳамаро мебинам. Имрӯз никоҳ дорам, фардо арӯсӣ. Ҳадяи бузурги ту ба рӯзи хурсандиам ҳамин мешавад, Исҳоқ! Бо Эҷаб биншину рӯйхат созед ва мувофиқи он шӯрапуштонро даст баста, ба Саройи санг оред. Агар донам, ки ягон кас аз чашмат афтод ё гурезондаӣ, ба дасти худам аввал каллаи худатро мебурам, баъд авлодатро ба молики дӯзах месупорам!

Шоҳ аз шиддати хашм дупӯставу нимовоз тавре гап мезад, ки гӯё оқсақол кайҳо хиёнат кардаву ӯ ба қасди буридани сар ба гулуяш ханҷар гузошта бошад. Аз ин эҳсоси мағшуш банди ҷигари Исҳоқ ларзид. Вай бо чашмони шахси ба қатли фаврӣ маҳкумшуда, маъюсу бефарқ, ба рӯйи зишти Муҳаббатхон нигоҳ мекарду ба толеи шумаш нафрин мехонд, ки дар дарбори чунин даррандаи одамсурат амалдор шудааст.

– Ҳар як ёғиро шахсан худам нарх мегузорам, аз он баландтар фурӯхтӣ, ҳаққи ҳалоли худат, харҷи сафаратро мебарорӣ. Ҳамагӣ як моҳ муҳлат дорӣ. Ин супоришро хуб иҷро кардӣ, мансабатро аз нав соҳиб мешавӣ, накардӣ, дигар дар тамоми Шуғнон ҳатто сагон ҳам аз сари роҳат мегурезанд. Фаҳмидӣ?!

Оқсақол сар ҷунбонд.

– Фаҳмида бошӣ, парсими кор шав.

Исҳоқ базӯр аз ҷой баланд шуд ва бо қадамҳои вазнин ҳуҷраро холӣ кард.

Шоҳ чанд дақиқа пасупеш дар пушти тахташ қадам зад, риши то сина расидаашро даст-даст кард, мӯйи сарашро, ки ёзида буд, дақиқае палмосид ва тасмим гирифт, ки соати пӯшидани либоси домодӣ ҳам расид.

– Бонак! – фарёд кашид шоҳ.

Бонак чун гурба беовоз пайдо шуд ва дар ҳоли нимтаъзим чилими зарҳалиро ба ӯ дароз кард.

– Не, намекашам, се рӯз ин маразро ба ман нишон надеҳ. Муборак дар куҷост?

– Ҳамроҳи Малакбоз дар хидмати меҳмонони қалъа.

– Даъваташ кун.

Бонак баромад. Муҳаббатхон сандуқи чӯбини кошинкориро, ки дар пушташ буд, боз кард. Атри фарангӣ бароварда, се-чор қатра ба сару ришаш пош дод ва ба шишаи нилифоми шашқирраи он даме назар дӯхт. Лавҳи зарҳалии шишача ба лотинӣ ҳуруфе дошт, ки Муҳаббатхон хонда наметавонист. Ин атрро тоҷири англисе дар Файзобод ба ӯ ҳадя кард. Чанд рӯз пас, ҳангоме ки Муҳаббатхон азми сафари Шуғнон намуд, он тоҷир ба ӯ боз як шиша атри дигар овард ва гуфт:

– Ҷинабе Муҳаббатхан, ин атр бараи занан мибашад, инра ба зане дӯстдаштаат тағдим кунид, бавар дарам ик умр шумара дӯст дарад.

Муҳаббатхон он атрро соли ҳафтум аст, ки барои рӯзи сури маҳбубаи ба ҷону дил баробараш Сарвиноз нигоҳ медорад. Ӯ коғазқутии бунафши атрдорро аз сандуқ баровард, бӯй кашид, чор тарафашро тамошо кард ва боэҳтиёт боз ба ҷояш гузошт.

– Ҳай хурсанд мешавад Сарви пурнози ман! Ҳай фараҳ меёбад! – нимшунаво гуфт Муҳаббатхон худ ба худ.

Шоҳ аз овони наврасӣ, ҳар гоҳе ки бо Сарвиноз рӯбарӯ меомад, дар ҷояш карахт мешуд. Хун ба сараш мезаду тапиши дилаш чунон суръат мегирифт, ки хаёл мекард тамоми аҳли дарбор дар дуртарин гӯша ҳам садои онро мешунаванд. Сарвиноз чунон зебо, чунон нозукбадан буд, ки ҳар марди боре ӯро дида ба як нигоҳ дил мебохт. Ӯ аз Абдураҳимхон бист-бисту панҷ сол ва аз Муҳаббатхон ду-се сол хурд буд. Яке аз сабабҳои нафрат варзидани Муҳаббатхон ба падараш ҳамин Сарвиноз гашт.

Шоҳбача аз фарти ишқи бепосух ба модарандари худ дар дилаш меандешид, ки падари пираш зомини бахти ӯ шудааст.

Агар Сарвиноз зани падараш намебуд, Муҳаббатхон ба ҳар қимате ин кабки хиромони дариро ба доми худ медаровард. Ҳар боре ки Абдураҳимхон Сарвинозро аз ҳарам ба ҳуҷраи хоб металабид, Муҳаббатхон дар оташи рашк месӯхт. Он шабро бедорхоб саҳар мекарду чанд рӯзи дигар бедимоғ мегашт. Бародараш Юсуфалихон ба ин заъфи Муҳаббатхон пай бурда буд ва ошкоро набошад ҳам, гоҳе бо суханҳои таҳдор ӯро маломат мекард. Муҳаббатхон ҳам медонист, ки бо чунин андешаи хомаш сазовори ҳама гуна маломат аст, вале коре аз дасташ намеомад.

***Ишқ бар дил мениҳад бунёдро,***
***Охир, эй ҷон, аз кӣ хоҳам додро?***
***Хусраву Ширин ба ҳам дар ишратанд,***
***Нолаву зориву ғам Фарҳодро!***

Баракс, оташи иштиёқи дидор ва ҳатто васли модарандар рӯз ба рӯз дар синааш бештар забона мезад. Ҳатто вақте ки издивоҷ намуду тахти шоҳӣ ба даст овард, чанд зани аз Сарвиноз ҷавонтар гирифт, бо дӯшизаҳои бисёр ҳамхоба шуд, меҳри Сарвинозро аз дил берун карда натавонист.

Бонак занҷир ба дар заду ҳамроҳи оқсақоли Синург (қарияи маркази Қалъаи Баҳрпанҷа ва атрофи он) Муборак ворид шуд.

– Муборак, меҳмондориатро ба каси дигар супору дар тараддуди никоҳ бишав.

– Фармонбардорам, – Муборак таъзим намуд.

– Сайид Фаррухшо дар куҷост?

– Аз рӯйи шунидаам то дирӯз дар хонааш буд.

– Худи ҳозир бихезу ба Саройи Баҳор гузар. Бигӯ, ки шоҳ мехоҳад хутбаи никоҳашро худи Сайид бихонад. Ҳамроҳи ху-

дат бигиру биёр. Ғайр аз ин, раҳбараҳ мушоҳида кун, ки авзои мардум чи хел аст.

Муборак рафт. Бонак хеле мунтазир истод, сипас бо сулфае гулу равшан карду гуфт:

– Шоҳам, чилим биёрам?

– Чанд бор гӯям, ки то сур нагузарад, даст ба чилим намезанам?! Ё ту ҳатман айши пеш аз хурсандии маро талх кардан мехоҳӣ? – ситеза кард шоҳ.

– Худо нигаҳ дорад, шоҳам, – гардан даруни китфҳо кашида, бо ҳаяҷон садо баровард Бонак. – Ман… росташ, бовар намекунам, ки ту…

Ӯ давоми гапашро фурӯ бурду бо ҳарос ба рӯйи шоҳ чашм дӯхт.

– Ман ҳам бовар намекардам, – лабханд зад Муҳаббатхон ва ҷабинаш лаҳзае кушода шуд. – Лекин охир вай… бӯйи чарсро намебардорад…

Бонакро аз шодмонии лаҳзаинаи шоҳ фараҳ ба дил роҳ ёфт. Каме шерак шуда гуфт:

– Шоҳам, хазинадор мехост суронаи мардумро нишон диҳад.

– Ин корро баъди никоҳ анҷом медиҳем. Ҳоло барои ман касе лозим аст, ки мӯю ришамро дуруст кунад.

– Симаки хуфиро даъват кунам?

Шоҳ хеле фикр кард ва гуфт:

– Аз дарбориён касе наметавонад?

– Салори ҷаллод сартароши хубест, шоҳам.

Муҳаббатхонро ин сухан нафорид. Рӯ турш кард ва гуфт:

– Лелаи кӯтоҳақл, мехоҳӣ ҷаллод сари маро тарошад? Нест шав ва Симаки хуфиро ҳозир кун!

Бонак танҳо акнун чи пешниҳоди шум карданашро дарк намуд. Аз ин рӯ, ба чунин осонӣ аз дасти шоҳ халос хӯрданашро толеи нек шумурду дарро беовоз кушода, гурехт.

Соате пас Симаки хуфӣ, ки аслан фаррошӣ мекард, бо миқрозу покуву шона ришу мӯйи Муҳаббатхонро ба тартиб

оварди. Шоҳ баракси расми мардуми таҳҷоӣ мӯйсарашро покиза наметарошид, балки ба андозаи як ангушт ҳамеша нигоҳ медошт. Ришашро аз як ваҷаб зиёд намемонд.

Вақте ки Симак корашро анҷом дод, Муҳаббатхон ҳамроҳи Бонак ба гармоба даромад.

## НАХУСТКОРНОМАИ МИРЗОАЗИЗ

Паҳлавон Ҷаҳонгир, Мирзоазиз ва Мулло Хишол то анҷоми чароғравшан мижа таҳ накарда нишастанд. Пас аз пароканда шудани мардум қарор дод, ки дар хонаи халифа то гашти офтоб аз хоб сер шуда, баъд роҳи бозгаштро пеш гирад.

Набераащ бо ӯ монд, Мулло Хишол рафт. Мирзоазиз Ҷаҳонгир ва халифаро то манзил ҳамроҳӣ кард. Пас аз он ки онҳо дар зери беди серсояи боғ сар ба болин гузоштанд, ба тамошои деҳа баромад. Моҳи тутпаз ҳукм меронду пас аз пароканда шудани ғубори нобаҳангоми ҳавои тобистон, хуршеди ҷаҳонтоб гармии тоқатфарсо оварда буд. Кӯҳу санг дар чор тараф тафсида, ба ҳарорати ҳаво ҳарорат зам менамуд. Рӯди Панҷ талотум дошт, аз шиддати гармо карон то карон аз дами он ҳаври чун пунба сап-сафед ба осмон бармехост. Дар киштзорону боғоти деҳ касе ба назар намерасид. Одатан ҳини авҷи гармо мардум сари худро дар каппаҳои соҳили дарё аз офтоби мағзҷӯш паноҳ намуда, то расидани шом хоб мерафтанд.

Мирзоазиз мехост ягон ҳамсоли худро ёбаду ҳамроҳи ӯ Вуҷро чарх занад. Вале то канори деҳа расида бошад ҳам, касеро пайдо накард. «Аҷиб, дар як деҳаи калон ҷонзоде ба назар намерасад», – бо ҳайрат аз дил гузаронд ӯ. Ин асно аз лаби дарё ба гӯшаш садоҳое расиданд ва Мирзоазиз ба ҳамон тараф тоб хӯрд. Чакалаки мушунгзорро гузашт. Нишебие пеш омад, ки пайроҳаи пурхаму печаш касро ба канори рӯд мебурд. Ӯ ба сари нишебӣ расида, дар ҷояш истод. Дар лаби дарё одамо-

ни бисёре ҷамъ омада, munoқиша доштанд. Мирзоазиз тохта поён фаромад ва ба издиҳом наздик шуд. Касе омадани ӯро пай набурд.

Аз ғалмағали мардум фаҳмид, ки ду навкар барои бурдани зане омадаанд, вале хешу табори вай садди ин бедодгарӣ шудаанд. Мирзоазиз навкарони шоҳро зуд шинохт: онҳо дар рӯзи тирборон кардани бандиён дар сафи сарбозон истода буданд.

Ҷавонмарди ҳузарбе, ки аз сари китфаш хун заҳида, яктаки сафедашро олуда буд, ба сарбозон мегуфт:

– Ҳафт писари қозиро куштед, қозиву Мобегим дар ғами фарзандонашон дилкаф шуданд, бас нест?! Рӯзабегимро намедиҳем!

– Шуморо мекушему ӯро мебарем, – гуфт яке аз навкарон ва ҳар ду шамшерҳои худро аз наём кашиданд.

Бо дидани ин манзара вулқони нафрат дар дили Мирзоазиз ҷӯш зад. Ӯ санге бардошту ба ҷониби навкаре андохт, ки сухани мудҳиши «шуморо мекушем» аз даҳонаш баромад. Санг рост ба синааш бархӯрд. Ӯ «вой» гуфта, ба замин ғалтид. Навкари дувум ба Мирзоазиз ҳуҷум кард. Мирзоазиз байни мардум даромад ва аз пирмарде асояшро рабуда, ба ҷониби навкар рафт. Навкар дар рӯ ба рӯяш ҷавонакеро дида, ғазабаш чанд маротиба бештар гашт ва бонг зад:

– Э кӯдак…

Гапаш ба охир нарасида, Мирзоазиз бо чӯбдаст шамшери бардоштаашро чунон зад, ки аз дасташ парид. Зарбаи дуюми калтак ба китфаш расид. Вай аз дарди ҷонкоҳ китфашро дошта, ба замин нишаст. Мирзоазиз бо кафши чӯбини худ ба манаҳи навкар лагаде зад. Ин зарба чунон сахт буд, ки ӯ аз ҷойи нишасташ барқад боло шуда, мисли хӯса пуштнокӣ ба болои ҳамроҳи худ ғалтид ва аз ҳуш рафт. Мардум қисме ба сари навкарон давиданд, иддае Мирзоазизро дар ҳалқа гирифтанд.

Мирзоазиз асои пирмардро ба ӯ дод ва дар паҳлуяш истод.

Ин ҳодисаи тасаввурнопазир ҳозиронро чунон ҳайратзада кард, ки ҳамагӣ лол монданд. Наход ҷавоне наврас ду навкари мусаллаҳро, ки як деҳаи калонро ба дод овардаанд, дар як шаст бо чунин бечорагӣ аз по афтонад?! Ин ҷавони ҷасуру паҳлавон аз куҷо пайдо шуд?!

Пирмард бо ҳайрат Мирзоазизро аз сар то ба по ва аз по то ба сар аз назар гузаронду гиребонашро дошта, нимшунаво гуфт:

– Ё Мавло, муъҷизаи ту ҳисоб надорад. Ё Шоҳи мардон, ё Шоҳи мардон…

Ин асно зани солхӯрдае ҳалқаи ҷамъомадагонро гусаста, худро ба назди Мирзоазиз расонд ва оғӯшаш гирифту гирякунон гуфт:

– Ҳазорҳо раҳмати Парвардигор бар падару модарат, ки чунин бачаи шердилу палангчангол ба дунё овардаанд. Ту намебудӣ, мани сиёҳбахтро мебурданд, писарам, зиндон мекарданд, мекуштанд.

Зан дар пеши пойи Мирзоазиз афтод. Мирзоазиз ӯро болои санге шинонд ва… шинохт! Ин ҳамон зан буд, ки дар Саройи санг рубоие хонду мардумро ба шӯр овард ва онҳо ба Муҳаббатхон лаънат фиристоданд.

Ҷавонмарде, ки захм бардошта буд, Мирзоазизро шинохт.

– О, ин ҷавон дина ҳамроҳи паҳлавон Ҷаҳонгир омада буд. Ту набераи паҳлавон нестӣ?

Мирзоазиз бо аломати тасдиқ сар ҷунбонд. Бо шунидани номи Ҷаҳонгир онҳое ҳам, ки дар сари навкарон истода буданд, ба назди Мирзоазиз омаданд. Пирмард чун аз тухми кӣ будани писаракро фаҳмид, дасти ӯро гирифт ва бо шодмонӣ гуфт:

– Ту набераи Ҷаҳонгири овозадорӣ? Ман ҳайрон шудам, ки ин шердил кӣ бошад? Эй мардум, муждагонӣ, ин ҷавонро Худованди таоло ба мо расонд!

Пирмард Мирзоазизро ба оғӯш кашид, аз ду чашмаш бӯси-

ду ашки ҳасрат рехт.

– Агар Маҳмадазим зинда мебуд, магар Шуғнон чунин хору зор мешуд? Магар бадахшиёни худоношинос ҳад доштанд, ки Саройи сангро ба кушторхона табдил диҳанд? Магар ҷуръат мекарданд, ки ба сӯи модарону хоҳарони мо панҷаҳои ифлоси худро дароз намоянд?

Мирзоазиз пирмардро аз китфонаш оғӯш гирифт. Зани таҳқирёфта болои санг баромад ва рӯмолашро ба гардан овехта, фарёд кашид:

– Эй халқи Шуғнон, магар ба ин хориву зорӣ дигар зиндагӣ кардан мумкин аст? Ин шоҳу навкарони хунхораш дигар бо мо чӣ кунанд? Эй мардон, оё мунтазири онед, ки тунбони занону хоҳаронатонро дар пеши чашматон бикашанд? Ё хона ба хона дароянду ҳар як шуғниро сар бибуранд?

Зан инро гуфту дудаста сарашро қапид ва сари зону нишаст. Марди зарбхӯрда овоз баланд кард:

– Холаи Рӯзабегим рост мегӯяд. Ман ҳам, албатта, ӯро ба ин золимон намедодам, вале ин писари диловар азми мардонаи моро қатъӣ кард. Чӣ ном дорӣ, писарҷон?

– Мирзоазиз.

– Мирзоазиз набераи Ҷаҳонгири пӯлодчангол! Дар ҳақиқат, туро Худо ба мо расонд.

Ҷавонмард ба ҷониби навкарон, ки акнун ба ҳуш омада, бемадорона менишастанд, қадам гузошт.

– Хуршедшо, ин ноҷинсонро зада накушӣ, – овоз баланд кард пирмард. – Ҳар дуро ба аспҳояшон савор кунеду сар диҳед. Раванду ба шоҳ гӯянд, ки халқ ба дод омадаву дигар тоқати зулмашро надорад.

Сарфи назар аз таъкиди пирмард мардони аламкашида навкаронро зада-зада, ба аспҳо савор карданд ва шамшерҳояшонро кашида гирифтанд. Онҳо аспони худро маҳмез зада, гурехтанд.

– Бори дигар ба деҳаи мо биёед, мекушем! – бонг заданд

чанд кас аз пасашон.

Пирмард, ки Пазиршо ном доштааст, пас аз ором гаштани ҳозирин ба ҳамдеҳагонаш рӯ овард:

– Дар байнатон ман аз ҳама калонсолтарам. Муҳаббатхон одаме нест, ки ин кирдори моро нодида бигирад. Имрӯз ё пагоҳ барои ҷазо доданамон сипоҳ мефиристад. Акнун ки кор чунин сурат гирифт, бояд ба ҷанг омода шавем.

– Ба мо дар ин кор роҳбаре лозим, – гуфтанд чанд нафар.

– Аз Хуршедшо роҳбари хуб мебарояд.

– Оё метавонам? – савол дод Хуршедшо, ки занаш китфи ӯро мебаст.

– Метавонӣ, писарам, албатта, метавонӣ. Гузаштагонат ҳамагӣ паҳлавону силаҳшӯр будаанд. Аҷдодат ба шаҳмирони Шуғнон, сипаҳсолорони Тӯронзамин мерасад. Мо ҳама ба ту ёрӣ мерасонем. Мулк аз они мост, на аз Муҳаббатхону авлоди фурӯмояи ӯ.

Пазиршо риши паҳну чун нуқра сафедашро панҷа зада, афзуд:

– Исён бар зидди шоҳ кори бозӣ нест. Ҳама бояд Хуршедшоро гӯш кунанд. Оқсақоли мо аз ҳамин соат ту ҳастӣ, Хуршедшо! Ҳоло ки паҳлавон Ҷаҳонгирро Худо расондааст, ба назди ӯ рафта, кори ояндаамонро маслиҳат кунем.

Пирмард асозанон ба сӯи баландӣ роҳ гирифт. Мардум аз дунболаш ҳаракат карданд. Зани ҷабрдида ҳамроҳи чанд нафар наздиконаш дар лаби Панҷ монд. Вақте Мирзоазизу ҳамроҳони ӯ баландиро мебаромаданд, овози гуворои зан ба ҳавои «Фалак» танин андохт:

***Дар дашт будам, савори тозон омад,***
***Овози лаҷоми Шоҳи мардон омад.***
***Рангаш зи Муҳаммад асту бӯяш зи Алӣ,***
***Аз ҳар тарафе бӯйи гулистон омад - еее...***

Ба пешкории пирмард ҷамоат ба хонаи халифа Шонасим омад. Халифа ва Ҷаҳонгир аз ғалоғулаи мардум бедор шуда, ба пешвози меҳмонони нохонда бархостанд.

– Ассалому алайкум, халифа, – Пазиршо дасти халифаро бӯсид ва бо Ҷаҳонгир бағалкаш вохӯрӣ кард. Бузургсолони дигар низ чунин карданд.

– Дар қадамҳои шумо ҷонам, – муроот кард соҳиби хона, – бишинед, рост наистед.

Ҳозирон дар сояи дарахтон нишастанд. Мирзоазиз дар паҳлуи бобояш чорзону зад.

– Кори сахте афтод, халифа, – сухан оғоз кард Пазиршо, – соате пеш ду савор омада, Рӯзабегими виёдиро, ки ба таъзияи хешу табораш омадааст, ба қалъа бурданӣ шуданд. Мо муқобилат кардем. Гуфтем оқсақол Сафарро даъват кардед, шоҳ бе ягон гуноҳ ба дарё партофта, ғарқаш кард. Акнун омадед, ки хоҳарарӯсашро бибаред ва бикушед. Мо меҳмонамонро ба дасти ҷаллод намесупорем…

– Он зан чӣ гуноҳ дорад? – пурсид Ҷаҳонгир миёни гапи пирмардро шикаста.

– Рӯзабегим фалаксаройи беҳамтост, паҳлавон. Он шоми наҳс шоҳ ҷияни ӯро низ парронда буд. Хоҳараш аз ғусса дилкаф шуда мурд. Вай рубоии фалакӣ хонда, аз ғами ҷигаргудоз шоҳро лаънат хонд. Мардум ба ӯ ҳамовоз гашта, ба Муҳаббатхон лаънат фиристоданд. Шоҳ дастур додаст, ки ӯро дастгир намуда, ба дарбор баранд.

Пирӯзшоро гиря гулугир кард. Аз дидаҳояш ду қатра ашки шӯр ба рухсораҳои чӯкидааш сарозер шуданд. Ӯ бо остин рӯяшро пок карду гулу равшан намуда, давом дод:

– Байни мову он ду навкар, ки якеаш тамоман забони шуғнониро намедонист ва дигаре андак воёб[1] буд, аввал ҷанҷоли даҳонӣ сар шуд. Диданд, ки розӣ нашудем, қамчин ба кор бур-

1. Воёб (шуғнонӣ) – воқиф, огоҳ.

данд. Хуршедшоро заданд. Банохост аз кучҷое ин ҷавон пайдо шуд ва асоро аз дастам кашида, ҳар дуяшонро дар як нафас чунон зад, ки беҳушу беёд дар рӯи хок чалпак шуданд.

– Кӣ? Мирзоазиз?! – пурсид Ҷаҳонгир ва аз ғояти ҳайрат аз ҷояш бархост.

Мирзоазиз ҳам бархост.

– Оре, Мирзоазиз, – ба гапаш давом дод пирмард. – Мо ҳамагӣ тааҷҷуб кардем, ки як бачаи дувоздаҳсола-сездаҳсола чи тавр ду навкарро ба замин парчин кард. Худо зӯрашро зиёда кунад! Баъд навкарон гурехтанду мо барои маслиҳат ба назди шумо омадем.

Ҷаҳонгир набераашро ба оғӯш кашид ва аз чашмонаш бӯсид.

Халифа даст ба дуо бардошт:

– Ло фато илла Алӣ ло сайфа илла Зулфиқор, ҳар бало аз пеш ояд, рад кунад Парвардигор!

Ҳама «омин» гуфта, даст ба рӯ кашиданд.

– Ин падарсаг тоқати халқро тоқ кард, – гуфт халифа. – На инсоф дорад, на тоат. Ҳол он ки «инсоф болотар аз тоат» гуфтаанд. Акнун ки кор чунин ранг гирифт, ба ҳимояи худ омода будан лозим. Дар акси ҳол, ӯ ҳамаро аз дами теғ мегузаронад.

– Шарти аввали ҳама гуна муҳориба аз дил берун рондани тарс аст, – ба сухан омад Ҷаҳонгир, – бояд донист, ки аскарони шоҳ ҳам одаманд. Гаҳвораи онҳо аз осмон наомадааст. Онҳо ҳам тани мурандаанд ва аз марг метарсанд. Далериашон аз он аст, ки касе ба онҳо муқовимат намекунад. Ду-се калтак хӯранд, пушт медиҳанд. Шумо натарсед, касеро барои худ сардор гиред ва ҳама ба амри ӯ гӯш диҳед. Ҳар кас чи гуна аслиҳа дошта бошад, омода намояд. Ман бо шумо ҳастам.

Нутқи кӯтоҳ, вале боварибахши паҳлавони корозмуда дили мардонро қавӣ гардонд. Онҳо Хуршедшоро сипаҳдори худ интихоб карданд. Хуршедшо чунин амр кард:

– Пас аз як соат дар даштаки баромадгоҳи деҳа тамоми

мардонро ҷамъ оваред. Касе чи силоҳи ҷангие дошта бошад, бо худ биёрад. Гап якто, Худо якто!

Ҷамъомадагон пароканда шуданд. Ҷаҳонгир, халифа ва Хуршедшо оид ба тарзи ташкили муҳориба бо аскарони Муҳаббатхон боз муддате машварат карданд. Сипас бобову набера роҳи Баҳшорро пеш гирифтанд.

## ДАР ДАКОНИ САЙИД ФАРРУХШО

Чиллаи тобистон авҷ дошту рӯди Панҷ аз ғояти пуробӣ ба монанди уштури маст кафк мепурхид. Аз дамаш ҳавр бархоста, ду тарафи соҳилро дар чодари сафед печонда, шиддати гармои тоқатфарсоро, андаке ҳам бошад, мекоҳонд.

Ба ғайр аз гелос, ки сурхпаҳлу мешуд, меваҳои дигар ҳанӯз ғӯра буданд. Тут, ки бо намудҳои гуногунаш дар ин мавзеъ фаровон мерӯяд, акнун шира мебаст. Аз киштзорон лашаку боқило, патаку нахуд, гандуму ҷав анбӯҳ-анбӯҳ сар боло намуда, шуълаҳои ҳаётбахши хуршеди тобонро нӯши ҷон мекарданд. Дар чунин шабҳои гарм одатан мардуми Поршинев ё дар болои бом ё миёни киштзори худ, каппае аз навдаҳои бед дуруст карда, хоб мерафтанд.

Аммо Сайид Фаррухшо аз гармои дилгиркунанда дар лаби рӯди мусаффои Баҳрчиддара паноҳ мебурд. Барои ӯ дар соҳили рости рӯд дар сояи анбӯҳи дарахтони беду ван дакони[1] бедевори соябондоре сохта буданд. Пир[2] се моҳи тобистонро аксаран дар ҳамин дакони дӯстдоштааш мегузаронд. Ба Саройи Баҳор, ки хонааш дар он ҷост, вақте мебаромад, ки дар хона кори ниҳоят муҳим афтода бошад. Боқӣ авқоти худро дар ин макони хушҳаво сарфи қабули муридону корафтодагон, меҳмонону мансабдорон ва мутолиаву маҳфилоройӣ мекард. Сай-

1. Дакон – айвоне бо пойдевори сангин.
2. Пир – раҳбари рӯҳонии исмоилиён, ки аз ҷониби Имоми Вақт ба ин манзалат тасдиқ мегардид.

ид Фаррухшо танҳо писараш Сайид Козимро иҷоза медод, ки дар паҳлуяш хоб равад. Писари калонаш Сайид Юсуфалишо бештари вақт дар хонаи бобои модариаш Саидҷаъфар буд.

Он шаб ҳам бо писараш то дер гоҳ аз девони Ҳофиз ғазал хонданд. Дурусттараш Сайид Козим мехонду падараш, сар ба болин ниҳода, маззакунон гӯш медод ва ҳар гоҳе байте дилашро такон медод, сарашро мебардошту «Ту ҷад қабул»[1] - гӯён нидо мебаровард ва ҳатто ашк мерехт. Сайид Козими хурдсол, ки ҳанӯз ба маънии чизи хондааш чандон сарфаҳм намерафт, дар ин гуна ҳолатҳо аз хондан бозмеистод. Ба рӯйи падараш бо тааҷҷуб менигарист ва агар ӯ ашк мерехт, дилтанг шуда, базӯр оби чашмашро нигоҳ медошт.

Ашк рехтани падарашро Сайид Козим натанҳо дар сари мутолиаи китобҳо мушоҳида мекард. Баъзан нимаҳои шаб гиряи пасташ ӯро аз хоб бедор месохт. Дар ин лаҳзаҳо Сайид Козим аз ҷо баланд шавад ва ҳатто гап занад ҳам, падар ӯро намедиду намешунид. Ангор ӯ вуҷуд надошт. Падар дузону, баъзан якзону нишаста, дудаста сарашро қапида, зери лаб чизе мегуфту мегирист, мегиристу мегуфт. Сайид Козим фикр мекард, ки падараш шабҳо аз ақл бегона мешавад ва ягон шаб ҳатман ҳодисае бо вай рух медиҳад. Бинобар ин, рӯзе бо модараш ин розро дар миён гузошт. Модар дид, ки ҳолати падар писарро сахт нороҳат намудааст, гуфт:

– Писарам, ҳоло чизе, ки мешунавӣ, ба ҳеҷ кас нагӯ. Қасам бихӯр.

– Қасам ба номи Худо.

– Падарат ҳар шаб бо Мавлои Замон сухан мегӯяд ва барои ҳар сухани дурафшони Мавло ба риққат омада, ашк мерезад. Ту натарс, калонтар шавӣ, падарат худаш туро аз ин сир воқиф месозад.

Сайид Козим моту мабҳут монд. Пас аз ин гапи модар падари маҳбуби ӯ якбора дар назараш ба шахси муқаддас ва ҳатто афсонавӣ табдил ёфт.

---

1. Ту ҷад қабул (шуғнонӣ, ибораи рехта) – қурбони ҷаддат шавам.

«Аҷиб, падарам бо худи Мавло гап мезадаасту ман ӯро намебинам, – мегуфт худ ба худ Сайид Козим. – Барои ҳамин ҳам аз ҳар кучҷои олам мардум ба зиёрати падарам меомадаанд».

Сайид Фаррухшо пас аз адои намози бомдод рубоб ба даст гирифта, дер гоҳ ҷӯр намуд ва ба сурудани муноҷот оғоз кард. Овозаш баланд набошад ҳам, дилнавоз буд.

***Дил саропардаи муҳаббати ӯст,***
***Дида оинадори талъати ӯст...***

Ғазали Ҳофиз ҳамеша сароғози муноҷоти Сайид Фаррухшо буд. Онро то охир месароид, сипас ё аз Саноӣ шеъре месуруд ё аз Ғиёсӣ. Сайид Козим зери лаб дар баробари падар байтҳои муноҷотро такрор карда, гоҳе сари овозашро ҳам мегирифт. Дар ин лаҳзаҳо падар чашмони ба сақф дӯхтаашро ҷониби ӯ поин мекард, нигоҳи меҳрубононае меафканду мамнун сар меҷунбонд. Сайид Козим аз ин ишора болупар мегирифт ва овозашро ба дараҷаи падар расонда, ҷӯр менамуд.

Падар муноҷотро бо рубоии зер анҷом бахшид:

***Кунҳи хирадам дархури исботи ту нест***
***В-оромиши ҷон ба ҷуз муноҷоти ту нест.***
***Ман зоти туро ба воҷибӣ кай донам?***
***Донандаи зоти ту ба ҷуз зоти ту нест.***

Фаросатшо, хизматгори пир, як корсон ношхушпаи[1] сӯзон, ду кулчаи ширмол, дар косае бату[2] дар табақе гелосу тути тар оварда, дасторхон андохт ва арз кард:

– Пирам, аз назди шоҳ оқсақол Муборак омадааст.

1. Ношхушпа (шуғнонӣ – ношхуx̌пā) - зардолуатола
2. Бат (шуғнонӣ – бāт) – ҳалво

Сайид Фаррухшо гуфт:

– Даъваташ кун.

Оқсақол Муборак ба дакон баромад ва дар назди Сайид зону зада, дасташро бӯсид. Авлоди ӯ дар ду тарафи соҳили Панҷ ҳамагӣ муридони Сайид Фаррухшо буда, бо пири батадбир ва шуҳратёрашон ифтихор доштанд.

Пир муридашро ба тановули атола муроот намуд. Муборак, ки гушна буд, пайи ҳам се-чор лах бардошту маззакунон гуфт:

– Барои ман таомат табаррукист, пирам. Хеле бамазза пухтаанд.

– Ин маззаи дастони Махтуммост. Ҳунари чандин занро дар ошпазӣ санҷидам, оқибат ҳамин Махтумморо, ки се сол пеш аз Бунӣ ба ҳамдеҳаамон шавҳар карда буд, кашф кардам. Он ҳам тасодуфан. Аз маъракаи саршӯёнаш ба хонаи мо ҳавеҷхушпа оварданд. Бовар кун, дар умрам чунин хӯроки болаззат нахӯрда будам. Вақте фаҳмидам, ки пазандааш ҳамин духтари навхонадор аст, пас аз баромадани чили сураш ӯро ошпаз ва шавҳарашро хизматгор гирифтам. Худо баракаташон диҳад, ҳарду қобилу покизакоранд. Ҳоло соҳиби се фарзанданд: ду духтару як писар. Фарзандонашонро ҳам худам ном гузоштам.

Сайид Фаррухшо дар бораи хизматгоронаш гап мезаду Муборак бо ҳайрат фикр мекард, ки чаро Сайид ба ҷойи он ки сабаби ташрифашро дар ин субҳи солеҳон пурсад, ин қадар батафсил дар бораи кадом як ошпази назарногире ҳарф мезанад. Оқсақол аз хӯрдан фориғ шуд ва ба маънии «акнун сабаби омаданамро бипурс» дида ба Фаррухшо дӯхт.

Сайид сари писарашро силакунон гуфт:

– Медонам, барои чӣ омадаӣ. Лекин аз дасти ман чунин кор намеояд.

– Кадом кор, пирам? – бо изтироб пурсид Муборак ва дар дилаш Худо мегуфт, ки сухани пир дар бораи никоҳ набошад.

– Он валъамат ҳар кӣ ҳам бошад, зани падараш буд. Чӣ хел ман – пири садҳо мусулмон, модарандарро ба писарандар ни-

коҳ кунам? Дар мазҳаби мо модархонду писархонд манзалати модару писар доранд.

Оқсақол аввал аз он ки пираш напурсида, сабаби омаданашро фаҳмид ва сонӣ аз он ки хоҳиши шоҳи мамлакатро, онеро, ки аз тозиёнааш хун мечакид, чунин саҳлу осон рад намуд, лолу ҳайрон монд.

– Ҳазратам, ман ба шоҳ чӣ гӯям? – гулу равшан кард оқсақол.

– Чизе, ки шунидӣ. – Фаррухшо сухани бештаре гуфтанӣ шуд, аммо ба ҷойи он сарашро норозиёна такон доду тоқиашро гирифта, дубора ба сар гузошт. – Ба ягон муллои худаш фармояд... Фардои қиёмат дар назди Худо ҷавоб медиҳем, на дар пеши Муҳаббатхон.

Муборак дигар исрор накард. Донист, ки пираш ба ҳеҷ ваҷҳ чунин кори нораворо ба гардан намегирад. Иҷозаи рафтан пурсид. Фаррухшо барои гусели ӯ бархост ва ҳангоме ки оқсақол дасти ӯро бӯсида, аз дакон поин шуд, гуфт:

– Мансабу вазифа барои осон кардани зиндагии халқ аст, на барои зулму тааддӣ. Муҳаббатхон аввал бандаи Парвардигор аст, баъд шоҳ, ту ҳам аввал бандаи Худовандӣ, сипас оқсақол. Ба ҳампираҳоят ин насиҳати маро бирасон.

Муборак сар ҷунбонд ва нимтаъзиме карду бадар рафт. Фаррухшо ба ҷояш нишаст ва «Ҳафтяк»-и писарашро ба даст гирифт.

– То куҷо аз бар кардӣ, Козим?

Сайид Козим гуфт:

– «Таборак»-ро ним кардам.

– Охонат кай меояд?

– Соате пас мерасад.

Сайид Фаррухшо барои саводнок кардани писараш муътабартарин шахси мулки Шуғнон – шоири номдор, хусури худ Сайид Ҷаъфарро баргузида буд. Сайид Ҷаъфар, ки дар деҳаи на он қадар дури Хоса зиндагӣ мекард, ҳафтае се бор ба хонаи Фаррухшо омада, ба Сайид Козим сабақ меомӯхт.

Сайид Фаррухшо аз писараш хост, ки сабақҳои гирифтаашро пеши ӯ такрор кунад. Сайид Козим сураҳои ёдгирифтаашро як-як хонд. Садои ҷарангосии бачагонааш гӯшнавоз буд. Падар дар дил ба муаллимаш аҳсант хонд. Писарак чун устодаш калимаҳоро бехато талаффуз мекард. Тарзи қироаташ сайқал наёфта бошад ҳам, аз латофат холӣ набуд.

Ин асно хизматгор расиду ишора кард, ки меҳмоне омадааст. Фаррухшо даст ба сари писар бурд, ӯ қироатро қатъ намуд.

– Кист?

– Ҳазратам, Ғазанфари ғундӣ салом омадааст.

– Биёяд.

Ба дакон марди тахминан панҷоҳсолаи миёнақади чобуке баромад. Саллаи сафеди хурд, камзӯли пахтагини сиёҳ ва пехҳои бадошти тоза дӯхташуда аз давлатманд буданаш гувоҳӣ медоданд. Вай чор-панҷ қадам дуртар аз Сайид Фаррухшо дузону нишаст, пешонӣ бар фарш ниҳод ва сипас сар боло карду гуфт:

– Тасаддуқи ҷадди бузургвори пирам, ки саги даргоҳи худро ба лутфи бегаронаашон бор доданд.

Сайид ба ёд овард, ки тирамоҳи гузашта ин мард, ки ҳарфи «к»-ро «г» мегуфт, бо хоҳиши аҷибе ба хонааш омада буд. Лабханде заду аз ҷо бархост ва меҳмонро меҳрубонӣ кард.

– Хуш омадӣ, Ғазанфар, моҳи камнамо шудиву рафтӣ.

Меҳмон рӯҳ гирифта, дасти пирро бӯсид ва домони ҷомаашро ба чашм молид. Сайид дастонашро аз домани худ ҷудо карду ӯро болои пӯстак дар паҳлуи писараш шинонд.

– Пирам, аз муридони ғундиатон салом овардам, – гуфт Ғазанфар ва аз даруни халтаи намадинаш чароғдони сангине бароварда, пеши Фаррухшо гузошт. Сайид онро бардошта, пушту паҳлу гардонд, ду-се дақиқа тамошо карду ба ҷояш гузошт ва пурсид:

– Мардуми Ғунд чӣ ҳол дорад?

Ғазанфар, ки айни замон таърифи чароғдонро интизор

буд, аз ин савол нороҳат шуда бошад ҳам, сир бой надод.

– Тинҷанд, осудаанд, пирам, гасро ба гас ғараз нест. Аз Сардем Шотавур, аз Чарсем Шосабой саломатон гуфтанд… – Ғазанфар гапе аз ин зиёдтарро айб дониста, лаб фуру баст. Фаррухшо чароғдонро дубора ба даст гирифту вазнашро рӯи каф санҷид. Ғазанфар бо чашмони аҷиби худ, ки беш аз ними пешониашро косахонаашон ташкил медод, ҳар як ҳаракати пирашро беқаророна наззора карда, мунтазири баҳои ӯ нафас ба дарун зада буд.

– Чанд вақт дар Ёрканд истодӣ?

Ин саволи ногаҳонии пир муридро дар ҳайрат гузошт.

– Даҳ рӯз пеш баргаштам, пирам, бо горвони қирғизҳо…

– Аз Тошқӯрғон харидӣ ё аз Ёрканд?

– Аз худи Ёрганд, пирам, тасаддуқ, қурбони фаҳми шумо, аз сафарам бохабар будаед…

Пир табассуми малеҳе карду гуфт:

– Ин гуна чароғдонро фақат исмоилиёни Ёрканд месозанд. Нархаш аз понздаҳ то ҳаштод рупия аст, вобаста бо он ки аз кадом санг ва бо чи ҳунар сохта мешавад. Инро аз лоҷварди нилифом сохтаанд. Шаст-шасту панҷ рупия қимат дорад.

Огоҳии Сайид Фаррухшо Ғазанфарро билкул ба ҳайрат гузошт. Ӯ ҳеҷ тасаввур карда наметавонист, ки чӣ тавр пираш аз Поршинев берун набаромада, дақиқан медонад, ки чароғдони овардааш моли куҷост ва қиматаш чанд аст. Шояд пираш инро ҳам донад, ки Ғазанфар ба ин чароғдон пуле сарф накардааст. Онро як бозоргони ёркандӣ ба ӯ дод, то ба дӯсташ – халифа Султонсайиди ғундӣ аз номи ӯ армуғон барад. Аз хавфи фош гаштани хиёнаташ дар амонати як муъмини Худо ва он ҳам дар назди пир, Ғазанфар ба ташвиш афтод, ҳатто пушташ арақ кард.

Сайид Фаррухшо сари писарашро силакунон чанд дақиқа ғарқи андешае хомӯш монд. Ғазанфар тамоман беқарор шуд,



ба дараҷае, ки хост тунд бархезаду роҳи гурезро пеш бигирад. Ниҳоят пир яхи хомӯширо шикаст:

– Ташаккури зиёд барои саломи савғотӣ. Арзе дошта бошӣ, бигӯ.

Ҷони то ба гулу расидаи меҳмон ҷониби тан бозгашт. Ғазанфар камтар аз сидқу бештар аз шарм пешонӣ бар замин суду дақиқае истод, то оромӣ ба ӯ даст диҳад. Сипас сар бардошту мақсади аслии омаданашро ба забон овард:

– Пирам, ёдатон бошад, соли гузашта хоҳиш гарда будам ба авлоди ман шаҷараи сайидӣ нависед. Шумо рад гардед. Бо ҳамин хоҳиш боз омадам, ки аз пирам дастгирӣ ёбам.

Фаррухшо ин гуна хоҳиши аҷибро дар умраш бори аввал соли гузашта аз забони ин марди айёрнамо шунида буд. Вале фикр ҳам намекард, ки бори дувум ҳам дар наздаш ба забон меорад. Табъаш хира гашт.

– Ғазанфар, охир ман ба ту фаҳмонда будам, ки чунин амал ҷиноят аст. Бо кадом рӯ одам аз авлоди худаш даст кашида, авлоди дигарро ихтиёр мекунад?

– Пирам, қурбони ҷонатон, тасаддуқи забонатон, инро на фақат ман мехоҳам, тамоми галонтарони авлоди мо ба даргоҳатон зораву тавалло доранд.Чизе хоҳед, дар ивазаш медиҳем, ҳоло бо худ як гумайти бодпой овардаам. Илтимос…

– Фаросатшо, ҳо Фаросат! – пир гапи Ғазанфарро бурид ва хизматгорашро фарёд кард.

Фаросатшо ба дакон баромад.

– Аспи ин мард дар куҷост?

– Ба дарахти себ бастаам, тақсир.

Фаррухшо чароғдонро ба халта андохта, ба дасти Ғазанфар дод ва гуфт:

– Дигар бо чунин хоҳиш назди ман наё, вагарна аз муридӣ маҳрумат мекунам. Фаросатшо, меҳмонро гусел кун.

– Аспи овардаашро монам?

– Аспашро ҳам гусел кун, ба аспи хуб як қамчин гуфтаанд, гоҳе ду қамчин ҳам лозим будааст, – бо киноя гуфт пир ва бо дасташ ҷониби роҳи баромад ишора кард.

Ғазанфари аз ғояти шармандагӣ суп-сурх таъзиме ҷониби пир карду мунтазири хизматгор ҳам нашуда, бадар рафт. Пас аз он ки дакон аз меҳмони булъаҷаб холӣ гашт, Сайид Козим ҷилави хандаро сар дод. Он қадар хандиду хандид, ки ғубори хотири Фаррухшо ҳам зудуда шуд ва дар лабонаш табассум дамид.

– Татҷон, ақли ин мардак аз кӯдакон ҳам камтар будааст-ку! – сабаби хандаи худро хулоса кард писарак.

Падар чорзону нишаст, рубоб гирифт, ба торҳояш нохун зад ва гуфт:

– Бачам, вай камақл не, сарақл аст. Девонаи ба кори худ ҳушёр.

– Чӣ хел?

– Мехоҳад шаҷараи авлодашро ба сайидзодаҳо расонаду соҳиби ягон вазифа ё имтиёз гардад.

– Худаш аз кадом авлод аст?

– Авлоди инҳоро шахракиён мегуфтанд. Инҳо аслан аз Ёмҷанд. Бо мардуми деҳа таҷанг шуда, ба Ғунд кӯч бастанд. Бисёр мансабталош ва иззатталабанд.

Аз чунин иттилои дақиқи падар дар бораи Ғазанфар писар дар ҳайрат афтод:

– Ман фикр кардам, ки ту дар борааш чизе намедонӣ.

– Ман дар бораи ӯ ва авлодаш чизҳое медонам, ки худаш намедонад, – посух дод Фаррухшо ва гӯшакҳои рубобро тоб дода, ҷӯр карду афзуд: – Тайёр шав, ки охонат меояд.

## АСИРГИРИИ БЕГУНОҲОН

Панҷоҳ нафар навкари мусаллаҳ аз қалъаи Баҳрпанҷа баромада, аспҳои худро ҷониби Рӯшон ва Дарморахт маҳмез заданд. Оқсақол Исҳоқ амр кард, ки бандиҳои дохили қалъаро

ба майдони Саройи санг баророанд ва худ дар сояи дарахте нишаст. Навкарон бандиҳоро оварданд. Чеҳраҳои пурандӯҳ, либосҳои ҷиғдаи аз ғояти чирк бӯгирифта, чашмони аз лоғарӣ фурурафтаашон табъи хираи оқсақолро хиратар кард.

– Дар офтоб наистед, ба зери дарахтон гузаред, – амр дод ба онҳо Исҳоқ ва аз ҷо хест. – Натарсед, ман фақат суҳбат мекунаму халос.

Аз ин гап дили бандиҳо каме қувват гирифт. Ба гӯши худ бовар намекарданд, ки бо онҳо чун бо инсон гап мезананд.

Оқсақол ба сарбозон рӯ овард:

– Ба хонаи ман равед ва ба инҳо хӯрок биёред.

Вақте навкарон ба роҳ афтоданд, аз пасашон таъкид кард:

– Ба ошпаз таъйин кунед, ки ҷавонаи барои қурбонӣ мондаамро кушта, дар ду деги калон боҷ[1] пазад.

Як марди бандӣ, ки ҳар замон миёнашро дошта, рӯ турш мекард, пурсид:

– Сойиб, ба одаме, ки мекушандаш, хӯрок чӣ лозим?

– Ҳеҷ кас шуморо куштанӣ нест, бародар, – посух дод оқсақол. –Вале бидонед ва огоҳ бошед, ки шуморо ба Файзобод мебаранд.

Аз ин хабар миёни бандиён ғалоғула афтод. Занҳо домони гиряро сар доданд.

– Мо ин қадар заифем, ки тавони рафтан ба чунин роҳи дурро надорем, – гуфт бандии дарди миёндор. – Боз се тан бемор ҳам ҳастанд.

– Чи кунам, амри шоҳ чунин аст, – гуфт оқсақол ва ба номнависиашон шурӯъ кард. Ягон нафарашон, ба ҷуз он ки хешу табори ашхоси ба шаҳодат расондаи Муҳаббатхон будан, гуноҳи дигаре надошт.

– Бародар, – бо нолаи дилхарош ба оқсақол рӯ овард зане, ки аз ғояти чиркинӣ чи ранг доштани рӯяшро муайян кардан

1. Боҷ - хӯрокест, ки аз гандуми нимкӯфта ва ишкамбаву каллапоча пазанд.

душвор буд, – шоҳ одами парақ[1] аст, парақро ҳарақ[2] гуфтаанд. Аммо ту ки шуғнонии мо ҳастӣ, наход раҳмат наояд? Шавҳарамро ноҳақ куштед, маро асир кардед. Ҳамаи ин бас набуд, ки дар мулки бегона ғарибам кунед? Коре, ки шумо мекунед, бадтарин кофар ба душманаш раво намебинад. Пас аз ин ту ва фарзандонат бо кадом рӯй ба назди мардум мебароед?

Исҳоқ оромона гапи занро гӯш карду вақте лаб фуру баст, дар рӯ ба рӯяш истод ва гуфт:

– Бовар кун, хоҳар, ҳоло ягона илоқ ба Файзобод бурдани шумост. Савганд ба Мавлое, ки имоми ману туст, роҳи дигар вуқуд надорад.

Оҳанги самимии гуфтори оқсақол на танҳо ба зан, балки ба тамоми асирон таъсири хуб гузошт. Дере нагузашта, навкарон асирони навро панқ-шашнафарӣ овардан гирифтанд. Доду фарёд ва шавқуну ғирев боз фазои Саройи сангро ба ларза овард. Бо амри шоҳ навкарон ҳеқ касро ба гусели асирон роҳ надоданд. Ба ин сабаб дар майдон танҳо асирон буданду оқсақол Исҳоқ. То чоштгоҳ беш аз панқоҳ асирро қамъ оварданд.

## ХАБАРИ ҲАЙРАТОВАР

Дарвозабони қалъаи Баҳрпанқа дарро ба рӯйи сарбозон Тошқул ва Эгамбердӣ боз карду фарёд кашид:

– Худоё, ба шумо чӣ шуд?

Сару рӯйи сарбозон кафидаву варам, либосашон хоколуд буд.

– Заданд, қариб мекуштанд! – қавоб дод Тошқул ва дасти ҳамроҳашро гирифта, ҳар ду бемадор поҳои худро дарун кашола карданд.

– Кӣ зад?

– Мардуми Вуж, – бо дили нохоҳам қавоб дод Тошқул, – дигар чизе напурс. Ба шоҳ арзи моро расон.

1. Парақ - бегона
2. Ҳарақ - ҳаром, фурумоя.

– Шоҳ касеро бор намедиҳад, лекин сипаҳсолор дар ҳамин ҷост.

– Мо сипаҳсолор надоштем-ку? – изҳори тааҷҷуб кард навкар.

– Акнун дорем.

– Илтимос, барояш бигӯ, ки арзи моро шунавад, набошад шоҳ сарамонро аз тан ҷудо мекунад, – нолиш кард навкар ва ба китфи ҳамроҳаш такя карда, лангон-лангон ба аскархона рафтанд.

Посбон дарвозаро баст ва ба дафтари сипаҳсолор шитофт. Сипаҳсолорро ҳама Отизул мегуфтанд. Ин лақабаш буд. Номи аслиашро касе намедонист. Падараш Муҳаммадкарими қирғиз, девонбегии шоҳ Абдураҳимхон, аз хурдсолиаш ӯро ба поси хотири авлодаш, ки бо номи «қирғизони отизулӣ» дар ҳудуди Помир машҳур буданд, «Отизул» лақаб гузошта буд. Ӯ дар қалъаи Баҳрпанҷа таваллуд шуда, ҳамроҳи Муҳаббатхону бародараш Юсуфалихон калон шуда буд. Пас аз он ки Муҳаббатхону Юсуфалихон бо дасти навкарони шохдарай падарашро куштанд, модараш ӯро ба Аличур ба назди хешовандонаш, ки тоҷикони вахонӣ буданд, бурд. Абдураҳимхон ба ин амал монеъ нашуд. Ӯ Отизулро ҳокими Помир таъйин кард. Отизул ҳам шеваи давлатдории падарашро давом дод: бо дастааш гоҳе ба Бартанг, гоҳе ба Марғов, гоҳе ба Помири хурд ҳамла бурда, мардумро ғорат мекард; писарону духтаронро асир гирифта, ба шоҳи Шуғнон мебурд. Аз тохтутози Отизул танҳо қирғизҳо дар амон буданд, зеро дар лаҳзаҳои ҳассос ӯро пуштибонӣ мекарданд ва агар лозим ояд, барои ҳимояаш сарбоз ҳам медоданд. Бад-ин васила сол то сол шумори тоҷикон дар Помир камтар, вале теъдоди қирғизон афзуда, доираи сукунаташон васеътар мегашт.

Хабари издивоҷи Муҳаббатхонро шунида, Отизул ҳадяву тортуқи кирой ҷамъ оварда, бо ҳабдаҳ сутури пурбор ба табрики шоҳ рафт. Шоҳ ӯро бо хурсандии зиёд қабул ва сипаҳсолор таъйин кард. Отизул чунин меҳрубониро аз дӯсти овони бачагиаш чашмдор набуд.

– Дӯстам, ман ба ту эътимоди зиёд дорам. Шуғнониҳо пайт мепоянд, ки маро дар аввалин фурсат шела-шела кунанд. Ба ягон зоташон бовар кардан мумкин нест. Ману ту якдигарро хуб мешиносем, ту мусулмони худам ҳастӣ. Ин баддинонро бояд аз тамоми умури ҳокимият маҳрум сохт, набошад, ҳоламонро табоҳ мекунанд.

Пинаки Отизулро посбон вайрон кард:

– Сойиб, ду навкари захмӣ бор мехоҳанд.

– Чӣ гап шуд?

– Дар деҳаи Вуж мардум исён бардошта, онҳоро задаанд.

– Исён?! Чӣ хел исён? – бо изтироб пурсид сипаҳсолор ва бархосту афзуд: – Вуж деҳаи девонбегӣ нест?

– Бале, сойиб, Қозӣ-девонбегӣ аз ҳамин деҳа аст.

– Ин тавр бошад, навкаронро ба назди ӯ бурдан лозим.

– Девонбегӣ дар тараддуди сур аст.

Отизул дигар баҳонае наёфта, бадар омад.

Ӯ хашмолуд ба қирғизӣ чиҳое гуфта, ба назди навкарон расид ва посбонро фармуд, ки девонбегиро даъват кунад. Навкарон бо ёрии ҳамдигар аз ҷо бархостанд ва қиссаи калтак хӯрданашонро нақл карданд. Ин асно Қозӣ-девонбегӣ ҳарсасзанон расида, дод зад:

– Ӯҳ нобакорони Худозада, дурӯғ нагӯед, вужиҳо хушфеълу оромтабиатанд. Дар ин деҳа касе ба чунин амали зишт даст намезанад.

– Чаро дурӯғ гӯем, сойиб? – исрор кард Тошқул, – заданд, маъюб карданд.

– Кӣ? – аррос зад девонбегӣ, – кӣ чунин ҷуръат кард?

– Як ҷавонписар, – сар хам кард навкар.

– Ҷавонписар?! – Девонбегиву сипаҳсолор баробар овоз бароварданд.

– Оре, сойиб, – ба нимовоз тасдиқ кард Тошқул.

– Туро ҳам вай зад? – аз хомӯшии навкари дуюм ба танг

омада, пурсид Отизул.

Навкар бо чашмони тангаш ба рӯйи калонтарон нигоҳи пурдарде афканду нолишкунон сар ҷунбонд.

– Эгамбердиро ҳам писарак зад, – ба ҷойи ҳамроҳаш ҷавоб дод Тошқул ва чун дид, ки калонтарон аз ғояти ҳайрат сукут варзиданд, афзуд: – Сойиб, зад, чунон зад, ки аз ҳуш рафтем… ман раҳ гашта наметавонам, Эгамбердӣ гап зада наметавонад…

– Ҷавон буд ё калонсол? – бо шубҳа тагпурсӣ кард девонбегӣ.

– Калонсолонро мутеъ карда будем, ки ҷавонак пайдо шуду ҳардуямонро чунон зад, ки хабар наёфтем.

– Эҳ, муред шумо, – бо кароҳат ба синаи навкар туф кард Отизул, – ин гапро дар пеши каси дигар нагӯед, ки саратонро худам мебурам.

– Чандсола буд он ҷавон? – пурсид Қозӣ, ки ба дуруст будани гапи навкарон дар дилаш шубҳае намонд.

– Шояд дувоздаҳ-чордаҳсола бошад.

– Дувоздаҳ?! – нидо баровард девонбегӣ.

– Чордаҳ?! – хитоб намуд сипаҳсолор.

Навкарон ба оҳанги тасдиқ сар ҷунбонданд.

Отизул аз ғояти хашм муште ба сари Тошқул зад. Тошқули бемадор сари по истода натавонист ва Эгамбердиро ҳам калавонду ҳар ду рӯйи хок ба пушт афтоданд.

– Магар мурданатон беҳтар нест, ки кӯдаке шуморо дар пеши ин қадар мардум бизанад?! – наъра кашид Қозӣ ва ба Отизул амр кард: – Ба Вужпидрӯд бираву исёнгаронро баста, ба Саройи санг биёр!

Отизул ба аломати итоат кулоҳ аз сар гирифта, нимтаъзиме карду ҳар ду мансабдор пайи кори худ рафтанд.

Пас аз ним соат Отизул бо бист савори мусаллаҳ ҷониби деҳаи Вуж раҳсипор гашт.

## ДАР РОҲ БА СӮЙИ ЙУРХ

Хайримаҳмад дами гупсарҳоро баровард. Доробшо ба ӯ ёрӣ дод ва ҳар ду либос ба бар карданд. Аз сардӣ бадани монанди анор сурхгаштаашон меларзиду дандонҳояшон шарақ-шуруқ баҳам мезаданд. Шамолаки субҳгоҳӣ, суст бошад ҳам, гӯиё садҳо сӯзанро бо суръати тир бо худ оварда, ба танашон мехалонд. Деҳаи Вамд дар он сӯйи рӯди Панҷ хеле хурд ва ҳатто як ҷузъи доманаи пур аз санги кӯҳи бузурги барфпӯш менамуд. Танҳо дуде, ки аз равзанаҳои ба назар нопадид ба ҳаво мепечид, аз вуҷуд доштани хонаҳо дар ин мавзеъ дарак медод.

– Гулхане афрӯхта, гарм шавем, – аз шиддати дандон ба дандон задан Доробшо суханашро базӯр ба охир расонд.

– Не, аз он тараф мебинанд, тез роҳ гард, гарм мешавӣ, – розӣ нашуд Хайримаҳмад ва саночҳоро худ бардошту камонро ба Доробшо дода, бошитоб ба роҳ даромад.

Доробшо камонро сари китф ниҳоду дунболи ҳамроҳашро гирифт. Пас аз ним соати роҳ гаштан чашми рӯз ҳам кафид. Аз сардӣ дар баданашон осоре намонд. Хайримаҳмад барои дам гирифтан тахтасангеро интихоб намуд.

– Каме дам бигирем, ки роҳ мушкилтар мешавад, – гуфт ӯ, – акнун ба сӯйи гардана рӯ меорем. Вақти намоз ҳам расид.

Хайримаҳмад лаби обаки мусаффое, ки гӯё сурудхонон аз дара меомад, таҳорат кард ва болои тахтасанге ба адои намоз нишаст. Доробшо намозхонии ҳамсафарашро тамошокунон фикр мекард, ки аз рӯзе ӯро мешиносад, ягон бор ҳам намозашро қазо накардааст. Дар даруни оғили бадбӯй низ медид, ки Хайримаҳмад дар дили шаб бархоста дузону мезад ва бо Худои худ роз мегуфт.

«Чи қадар инсони поку шариф аст ин мард! – ба худ андешид Доробшо, – шояд фаросату қувваташ аз ҳамин эътиқоди самимиаш бошад?»

Доробшо ба ахтарони камшумори осмони саҳаргоҳ нигариста, нохост фикр кард, ки дар умраш боре ҳам сар ба суҷуд набурдааст! Ба ёд овард, ки падараш намоз мехонд, модараш ҳам то дигаргун гаштани хаёлаш дар адои дуо мураттаб буд. Пас чаро ӯ боре ҳам дар ин бобат фикр накардааст? Агар намозхон мебуд, шояд навкарон ба хонаи Беҷодамо намеомаданд ва ӯ аз духтари дӯстдоштааш ҷудо намешуд? Аз Хайримаҳмад бояд намоз омӯзад, то аз Худованд илтиҷо кунад, ки Беҷодаи зебояшро дар паноҳи худ нигаҳ дорад.

Пас аз адои намоз Хайримаҳмад аз борхалтааш нону талқони тут баровард ва ҳар ду дар лаби об ноништа карданд. Доробшо орзуяшро ба забон овард:

– Бародар, бисёр мехоҳам намозро ёд бигирам. Ба ман ёрӣ мекунӣ?

– Албатта, дӯстам, ту магар намедонӣ?

– Афсӯс, ягон бор дар пайаш нашудаам.

– Ҳеҷ гап не, кори мушкиле нест. Хонда метавонӣ?

– Савод надорам, – посух дод Дороб, – авлоди мо ҳама деҳқону фақиранд.

– Парво накун, андувол, хату савод ҳам ёд медиҳам, – ва каме андешиду шохаеро ба даст гирифта, дар рӯи қум хате кашид ва гуфт: – Ин ҳарфи аввали алифбост, ки «алиф» ном дорад.

Сипас шохаро ба дасти Доробшо дод ва хоҳиш кард, ки ӯ низ дар паҳлуи он алифе бикашад. Доробшо дар рӯи қум алифи худро кашид ва мунтазири баҳои охон шуд.

– Хеле хуб, – таъриф кард Хайримаҳмад, – аз ту шогирди боҳуше мебарояд. Ҳар рӯз ҳарфи наве ба ту ёд медиҳам. Дар куҷое фурсат пайдо кардӣ, машқ кун. Ба ободӣ расем, қаламу коғаз ҳам пайдо мекунем. Акнун аз паси ман такрор кун: «Алҳамду лиллоҳи Раббилоламин». Ин ояи аввали сураи «Алҳамд» аст. Инро ки ёд гирифтӣ, ба дигараш мегузарем. Худо хоҳад, дар муддати як ҳафта намозхон ҳам мешавӣ.

Дӯстон қариб ду соат вақти худро сарфи «мактабу тадрис» дар ҳавои кушод карданд ва вақте ки шуълаҳои нахустини хуршед тахтапушташонро гарм кард, ба роҳ даромаданд.

Доробшо аз он ки Худованд дар сахттарин рӯзи зиндагиаш чунин инсони донову паҳлавонро ба сарвақташ расонд, рӯҳ гирифт. Ғами ҳиҷрони ёри ҷонӣ дар дилаш андаке коҳид. Зиёда аз ин, ба оянда хушбин ҳам гашт; дилаш гувоҳӣ медод, ки бо роҳнамоии Хайримаҳмад ҳатман ба висоли Беҷодамояш мерасад.

Гурезаҳо ҳар қадар пеш мерафтанд, барф ҳамон қадар баландтар мешуд. Охируламр пайроҳаи танг низ пас аз як хамгашти печдор зери барфи яхкардаи лағжонак монд. Офтоби камтаъсири баҳорӣ гоҳе дар паси қуллаҳои сарбафалак ниҳон мегашту гоҳе рух менамуд.

Аз душвории ҳаракат дар пайроҳаи лағжон сару бадани ҳамсафаронро арақ зер кард. Доробшо эҳсоси хастагӣ намуд; ӯ чашм ба қуллаи кӯҳ, ки гӯё бо осмон якҷо мешуд, дӯхта, фикр мекард, ки ин роҳ охир надорад ва онҳоро ба ободие намерасонад.

– Ин роҳ ба куҷо мебарад? – пурсид Доробшо.

Хайримаҳмад қадам суст карда, ба қафо нигарист ва ҳоли ҳамроҳашро зуд фаҳмиду гуфт:

– Пас аз ним соат ба деҳаи Йурх мерасем. Медонам, хаста шудаӣ, лекин агар дам бигирем, баданамон хунук мекашаду бемор мешавем. Боз камтар зӯр бизан, андувол. Баъд аз расидан, ҳо, ана, ба ҳамон санг, роҳ нишеб мешавад.

Дили Доробшоро қувват гирифт. Ӯ камонро ба китфи дигар гузошту қадамашро тезтар кард. Ба тахтапушти васеъ, қади баланд ва раҳгардии бардамонаи Хайримаҳмад нигоҳ карда, дар дилаш ба тобовариву матонати ӯ аҳсан хонд. Роҳи душвор як зарра шасти Хайримаҳмадро паст накарда буд. Ӯ дар пайроҳаи шабеҳ ба бероҳа, ҷойи погузорӣ интихоб намуда, ба тезии оҳу ё паланг боэътимод қадам мегузошт. Дороб-

шо чун оҳубаррае, ки аз қафои модараш мегардад, фориғ аз андешаи роҳкобӣ пай дар пайи Хайримаҳмад гузошта, пеш мерафт.

– Андувол, дар танат ин қадар тоқату қувват аз куҷост?

Хайримаҳмад бе он ки гашташро суст намояд, ҷавоб дод:

– Ман шикорчиам, андувол. Моҳе ду-се бор ба кӯҳ мебароям. Кӯҳгардӣ баданамро варзиш додааст.

***Аз худӣ бигзар, Худоро банда шав,***
***Зиндагӣ хоҳӣ агар, варзанда шав.***

Ин шеърро пири мо – Шамси Табрезӣ беҳуда нагуфтааст. Дар кӯҳистони мо агар ба монанди шаху санги он сахту матин нашавӣ, зиндагӣ туро ба ягон партгоҳи бебунаш афканда, ҳалок месозад. – Ва каме сукут варзиду афзуд: – Парво накун, ту ҳам баъди як моҳ мисли ман хоҳӣ шуд. Тамоми нишонҳои паҳлавониро дорӣ, бо навкарони ҷангозмуда ҳар кас дилу гурдаи муқобилат кардан надорад. Ҳоло каме гаштугузор кунӣ, озодапаланги кӯҳистон мешавӣ. Ман ба ту шамшерзаниву тирпарронӣ ёд медиҳам.

Азбаски хавфи ба дасти пайгардон афтодан дигар дур шуда буд, Хайримаҳмад барои кам кардани эҳсоси хастагӣ аз ҳар хусус суҳбат кардан гирифт. Гапаш асосан аз шикору шикорчӣ буд. Доробшо саргузашти падару бобоҳои ӯро, ки пушт ба пушт аҳли шикор будаанд, бо рағбати зиёд гӯш кард. Ӯ бори аввал мешунид, ки нахчиру мешак моли пайғамбар Сулаймон будаанд ва париён онҳоро шубонӣ мекардаанд. Шикорчӣ барои ҳар як ҳайвони шикоркардааш дар назди Худованд ҷавоб медодааст. Агар нахчиреро ба хотири ҳирсу худнамоӣ кушта бошад, дар он дунё ба ғазаби Худо гирифтор мешудааст. Хайримаҳмад ҳатто мисол овард, ки чи тавр шикорчие ду оҳубачаро мекушаду вақте ба хона бармегардад, мебинад, ки ду

фарзандаш аз болои дарахт афтода мурдаанд.

Доробшо ба нақлҳои мароқангези ҳамсафараш гӯш дода, дар дилаш ният мекард, ки агар тирандозиро ёд бигирад, аввал ба Вомар рафта, золимонеро, ки Беҷодамои азизи ӯро хору зор карданд, як-як тир зада, мекушад. Аммо дар ин хусус ба Хайримаҳмад чизе нагуфт, зеро намехост, ки баҳонае пеш ораду ӯро аз нияташ баргардонад.

Намози шом ҳамсафарони фирорӣ ба деҳаи Йурх расиданд ва дари хонаи аввалро кӯфтанд.

## ДАР ҲАСРАТИ МАНЗАРШО

Дар сари ҷасади Бобаки шаҳид Бибианор инони дарду алами чандсолаашро сар дод. Гирист, нолид, фиғон кашид, мӯйид. Модари Бобак қуввати гиристан надошт, беёд нишаста, ҳар замон аз банди ҷигар оҳи пурсӯз мебаровард; писари чорсолаи Бобакро ба хонаи ҳамсоя бурда буданд, то сояи мурда бар ӯ наафтад. Ба ҷаноза на танҳо хешу табори наздику аҳли деҳаи Шидз, балки мардуми деҳоти атроф ҳам омада буд. Марги Бобаки бегуноҳ ҳамаро афсурдаву маъюс карда буд. Мардум Муҳаббатхони золимро гӯёву хомӯш носазо мегуфт ва орзу мекард, ки Манзаршои сипаҳсолор ҳарчи зудтар баргардаду халқро аз зулму ситам наҷот бидиҳад.

Бибианорро чунин эҳсос даст дода буд, ки гӯё на Бобак, балки Манзаршои ба ҷон баробарашро куштаанду аз охирин умедаш ба зиндагӣ маҳрум сохтаанд. Навҳа мекарду бо сӯзи ҷигаргудоз ин абёт мехонд:

***Саркӯҳи баланд арғувон гум кардум,***
***Зардинаҷувони паҳлавон гум кардум.***
***Зардинаҷувони паҳлавон нест хабар,***
***Шамшери буранда аз миён гум кардум.***

***Умрат бигузашт, умри дигар нест туро,***
***Бигзашт ҷувоният, хабар нест туро.***
***Сайёди аҷал хайма зада дар роҳат,***
***Ин раҳра гирифт, раҳи дигар нест туро.***

Вақте ҷанозаро бардоштанд, Бибианор зери бағали модари Бобак даромада, ӯро ба гусели писараш баровард. Мардон пас аз адои намози ҷаноза тобутро бардошта рафтанд, занон рубоӣ месуруданду навҳа мекашиданд. Деҳаи Шидз ин сон ҷанозаи пуродаму серғавғоро ёд надошт.

Бибианор вақте раҳи хонаро пеш гирифт, ки торик шуду халифа далилак[1] равшан кард. Ӯ раҳораҳ ба нигини маҳтобсангиаш назар карду табъи хирааш боз ҳам хиратар гашт: нигин он қадар сиёҳ буд, ки ангор сангро канда, ба ҷойи он зуғол шинонда буданд.

Ӯ дар ҷӯйи ҳавлӣ дасту рӯ шуста, ба хонаи хобаш даромаду бедимоғ нишаст. Соате пас палонҷаш Султонбахт дасторхон андохту нону мева ва ду коса шӯрбо овард.

– Бибӣ, омадам, ки ҳамроҳ шом бихӯрем, – ба оҳанги таслият гуфт Султонбахт ва ҳоли зори палонҷашро дида, дам ба дарун зад.

Рӯйи Бибианор варам, чашмонаш суп-сурх, ҳатто қомати расояш каме хам зада буд.

Султонбахт зане буд дилкушод, чашмсер, хушсуҳбат ва серҳаракат. Бо рӯйи пургӯшти кулчамонанд, мӯйи сурхчатоби ғафс, қади баланду пайкари бузурги чандираш аз кадбонуи оқсақол дида, бештар ба зани деҳқон шабоҳат дошт.

Бибианор аз рӯзи аввали ба хонаи шавҳари наваш Булато қадам гузоштан, надидааст, ки Султонбахт боре ҷонибаш

1. Далилак – чароғаке, ки се шоми пас аз вафот дар хонаи шахси фавтида равшан мекунанд.

рӯ турш карда бошад. Дар лабонаш табассуми латиф, ба ҳама – бойу камбағал, мансабдору хизматгор як хел, – бо меҳрубониву самимият муносибат мекард. Бибианор ҳам барои ӯ гӯё на зани шавҳараш, балки хоҳар ё дугонааш буд. Як моҳи аввал Булато ҳар рӯз мекӯшид, ки бо зани наваш ҳамбистар шавад. Вале Бибианор бо ситеза хоҳиши ӯро рад менамуд, агар исрор ё зӯрӣ кунад, доду фарёд мебардошт.

Як моҳ ба ҳамин минвол гузашт. Ягона дилгармии Бибианор писари чорсолааш буд, ки аз комҷӯиҳои бебарори падарандар безобита мешуд. Вақте дасти Булато ба модараш мерасид, домани гиряро сар дода, хонаро аз фарёди ҷарангосиаш пур менамуд. Булато ночор мемонд ва, модару писарро дашном дода, бадар мерафт.

Даҳ рӯзи аввал Бибианор резаи ноне ҳам ба даҳон нагирифт. Ғами ҷудоӣ аз шавҳар ва зӯран никоҳ шуданаш ба Булато шираву шарбати баданашро хушк карда буд. Соатҳои дароз ноҷунбону пакар ба нуқтае чашм дӯхта менишаст; ҳама чиз ба назараш бемаъно, холӣ ва ковок менамуд. Танҳо вақте писараш сари ҷингиламӯи худро рӯйи синааш мегузошт, эҳсоси ҳастӣ дар дили ӯ шуълаи сарде меафрӯхт.

Рӯзи даҳум палонҷаш Султонбахт ба назадаш даромад, худро шинос кард ва гуфт:

– Хоҳарҷон, худат чизе нахӯрӣ ҳам, бачаатро азоб надеҳ. Намебинӣ, авзоятро дида, обу адо шудааст. Сӯзанаш занӣ, хун намечакад.

Ва писаракро бардошта, ба синааш зер карду бо меҳрубонии модарона афзуд:

– Вай-вай, холаат мурад дар ҷонат, чи қадар хушрӯй, чи қадар базеб, панири момом барин сафед. Ҷонам шавӣ, дармонам шавӣ, номат чӣ?

Писарак аз меҳрубониву навозиш хушҳол гашт, дар лабонаш табассум дамид ва ҷавоб дод:

–Меҳталсо.

– О, аз забони ширинат гардам, чи номи зебо! Ту ҳам мисли падарат паҳлавон мешавӣ, қаҳрамон мешавӣ, ин дасту бозуя бин, ин синаву гардана нигоҳ кун, ҷавонмард, шаҳсувор, мояи ифтихор. Рафтем берун, ҳавои тоза гирем, сайр кунем, ман ба ту боғатро нишон медиҳам.

– Боғи ман? – нобоварона пурсид Меҳтаршо.

– Ҳа, аз ту, боз аз кӣ мешуд. Ман ду духтар дорам, писар надорам, писари ман худат ҳастӣ. Ту ки писари ман ҳастӣ, боғи ман ҳам аз они худат, рафтем, Меҳталсои боғдорак.

– Мо боғ лавем? – дудила ҷониби модараш нигоҳ карда, пурсид писарак.

Бибианор аз меҳрубонии палонҷ андаке рӯҳ гирифта, зери лаб гуфт:

– Бирав, писарам.

– Ту намелавӣ?

Султонбахт дарров риштаи гапро ба дасти худ гирифт:

– Бачам, модарат нотоб аст, берун барояд, шамол мехӯрад, зимистон нав думашро хода карда гурехт, ҳоло хунук…

Ва ҳамин тавр гапзанон Меҳтаршоро дар бағал гирифта, аз дар баромад.

Чанд рӯз пас Булато дурӯза барои коре ба Вомар рафт. Султонбахт дар ин муддат ба палонҷи худ қаробати бештар пайдо кард. Шахсан худаш ҳуҷраи Бибианорро рӯфт, либоси ӯ ва бачаашро шуст ва ягон дақиқа аз чақчақу ханда бознамонд. Бибианор бовар надошт, ки палонҷ, яъне рақиби ҷонии ӯ, ба ҷойи душманӣ ба зане, ки ҳар лаҳза мақоми ӯро соҳиб шуда метавонист, чунин муносибат дошта бошад. Бинобар ин гуфт:

– Ба хизматгор мефармудӣ, ё ман худам мекардам, беҳтар буд.

Султонбахт аз шустан бозистод, бархост ва сутуни ҳуҷраро канор гирифту бо хандаи ҷарангосӣ гуфт:

– Шоҳсутунро канор гирем[1], ки арӯс ба гап даромад! Дар даҳонат ҳалво, шодиёна. Ҳо мардум, муждагонӣ! Арӯсамон ҳам забон доштааст. – Ва сутунро сар доду афзуд: – Хоҳарҷон, бо ин қошу қавоқат ягон хизматгор ҷуръат надорад, ки ба ту наздик шавад. Наход ман аз хизматгор беҳтар кор карда натавонам?

– Охир, ту соҳиби хона.

– Ту чӣ? Магар соҳиби хона нестӣ? Ин хона ба ҳама мерасад, ҳатто зиёдӣ ҳам мекунад. Ту меҳмони манӣ, ман бароят хизмат мекунам. Фақат дам ба дарун зада, рӯзи дароз чун бум дар бухтаи ғам нашин. Ин қадар чеҳраи зебо дорӣ, хазонаш накун. Ман сурати туро медоштам, рӯзи дароз фақат қишлоқро давр мезадам. Берун баро, ҳавои тоза бигир, ҳамсояҳо қаду қомататро бинанд. Ба ту дурӯғ, ба Худо рост, ҳамсояҳо фикр мекунанд, ки ману ту ба ҳам соз нагирифтем.

Аз самимияти палонҷи ғайриодиаш дар чашмони Бибианор ашк ҳалқа зад.

– Охир, ғами бисёр дорам, хоҳар…

Ва домани гиряро сар дод. Султонбахт дастонашро бо домани куртааш хушк карду бо як даст модар, бо дасти дигар бачаашро канор гирифт. Дар ин ҳол чашмаш ба ангуштарини Бибианор афтиду дилаш таҳ кашид: нигини он сип-сиёҳ метофт.

– Тавба, ранги нигин магар кабуд набуд?

Бибианор ба он як назар афканду гуфт:

– Дилам чи гуна бошад, нигинам ҳамон рангро мегирад.

– Хоҳарҷон, ин хел бошад, дилат аз ғусса мекафад. Эҳтиёт кун!

Бибианор ба риққат омаду аламҳои дилашро сар дод. дили Султонбахт ҳам ганда шуду беихтиёр ба гиря даромад. Меҳтаршо низ ба занон ҳамовоз шуд.

Хизматгорзанон овози гиряро шунида, ба гумони он ки

1. Шоҳсутунро канор гирифтан - дар Помир агар шахсе рафтори фавқулодае аз худ нишон диҳад, шоҳсутунро канор мегирифтанд.

фалокате рух дод, саросема ба ҳуҷра даромаданд. Вақте палонҷҳоро ашкрезон дар бағали ҳам диданд, аз ҳайрат чи кор карданашонро надониста, онҳоро ба ҳоли худ гузоштанд.

Пас аз гиряи пурсӯз Бибианорро дар канори палонҷаш хоб бурд. Султонбахт сари ӯро бо эҳтиёт ба болин гузошту Меҳтаршоро бардошта, ба рӯйи ҳавлӣ баромад. Ба нигоҳҳои саволомези хизматгорон шӯхиомез чунин ҷавоб дод:

– Аз набудани Булато ҳардуямон сахт зиқ шудем.

Вақте Булато аз Вомар баргашт, Султонбахт пайти муносиб ёфта, хоҳиш кард:

– Дар чашмот қурбон, албатта, ту марди хонаӣ ва салоҳи корро аз ман беҳтар медонӣ, вале илтимос, то муддате ба Бибианор наздик нашав. Ғаму ғуссае, ки вай дорад, санг ҳам намебардорад.

Булато бо зарда гуфт:

– Медонам, рашк мекунӣ, осон не.

– Не, дилам ба ӯ месӯзад. Маълум, ки шавҳари аввалашро сахт дӯст медоштааст. Бовар кун, дар ғамаш обу адо шудааст. Росташро гӯям, аз ин кори абин[1] рашкам омад.

Он вақт Булато ба гапи занаш аҳамият надод. Дилаш ба Бибианор кашол буду мехост ҳарчи зудтар коми дил ситонад. Вале баъди яку ним моҳ донист, ки дили Бибианор қалъаи тасхирнашаванда аст. Расман зани вай бошад ҳам, ботинан зани Манзаршост.

Рӯзе тамоми гапи дар дилаш ҷамъгардидаро дар ҳузури Бибианор чунин хулоса кард:

– Ман Манзаршоро намешиносам. Лекин дар бораи корнамоиҳояш бисёр шунидаам. Ту, дар ҳақиқат ҳам, зани сазовори номи ин мард будаӣ. Бар калонкардаат аҳсант! Ман ба ту ягон зӯрӣ надорам. Талоқат ҳам дода наметавонам. Инро ту аз ман беҳтар медонӣ. Фақат як хоҳиш дорам: ба касе нагӯ, ки ману ту муносибати заношавҳарӣ надорем. Минбаъд чи хеле дилат хоҳад, зиндагӣ кун. Барои туву бачаат чизе лозим бошад, бе-

1. Абин - палонҷ

ибо гап зан.

Бибианор гапи ӯро мешуниду ба ду гӯшаш бовар намекард. Пас аз он ки гапаш ба охир расид, наздаш ба зону афтод, дасташро бӯсид ва бо гиряи пуралам нидо дод:

– Худованд сари фарзандонатро аз санг кунад. Маро бубахш, ... наметавонам. Ман танҳо зани Манзаршоям, бовар кун, фақат зани Манзаршо! Ба ивази некиҳои туву занат иҷоза деҳ, ки хизматгори хонаат бошам.

Булато ин хоҳиши Бибианорро бо занаш муҳокима карда, иҷрои баъзе корҳои сабукро ба уҳдааш гузоштанд.

Пас аз як сол падараш Қубод Меҳтаршоро ба Баҳрзуд бурд. Сабабаш он буд, ки мактабдори Шидз таълими бачаро ба уҳда нагирифт. Дар Баҳрзуд Қубод худаш ба ӯ хату савод ёд дода метавонист.

Ҳамин тариқ, Бибианор дар хонаи Булато ба сар мебурду шабу рӯз тазарро дошт, ки Худованд бори дигар ӯро ба Манзаршо расонад.

Он рӯз, пас аз гусели ҷанозаи Бобак, ба хона баргашта, сар ба зону гузошту зор-зор гирист. Султонбахт барояш об оварду сарашро хоҳарвор дар канор гирифт. Ин асно садои пасти шикастани чизе ба гӯшашон расид.

– Зери зонуят чизе шикаст, – гуфт Султонбахт ва дар нимравшании сиёҳчароғ ҳарчанд палмосид, чизе наёфт. Баногоҳ чашмаш ба ангуштарини палонҷаш афтиду бо ҳайрат хитоб кард:

– Худоё, нигини ангуштариат ду пора шудааст!

Занон аз ғояти тааҷҷуб бо як овоз «вой» гуфта, аз ҷо хестанд. Маҳтобсангро ғуссаи бекарони Бибианор кафонда буд! Он лахтаи хуни сиёҳгаштаро ба хотир меовард.

## ЗАНТАҚСИМКУНӢ

Он рӯз ангор заминларзаи даҳшатноке кӯҳҳои Вомарро барканду ба сари Беҷодамо рехт. Дар саҳни қалъаи Вомар гӯё маҳшар барпо шуда бошад, се-чор ҳазор нафар одам ҷамъ омада буд. Навкарон гурӯҳ-гурӯҳ бандиёнро оварда, дар як тараф занон ва дар тарафи дигар мардонро рӯйи замине, ки барфаш чанд рӯз пеш об шуда буд, шинонданд. Мардуми аз деҳаҳои дуру наздики Рӯшон омада дар интизори ҳал шудани тақдири хешовандони худ истода буданд.

Беҷодамову ҳамроҳонашро субҳи барвақт ба қалъа оварданд. Занон, пас аз панҷ-шаш моҳи ҳабс, бори аввал рӯзи равшану ҳавои тозаро медиданд. Бо дидани шафақи офтоб дар дили Беҷодамо шуълаи умеди озодӣ барқ зад. Ӯ ба зани ҳампаҳлуяш рӯ овард:

– Моро озод мекунанд!

Зан ба ӯ нигоҳи маъюсонае афканду гуфт:

– Бовар намекунам, озод мекарданд, аз ҳамон Боҷхона ҷавобамон медоданд. Ба фикрам, мекушанд.

Ба сари Беҷодамо гӯё оби хунук рехтанд. Пушташ ларзид, дандонҳояш ба ҳам заданд.

Вақте тамоми бандиёнро дар майдон шинонданд, аз қалъа ду марди хушлибос баромаданд – яке шабеҳи қирғизон, дигаре – тоҷик. Марди тоҷик болои харсанге баромада, хитоб намуд:

– Бидонед ва огоҳ бошед, ки аз ҳамин рӯз эътиборан шоҳи мулки Шуғнон ҷалолатмаоби ҳумоюнфар, пушту паноҳи мусулмонон ва дини ислом Муҳаббатхон ибни Абдурраҳимхон, қалъаи Вомарро тасхир карда, мулки Рӯшонро ба тобеияти худ даровварда, ба ҳисоб оварл. Юсуфалихон, ба сабаби ғалат карданҳои бисёраш дар умури давлат ва дин аз салтанат маъзул гардида, ҷаноби ҳазрати дунёпаноҳ Муҳаббатхон ӯро ба ҷойи овехтан ба дор, изн фармуда, ки ба ҳамроҳи муқаррабо-

ни осигаштаи худ ба Бадахшон муроҷиат намояд. Ононе, ки дар замони Юсуфалихон масъулияти ҳокимиятро доштанд, бо амри ҷаноби шоҳи мулки Шуғнон бевазифа гардонда шуда ва молу мулкашон тарака гашта, ба хазинаи давлат супурда ва занону духтарону хоҳаронашон ба амалдорони нав никоҳ мешаванд. Дар муддати ҳафт рӯзи иди Наврӯз шаҳди нашъаи ғалаба ва тантанаи ҷашни арӯсии занони душманони ғаддор пурқиматтарин туҳфа барои дӯстон ва саъбтарин подош барои душманон буда бошад.

Аз шунидани ин нутқ дили Беҷодамо гӯё аз тапиш бозистод, гӯшҳояш зангула навохтанд, сараш чарх зад. Мардум ба таҳлука афтод, занон фиғон кашиданд. Ноороми издиҳомро дида, марди қирғизмонанд, ки камзӯли низомӣ ба бар дошту шамшере ҳамоил ба паҳлу, чолокона болои харсанг баромад ва фарёд кашид:

– Талаб мекунам, ки доду бедод накунед ва табъи болидаи шоҳи мамлакатро хира насозед. Касе арбада кунад, қамчин мехӯрад!

Рӯзи аввали моҳи Гамунд, яъне Наврӯз, барои Беҷодамову ба мисли ӯ садҳо одамони бегуноҳу бепаноҳи дигар бо чунин таҳқиру тазйиқ оғоз гардид. Бандиёнро ба қалъа дароварда, дар толори васеи табақаи якум саф ба саф қатор карданд. Сипас барои бозпурсӣ ва таъйини ҷазо як-як ба ҳузури Муҳаббатхон даровардан гирифтанд.

Беҷодамо ҳеҷ тасаввур карда наметавонист, ки бо чунин сурату сумоти зишту муҳаққар ӯро ба назди шоҳ медароранд. Ӯ бори охирин ду рӯз қабл аз асир шуданаш, яъне тахминан ҳафт моҳ пеш сару тан шуста буду халос. На фақат ӯ, балки тамоми бандиёнро танҳо барои қазои ҳоҷат берун мебаровmarданду халос. Дигар ҳолашон аз моли даруни оғил тафовуте надошт. Пироҳани тани духтар аз ғояти чирк чунон карахш баста буд, ки аз андаке беэҳтиётӣ медарид, дурусттараш ме-

шикаст. Мӯйи сараш пупанак зада, пеххҳои як замон гулбуриаш ранг бохта, ҳангоми роҳ гаштан чириқ-чириқ садо мебароварданд. Ягона пӯшоки дурусттаре, ки Беҷодамо бо худ дошт, гилеми рағзаи барқади чиркбардоре буд, ки дар вақти зарурат баданашро аз китф то буҷулаки по мепӯшонд. Духтар ба туфайли ҳамин гилеми пашмин аз сардии зимистон ҷон ба саломат бурд.

Вақте навбати вуруд ба Беҷодамо расид, гилемро ба танаш дурусттар печонду рӯяшро бо рӯмоли бадбӯяш пӯшонда, аз қафои навкар ба ҳуҷрае даромад. Дар ҳуҷра шаш марди хушлибос болои суфаи пасти қолинпӯш нишаста, кабоб мехӯрданд. Беҷодамо рӯйи номубораки онҳоро рӯзи аввали асир гаштанаш дар ҳавлии оқсақоли фирории Вомар дид. Шоҳ ба лӯлаболишти ҷилдаш зардӯзӣ такя зада буд. Ҳама мисли гургони гурусна ба ӯ чашм ало карданд.

– Ин заифа кӣ буд? – пурсид шоҳ.

– Хоҳари навкари Юсуфалихон, шоҳам.

Шоҳ нимхез шуда, дақиқае тунд ба рӯяш назар карду амр дод:

– Моли баде набудаст, ба ҳарам баред.

Навкар Беҷодаморо аз ҳуҷра берун овард ва тавассути поғундаи зинадор ба табақаи дуюм баровард. Духтар ҳеҷ тасаввур карда наметавонист, ки дар дунё хонаи дуошёна ҳам вуҷуд дорад. Ӯ аз ҳашамати қалъа ангушти ҳайрат газида, бо ваҳм меандешид, ки чи сон дар дохили ҳамин бинои даҳшатнок бисоти духтариаш туъмаи кадом як шағоли одамсурате мегардад. Дилаш тах кашид, гиря гулугираш кард.

Навкар ба чап тоб хӯрда, дареро кушод ва Беҷодаморо бо ишора ба дарун ҳидоят намуду дарро аз пасаш пӯшид. Дар дохили ҳуҷраи васеи равшан ду зан, гӯё маҳз омадани Беҷодаморо мунтазир бошанд, бидуни пурсише аз дасташ гирифта, ба воситаи роҳрави нимторики танг ба ошёнаи аввал фароварданд. Беҷодамо раҳораҳ ба зарда ва малолият меандешид,

ки чаро шоҳ ӯро «мол» гуфт? Наход инсон мол бошад? Наход ӯро бифурӯшанд? Бародари азизаш дар куҷост? Доробшо чӣ? Агар ба духтари заифе чунин зулм раво бинанд, бо онҳо чиҳо хоҳанд кард? Ё кушта бошанду вай дарак надорад?!

Андешаҳои мағшуш духтарро ба гиря водоштанд. Занон дари зебои кандакориеро боз намуда, ӯро ба дарун тела доданд. Якеаш фарёд кашид:

– Қабул кунед! – Ва дарро пӯшида рафтанд.

Хона нимторик буд. Ҳар ҷо-ҳар ҷо бар деворҳо машъалҳое месӯхтанд, ки аз сиёҳчароғи хонаи Беҷодамо чандин бор бузургтару зеботар буданд. Хона бӯйи хуш ва фарши он қолинҳои зебои нав дошт.

– Номат чӣ? – аз пушти сари Беҷодамо овози мардонае баланд шуд.

– Беҷодамо.

– Аз куҷоӣ?

– Аз Вомар.

– Чандсолаӣ?

– Нуздаҳсола.

Мард рӯ ба рӯяш истоду муддате аз фарқи сар то пояшро бодиққат аз назар гузаронд. Беҷодамо сар боло карда, ӯро диду сахт мутаҳаййир шуд: дар рӯбарӯяш на мард, балки зани пуррапайкаре бо рӯймоли сафеду пироҳани нафиси сабзранги гулдор меистод.

– Бо мард хуфтухез кардаӣ?

Духтар сар ба зер афканду посух надод. Аҷиб, овозаш мардона, либосу ҷисмаш занона! Беҷода аз шарм намедонист сарашро дар куҷо пинҳон кунад. Аммо зан, мунтазири ҷавоб нашуда, ба кори аз ин бадтар даст зад. Амр кард, ки Беҷодамо либосашро бикашад. Чун духтар таъхир намуд, худ дар як нафас ӯро лучи модарзод кард ва аз дасташ гирифта, ба ҳуҷраи дигаре даровард, ки гармоба будааст. Дар ин ҷо ҳам ду ҷавонзан,

бидуни он ки гапе зананд, ба шустушӯи духтар пардохтданд.

Зани мардмонанд гуфт:

– Номаш Беҷодамо, сару танашро покиза шуста, либоси беҳтарин бипӯшонед. Ҷандаҳои худашро ба гӯлахӣ диҳед, ки бисӯзонад.

Занмард рафт. Аз оби гарм ва хору моли гуворо бадани Беҷодамо роҳат кард. Дар ин муддат Беҷодамо чанд бор пурсид, ки онҳо ба чӣ мақсад чунин меҳрубониро ба ӯ раво мебинанд? Аммо аз санг садо буду аз онҳо не. Билохира, шустушӯ анҷом ёфту канизакон ӯро дар чодари сафеди нарм печонда, ба ҳуҷрае бурданд, ки сандуқи бисёр дошт. Чанд сандуқро кушода, кофтанд ва оқибат пироҳану поҷомаи мувофиқ интихоб намуданд. Сипас баданашро бо равғани хушбӯй масҳ намуданду либоси нав пӯшонданд.

Беҷодамо ба бозии чархи фалак ҳайрон монд. Ҳеҷ фаҳмида наметавонист, ки барои чӣ пас аз азобу таҳқири бисёр, боз ин қадар лутфу меҳрубониро ба ӯ раво мебинанд. «Шояд шоҳ аз ноодилона ба зиндон партофтанам пушаймон шуда бошаду акнун мехоҳад бо некӣ аз дилам барорад, – ба пурсишҳои бешумори дарунаш посух медод духтар, – ғалабаеро, ки мехост, ба даст овард, акнун рӯ ба инсофу адолат овардаинист».

Ин асно боз ҳамон зани мардмонанд ё марди занмонанд ба ҳуҷра даромад. Ин бор духтарро бо чашми харидорӣ аз назар гузаронда, қаноатманд сар ҷунбонду гуфт:

– Ту, Беҷодамо, дар ихтиёри ман мемонӣ. Дар ҳаққи шоҳи оламбаноҳ дуо кун, ки туро ба ҳарами худаш роҳ дод. Духтари хушбахте будай.

Он вақт Беҷодамо маънои «ҳарам»-ро намедонист. Ӯ фикр кард, ки шоҳ ӯро чанд рӯз чун меҳмон иззату икром карда, сипас иҷозат медиҳад, ки ба хонааш баргардад. Духтар хонаву дарашро пазмон шуда буд. Мехост чун парранда бол бароварду аз ягон тоқи ин қалъаи нимторики ваҳмангез парида, рост болои

боми хонаи азизи падараш биншинад, аз шодиву сурур бо ҳамин пироҳани наппа-нави хушрангу бӯяш рақс кунаду рақс кунад.

Ӯ ташнаи озодӣ буд. Аммо тақдир барои ӯ дар бағал санги дигаре доштааст. Занмард ӯро ба ҳуҷраи фарохе бурд, ки асосу палос ва курсиву болишти бисёр дошт. Дар кунҷу канори он ду-ду, се-се занону духтарони хушлибос нишаста буданд. Бо даромадани занмард ҳама аз ҷо хестанд. Нигоҳҳои кунҷковонаи онҳо ҳамагӣ ба Беҷодамо дӯхта шуданд.

Занмард гуфт:

– Ҳоло бароятон хӯрок мебиёранд. Ин духтар абини наватон – Беҷодамо.

Ва хандаи ғализе карду бадар рафт. Беҷодамо, аз он ки ин махлуқ ӯро «абин» муррифӣ намуд, аз шарм дасту по хӯрда, дар мобайни хона рост монд.

– Хоҳарҷон, биё, ба мо ҳамроҳ шав, – духтари нозукандоме, ки мӯйи зебояш то буҷули пояш мерасид, дасти ӯро гирифта, ба кунҷе бурд ва болои кӯрпачае шинонду пурсид: – Ту ҳам дар Боҷхона будӣ?

Беҷодамо ба ишораи тасдиқ сар ҷунбонд. Занон, чун диданд, ки абини навашон сахт бедимоғ аст, ӯро ба ҳоли худ гузоштанд.

Дар кушода шуду чанд канизак байни хона дасторхон андохта, онро бо мева, асалу набот, мағзу чағз ва кулчаву фатир пур карданд. Барои ҳар зан дар косаи алоҳидаи гулдор шӯрбо оварданд. Беҷодамо ду рӯз боз чизе ба даҳан нагирифта буд. Бинобар ин, дар як дам шӯрборо дам кашиду даст ба мева бурд. Зани калонсоле, ки ба рӯшонӣ бо лаҳни бегона гап мезад, гуфт:

– Беҷодамо, духтарам, мева нахӯр, ки шикампеч мешавӣ. Ҳоло наботчой хӯрӣ, беҳтар.

Беҷодамо зардолуи дасташро рӯйи дасторхон гузошт. Пас аз шӯрбо кабоб, пас аз кабоб оши боқило оварданд. Зани калон-

сол ним коса оши боқилоро ба Беҷодамо дароз кард ва гуфт:

– Ин фоида дорад, ҳатман бихӯр.

Беҷодамо ошро дар як нафас дам кашид ва гуфт:

– Раҳмат, холаҷон, сер шудам.

Занон аз ҳар хусус суҳбат мекарданд. Беҷодамо аввал ба он андешид, ки сокинони қалъаи Вомар чи дасторхони пурнеъмат доштаанд. Ӯ бори аввал медид, ки дасторхонро бо меваю хӯрок ин қадар оро додан мумкин аст. Чи ҳаёти бофароғате доштаанд ин қалъанишинон! Бе ягон меҳнату маҳрумият тамоми асбоби зиндагиашон муҳайёст.

Пас аз барчидани дасторхон Беҷодамо аз он зани калонсол, ки Қурбонгул ном доштааст, дар хилват пурсид:

– Хола, барои чӣ маро «абин» гуфтанд?

Зан хандаи баланде карду гуфт:

– Ин ҷоро «ҳарам» мегӯянд ва мо ҳамагӣ занони шоҳ Муҳаббатхонем. Ту магар намедонистӣ?

Боре Беҷодамо аз боми хонааш сарозер афтода, лат хӯрда буд. Аз шунидани ин сухан гӯё дубора аз баландии бом сарозер гашт. Нафасаш гиреҳ хӯрду ранги рӯяш пуркид. Зан сарашро дар канор гирифт ва пушташро молид, ки ором шавад. Беҷодаморо ҷигар месӯхт. Акнун дарк кард, ки барои чӣ ӯро дар чунин хонаи боҳашамат ҷо додаанду сари чунин хони шоҳона шинондаанд. Ҳатто як даҳон ризоияташро напурсида, ба золимтарин марди мамлакат, оне, ки даҳ-понздаҳ сол аз ӯ калон буд, ба шавҳар доданд.

Духтар бо даҳшат фикр мекард, ки чи тавр имшаб, ё шаби дигар ӯро ба бағали шоҳи манфур меандозанд. Бо ҳасрату надомат ба ёд овард, ки чи сон Доробшо, ба хотири нарасидан ба иззати нафси ӯ, дар кунҷи боғчаашон барои худ хоначаяке сохту ҳарчанд содиқона дӯсташ медошт, боре ҳам ба дасташ даст нарасонд. «Кош амонати худро ба Доробшо медодаму он насиби ин золими одамхор намегардид».

Барои он ки оташи сӯзу гудози Беҷодамо паст шавад, Қурбонгул саргузашти талхи худро барояш нақл кардан гирифт. Ӯ дар Будун ном деҳаи Язгулом ба дунё омадааст. Падару модарашро ёд надорад. Ӯро бобояш калон карда будааст. Дар бораи волидонаш ҳамин қадар медонад, ки онҳо ба Ванҷ сафар мекунанд ва аз овринг ба дара ғалтида, ҳалок мешаванд. Вақте ба дувоздаҳсолагӣ мерасад, бобои фартути барҷомондаашро барои мурдан ба Бобихӯр мебаранд. Расми ин қавм чунин будааст, ки пиру кампирони бемадоршударо ба сабад андохта, ба дараи дуре, ки Бобихӯр ном доштааст, мебурдаанд. Онҳо дар ин дара мурда, ҷасадашон туъмаи каргасҳо мешудааст. Ҳамсояе, ки бобояшро ба Бобихӯри даҳшатнок бурда буд, ба деҳа баргашта, ягона бузи онҳоро кушта, сарфи хайру худойӣ мекунад. Духтар чанд муддат бо талбандагӣ шикамашро сер мекунаду рӯзе бобои меҳрубонашро пазмон шуда, ният мекунад, ки ба назди ӯ равад.

Як субҳи тирамоҳ каме нону талқон гирифта, ба тарафе, ки бобояшро бурда буданд, ба роҳ мебарояд. Рӯзи дароз роҳ мепаймояд, ба ободие намерасад. Ҳама ҷо сангистону кӯҳу буттаву гиёҳ. Офтоб нишаста, атрофро торикии воҳиманок зер мекунад. Пеҳҳои бетагчарми духтар ҷо-ҷо сӯрох гашта, поҳояш аз расидан ба қираи сангҳо захмдор мешаванд. Шабро даруни калфе мегузаронаду рӯзи дигар боз роҳашро давом медиҳад. Вале Бобихӯрро пайдо накарда, чанд рӯз дар дараву дарачаҳои ба ҳам монанди бисёр раҳгум мезанад. Аз гиряи бисёр дар чашмаш об намемонад. Рӯзе ба роҳи калоне баромада, гову моли бисёреро мебинад. Аз тарси наафтодан ба чашми чӯпон, даруни мол пинҳон шуда, хеле меравад, ки саги чӯпон мебинадашу ба ӯ ҳуҷум мекунад. Ҳамин тариқ, ба дасти чӯпони ванҷие меафтад. Чӯпон Қурбонгулро ба хонааш мебарад ва ният мекунад, ки тирамоҳ, баъди аз айлоқ фаромадан,

ӯро ба никоҳи писараш медарорад. Иттифоқ чунин меафтад, ки ҳангоми баргаштан аз айлоқ, дастаи раҳгузаре аз лашкари Шуғнон чӯпону писарашро зада маҷрӯҳ месозанду духтарро бо чанд гову мол пешандоз карда, дар Рӯшон ба шоҳ Абдураҳимхон ҳадя менамоянд. Абдураҳимхон Қурбонгулро ба никоҳи худ медарорад. Пас аз ду сол писарони шоҳ ӯро маъзул карда, ба деҳаи Баҷув бадарға мекунанд. Шоҳ Қурбонгулро бо ду зану чанд хидматгор ба Баҷув мебарад. Пас аз гузаштани ду зимистон шавҳарашро ба Сучон, ду занашро ба Баҳрпанҷа мебаранду Қурбонгулро ба қалъаи Вомар меоранд.

Пас аз он ки Муҳаббатхон бародараш Юсуфалихонро ба фирор маҷбур месозад, Юсуфалихон мехоҳад модарандарашро бо худ ба Бадахшон барад, аммо Муҳаббатхон зид мебарояд. Ба ҳамин тариқ, Қурбонгули сиёҳтолеъ дар ҳарами писархонди худ мемонад.

Дили Беҷодамо чунон ба ҳоли ин зани тирарӯз сӯхт, ки азобҳои кашидаи худаш дар назди машаққатҳои ӯ ночиз намуданд. Ӯ ба ин зани парӣ барин сафедпӯсти хушандоми некдил, ки аз чиҳил сол зиёд надошт, нигоҳ мекарду ҳеҷ бовараш намеомад, ки зани подшоҳ низ ин қадар паршикаставу азияткашида мешуда бошад. Дар тасаввураш шоҳбону дар қасри боҳашамат зиндагӣ карда, даҳҳо ғулому каниз дорад. Ҳар рӯз базме мероряду муғанниён барояш суруд мехонанду раққосон дар чор тарафаш бо ҳазор усул арғушт мераванд. Афсӯс, зан, хоҳ зани шоҳ бошад, хоҳ зани гадо, дар ҳама ҳолу дар ҳама ҷо бадбахт мешудааст.

Ними шаб занмард омаду Беҷодаморо саросема ба ҳузури шоҳ бурд. Муҳаббатхон ба муносибати пирӯзии мутлақ бар бародараш базми омонкаф барпо карда буд. Толори бузурги қалъаро чандин чароғи пурсӯзи хушбӯй равшан месохт. Мансабдорони дарбор ва оқсақолони навамал дилхушӣ, созандаву навозандагони машҳури Рӯшон ҳунарнамоӣ доштанд. Бо

амри меҳтари қалъа Шодаврони овозадорро ҳам шустушӯ дода, либоси тоза пӯшонда, ба маҷлис оварда буданд.

Шодаврон базмро чунон тафсонд, ки Муҳаббатхони сархуш ҳам ба рақс даромад ва амр дод, ки занону духтарони мансабдорони Юсуфалихонро ба мансабдорони тозатаъйин тақдим намоянд. Ва дар поёни базм ба Шодаврон рӯ оварда, гуфт:

– Мӯйсафед, аз ман ҳар чи мехоҳӣ, бихоҳ.

Шодаврон наздаш дузону зад ва гуфт:

– Шоҳам, маро аз зиндон озод кун. Дигар хоҳише надорам.

Муҳаббатхон сар пеш андохт, пешониаш чин зад.

– Хоҳишатро пазируфтам, – шоҳ нимғурма овоз баровард, – вале ба як шарт. Медонам, ки падарам туро аз зани дӯстдоштаат бенасиб гардонд. Ман як духтари шоистаи рӯшониро никоҳи ту медарорам. Розӣ?

Ин пешниҳоди ғайричашмдошт аҳли нишастро мутаҳайййир сохт. Шодаврон гаранг шуд. Хеле фикр кард ва ҷавоб дод:

– Шоҳам, ман ба чунин меҳрубонӣ сазовор нестам. Нафаси озод кашам, бароям давлати калон.

Муҳаббатхонро чунин посух писанд наомад. Аз чилимаш пайи ҳам ду қуллоби амиқ гирифта, норозиёна гуфт:

– Ҳар чи мерасад аз дӯст, накӯст. Магар маро дӯсти худ намешуморӣ? Ман духтареро, ки ҳатто ба доманаш даст нарасондаам, ба ту мебахшаму ту ба ҷойи он ки сар ба зонуям бисоӣ, нафаси озод мехоҳӣ?

Шодаврон фаҳмид, ки шоҳ бо ин «ҳадя» ё ӯ ё он духтарро ҷазо доданист, вале чун виҷдонаш намебардошт, ба оҳанги ҳарчи мулоимтар ҷавоб дод:

– Шоҳам, қариб чил сол танҳоям. Чи будани занро фаромӯш кардаам. Зани аввалину охиринам ҳамон буд, ки аз дасташ додам. Аз шаст гузаштам, дигар барои зан коромад ҳам нестам.

– Аҷаб мӯсафеди мазанг будаӣ, – шӯрид шоҳ. – «Гул ба пи-

рон хуш аст» гуфтаанд. Ту некиро намедонӣ? Занро фаромӯш карда бошӣ, ба ёд меоварӣ!

Қаҳқаҳаи мастонаи аҳли базм баланд шуд. Шодаврон сар пеш андохту дигар чизе нагуфт. Шоҳ ба меҳтар ишора кард, ки духтарро ҳозир кунанд.

Занмард Беҷодаморо даруни маҷлисгоҳ тела дод. Меҳтар аз дасти духтар гирифта, ӯро миёни маърака бурд. Нигоҳҳои масту махмур аз чор тараф ба духтар ҳамла оварданд.

Шоҳ пурсид:

– Номат чист, духтар?

Беҷодамо ларзидаву тарсида номашро гуфт.

– Ту аз ҳамин соат эътиборан зани ана ҳамин ҳофизи номдор, яъне Шодаврон ҳастӣ. Фаҳмидӣ?

Духтар аз хиҷолату ҳайрат карахт шуд.

– Ризоияти духтарро намепурсанд. Шодаврон, аз фардо дер накарда, никоҳаш мекунӣ. Никоҳ, ки кардӣ, боз як шарт дорам: агар бо духтар хуфтухез накунӣ, сари ҳардуятонро аз тан ҷудо мекунам! – Ва фарёд кашид: – Ҳамаатон ба ин ҳарфам бодиққат гӯш диҳед: касе бо зане, ки ба ӯ медиҳам, хуфтухез накунад, каллаи ӯ ва занашро мебурам! Ҳар кӣ гапи маро нафаҳмида бошад, як қадам пеш гузорад.

Хомӯшии гарон толорро фаро гирифт. Шоҳ қадамзанон ҳозиронро як-як аз назар гузаронда, ҷониби дар ишора кард ва бонг зад:

– Акнун монед, ки каме истироҳат кунам.

Шодаврон ғижакро даруни ҷилд андохта, пеши Беҷодамо омад. Бедимоғу тирарӯ дасташ гирифта, ҷониби дар бурд.

Меҳтар дар дафтаре ёддошт мекарду ғуломон занони бахтбаргаштаро аз ҳарам баровwarда, ба дасти шавҳарони навашон месупурданд.

## ДАР КӮЧАИ ИШРАТӢ

Оби нарми рӯд пайкари Манзаршоро роҳат бахшид. Ӯ каллағӯта зада, то бунаш расиду чашмонашро боз кард. Рег, санг, лой, ҳатто моҳиҳо ҳам кабуд метофтанд. Дақиқае ба тамошои селаи моҳии даргурез истоду баъд ба боло шитофт. Сарашро таконду нафаси амиқе гирифт ва ҷониби соҳил дасту по зад. Охири моҳи ахавҷен[1] рӯзҳо он қадар гарм набошанд ҳам, сардии об шикаста буд. Оби дамидаи Кӯкча ҳанӯз тира наметофт.

Манзаршо дар лаби рӯд каме қавоид[2] кард. Камонгир яктаҳу шалвори ӯро аз болои харсанг бардошта омад.

– Қубодхон ҳоло ҳам нест? – пурсид Манзаршо.

– Пайдо нест-ку, сойиб.

– Ахтахонаро тоза кардед?

– Панҷ нафарро ба ин кор муваккал кардам, дигарон либос мешӯянд.

– Дирӯз наомад, агар имрӯз ҳам наояд, аз шоҳ гап мешунавам, – гуфт бо ташвиш Манзаршо. – Чӣ кунем?

Камонгир пушти сар хорид. Манзаршо либос пӯшид, пойтобаҳояшро бодиққат печонда, мӯза ба по кард ва амр дод:

– Андувол, агар омадан мехост, ҳоло мерасид. «Ё хар ба пеши бор, ё бор ба пеши хар» гуфтаанд. Маҷбурем, ки мо ба суроғаш биравем.

Манзаршову Камонгир ба бошгоҳ рафтанд. Ин қалъаи куҳнаро шоҳи Файзобод Ҷаҳонгиршо ба ихтиёри сипоҳи Юсуфалихон гузошт. Он дар қисмати ҷанубу шарқии шаҳри Файзобод воқеъ гашта, макони орому хилвате буд. Юсуфалихон ва аҳли хонаводаи ӯ дар маркази шаҳр дар кӯшки боҳашамате зиндагӣ мекарданд. Пас аз он ки Юсуфалихон дар Рӯшон аз бародараш Муҳаббатхон шикаст хӯрд ва дар қалъаи Вомар

1. Ахавҷен (аҳ̊аwҷен (рӯшонӣ) ё х̊ӯҷен (шуғнонӣ) – номи моҳ, баробар аст ба моҳи хурдод (май).
2. Қавоид – машқи бадан.

дар муҳосира монд, хоҳараш – зани шоҳи Файзобод аз кашмакашҳои нангини бародаронаш хабар ёфта, писараш Сулаймонро барои оштӣ додани онҳо ба Рӯшон фиристод. Вай, пас аз давуғеҷи зиёд байни тағоҳояш, Юсуфалихонро розӣ намуд, ки ба Файзобод кӯч бандад.

Манзаршо ба навкарон супоришҳо доду худ ҳамроҳи Камонгир савор шуда, ба суроғи Қубодхон рафтанд. Онҳо ба маркази шаҳр нарасида, ба тангкӯчаи серғавғои пур аз гадову қаландар даромаданд. Камонгир ҳайрон буд, ки барои чӣ сипаҳсолор шоҳзодаро дар маҳаллаи бенавоён меҷӯяд. Онҳо дар охири кӯча, ба чап тоб хӯрда, назди дарвозаи дуқабатаи сиёҳи баланде истоданд. Манзаршо занҷир ба дарвоза кӯфт. Ҷавонмарди қоқинаи кӯсае сар берун карду пурсид:

– Чӣ лозим доред?

– Ман сипаҳдори шоҳам, коко Ишратиро бигӯ зуд бадар ояд.

Ҷавон сар ҷунбонду ғайб зад. Манзаршо ва Камонгир пиёда шуданд.

– Ҳоло бо фосиқтарин мардуми Файзобод шинос мешавӣ, – гуфт Манзаршо ва бо кароҳат ба девор туф кард.

Камонгир чизе нафаҳмид, аммо пурсиданро ҳам айб донист.

Базудӣ дар пушти дарвоза касе пайдо шуд ва овоз дод:

– Дароед.

Манзаршову Камонгир ба ҳавлӣ даромаданд. Марди хомфарбеҳи миёнақади ишкамкалон, ки ҷомаи кабуди гулдӯзӣ ва саллаи бунафши шалғамшакл ба сар дошт, онҳоро бо тавозӯъ пешвоз гирифт.

– Ҳоо, ассалом, бифармоед, қадаматон болои дида, тасаддуқ, банда навкари шумо.

Мардак даст дароз кард, вале Манзаршо даст надода, пурсид:

– Валиаҳд ҳамин ҷост?

– Бале, бале коко Манзар, сойиб шаб омада буд, истироҳат дорад.

Манзаршо рӯ турш кард ва омирона гуфт:

– Бедораш кун, бигӯ зуд барояд.

Мард таъзимкунон қафонокӣ ба хона даромад.

– Ишратии базмиаш ҳамин лаънатист, – шарҳ дод Манзаршо, – сармоядори номдори Файзобод. Медонӣ, даромадаш аз куҷост?

Камонгир бо ишораи инкор сар ҷунбонд.

– Аз оворагардону гадоёни шаҳр ҳар рӯз андоз мегирад. Ғайр аз ин, чанд фоҳишахона дорад. Занони бероҳа ва писарони лӯтиро ба хизмати лаънаткардагони Худо мегузорад.

Камонгир гиребон дошт. Ӯ дар ҳаёташ бори аввал мешунид, ки дар мамлакати мусулмонобод ба чунин амали нораво даст мезананд.

– Мир, мо киро интизорем? – пурсид Камонгир.

– Қубодхонро.

– Шоҳзода Қубодхонро? – ба гӯшаш бовар накарда, пурсид Камонгир.

– Бале, худи худаш. Чанд моҳ боз пинҳонӣ ба ин ҷо омада, айшу ишрат мекунад. Ду ҳафта қабл аз пасаш одам монда, ин сиррашро ошкор кардам. Ана ҳамин хел шоҳзода дорем!

Пас аз чоряк соати интизорӣ аввал Ишратӣ, аз пасаш Қубодхон аз хона бадар омаданд.

Манзаршову Камонгир ба шоҳзода салом доданд. Ӯ хоболуду рангпарида метофт. Дасти Манзаршоро пас аз вохӯрдӣ дар дасташ нигоҳ дошту узрхоҳона гуфт:

– Ҳа…, ҳа…, хеле инсони хубестӣ, Манзар, бародарам астӣ… Ростӣ, ту набошӣ, ба ман касе намерасад…– ва амр кард, – Ишратӣ, аспамро биёр.

Ишратӣ «ба чашм!» гуфта, ба саисхона давид.

Манзаршо ба Қубодхон гуфт:

– Ростӣ, ин корат ба ман намефорад, шоҳзода. Ягон рӯз балое ба сарат ояд, ба шоҳ чӣ ҷавоб медиҳам?

– Ягон хел ҷавоб надеҳ, – посух дод Қубодхон ва Камон-

гир маст будани шоҳзодаро акнун дарк кард, – ҷавоб… ман медиҳам. Ба ростӣ, ту инсони хубестӣ, Манзар, лекин, охир… ба ғайр аз ҷангу ҷанҷол … ин ҳам даркор. – Шоҳзода хандаи пасте кард ва Камонгирро нишон дода, пурсид: – Ин кист?

– Ин даҳаи ман – Камонгири вомарӣ. Парво накун, ҷавонмарди зинҳордор аст.

Қубодхон сарашро номафҳум ҷунбонду гуфт:

– Хай, худат беҳтар медонӣ, бо оташ фақат оташхорон бозӣ карда метавонанд. Мутмаин бошад, хеле … хуб…

Ишратӣ аспи Қубодхонро овард. Манзаршо аввал Қубодхонро савор кард ва чун бовар ҳосил намуд, ки шоҳбача рӯйи зин устувор аст, худ низ савор шуду пеш-пеши Қубодхон ба роҳ даромад. Камонгир аз қафои онҳо асп ронд.

Манзаршоро рафтори сабукмағзонаи шоҳзода мушавваш сохта буд. Юсуфалихон аз байни писаронаш маҳз Қубодхонро валиаҳди худ дидан мехоҳад, аммо ӯ ба ҷойи машқи майдондориву фармонравоӣ ба айшу ишрат рӯ овардааст.

«Бо ин хел валиаҳд тақдири Шуғнон чӣ мешуда бошад? – савол медод ба худ Манзаршо, – барои мо шоҳе лозим, ки дар андешаи фуқаро бошад, на дар пайи ҳавову ҳавас».

Вақте ба бошгоҳ расиданд, хуршед ба қиём омада буд. Шоҳзода хӯрок хост. Манзаршо бо ӯ сари дасторхон нишаст. Қубодхон бо иштиҳо ба хӯрдани барракабоб ва кабкшӯрбо даст зад. Манзаршо даҳон ба насиҳат кушодан хост, вале чашмони хумори шоҳзода ӯро аз раъяш баргардонданд.

Қубодхон понздаҳ сол дошт. Ҷавоне буд баландқомат, тангчашм, гандумгун, пастпешонӣ, кӯтоҳабрӯ. Бинии баланду лабони нозук ба манаҳи паҳну даҳони калонаш номутаносиб афтода буданд. Мӯйи сар наметарошид, вақте аз китфонаш мегузашт, мебурид; дар чеҳрааш ҳанӯз осоре аз риш надошт.

Манзаршо дар вуҷуди Қубодхон салобати мардонагӣ на-

медид. Аз ин рӯ, дилтанг мешуд. Дар кунҷи дилаш аз шоҳи Шуғнон шудани чунин шахс ор мекард. Вале чӣ илоҷ? Раъйи Юсуфалихонро касе дигар карда наметавонист. Қубодхон номи бобои шоҳро дошту шоҳ бисёр мехост, ки ҳамноми бобояш пас аз ӯ фармонфармои Шуғнон бошад.

Пас аз сарфи таом шоҳзода гуфт:

– Мир, медонам дилат ба машқу қавоид кашол аст, лекин ман заррае майл надорам. Дар қоши зинам даруни халта шароб дорам. Дилам рафъи хумор мехоҳад.

Шоҳзода борҳо дар назди ӯ шароб хӯрда бошад ҳам, Манзаршо хост аз ин нияташ боздорад.

– Дӯстам, ту ба ҷони ҷавонат ин қадар ҷабр мекунӣ. Фардо шоҳ ҳунаратро бисанҷад, ман чӣ ҷавоб медиҳам? – пурсид Манзаршо.

Шоҳзода, ба лӯлаболишт такя карда, пӯзханде зад ва посух дод:

– Мир, бобокалонам паҳлавон Ҷаҳонгир дошт, ҳамномам – Маҳмадазим. Падарам Манзаршо дорад, сипаҳсолори ман ҳам ту хоҳӣ буд. Тамом? Тамом, вассалом! Ё ту бо ман нестӣ?

Манзаршо донист, ки баҳс суде надорад, гардан фаровард.

– Албатта, шоҳам, албатта, – гуфт Манзаршо ва бархосту барои овардани шароб ба ахтахона рафт. Вақте баргашт, Қубодхон дар ҷойи нишасташ хуррок мекашид. Манзаршо кӯзачаи шаробро ба дасторхон гузошту худ берун баромад. Гапи охирини шоҳзода сипаҳсолорро мушавваш сохт. Дилаш ба ёди Рӯшони азизаш, ба ёди Бибианори дилбандаш, ба ёди Меҳтаршои нозанинаш гум зад. Ӯ камарбандашро таранг кашид, дастаи шамшерашро палмосид ва нимшунаво гуфт:

– Рӯзи қасос ҳам мерасад. Касе амон нахоҳад ёфт: на Муҳаббатхон, на Булато, на каси дигар!

## НИЁИШИ ПАҲЛАВОНИ ПИР

Бобову набера ба деҳа надаромада, чор навкари савораро диданд, ки аз боғи калон гузашта, ҷониби хонаи Мазҳабшо ба баландӣ мебароянд. Аз хона садои гиряву зорӣ ба фалак мепечид. Ҷаҳонгир лаҷоми аспро ба ҳамон сӯ тоб дод ва маҳмез зад. Мирзоазиз аз қафои бобояш давида, пеш аз вай ба хонаи Мазҳабшо расид. Манзарае, ки дар саҳни ҳавлии Мазҳабшо дид, ниҳоят ваҳшатнок буд. Дар рӯйи замин ду ҷасад бо кафанҳои хунолуд мехобиданд. Навкарон ба аҳли оилаи Мазҳабшо дарафтода, онҳоро бо худ бурданӣ буданд. Мардум чӣ кор карданашро намедонист.

– Қарррорр! – дод зад Ҷаҳонгир, – ин чӣ бедодӣ?

– Ту кистӣ? – бо хашм дӯғ зад марди каттакамондоре[1], ки сардори навкарон буд.

– Ман ватандори ҳамин мулк – Ҷаҳонгир писари Фаромурзам. Бояд шуморо пурсам, ки кистед?

Издиҳом хомӯш гашт. Навкарон аз пайдо шудани марди қавиҳайкале бо ришу мӯйи сафед ва ҷуръату салобати рустамона ҳайрон шуда, аз гирудор бозистоданд.

– Мо бо фармони шоҳ омадаем, ки зану фарзандони ин мурдаҳоро ба Саройи санг барем…

Ҳанӯз гапи афсар тамом нашуда, Ҷаҳонгир аспашро ба сари ӯ ронд ва лагаде ба таги манаҳаш зад. Вай панҷ-шаш қадам парида, ба девор бархӯрд ва ҷуволи холӣ барин ба замин афтод.

Навкарон даст ба камону шамшер burданд. Навкари камондор Ҷаҳонгирро нишон гирифт. Мирзоазиз ба як ҷаҳиш худро ба ӯ расонду ба зарбаи як мушт ба замин парчинаш кард. Мардони маърака ба сари ду навкари дигар рехтанд. Онҳо аз болои сафили боғ парида, ҷонҳавл гурехтанд.

Вақте шӯру валвала хомӯш шуд, Ҷаҳонгир аз асп фарома-

1. Каттакамон – камони дарози пилтаӣ

да, ба сари шаҳидон рафт. Рӯйи мурдаҳоро кушода диду боз пӯшонд ва ду даст бар сар зада, диккак нишаст. Ҳеҷ бовар намекард, ки Мазҳабшо ва писараш Маҳмадзиёро ба ин хориву зорӣ кушта бошанд! Онҳое, ки мӯнису фарёдраси халқи Баҳшор буданд, онҳое, ки дар ин мамлакат бо хайру саховат ном баровардa, дар тиратарин рӯзҳо ғаллаву моли худро аз шоҳони Шуғнон дареғ надошта буданд, бо баданҳои лахт-лахту кафанҳои лолагун рӯйи хок мехобиданд.

Ҷаҳонгир бархост ва бе он ки ба касе муроҷиат кунад, пурсид:

– Чӣ гап шуд?

Амаки Мазҳабшо, пирамарди кӯзпушти пастқад, ки Навбаҳор ном дошт, поҳояшро базӯр кашол карда, назди Ҷаҳонгир омад ва гуфт:

– Паҳлавон, инҳо он рӯз тир нахӯрда, худро мурда вонамуд карда буданд. Вақте ба хона оварданд, дидам, ки зиндаву саломатанд. Ду шаб дар хона буданд. Зоро касе ба шоҳ хабар бурд, ки шаб ду навкар омада, ба чунин хориву зорӣ куштандашон.

– Барои чӣ маро огоҳ накардед? – аз алам дандон совид Ҷаҳонгир.

– Гуфтанд, ки беморӣ. Дирӯз ба аёдатат рафтам, ба Вужпидрӯд рафта будӣ.

Ин асно марде омада гуфт:

– Паҳлавон, навкареро, ки задӣ, мурдааст.

– Барои он задам, ки мурад, – гуфт оромона паҳлавон, –дигараш чӣ ҳол дорад?

– Дар таги девор нишастааст, об додем, сари ҳол омад.

Ҷаҳонгир ба назди навкар рафт. Ӯ ҷавонмарди сӣ-сиву панҷсолаи ботанутӯше буд.

– Туркӣ ё тоҷик? – пурсид паҳлавон.

Навкар аз ҷо бархост ва ишками зарбхӯрдаашро молида, посух дод:

– Қатаған.

Ҷаҳонгир гуфт:

– Силоҳатро мону мурдаи сардоратро пуштора карда, гум шав.

Қатаған силоҳҳои худу афсари мурдаро ба замин гузошт. Мурдаро ба пушташ бор карданд. Ӯ ҷониби аспаш рафт.

– Асп меистад, даркор шуд, ман худам мебарам, – дӯғ зад Ҷаҳонгир.

Навкар рафт. Мардум зану мард, хурду калон гиряву навҳаро фаромӯш карда, дар атрофи Ҷаҳонгир ҷамъ омаданд.

– Акнун чӣ кор кунем? – пурсид касе.

– Намози ҷаноза мехонем, шаҳидонро дафн мекунем, – посух дод паҳлавон.

– Агар навкарон қасосгирӣ биёянд, чӣ?

– Ҷанг мекунем. Мо бештар ҳаққи қасос дорем, – овозашро баланд карда гуфт Ҷаҳонгир. – Чи силоҳе дошта бошед, омода кунед. Вақти шуғнизарба[1] расид! Мо ҳамон шуғниҳои бебокем, ки furbобоҳоямон сад сол пеш лашкари хитойиҳоро шикастанд, мо он мардумем, ки манҷуриҳоро то Сарақӯл пешандоз карда, мағлуб ва Ёркандро аз пойи номуборакашон пок кардем. Дигар тан ба хориву зиллат намедиҳем!

Сухани паҳлавон фаҳмо ва қатъӣ буд. Дудилагиву номуайянӣ аз синаҳо бадар шуд. Акнун халқ медонист, ки чи кор кунад. Мардон намози ҷанозаро анҷом дода, тобутҳои хунчаконро бардоштанд.

Пас аз дафни шаҳидон Ҷаҳонгир на ба хона, балки ба сӯйи дара асп монд. Мирзоазиз гумон кард, ки бобояш аз шиддати ғазаб ҳуш бохтаву роҳгум задааст. Бинобар ин, аз пасаш дод зад:

– Бобо, аз хона гузаштем.

Ҷаҳонгир ба қафо нигоҳ накарда, қамчинашро бардошта,

1. Шуғнизарба – зарбаи сахт, зарбаи ҳалкунанда. Вожаест, ки аз ҷанговарони хатарнок ва пирӯзманд будани шуғниён дарак медиҳад.

тарафи дара нишон дод. Мирзоазиз мутмаин шуд, ки бобояш ҳуш набохтааст, таскин ёфт ва дунболи ӯро гирифт.

Дар ҷойе, ки рӯд аз тангнойи дара озод гардида, оби нуқрагуни худро дар маҷрои фарохи водӣ парешон мекард, мазоре мавҷуд аст. Атрофи онро девор гирифта, бар бомаш гунбазе сохтаанд, ки ба шакли панҷа навиштаҷоти хирае дорад.

Ҷаҳонгир аз шохоби рӯд вузӯ гирифту дари мазорро боз карда, даромад. Рӯ ба қибла дар назди қабр, ки аз гӯри маъмулӣ бузургтар метофт, дузону зад. Мирзоазиз низ чунин кард. Онҳо ду ракъат намоз гузориданд. Сипас Ҷаҳонгир даст ба дуо бардошт:

– Ё Ҳазрати Сайид, ба инояти ту ва аҷдоди бузурги ту, омадам ба даргоҳи муъминпаноҳи ту, ки зулми тоқатнопазири золимони хунхорро аз сари халоиқи Шуғнон рафъ намоӣ ва меҳрубониву гузашту фурӯтаниро дар қалби мусулмонон зиёда фармоӣ ва замири моро бо нури осудагиву хушҳоливу футтуват биёроӣ.

***Чу беша тиҳӣ гашт аз наррашер,***
***Шағоле ба беша дарояд далер!***

Ё Ҳазрати Сайид, омадам, ки аз Худованди якто мазиди қувватро дар китфу бозу, синаву миён ва пову панҷа ва гӯшту устухонам талаб намоям, ки даррандахӯёнро дарронда тавонам ва сари пасти халқи табоҳгаштаро бори дигар ба баландӣ расонам. Ё Алӣ, мадад!

Ҷаҳонгир даст ба рӯ кашид, бархост ва ба Мирзоазиз ишора кард, ки аз паси ӯ барояд. Вақте дарро пӯшид, зулфи онро се бор ҷунбонда, ба чашм молид ва гуфт:

– Мирзоазиз, «ло фато» бихону се бор ин зулфро ба чашм бимол.

Мирзоазиз хоҳиши ӯро баҷо овард. Бобо ба зулф лук андохт

ва ба соҳили рӯд фаромад. Мирзоазиз дар ваҷоҳатиаш тағйирот диду тааҷҷуб кард: мӯсафед хеле бардаму чолок шуда буд.

– Бори сеюм аст, ки аз остони ин бузургвор мурод металабам. Бори аввал, вақте дойи Шоҳнасими Булӯр маро ба Форс ба дарбори Имоми замон бурд. Он вақт бисту як сол доштам, дарахтро ба як зӯр аз бех дармеовардам. Бори дувум, замоне ки Қубодхон пас аз реҳлати падарам паҳлавон Фаромурзи сафшикан маро ба сипаҳсолории лашкари Шуғнонзамин баргузид. Ин маротиба бо ту омадам.

Мирзоазиз дарёфт, ки бобояш кори азиме карданист. Аз ин макони муқаддас мурод хоста бошад, пас нияти бузурге дар дил дорад. Аҷабо, мазор чӣ шарофат дошта бошад, ки ба бобояш неруи тоза бахшид? Аз ин рӯ, пурсид:

– Бобо, ин мазори кӣ бошад?

– Дар ин макон бузургтарин шахсияти дини мо Сайид Шоҳи Хомӯш хоб аст, – гуфт Ҷаҳонгир. – Вай барои ҳидоят намудани халқ ба роҳи диндорӣ ватанаш Форсро тарк карда, ҳамроҳи се қаландари дигар ба Шуғнони мо омад. Он замон дар Шуғнон кофарон ва мусулмонон бо ҳамдигар ҷанг мекарданд. Ҳукумат дар дасти авлоди Ривон буд. Онҳо ба ҷойи Худои ягона офтобро мепарастиданд. Шуғнониёне, ки Пир Шоҳ Носири Хусрав мусулмонашон карда буд, намехостанд кофарон бар онҳо фармонраво бошанд. Ин ҷангҳо, гоҳе хомӯш шудаву гоҳе авҷ гирифта, беш аз дусад сол давом карданд. Дар ниҳояти кор, мусулмонон ғолиб омаданд. Шоҳ Рив дар ҷанг кушта шуд, қисми авлодаш фирор кард, баъзеро куштанд, иддаеро ба зиндон партофтанд. Барои мусулмонон шахси донову ҷаҳондидае лозим буд, ки ҳам бар онҳо шоҳӣ кунад, ҳам кори динро пеш барад. Ин асно аз даргоҳи Имоми вақт чор қаландар расиданд. Мардум Шоҳи Хомӯшро дар Шуғнон, Шоҳ Бурҳони Валиро дар Шохдара ва Шоҳ Малангро дар Рӯшон ҳо-



ким интихоб карданд. Сайид Шоҳи Хомӯш Шуғнонро ба сулҳу салоҳ овард, душманоиро барҳам дод, мулкро обод намуд. Даҳ сол подшоҳӣ кард ва мувофиқи васияташ ӯро дар ҳамин ҷо ба хок супурданд.

Мӯсафед, гапашро тамом карда, пеххояшро кашиду болои санг ниҳод. Баъд почаҳояшро бардошту поҳояшро даруни об гузошт ва гапашро хулоса кард:

– Барои ҳамин, мардум аз эътиқоде, ки ба Шоҳи Хомӯш доштанд, мазорашро остон гирифтанд. Ҳар гоҳ кори сахте пеш ояд, занҷири дарашро ҷунбонда, нийяташонро мегӯянд. Муродашон ҳатман ҳосил мегардад.

Нақли бобо барои Мирзоазиз наву аҷоиб буд. Онро хомӯш дар андешааш хеле гардонд ва ниҳоят пурсид:

– Ҳоло чӣ нийят кардӣ?

– Шамшер аз ғилоф мекашам ва мардумро ҳимоя мекунам.

– Ба ман иҷозат медиҳӣ? – ба оҳанги умед пурсид набера.

– Албатта. Имрӯз исбот кардӣ, ки ҷангида метавонӣ. Машққҳоямон зоеъ нарафтаанд.

Ҷаҳонгир аз ҳафтсолагии набераааш сар карда, ба ӯ шамшерзанӣ, аспдавонӣ, гӯштингирӣ ва найзазанӣ ёд медод ва ҳоло аз натиҷаи хуби кораш қаноатманд буд.

Бобову набера роҳи хонаро пеш гирифтанд. Аснои роҳ Мирзоазиз саволеро, ки пас аз ҳикояи бобояш дар сари ӯ чарх мезад, ба забон овард:

– Бобо, ҳамин Муҳаббатхон ҳам аз авлоди Шоҳи Хомӯш аст?

– Ҳа, насабаш ба ӯ мерасад, – ҷавоб дод Ҷаҳонгир.

– Пас барои чӣ шуғнониёнро ин қадар бад мебинад?

– Бобокалони инҳо Шоҳванҷӣ, писари Шоҳи Хомӯш, барои давлату дунё шуда, худро ба шоҳони Қатаған фурӯхту ломазҳаб шуд. Узбакони Қатағану Қундуз ба ӯ молу пул ва лашкари бисёр дода, бар зидди шуғнониён сафарбар карданд.

Шоҳванҷӣ Сучон, Ғунд, Шохдара ва Рӯшонро тасарруф карду ба тахти Шуғнон нишаст. Ӯ авлодашро низ ба мазҳаби узбакон гардонд. Барои ҳамин шуғниҳо ба онҳо лақаби «чахт» додаанд. Агар ин корро намекард, бадахшиҳову қатағаниҳо ӯро дастгирӣ намекарданд. Решаи зулму бедоди Абдураҳимхону писарони хунхораш дар ҳамин ҷост, бачам.

Ақли Мирзоазиз ба умқи маънии суханони бобояш нарасад ҳам, дарк кард, ки шоҳу навкарони вай ба расму русуми қавму қабилаи ӯ нафрат доранд. Онҳо мехоҳанд, ки дар Шуғнон расму русуми худро ҷорӣ намоянд.

Дурдонамо хусуру писарашро бо пазмонӣ пешвоз гирифт. Ранги рӯяш пуркида, чашмонаш маҳзун метофтанд. Паҳлавон аз пешонии синҳораш бӯсиду гуфт:

– Медонам, барои мо хеле ғам хӯрдӣ, духтарам.

Дурдонамо сар ба синаи хусур гузошту домани гиряро сар дод.

– Маҳмадзиё чӣ гуноҳ дошт? Мазҳабшоҳ ба кӯдаки деҳа ҳам овоз баланд намекард, падар, – фиқ-фиқ гиря карда, гуфт ҷавонзан. – ин чӣ бедодист? Имрӯз ё фардо барои куштани шумо омаданашон мумкин.

Ҷаҳонгир сари синҳорашро силакунон гуфт:

– Духтарам, мутмаин бош, ба хонаи мо касе бо шамшер дарояд, зинда намебарояд. Лекин, гапат рост, бедоди шоҳ аз тамоми ҳадҳо гузашт. Дигар хомӯш истодан худкушист! Худатро ба даст гиру ба гапам гӯш деҳ. Ман ба ғамхона меравам, туву писарат аслиҳаамонро бароварда, тоза кунед. Акнун чи хӯроке дорӣ, биёр.

Дили Дурдонамо каме таскин ёфту ба ошхона шитофт.

## БЕМОРИИ ГУЛАНОР

Гуланор таб баровард. Ҳалқаш зуд-зуд хушк мешуд. Ҳар дам об мехост. Рангаш заъфарон гашт. Дар хобу дар бедорӣ алой мегуфт. Дар бораи Диноршои мақтул бехудона ҳарфҳое мезад. Ҳарорати баданаш аз ҳавои тобистон баландтар буд.

Ширинбек кори бисёр дошт. Аввал ғами ҷамъ овардани андозро хӯрдан лозим. Аз ҳар хона ҳар моҳ ҷамъ овардани ҳашт тафсин равғани гов, як гӯсфанд, даҳ қулоч чилбур, се банд ҳезум, ду пидмок ришта, як ҷуфт пех, ду-се косаи сафолӣ ва ғайра кори осон нест. Ғами тирамоҳро ҳам хӯрдан лозим, ки аз кӣ чи миқдор ғалла, ҷӯроб, чакман, ҷули асп, меваи қоқ, молу гов ва даҳҳо чизи дигарро ҷамъ оварда, ба мосали шоҳ биспорад. Бар замми ҳамаи ин, субҳ чопоре аз қалъа омада, амри девонбегиро дар бораи ҷамъ овардани андози тӯй расонд. Акнун оқсақол бояд меҳмонони шоҳро дар хонаи худ ва чанд деҳқони дорои деҳа қабул намояд. Суронаро ҳам бояд дар муддати яку ним рӯз ҷамъ орад.

Тайи чанд рӯзи дар Рӯшон буданаш дар Демурғон навигариҳои зиёд рух дода барои вай ташвиши иловагӣ пеш оварданд. Вақте чанд нафар, аз ҷумла Диноршоро ба маҳбас бурданд, оқсақол гумон надошт, ки Муҳаббатхон онҳоро мекушад. Фикр кард, ки бозпурсӣ карда, ҷавобашон медиҳанд. Ӯро ҳам шоҳ ба қалъа даъват карда, пурсида буд. Муҳаббатхон аз он изҳори ташвиш кард, ки гӯё аз тамоми деҳаҳои Шуғнон сӣ нафар дар Демурғон ҷамъ омада, ба маслиҳат нишастаанд ва қарор додаанд, вақте ки шоҳ ба қасди шикор аз деҳа мегузарад, дар кӯчаи Сармочид роҳашро гирифта, бикушандаш. Ширинбек ба шоҳ гуфта буд, ки чунин машварат дар қаламрави ӯ нашудааст ва касе чунин хабар дода бошад, аз душманӣ гуфтааст. «Чӣ хел сӣ нафар дар Демурғон ҷамъ омада бошаду ман огаҳ нашавам? – эътироз пеш овард Ширинбек, – одами бегона пайдо шавад, дар як дам бачагон овозаву дарвоза мекунанд. Ҳатто ду занак

дорем, ки рӯзи дароз хона ба хона гашта, хабар ҷамъ меоранду хабар мебаранд. Об дар даҳанашон гарм намешавад, шоҳам».

Муҳаббатхон ба гапи Ширинбек сар ҷунбонда, чизе нагуфт, аммо хоҳиши ӯро дар бораи сафараш ба Чоснуд ба хушнудӣ пазируфт. Ҳатто ғайричашмдошт табассум кард ва таъкид намуд, ки саломy дуои ӯро ҳатман ба амакаш халифа Ҳоҷимаҳмад расонад.

Ширинбек дар сари зани бемораш меандешид, ки барои чӣ шоҳ ӯро ба чунин осонӣ иҷозаи сафар дод? Шояд барои он ки агар дар деҳа мебуд, ӯро аз нийяти куштани маҳбусон баргардонд. «Ҳо, шағоли маккор-е, – зери лаб садо баровард Ширинбек, – то куҷоҳоро фикр мекардааст ин худозада!»

Гуланор сар баланд карду дақиқае ба рӯйи шавҳараш бодиққат нигарист. Банохост дудаста аз гулуяш дошта, буғӣ кардан гирифт. Ширинбек ҳарчанд зӯр мезад, ки панҷаҳои занашро кушояд, қувваташ намерасид. Ангуштони Гуланор ба гулуяш анбӯрвор часпида буданд. Илоҷи дигар наёфта, ба руйи ӯ торсакӣ зад. Панҷаҳои зан суст шуданду Ширинбек гулуяшро раҳо кард. Занак сар ба болин гузошту бар андомаш ларза афтод. Сафедии чашмонаш берун баромаду дод задан гирифт. Ширинбек чи кор карданашро надониста, бонг зад:

– Модаратонро ваҳмак пахш кард, зуд чумчаву об биёред.

Ширинбек дандонҳои ба ҳам ҷафси Гуланорро бо чумчаи овардаи Хушназар аз ҳам ҷудо намуд. Сипас ба гулуяш об рехта, ба писаронаш амр кард, ки гиреҳи муштонашро боз намоянд. Пас аз анҷоми ин тадбирҳо Гуланор ором шуда, чашм кушод ва бо нигоҳҳои ҳайратомез шӯю бачаҳояшро аз назар гузаронд. Духтараш Мисринамо фиқ-фиқ мегирист.

– Ба ман чӣ шуд? – пурсид модар.

– Сахт тарсидаӣ, Нор, – ҷавоб дод шавҳараш, – туро хонондан даркор. Агар кӯҳна шавад, тамом, зиндагиамон талху мор[1] мегардад.

1. Талху мор – ибораи рехта, бо маънии гарон ва пурғам.

– Андоми пора-пораи Диноршо аз пеши чашмам дур намешавад. Чизе аз гулуям намегузарад. Дилам ҳар замон беҳузур мешавад. Мебинам, ки Диноршо аз миёни пораҳои баданаш бархоста, наздам меояд ва гулуямро меҷафад.

Мисринамо худро ба оғӯши модар андохта, фиғон кашид:

– Бечора наники ман, моро натарсон. Биё, ба сайри дарё равем, дилат қарор мегирад.

Давлатназару Хушназар дар паҳлуи модар дузону зада, бо андӯҳ сар хам карда буданд. Падар пешниҳоди духтарро писандид:

– Сайри дарё ғамро мебарорад. Мисрӣ, туву модарат ба лаби дарё равед. Давлатназар, ту ба Баҳшор рафта, Мулло Хишолро даъват кун. Аз тамоми муллоҳо нафаси ӯ беҳтар аст. Ману Хушназар аз пайи андози сур мешавем.

## АЗМИ НАВИ ҒАЗАНФАР

Насими дараи Баҳрчид дар гармои охири моҳи харбузапаз[1] ба тану ҷон ҳаловат мебахшид. Оби дара тамоми фасли сол қариб як хел аст: на паст мешавад, на баланд. Рангаш ҳам на баҳор тира мегардад, на тобистон. Бистараи он аз санги резаи сурмамонанд иборат аст. Ангор дар маҷрояш садҳо ароба сурмасанг рехтаанд, то шасташ гардаду одамон аз ҷилваҳои дилбаронааш басерӣ баҳра ёбанд.

Ғазанфар дар лаби рӯд, дар ҷойе, ки шохроҳ онро бурида мегузарад, болои санги суфамонанд нишаст. Ду аспаш гулу гиёҳи рангоранги соҳилро бӯ кашидаву ҳаловат бурда, чаро мекарданд. Соҳибашон ғарқи хаёл, сангҳои резаро як-як аз замин канда, ба об ҳаво медод.

Аз ин бор ҳам напухтани савдояш бо Сайид Фаррухшо ва шармсор баромадан аз ҳузури ӯ, табъи Ғазанфар хира шуда буд. Тамоми ранҷи кашидаву орзуи парвардаашро Сайид

1. Моҳи харбузапаз – моҳи панҷуми шуғнонӣ, баробар ба нимаи дуюми июн - нимаи аввали июл.

дар они воҳид барбод дод. «Падарам дили Ҷалолиддинхонро ёфта, мосали Ғунд шуда буд, аз ҳайбату савлаташ ҳама метарсиданд. Ҳар ҷо ки мерасид, обу таомаш ҳозир, тӯшаву ҳадяаш омода, обрӯяш дар осмони ҳафтум. Ӯ нақл мекард, ки ба Ҷалолиддинхон ҳамагӣ ду гилеми қатма туҳфа карда буд».

Падари Ғазанфар – Бобошо мехост, ки мансабаш ба писари ягонааш расад. Чанд бор кӯшиш ҳам кард, вале ҳар дафъа, чун роҳи душвору дури Ғундро тай карда, ба Баҳрпанҷа мерасид, шоҳ кор дошт ё гирифтори кашмакаше буд. Молиёти овардаашро ба девонбегӣ супурда, хати расид мегирифт ва чанд рӯз дар деҳаҳои Поршиневу Дарморахт меҳмони хешу табор шуда, боз ба деҳаи худ бармегашт. Ҳамин тавр, на ба дидори Ҷалолиддинхон мушарраф шуд, на ба дидори Абдураҳимхон.

Абдураҳимхон барои хизматҳои содиқона ба ӯ дар деҳаи Жирев танхо[1] васиқа кард. Бобошо бисёр мехост, ки оқсақоли Ғунди поён шавад, лекин азбаски ба шоҳон робитаи авлодӣ надошт, ӯро ба ин мансаб сазовор намедиданд. Чунин мансаби баландро дар Ғунд барин макони дурдаст шоҳон танҳо ба шаҳнаҳо, яъне бачагони ғайриникоҳии худ медоданд. Як роҳи дигари расидан ба мансаби баланд вуҷуд дошт: агар шахс сайидзода, яъне аз авлоди сайидон бошад. Мутаассифона, Бобошо ба авлоди сайидон ҳам нисбате надошт. Аҷдодаш ҳамагӣ шуғнониҳои таҳҷойӣ будаанд. Сад сол пештар хитойиҳо ба Шуғнон ҳуҷум карда, чанд сол дар ин мулк ҳукм ронданд. Вақте ки шуғнониҳо шӯриш бардошта, онҳоро аз мулки худ пеш карданд, хитойиҳо авлоди Бобошоро асир гирифта, ба Тошқурғон бурданд. Бобошо аз никоҳи падараш бо зани ёркандие ба дунё омад. Вақте калон шуд, мувофиқи васияти падар ба деҳааш омада, хонаву дар кард. Мардуми Ғунд ҳама медонистанд, ки ӯ аз авлоди халқия буда, ба шоҳону сайидон

1. Танхо – замине, ки шоҳ ба амалдоронаш туҳфа мекард ва аз онҳо андоз намегирифт.

пайванде надорад.

Бобошо одами содаву даҳанвоз набуд. Азбаски байни уйғурони корчаллону зирак ба воя расид, мисли онҳо барои бойу бадавлат зиндагӣ кардан аз тамоми имкониятҳо истифода мебурд. Ӯ ба писараш Ғазанфар насиҳат мекард, ки аз рӯйи мақоли «дар куни гов бошу мансабдор бош» зиндагӣ кунад. Барои он ки ворисонаш дар оянда чор ишкели бутун дошта бошанд, бояд шоҳзодаву сайидзодаҳоро бо ҳар гуна васила ба худ мойил созад; ба онҳо туҳфаву потахсӣ[1] диҳад; амру фармонашонро бечунучаро иҷро намояд; ба ғаму шодиашон шарик бошад; ба суру мансубаашон мол ё ғалла барад; дар хизматашон рост истад.

Бобошо худ савод надошт, вале мехост писараш хату савод ёд гирад. Чанд бор ба назди мулло Сайидшоҳ, ки сайидзода буду муаллимӣ мекард, рафт, то писарашро шогирд гирад. Вале охон ҳар бор Бобошоро ноумед мегардонд:

– Халқия куҷову мактаб куҷо? – мегуфт ӯ, – хату савод танҳо бар сайидзодаҳо фарз шудааст, бародар. Ту деҳқон бошӣ, деҳқониатро карда гард.

Вале Бобошо аз одамоне набуд, ки ба осонӣ ба тақдирашон тан медиҳанд. Дар муддати ду сол ҳар моҳ ба охон туҳфаҳои арзишманд бурд, заминашро бо барзаговони худ ҷуфт кард, ҳезумашро омода намуд, хонасури[2] писарашро гузаронд ва ахиран барзагови шашсолаашро ба оғили ӯ дароварду гуфт:

– Тасаддуқи ҷадди бузургворат, Сайид, ман як умр чокару авлодам навкарат, ҳамин Ғазанфараки маро илм омӯз.

Сайидшо гуфт:

– Бобошо, ман хоҳишатро рад намекунам, лекин барои он ки гап калон нашавад, овоза паҳн кун, ки авлодат ба Сайид Шоҳмаланг мерасад.

Бобошо аз илтифоти охон ба риққат омада, дасташро бӯ-

1. Пойтахсӣ – ҳадяе, ки соҳибхона ба ифтихори қадам ранҷа кардани меҳмон ба ӯ диҳад.

2. Хонасур - хатнасур

сид, доманашро ба чашм молид ва гуфт:

– Албатта, пирам, ин барои ман шарафи бениҳоят бузург аст.

Пас аз он ки Бобошо писарашро дар синни панҷсолагӣ ба мактаб монда тавонист, на танҳо овоза паҳн кард, ки нисбаташ ба сайидон мерасад, балки дар сараш ҳавои пайвастан ба авлоди онҳо пайдо шуд. Мансабаш имкон медод, ки молу сарват ҷамъ орад, соле ду-се бор ба хидмати шоҳи Шуғнон ва пири мулк Сайид Фаррухшо расида, ба ин восита шароити зандагиашро беҳтар, обрӯву нуфузашро бештар созад. Вале марги ногаҳонӣ дар синни панҷоҳу панҷсолагӣ амон надод, ки орзуҳои Бобошо амалӣ гарданд. Молу мулкаш ба Ғазанфар мерос монд. Он аз шаш-ҳафт анбон замини хуби ҳосилхез ва ду хонаву дар иборат буд. Азбаски шавҳарони чаҳор хоҳараш замини хуб надоштанд, аз оғози кишту кор то мавсими гирифтани ҳосил дар заминҳои ӯ кор мекарданд. Охири тирамоҳ коҳу ғалларо дар анборҳо анбошта, ҳаққашонро гирифта, ба хонаҳои худ мерафтанд.

Ғазанфарро ба духтари як хеши дураш аз деҳаи Патхӯр хонадор карданд. Вақте падараш аз миён бархост, ӯ соҳиби як духтару ду писар буд. Бобошо ба набераҳояш худ ном гузошт. Ба писари калонӣ Шириншо, ба духтар Анҷирбегим ном ниҳод. Вақте писари дуюм ба дунё омад, Ғазанфар хост, ки ӯро худаш ном гузорад. Номи зебо ҳам ёфт: Мағзумшоҳ. Вале падараш розӣ нашуд ва гуфт:

– Ин набераамро Бандишо ном мекунам. Баъд аз ин ҳам агар писар таваллуд шавад, номашро Шоҳқиём гузоштан лозим.

Ғазанфар ба ин гапи падараш ҳайрон шуд.

– Падар, охир ман ҳам мехоҳам ба ягон фарзандам мувофиқи табъи дили худам ном гузорам.

Бобошо гуфт:

– Писарам, ман асп дода, ин номҳоро аз сайидони Хоса талбидаам.

Аз ин хабари ногаҳонӣ даҳони Ғазанфар воз монд.

– Чӣ хел *талбидӣ*?

– Ҳамин хел, барои он ки ба зоти сайид буданамон мардум шубҳа накунад, як аспи хуб парвариш кардаму онро ба Хоса, ба хонаи Сайид Бобошо бурдам ва дар ивази он хоҳиш кардам, иҷозат диҳад, ки номҳои авлоди муқаддаси ӯро ба пасовандони худ гузорам. Сайид розӣ шуд.

– Номи худат ҳам Бобошо ку?

– Падарам дар Тошқурғон маро Асламбек ном гузошт. Баъд аз он ки ризоияти сайиди Хосаро гирифтам, номамро ба номи ӯ иваз кардам.

Ғазанфар аз ғояти ҳайрат ҳуштак кашид ва ба зиракиву фаросати падараш қойил шуд.

Вақте писари сеюм таваллуд ёфт, аз вафоти Бобошо ҳафт моҳ гузашта буд. Ғазанфар хост номи падарашро тоза кунад, вале васияти падарро ба ёд оварда, кӯдакро Шоҳиқиём ном гузошт.

Аммо пас аз чанд соли вафоти падар овозаи аз авлоди сайидон будани насли Бобошо ба Ғазанфар душвории ҷиддӣ пеш овард. Оқсақоли минтақа Шоҳсабойӣ рӯзе дар хонаи ӯ қӯш партофту[1] дар рафти суҳбат суханро сари ин мавзӯъ овард:

– Андувол, падари ман решаатро аз Кошғар медонист, аммо ту даъвои сайидӣ дорӣ. Ба кадомаш бовар кунем?

Ғазанфар дар назди оқсақол зону зада гуфт:

– Сойибо, туро ва ҷумлаи аҷдоду авлодатро Худованди тaборaг ва таоло то ҷаҳон ҳаст, дар паноҳи пуррафоҳи худ ҷовидон нигаҳ дорад. Суоле, ки шумо аз ин саги беарзиши остони ҳумоюнии ҳазрати худ пурсидед, ҷавобаш ин аст, ки гундаву решаи мо аз Ёмҷ аст, аммо фалахмони фалаг бобоёнамро ба Ғунд партоб гард. Аз ин ҷо падари падарамро хитойиҳо асир бурданд. Ӯ ҳамеша ба ёди ватани азизаш бо ашги шашқатор ва дили беқа-

1. Қӯш партофтан – дар хонаи касе меҳмон шудани шахси амалдор бо ҳайати ҳамроҳи худ.

рор зиндагӣ мегардааст. Барои ҳамин падарамро бозпас ба ватан мефиристад, то хонаи бобоии худро соҳибӣ гунад ва авлод ба дунё оварда, диёрашро обод намояд. Аммо ин ги мегӯед даъвои сайидӣ гардаам, дуруст мегӯед, зеро ҷадди бузургворам насиҳат мегард, ки риштаи мо ба сайидони шоҳмалангӣ мерасад, аммо азбасги бобоямон дар Тошқурғон мондааст, ҳуҷҷат ҳам дар дасти ӯ будааст. Шумо, эй баргузидаи шоҳи олам, Шоҳсабойии баландахтар, ба сухани ғуломи ҳалқабаргӯши худ, яъне гаминаи гамтарин бовар гунед, на ба томоту туҳмати ҳасудон ва фурӯмоягон.

Оқсақол Шоҳсабойӣ аз маҳорати сухангӯйии Ғазанфар дар шигифт монд. Ӯ ҳатто дар ҷаласаи шоҳи Шуғнон ҳам аз ягон кас чунин нутқи фасеҳу рангин нашунида буд. Бинобар ин, ба сайидзода будани соҳиби хона бовар карда бошад ҳам, ба ҳар ҳол гуфт:

– Андувол, худат медонӣ, ки сайидон насабномаи махсус доранд. Дар ҳар сурат, аз Сайид хат дошта бошӣ, дигар ягон шубҳа боқӣ намемонад.

Оқсақол Шоҳсабойӣ метарсид, ки мабодо Ғазанфар ҷойи ӯро нагирад. Барои соҳиб шудан ба ин мансаб ӯ ҳам сарват доушту ҳам дониш. Шоҳсабойӣ бисёр мехост, ки пас аз ӯ писараш оқсақол шавад, на каси дигар. Ба ин далел, ҳеҷ намехост, ки писараш рақибе дошта бошад.

Аз ҳамон рӯз Ғазанфар дар пайи ба даст овардани ҳуҷҷат барои исботи сайид будани авлодаш шуд. Нахуст ба деҳаи Хоса ба назди Бобошо рафт. Бобошо ба ӯ гуфт, ки дар тамоми Шуғнон фақат Сайид Фаррухшо ҳуқуқ дорад, ки сайид будани ин ё он шахсро тасдиқ намояд. Пирони мамлакат ин ваколатро ба ӯ вогузор намудаанд.

– Лекин, илтимос, барои дохил шудан ба авлоди мо, яъне сайидони шоҳи кошонӣ ягон хел кӯшиш накун. Авлоди мо ҳеҷ гоҳ даъвои шоҳиву ҳокимият накардааст. Мо хизматгори сарсупурдаи Мавлои замонем ва дар роҳи ризои ӯ аз молу ҷефаи

дунё даст кашидаем. Агар мансаб гирифтан хоҳӣ, беҳтараш, худро ба авлоди Сайид Шоҳи Хомӯш пайваст кун.

Ҳамин тавр, давоми ду соли охир бори дуюм аст, ки Ғазанфар ба саломи Сайид Фаррухшо меояд, вале ӯ хоҳишашро рад месозад.

«Мансабу мартабаи ман ба ин мардаг пастӣ кард, – хулоса баровард Ғазанфар, – роҳи дигарро пеш гирифтан лозим. Бояд дили шоҳ Муҳаббатхонро ба даст овард».

Ин асно чор мард ҳезум ба пушт ва бухча ба даст аз Баҳрчид ба шоҳроҳ баромаданд. Онҳо ба назди ӯ расида, дар болои сангҳо дам гирифтанд.

Ғазанфар салом дода, пурсид:

– Эй бандагони Худо, ин бори вазнинро гуҷо мебаред?

– Ба Баҳрпанҷа, албатта, – посух дод як марди сурхинаи чашмкабуд, ки мӯйи сафеду риши мошу биринҷи кулӯта дошт. – Дигар ба куҷо мешуд?

– Дар Баҳрпанҷа чӣ хабар будааст? – пурсид Ғазанфар.

– Магар хабар надорӣ, ки шоҳ зан мегирад. Имрӯз никоҳу фардо сур дорад. Мо фақиронро маҷбур кардаанд, ки барояш сурона барем.

Аз шунидани ин хабар баҳри дили Ғазанфар кушода шуд. Ӯ вохӯрдан бо деҳқононро кушоиши гиреҳи мушкили худ дониста, хурсандона гуфт:

– Чӣ мардони хубе ҳастед шумо. Дардатон ба ҷонам, ду аспи сармасти ман дар ихтиёратон. Боратонро бар онҳо ниҳед. Ман ҳам азми сафари Баҳрпанҷа дорам.

Деҳқонон аз илтифоти ногаҳонии раҳгузари баҳиммат шод гашта, ҳезуму бухчаҳои худро ба аспҳо бор карданд.

– Дарёро аз гуҷо гузарем? – пурсид Ғазанфар.

– Ҳоло ки об дуд мекунад[1], беҳтараш ба деҳаи Тем равем ва аз он ҷо гузарем.

– Чунин гунем, – розӣ шуд Ғазанфар ва лаҷоми аспашро

1. Дуд кардани об – киноя аз серобии дарё.

гирифта, пеш даромад.

Онҳо ҷониби Тем ҳаракат карданд. Вақте ки деҳқонон киву куҷои̣ будани Ғазанфарро пурсида, донистанд, ки аз кадом як деҳаи дури Ғунд будааст, дилашонро холӣ намуданд.

– Тақсир, мо мардуми пойтахт[1] рӯзи нек надорем, – гуфт марде, ки аз ҳама калонсол буд. – Ҳар моҳ ғайр аз андозу хироҷе, ки муқаррар шудааст, барои ҳар гуна хароҷоти шоҳ молу озуқаи иловагӣ медиҳем. Росташ, ба дод омадаем, вале чӣ илоҷ – пӯсти тар намесӯзад.

– Гирем, ги мо – ғундиҳо соҳиб надорем, легин шумо мардуми Поршинев пир Сайид Фаррухшо барин шахс доред. Барои чӣ ба ӯ муроҷиат намегунед?

Деҳқонон аз шунидани номи пир лаб фуру баста, сар дар пеш афкананд. Пас аз хеле роҳ гаштан деҳқони солхӯрда гуфт:

– Эй андувол, аввал ин ки мо – халқия ҷуръате надорем бо пир ҳамсухан шавем, дигар он ки аз рӯи шунидамон шоҳ Муҳаббатхон гапи Сайидро намегирад.

– Ҳақи гапро гӯям, – деҳқони ҷавон ба гап ҳамроҳ шуд, – шоҳ моро ба хари боркаши худ табдил додааст. Бо ҳазор машаққат як анбон ғалла ёбем, аз се ду ҳиссаи онро ба анбори шоҳ мебарем. Аз гову моламон бо ранҷи бисёр як кӯза равған гирем, ҳамагӣ як пиёлааш дархурди мо мемонад; мурда-мурда пашм ҷамъ оварему гилем ресем, ки бараҳна намонем, онро ҳам кашида мегиранд. Моли саркорро ҳам вақт ба вақт ба сайид таслим мекунем, лекин аз ин чӣ фоида? Ягон бор надидем, ки пир барои ҳимояи мо коре карда бошад.

Ғазанфар дарду алами деҳқононро шунида-шунида, ба Тем расид. Дар ин ҷо бозори салдорон гарм буд. Онҳо аз гупсарҳо сал (амад) баста, одамонро бо молу колояшон аз рӯди пуртуғёни Панҷ мегузаронданд.

Рӯз ним шуда буд, ки Ғазанфар аз Тем ба Баҳшор гузашт.

---

1. Пойтахт – деҳоти атрофи Баҳрпанҷа.

## ХАШМ ОВАРДАНИ ЮСУФАЛИХОН БАР ПИСАРАШ

Аввали моҳи хурдод ҳавои шаҳри Файзобод ғайриодат гарм шуд. Кӯшки хоҳари кӯтоҳумраш Лолабону байни боғи сабзу хуррам воқеъ бошад ҳам, гармо Юсуфалихонро беқарор месохт. Ними шаб ҳаво серун шуд, вале ӯ мижа таҳ карда натавонист. Гӯё дар торикии шаб низ шуълаҳои сӯзони хуршед дар рагу пайаш пароканда шуда, маҷбураш месозанд худро даруни оби пурталотум афканад.

Бо ҳамин эҳсоси нохуш, ҳанӯз ситораҳо напарида, шоҳ ба Боғи баланд баромад. Он дар камари теппа воқеъ буду чашмаи хушобе дошт. Рахт[1] шикаста, дасту пояшро қату рост кард. Сипас куртаи сабуки сафедашро кашиду ба зери шаршара даромад. Дар як дам ба баданаш ҷони тоза дамид. Эҳсоси роҳат кард. Андешааш равшан гашт. Дар ҳоле ки об ба сараш бошаст мезад, қариб чоряк соат ноҷунбон нишаст. Танҳо вақте ки ларза ба баданаш роҳ ёфт, бадар омад ва танашро хушк накарда, либос пӯшид.

Даме байни дарахтон қадам заду ба чап тоб хӯрд ва аз пайроҳаи байни буттаҳои анбӯҳи хуч гузашта, дар назди пуштаи қабри хоҳараш қарор гирифт. Атрофи қабр сабзаву себарга ва дар болои он чанд бутта бобунаи ба мисли сӯгворон сархам рӯйида буданд. Чанд қадам дуртар зарбеди нимхушке бо як шохаи сабз мондааш дили бинандаро ғамгин месохт.

Бори дуюм аст, ки Юсуфалихон ба сари хоки хоҳараш меояд. Маротибаи аввал даҳ-ёздаҳ сол пеш, вақте ки Лолабону вафот кард, омада буд. Он вақт падараш Абдураҳимхон бар Шуғнон ҳукумат дошту бародараш Муҳаббатхон бар Шохдара. Юсуфалихон дар Файзобод назди хоҳараш буд. Падар намехост писари хурдиаш ҳамроҳи ӯ ё бародараш бошад. Метарсид, ки даъвои тахту тоҷ кунад. Ба ин сабаб аз домодаш Миршоҳ, шоҳи Файзобод, хоҳиш кард, ки ӯро назди худ нигоҳ

1. Рахт шикастан – ёзондани дасту по пас аз хоб ё тафреҳ.

дорад. Як сол ҳам нагузашт, ки хоҳараш мубталои табларзаи шадид гашт ва мурд. Миршоҳ амр кард занашро на дар қабристони хонаводагӣ, балки дар Боғи баланд ба хок супоранд.

Ду-се моҳ баъд Юсуфалихон сабабашро фаҳмид. Муфтии Файзобод ба Миршоҳ гуфтааст, ки азбаски аҳли дарбор ба мусулмон будани занаш шубҳа доранд, барои бастани даҳони мардум ӯро дар ҷойи алоҳида дафн кунанд, беҳтар аст. Миршоҳ ҳарчанд медонист, ки ин гап асос надорад, барои он ки муносибаташ бо ходимони дин тира нагардад, хоҳиши муфтиро баҷо овард. Пас аз гузаштани як сол аз вафоти Лолабону, вақте ки шоҳи Шуғнон Абдураҳимхон ба саломи ӯ омад, Миршоҳ духтари дигараш – Бибӣ Ҷонороро хостгорӣ кард.

– Росташро гӯям, ягон занам ҷойи духтари худораҳматиатро гирифта наметавонад, – дарди дил кард Миршоҳ ба Абдураҳимхон. – Дар ҳасраташ дилам хун мегиряд, вале чӣ илоҷ? Барои ҳамин, мехоҳам хоҳари ӯ чароғашро дар хонаам равшан нигоҳ дораду ба фарзандаш Сулаймоншо модар шавад.

Абдураҳимхон, албатта, медонист, ки Миршоҳ барои аз даст надодани Шуғнон духтарашро ба занӣ гирифтан мехоҳад, на ба хотири тапидани дилаш дар ҳасрати Лолабонуи ҷавонмарг. Барои он ки ҳокимияти Бадахшон бар мулкҳои тобеъу нимтобеъаш пойдор бошад, Миршоҳ маҷбур буд бо ҳокимони онҳо пайванди хунӣ ба вуҷуд орад. Ин тадбир ҳар ду тарафро водор менамуд, ки ҳурмати хешутабориро нигаҳ дошта, аз набзи ҳаёти якдигар ҳамеша огоҳ бошанд. Зани шоҳ метавонист сирреро, ки шавҳараш ҳатто ба девонбегӣ бовар накунад, аз ниҳонтарин гӯшаи дилаш бадар орад.

Абдураҳимхон низ бар он буд, ки риштаи бо марги Лолабону кандашударо ба василаи кадхудо[1] кардани писараш Юсуфалихон бар духтари шоҳи Бадахшон аз нав барқарор намояд. Бинобар ин, ду дасти адаб бар сина гузошту гуфт:

1. Кадхудо – хонадор кардан, зан ё шӯй додан

– Шоҳам, беш аз ду сол Юсуфалихон дар назди туст. Ба ин фарзандам муҳаббати зиёд дорам. Аҳд кардаам, ки ҷойнишини ман ҳамин Юсуфалихон бошад. Умедворам, ин ният мақбули султони аъзам мегардад.

Бо ишораи падар Юсуфалихон бархост. Ин ҷавони қоматбаланди бакитфу бозу чашмони айёр ва рухсораҳои барҷастаи мардона дошт. Дар кунҷи рости даҳонаш осори захм ҳувайдо буд. Миршоҳ бо чашмони беқарораш қаду басти ӯро бодиққат аз назар гузаронду пурсид:

– Масофу майдондорӣ карда метавонӣ?

– Оре, шоҳам, –дилпурона ҷавоб дод Юсуфалихон.

– Фардо дилхушии хоса тартиб медиҳем. Дар он ҷо қудрататро месанҷем. Агар ғолиб омадӣ, хостгории падарат қабул мешавад.

Он вақт Юсуфалихон ҳабдаҳсола буду хунаш меҷӯшид. Шамшерзаниву шикорро дӯст медошт. Гӯштин мегирифту тирандозӣ мекард.

Рӯзи дигар дар масоф бар ду ҳариф ғолиб омаду духтари шоҳи Бадахшонро мардонавор ба даст овард. Баъди як моҳ Миршоҳ хоҳари Юсуфалихон Бибӣ Ҷонороро ба занӣ гирифту Юсуфалихон духтари ӯ Ниёзбегимро…

Ӯ дар сари қабри танҳои хоҳараш муддате истод. Ҳарчанд чашм пӯшида, тарҳи рӯйи ӯро ба ёд овардан хост, муваффақ нашуд. Ба ҷойи сурати Лолабону дар лавҳи хотирааш ҳар гуна симоҳои номуайян ларзидаву лағҷида, дар кадом гӯшаи зеҳнаш нопадид мешуданд. Дилаш мехост дар ҳаққи хоҳараш дуо кунад, аммо азбаски ягон ояву такбирро азбар намедонист, аз баҳри ин ниййат гузашт. Ба ҷойи калимоти муқаддаси дуо шоҳи оворагард нимшунаво гуфт:

– Ҳо, хуфиёни бадбахт, рӯзатон сиёҳ мешавад. Коре кунам, ки ҳазор пуштатон номи маро гирад, ҷигараш об шуда, аз дидааш резад.

Муштҳояш гиреҳ хӯрданд, дандонҳояш шақаррос заданд,

чашмонаш дурахшиданд. Дилаш ба ёди Қалъаи Баҳрпанҷа ва тахти аздастрафта гум зад.

Юсуфалихон ҳеҷ гумон надошт, ки ба ҷойи ӯ бародари разилаш Мухаббатхон тахти Шуғнонро ба даст меорад ва ӯро ба Рӯшони дур ҳоким мегуморад. Барои шикаст додани бародараш чи азобҳое кашид, худаш медонаду Мир Манзаршо. Ду соли дароз лашкар машқ доданд. Аммо бозии тақдирро бинед, ҳамагӣ ним рӯз муқовимат карданду халос. Аҳолии Хуф ба шуғниҳо раҳ нишон доду онҳо ба воситаи кӯҳ гузашта, аз ақиб ба лашкари ӯ зарба заданд. Рӯшониён байни ду оташ монда, рӯ ба гурез овeasарданду тамоми орзуву омоли Юсуфалихонро барбод доданд. Ӯ борҳо саҳнаи муҳориба бо лашкари Шуғнонро бо тамоми ҷузъиёташ дар лавҳи хотир такрӯ карда, боз ҳар бор ба ин хулоса расидааст, ки гунаҳкори асосии шикасташ ҳамоно хуфиёнанд.

Соате пас Юсуфалихон ба кӯшк баргашт. Занаш дар ҳуҷраи таомхӯрӣ сари дасторхон мунтазираш буд. Юсуфалихон донист, ки ҳамсараш гапи муҳиме дорад. Ӯро одат чунин буд, ки дар шабистон бо шавҳараш ягон гапи муҳимро ба миён намегузошт. Агар табъи Юусуфалихон мебардошт, бо ӯ шӯхӣ мекарду латифа мегуфт, агар не, то саҳар ноҷунбон мехобиду гапе аз даҳонаш намебаромад. Боре Юсуфалихон пурсид, ки барои чӣ ӯ ба мисли занони дигар дар бистар ҳалли ягон масъаларо аз ӯ хоҳиш намекунад. Ниёзбегим посух дод, ки зани ҳақиқӣ дар бистари шавҳараш бояд зан бошад, на каниз. «Дар ҳама ҳол иззати худро нигоҳ медорад, – пеши худ иқрор мекард Юсуфалихон, – тарбияи ин мардум дигар аст».

Дар сари ширбиринҷи бомазза Ниёзбегим гуфт:

– Шоҳам, медонӣ, бадгӯйӣ хислати ман нест, лекин тақдири фарзандамон маро водор менамояд, ки арзе карда бошам.

Юсуфалихон гӯш ба қимор шуда, сар ҷунбонд, то зан мақсадашро гӯяд. Ниёзбегим афзуд:

– Шоҳам, писарат Қубодхон ба майхорагиву айёшӣ даст задааст. Ӯро чанд бор дар кӯчаи Қаландарон дидаанд.

Юсуфалихон чӣ шуҳрат доштани кӯчаи Қаландаронро медонист, вале ягон зарра аломати ҳайрат дар ҷабинаш пайдо нашуд.

– Яъне чӣ? – китф дарҳам кашид Юсуфалихон.

Ниёзбегим тааҷҷуб кард:

– Шоҳам, чанд бор ба кӯчаи бадахлоқон рафтани писарат магар боиси ташвиш нест?

– Албатта, Қубодхон кори хубе накардааст, вале ин барои як ҷавони безан беобрӯйӣ ҳам нест, – ором посух дод Юсуфалихон, –мушавваш нашав, валъамат.

Зан норозиёна гуфт:

– Шоҳам, Қубодхон чи коре кунад, ихтиёр дорад, агарчи ба шаъни шоҳзода ин амал зебанда нест, аммо ӯ Асламхонро ҳам ду рӯз пеш бо худ бурдааст.

Луқмаи Юсуфалихон дар гулуяш дармонд. Ӯ бо хӯрдани як пиёла об онро фуру бурда, бо камоли нобоварӣ пурсид:

– Асламхон?... Наход...?

Асламхон – писари ӯ ва Ниёзбегим нав ёздаҳсола шуда буд. Модараш бисёр мехост, ки баъди Юсуфалихон на Қубодхон, балки Асламхони ӯ ба тахти Шуғнон нишинад.

– Ин гап рост аст ё овоза? – пурсид шавҳар.

– Аз рӯз равшантар, шоҳам. Парер рӯзи дароз бедарак шуда буд ва шаб ҳам наомад. Ба ҷустуҷӯяш одам мондам. Дирӯз пас аз зуҳр ӯро аз хонаи Ишратии ғаммоз пайдо карданд. Тагпурсӣ карда фаҳмидам, Қубодхон ӯро бо худ ба он манзили ҳаромон бурдааст.

Юсуфалихон медонист, ки агар ин гап ба шоҳ расад, паёмади баде хоҳад дошт.

– Валъамат, ин хабар ба шоҳ нарасад, беҳтар. Ман Қубодро гӯшмол медиҳам.

– Аз атрофиёни худ дилам пур аст, вале даҳони ҳамаро баста

наметавонам. Шоҳам, оё ӯро аз Файзобод ба ҷое фиристода наметавонӣ? – андешаи чандрӯзаашро сари забон овард зан.

– Ба куҷо?

– Медонам, дар Шуғнон қабулаш надоранд. Ёрканд дур асту роҳаш пурхатар. Як ҳафта пас гурӯҳе сафари ҳаҷ мекунад. Ӯро ба зиёрати Каъба фиристем, кори савобе хоҳад шуд.

Юсуфалихон даҳонашро дошта, заҳрхандае кард. Занаш асабӣ шуд.

– Ҳаҷ рафтан чӣ ҷойи ханда дорад? – ва чун дид, ки шавҳараш ҷавоб доданӣ нест, афзуд: – Ё дар Шуғнон ҳоҷӣ эҳтиром надорад?

Шоҳ даҳону ришашро бо дасторча пок карду гуфт:

– Ниёзбегим, албатта, ҳаҷ рафтан савобтарин амал аст. Дар Шуғнон ҳам ҳоҷиёнро ҳурмату иззат мекунанд. Лекин гап дар сари он ки оё Қубод хоҳиши ҳаҷ кардан дорад ва агар ҳаҷ кунад, оё ба номи ҳоҷӣ иснод намеорад? Ман ба ношудии писарам механдам, валъамат, на ба гапи ту.

– Шоҳам, яке ба ҳаҷ раваду ақл кунад, – аз раъяш нагашт Ниёзбегим, – яке Худованд дар дилаш равшанӣ андозад.

– Хуб, дар ин бора ҳам бо ӯ гап мезанам. Лекин гӯянд, ки «хар агар Макка равад, боз ояд хар аст». Пас аз соате Манзаршо меояд, мегӯям Қубодро ҳам даъват кунанд.

Зан бархоста, нимтаъзим карду гуфт:

– Шоҳам, дар охир як хоҳиши дигар.

– Бигӯ.

– Чанд бор илтимос кардам, ба ёдат намеистад. Маро ба исмам ном набар. Яке дар назди мардум номамро гуйву шармандаам кунӣ.

Шавҳар пешониашро молиш доду гуфт:

– Ростӣ, ҳеҷ одат карда наметавонам. Охир дар Шуғнон калон шудаам. Дар он ҷо мардум занро ба номи худаш мехонанд. Ҳарчанд кӯшиш кардам, туро ба номи писарат хонда наметавонам. Забонам намегардад.

Ниёзбегим гуфт:

– Шоҳам, вақте ба Шуғнон рафтем, ихтиёрат. Лекин аз ёд набарор, ки ману ту дар Файзободем.

Юсуфалихон табассуме карду сар ҷунбонд. Ниёзбегим рафт.

Пас аз муддате шоҳ Мир Манзаршо ва Камонгирро ба ҳузури худ қабул кард. Камонгирро фармуд, ки Қубодхонро даъват намояд. Камонгир рафт. Шоҳ ва сипаҳсолораш танҳо монданд.

Шоҳ аз бадкирдории писараш забони шиква кушод ва дар охир гуфт:

– Ҳатто Асламхонро бероҳа карда, ба хонаи Ишратии амрад бурдааст. Ин гап ба гӯши шоҳаншаҳ расад, медонӣ ҳоли мо чӣ мешавад?

– Медонам, шоҳам, медонам, – гуфт Манзаршо.

– Чӣ кор кунем? – пурсид шоҳ.

– Ҳар чи зудтар бояд Шуғнонро тасхир карда, ба ватанамон соҳиб гардем, шоҳам. Он вақт аз пушти шоҳзода касе шикоят ҳам намекунад.

Шоҳ ба танаи себи пурғӯра такя зада, ришашро хилолкунон ба хаёл рафт. Сипас бозуи Манзаршоро қапида, каме фишурд ва гуфт:

– Рост мегӯӣ, андувол, вале тасхири Шуғнон кори осон нест. Ин бетармолиро[1] фақат заҳр дода, куштан лозим. Ҷанг бо ӯ кори беҳуда аст. Мири Қундуз дар пушти сари ӯст.

– Лекин коре бояд кард, шоҳам. Шунидам, ки ҳокими Чорвилоят ба Бадахшон ҳуҷум карданист. Агар дар ин ҷо монем, маҷбурем ба ин ҷанг ҳамроҳ шавем. Худо медонад, оқибаташ чӣ хоҳад буд?

Юсуфалихон даҳон ба гӯши Манзаршо наздиктар бурд ва гуфт:

– Ту хаёл мекунӣ, ки ман дар ин фикр нестам? Панҷ рӯз пеш ба Дӯстаки хуфӣ нома равон кардам. Навиштам, ки агар он бетармолиро заҳр дода кушад, оқсақолии Хуфу Баҷӯвро ба

1. Бетармолӣ – вожаи таҳқир, шояд маънояш одаме, ки моли тар надорад, яъне бенавову фақир бошад.

ӯ медиҳам. Заҳр ҳам фиристодам.

– Ман Дӯстакро намешиносам, шоҳам. Оё ӯ барои анҷоми чунин кори мушкил сабабе дорад?

– Дӯстак ҳоло анбордори бетармолист. Ба худи ӯ ягон қасде надорад. Лекин оқсақоли Хуфу Баҷӯв будан ҳам ба ҳар кас муяссар намешавад.

Манзаршо лабхоён гапи Юсуфалихонро дар тарозуи ақлаш санҷиду гуфт:

– Хуфиён халқи хеле зираканд, шоҳам. Ба фикрам, одами дигаре пайдо кардан лозим аст.

Аз ин гап Юсуфалихон рӯ турш карда бошад ҳам, чизе нагуфт. Шоҳ бошад ҳам, ба чи анҷомидани корро, албатта, намедонист.

– Пас чӣ фикр дорӣ, ба кӣ такя кунем? – шоҳ нигоҳҳои доиман нобоваронаи худро ба Манзаршо равона кард.

– Намедонам, шоҳам. Агар Рӯшон мебуд, илоҷашро меёфтам. Мардуми Шуғнонро намешиносам, – ва сукуте варзиду афзуд: – Ягон шахси наздик, вале аз Муҳаббатхон норозиро ёфтан лозим.

– «Бетармолӣ» бигӯ, ношукр, аз кай боз номи он бадбахтро вирд кардаӣ?! – хашмашро нигоҳ дошта натавониста, овоз баланд кард Юсуфалихон.

Манзаршо гунаҳкорона сар хам кард. Аз ёдаш баромада буд, ки Юсуфалихон номи бародарашро ҳанӯз дар Рӯшон ба забон намегирифт ва ӯро ба лақаби «бетармолӣ», ки чи маънӣ доштани онро касе дуруст намедонист, мавсум карда буд.

– Яке аз даҳонам баромад, узр, шоҳам, – ва чун дид, ки шоҳ мунтазири давоми гапи ӯст, илова намуд: – аз дохили худи қалъа ҷустан даркор.

Юсуфалихон гуфт:

– Дар ин бора ман ҳам фикр кардам, лекин ба ягон кас дилам гарм нашуд. Ҷосусам баргардад, қазия равшан мешавад. Он гоҳ боз маслиҳат мекунем. Ҳоло мехоҳам дар бораи Қу-

бодхон гап занем. Ман ӯро ба ту супурдам, ки ҳунари масоф омӯзад, мардум ӯро дар кӯчаи Қаландарон мебинанд? Ин чӣ бемазагӣ?!

Манзаршо медонист, ки гапи шоҳзода ҳатман ба падараш мерасад, бинобар ин, қаблан ба ин савол посух омода карда буд.

– Шоҳам, агар дар ҳақи шоҳбача бадгӯӣ кунам, забонам бурида бод, аммо он чи шунидаӣ, дуруст аст. Арз кунам, ки ӯ хуши машқу қавоид надорад. Чӣ кунам, намедонам.

– «Намедонам», «чӣ кунам»... Лекин бояд барвақт ба ман мегуфтӣ.

– Шоҳам, худам ду рӯз пеш хабар ёфтам.

– Шароб мехӯрад?

Ин саволи шоҳ сипаҳсолорро даме дудила кард.

– Бадбахтона, шоҳам... – Манзаршо давоми суханашро фуру бурд.

– Фурумояи нолоиқ, – аз ғазаб дандон совид шоҳ. – Мо дар чӣ хаёлему фалак дар чӣ хаёл? Ӯ ба оқсақолии як деҳа намеарзад, ман валиаҳди Шуғнонаш кардаам.

Қубодхон ва Камонгир ҳам расиданд. Шоҳ саломи писарашро алек нагирифта, ба рӯяш торсакии базарбае фаровард. Қубодхон сарашро дошта, ба замин нишаст.

– Фақат гумон накунӣ, ки Манзаршо туро фурӯхтааст. Шабравиат ба хонаи Ишратии ҷалаб ба худи шоҳи Бадахшон маълум шудааст. Аз он ҷо ишора шуд, ки нафсатро ҷилав занам. Хабисӣ аз ин зиёд мешавад? Пасти фурумояи модарбахато, бори дигар қадами беҷое гузорӣ, бе корд пӯстатро меканам.

Юсуфалихон аз шиддати ғазаб шоҳбачаро лагаде заданӣ шуд, ки Манзаршо пеши роҳашро гирифт.

– Ҳамин Манзаршо дар пеши чашми худат ба мартабаҳо расид. Ту кӯдак будиву ин мард сагбонӣ мекард. Ин сагбон миру сипаҳсолор шуду туи хасмодар ба ҷойи он ки шоҳзода

шавӣ, ҳоло ба сагбонии ман ҳам лоиқ нестӣ! Барои ҳамин шуғниҳо гуфтаанд, ки «хаспадар бошу хасмодар не». Занат форад, чанд духтар хоҳӣ, дар ихтиёрат мегузорам. Наход зори даргоҳи даюсону беномусон шуда бошӣ?

Шоҳ аз шиддати хашм беқарор қадам зада, борони маломату ҳақоратро ба сари писараш рехт ва дар охир хулоса кард:

– Пас аз ҳафтае ё зан мегирӣ ё ба ҳаҷ меравӣ! Аз ду якеро интихоб кун.

Аз ин пешниҳоди ногаҳонии шоҳ ҳама ҳайрон шуданд.

– Гап зан, кадомашро интихоб мекунӣ? Зан ё ҳаҷ?

Қубодхон аз ҷо хест. Чун дарк намуд, ки роҳи халосӣ аз вазъият танҳо посухи бетаъхири ӯст, овоз баровард:

– Зан мегирам.

Шоҳ гиребони ӯро маҳкам фишурд ва дод зад:

– Аз ҳудуди Боғи баланд қадам фаротар намемонӣ. Агар ба ихтиёри ман мебуд, ин Ишратии хонасӯхтаро худи ҳозир дар пеши чашмат ба дор мекашидам.

Сипас гиребони писарашро сар доду даст афшонд ва шитобон ҷониби кӯшк рафт. Қубодхон бо ранги паридаву бадани ларзон боз сарашро қапида, ба замин нишаст.

## ТОХТИ БЕБАРОРИ ОТИЗУЛ

Отизул бо навкаронаш ба деҳаи Вуж расид. Вуж деҳаи хурдест дар ҳудуди деҳкадаи Сарчашма. Сайидонаш насаби худро ба Сайид Шоҳи Кошонӣ мерасонданд. Азбаски Шоҳи Кошонӣ даъвои ҳокимият накард, халқ ба авлодаш чун ба тақводорони мустаҳақ ва сарсупурдаи дин эҳтиром мегузошт. Барои ҳамин, дар муддати қариб сад сол қозиёни Шуғнонро мардум аз ҳамин авлод интихоб мекард. Шоҳ ба ҳеҷ ваҷҳ дар кори интихоби қозӣ ҳаққи дахолат надошт. Қозии Шуғнон пас аз интихоб шудан дар қаламрави кишвар гашта, дар мувофиқа бо халқ ва пирони

мулк қозиҳои маҳаллиро дар Рӯшон, Дарморахт, Чоснуд, Сучон, Ғунд, Шохдара, Поршинев ва гоҳе Ғорон таъйин менамуд. Дар маҳалҳо низ қозиҳо ғолибан аз авлоди шоҳикошониён интихоб мешуданд. Ба ин тариқ, қозиҳо пас аз пирон дуюмин қуввае буданд, ки мустақиман ба шоҳ итоат намекарданд. Шоҳ ҳақ дошт ҳукми қозиро бекор созад, вале танҳо вақте ки масъала барои давлат аҳамияти фавқулода дошт.

Отизул медонист, ки халқи Сарчашма ғаюру гарданшаханд. Инро ҳам медонист, ки Муҳаббатхон махсус писарони Қозӣ Давруқро бо туҳмати исён қатл кард. Бад-ин васила мехост қозигариро аз дасти авлоди ӯ гирифта, ба дасти одамони дилхоҳи худ диҳад. Вай қозӣ Давруқро бидуни мувофиқа бо касе аз мансаб барканор намуд. Ҳатто бо Сайид Фаррухшо, ки бонуфузтарин пири мардуми Шуғнон буд, як даҳан маслиҳат накард.

«Лоақал дар рӯзи сур ба асиргирӣ амр намедод, – бо кароҳат аз дил гузаронд Отизул. – Сипаҳсолориамро расман эълон накарда, асиргирӣ фиристод. Ба гуфти шуғниҳо, бузи худро дар сури мардум куштан».

Бо ҳамин андешаву хаёл Отизул ба Вуж расид. Ба навкаронаш амр дод, ки аввал ба хонаи Давруқ ҳуҷум оранд. Аввал аҳли хонаводаи ӯро асир гиранду баъд бар исёнгарон тозанд. Вале дар марзи деҳа мардони мусаллаҳро дида, лаҷоми аспҳоро кашиданд. Отизул хитоб кард:

– Шумо кистед ва чӣ мехоҳед?

Ҷавонмарди камондоре пеш баромад ва ҷавоб дод:

– Мардони Вуж ва Таҳмев ҷамъ омадаанд, то дасти хунолуди Муҳаббатхонро аз гиребони фуқаро кӯтоҳ созанд.

– Ту кистӣ? – аз чунин ранг гирифтани кор сари калобаашро гум кард Отизул.

– Ман Хуршедшоям, сипаҳдори халқи Сарчашма. Мо ягон нафарро ба шумо намесупорем. Беҳтараш баргашта равед.

Отизул андешид, ки агар ба ҷанг даст занад, аз ин мардуми

ташнаи қасос мағлуб шуданаш баъид нест; ғайр аз ин, барои ҷанг бо мардуми як деҳкадаи калон дастури шахсии шоҳ лозим аст.

Отизул фарёд кашид:

– Исён ба муқобили шоҳ кори нобахшиданист! Шарм намедоред, ки ҳамдеҳаатон девонбегии мулк асту шумо обрӯяшро ба хоки сиёҳ мезанед?!

– Барои мо чӣ фарқ дорад, ки золим кист: шоҳ ё девонбегӣ, бегона ё худӣ, – посух дод Хуршедшо, – Ба девонбегӣ расон, ки Муҳаббатхонро аз одамкушиву одамҷаллобӣ нигаҳ дорад, вагарна савганд бар шеби ливои ҳазрати Алӣ, қалъаро ба қабристони ӯву золимонаш табдил медиҳем.

Отизул ба дастааш фармони пас гаштан дод. Вай бошитоб асп меронд, то қазияро ҳарчи зудтар ба девонбегӣ расонад. Вале дидани ҳодисаи дигари нохуш ӯро интизор буд. Дар назди дарвозаи Баҳрпанҷа сарбози бемадоре бар сари ҷасади навкаре меистод. Отизул аз асп фаромада, бонг зад:

– Ин чӣ бемазагӣ? Чӣ гап шуд?

– Заданд, – бемадорона ҷавоб дод навкар, – пуштора карда овардам.

– Кӣ, дар куҷо?

– Дар Баҳшор.

– Батафсил гап зан, падарсаг.

– Сойиб, – канда-канда сухан оғоз кард навкар, – моро ба Баҳшор фиристоданд. Чор нафар будем. Ба ҷамъу гири гунаҳкорон сар кардем, ки як мӯсафеду набера ё писараш расида, моро заданд. Ду навкар гурехт, ҳамроҳамро куштанд. Маро чунон зад, ки дунё дар чашмам торик шуд.

– Мӯсафед?

– Не, ҷавонписар. Мӯсафед инро зада буд, – ба ҷасади навкар ишора кард сарбоз. – Гарданашро шикаст.

– Ҷавон? Мӯйсафед? – аз ғояти хашм овози Отизул дупӯста баромад: – Ин чӣ лашкару лашкардорӣ, ки як писараку як

мӯйсафед чор навкарро шикаст диҳанд? Кӣ будаанд онҳо?

– Намедонам, сойиб. Мо аз Қундуз омадаем, ягон касро намешиносем.

Отизул амр дод, ки мурдаро ба қалъа дароранд. Худ рост ба назди Қозӣ рафт. Вай сипаҳсолорро дидан замон пурсид:

– Шер ё рӯбоҳ?

– Рӯбоҳ, аз рӯбоҳ ҳам батар, – ҷавоб дод бо хашм Отизул. – Ин ҳамдеҳагонат ҳамагӣ девона шудаанд.

– Чӣ карданд?

– Ҳамакаса даст ба исён задаанд. Силоҳ гирифта, сари роҳамон истода будаанд.

– Наход? – девонбегӣ аз ҳайрат зуд-зуд мижа задан гирифт, - ту-у-б-а...

– Ҳа, ҳамин хел. Гуфтанд ба девонбегӣ бигӯ, ки агар даст аз ҷони халқ бознадоранд, қалъаро ба гӯристон табдил медиҳанд. Ман фармони ҷанг кардан надоштам, барои ҳамин пас гаштам.

Девонбегӣ чунин ранг гирифтани воқеаро чашмдор набуд. Пушти сар хорид ва гуфт:

– Шоҳ дар тараддуди никоҳ. Тоби гӯш кардани чунин хабари бадро надорад...

– Ин яктоаш, – гапи ӯро бурид Отизул, –бадтарашро ҳоло нагуфтаам.

Қозӣ даст ба зону зада, бо овози паст пурсид:

– Аз ин бадтар чӣ буда метавонад?

– Дар Баҳшор чор навкарро кӯфтаанд, мурдаи якеашро ба қалъа даровардем.

– Ваҳ рӯям сиёҳ, онҳоро оқсақол Исҳоқ барои овардани осиён фиристода буд. Дар он ҷо ҳам мардум бархостааст?

– Не, навкаре, ки мурдаи ҳамроҳашро овард, гуфт, ки як мӯйсафеду як ҷавон онҳоро задаанд.

– Ҷавон? Боз ҷавонписарак? – норозиёна ғурунгос зад

Қозӣ, – наход як писарак ҳоли навкарони ҷангозмударо чунин табоҳ кунад?

– Ин бор мӯйсафед ҳамроҳаш будааст, сойиб, – луқма партофт Отизул.

– Мӯйсафед?! – ангушти ишораташро чангаквор ба лаб ниҳода, нидо баровард Қозӣ. – Мӯйсафед, ... наход Ҷаҳонгир бошад? Бале, Ҷаҳонгир! Дигар кӣ ин хел дилу гурда дорад?

– Ҷаҳонгир? – беқарор шуд Отизул, – Ҷаҳонгири номдор?

– Яқинан Ҷаҳонгир, – қатъӣ хулоса баровард девонбегӣ. – Вай ба майдон баромада бошад, Худо зад гуфтан гир.

Отизул дар айёми наврасӣ борҳо Ҷаҳонгири гурдро дида буд. Он замон ӯ сипаҳсолори Шуғнон буду писараш Маҳмадазим паҳлавони номдор. Аз ҳайбати онҳо дар тахтапушти замин ларза меафтод.

– Ҷавон, бешубҳа, набераи ӯ Мирзоазиз аст, – суханашро давом дод Қозӣ. – Аз дасти каси дигар чунин кор намебарояд.

– Чӣ кунем? – пурсид Отизул.

– Бо Ҷаҳонгир сар ба сар шудан аз рӯи хирад нест. Ҳоло коре бояд кунем, ки сури шоҳ вайрон нашавад, – посух дод Қозӣ.

– Дар ҳар сурат, шоҳро огоҳ кардан даркор.

– Бале, – лаб хоида, дудила гуфт девонбегӣ. – Пас аз ҳаммом дар майдон бандиёнро нарх мегузорад. Дар ҳамон ҷо мегӯем.

## МЕҲМОНИ НОХОНДА

Ғазанфар назди хонаи дар иҳотаи дарахтони сершоху барг нопадиди Ширинбек истода, ба ҳамсафаронаш гуфт:

– Ман ҷамъияти шуморо тарг мекунам. Хеле сарфарозам, ги бо шумо барин одамони дилсофу боинсоф шинос шудам.

Ғазанфар дар фаровардани ҳезум ва чизу чораашон ба онҳо ёрӣ карду роҳи сафед хост. Сипас аспҳоро ба дарахтон басту ба хона даромад ва касеро пайдо накарда, рӯйи ҳавлӣ зери

дарахти тановари бед мунтазир нишаст.

Ғазанфар ва Ширинбек дар Ёрканд шинос шуда буданд. Падараш ӯро ҳар сол ду-се бор ба тамошои ин мулк мебурд. Онҳо дар хонаи Ширинбек меистоданд. Падари Ширинбек – Назарбек устои хонасоз буд. Соле чор-панҷ хона месохт ва аз ин ҳисоб даромади хуб ба даст меовард. Мардум вайро барои ҳунармандӣ, меҳрубонӣ, фурӯтанӣ ва порсоияш дӯст медоштанд. Назарбек аслан аз Демурғони Шуғнон буд. Вале ҳангоми як подшоҳгардиш, вақте шоҳи Шуғнон Қубодхони III таҳти фишори мири Қундуз ба Ёрканд фирор мекунад, ӯро бо аҳли оилааш бо худ мебарад. Пас аз се сол Қубодхон ба Шуғнон бармегардад. Усто Назар ба хотири раҳо ёфтан аз хизмати шоҳ дар Ёрканд хонаву дар карда, муқими ин водии хушобу ҳаво мегардад.

Ғазанфар аз бекорӣ чӯбдаст гирифту ба шохи пурбори тут зад. Тути бисёре ба замин рехт. Онро дар ғирбол ҷамъ оварда, маззакунон хӯрдан гирифт. Чӣ таъми гуворое дорад тути музаффарӣ! Ғазанфар аз лаззати он чашмонашро нимпӯш карда, ҳамзамон афсӯс мехӯрд, ки ин меваи биҳиштӣ дар ватанаш намерӯяд. Ғирбол ним шуд. Онро як тараф гузошту бархост ва аз шаршараи пастаки ҷӯй об нӯшид. Сар бардошту чашмаш ба зардолуи нав рангбастаи маъмурӣ афтод, ки меваҳояш дар шуълаи офтоб ба монанди тилло медурахшиданд. Хост чанд зардолу ҳам бихӯрад, вале аз бими он ки дарунрав нашавад, аз нияташ гашт.

«Аҷиб, инҳо хонахез гуҷо рафта бошанд? – худ ба худ савол дод Ғазанфар, – агар ба ҷойи дур мерафтанд, дари хонаро ё луг мегарданд, ё мебастанд»

Аз ҳамсоя ҳам пурсидани суроғи онҳо имкон надошт, чунки наздиктарин ҳавлӣ аз хонаи оқсақол камаш чорсад қадам дурӣ дошт.

Боз чанде мунтазир истод. Чун дид, ки вақт беҳуда мегузарад, кӯлбори сафариашро кушода, аз он як пойи гов баровар-

ду ба ошпазхона гузашт. Азбаски борҳо ба хонаи дӯсташ омада буд, медонист, ки чи дар куҷо воқеъ аст.

«На ман, на дӯстам дер боз танӯргабоби уйғӯрӣ нахӯрдаем. Дигар гай фурсат даст медиҳад?» – гуфт дар дилаш меҳмон ва дасту остин барзад. Ҳезум шикаст, дег шуст ва гӯшт реза кард. Дегро аз об пур карду оташ даргиронд. Бо шохаи зардолу танӯрро тафсонд. Об ҷӯшид. Товҳои аз орди боқило хелидаи занашро низ аз кӯлбор бароварду ба ҷӯши он партофт. Ош тайёр шуд. Пас аз фурсате танӯрро бо сафедкунак тоза карду парчаҳои гӯштро қатор часпонд. Сипас кунҷу канори ошхонаро кофта, қурут пайдо кард. Ба он каме об ҳамроҳ карду қатағ сохт ва онро даруни ош рехт.

Ғазанфар корсонро ба суфаи таги бед бурд ва дасторхон густурду болои он гузошт. Гашта ба ошхона даромад ва кабобро кофт. Бӯйи гуворои он ҳавлиро фаро гирифт. Лаҳмеро канда, ба хонтахта гузошт ва бо корд пора карду мазаашро чашид. Ҳезуми зардолуӣ хушбӯяш карда буд. Сипас ҳамаи кабобро аз танӯр канда, ба дег андохту қумғонеро аз об пур карда, миёни лахчаҳои пурсӯз гузошт.

Гурусна бошад ҳам, даст ба хӯрок набурд. Дар суфаи зери бед якпаҳлу зад ва ғанабаш бурд.

Соате пас аввал кӯдакон ба ҳавлӣ даромаданд. Онҳо одами бегонаро дида, аз шавқун бозистоданд. Аз паси онҳо Гуланор бо духтару синҳораш даромаданд.

– Касе гӯшт пухтааст, – бо ҳайрат овоз баровард Мисринамо.

Ғазанфар, ки аз ҳаёҳӯи кӯдакон бедор шуда буд, бархост ва ба пешвози соҳибони хона қадам гузошт.

– Марҳамат, нури дида, тоҷи сар. Қадами сафо овардед, аз гуҷо омадаед? Аз боло омадаед? Аз поён омадаед? Аз гуҷое, ки омадед, хуш омадед…

Гуланор Ғазанфарро дида, аз хурсандӣ бо нидои «Вай, амакҷон!» худро ба оғӯшаш андохт. Ғазанфар сари ӯро ба си-

наи фарохи худ пахш карда, навозишкунон гуфт:

– Ҳоло ҳам ёд нагирифтаӣ-а? Ман амаг не, падарат мешавам. Гасе рӯйи арӯсро гушояд, падар ҳисоб мешавад, на амаг.

– Узр, чанд сол надидаем, аз ёдам қариб рафтааст, – гуфт Гуланор. – Моро чи қадар хурсанд кардӣ, падарҷон! Бовар кун, дарду ғамамро фаромӯш кардам. Бишин, падарҷон, офтоб аз куҷо баромад, ки ба дидорат расидем?!

Аз шодии ногаҳонии Гуланор баҳри дили духтару синҳораш кушода шуд.

– Магар падар вақти шиштан дорад? Барои духтару набераҳоям ошу габоб пухтам, – гуфт шӯхиомез Ғазанфар.

– Танӯркабоб? –хушҳолона садо баровард Гуланор. – Ҷонам ба қурбони ин хел падар! Танӯркабоби кошғариро чи қадар ёд кардаам!

Ғазанфар ба ошхона рафт. Ҳама аз паси ӯ кашола шуданд. Вай сарпӯши дегро бардошт. Бӯйи хуши кабоб ба димоғҳо заду иштиҳоро кушод. Кӯдакон бо ҳайрат исту бисти марди ношиносро, ки аз пайи қадамаш вақти бибии беморашон якбора чоқ шуд, тамошо карда, вақте ӯ ба ҳар кадомашон яктоӣ қанд дод, дар гирдаш парвона шуданд.

Ин асно Ширинбеку Давлатназар низ расиданд ва баробари аз асп фаромадан садои хандаву шодии аҳли хонаводаро шунида, ҳайрон шуданд. Давлатназар ду аспи бегонаро, ки аз турба ҷав мехӯрданд, дида, пурсид:

– Ду нафар меҳмон дорем, аҷиб, киҳо бошанд?

– Аз зини кошғарии аспонашон маълум, ки якеаш Ғазанфар аст, – посух дод Ширинбек. Падару писар ба ошхонаи тобистонӣ, ки дар пушти хона воқеъ буд, шитофтанд.

Ширинбек дӯсти овони ҷавониаш – Ғазанфарро дар ҳалқаи аҳли хонаводааш дида, синааш лабрези фараҳ гашт. Ғазанфар ӯро пас аз дастбӯсӣ оғӯш гирифта, ба сараш борони лутф рехт:

– Чи мардуми саргаштаед, шумо – галонҳо! На шаб роҳат

доред, на рӯз. Тамоми хонаатонро пуштора гунанд ҳам, дараг намеёбед. Бигардум шуморо, бигардум. Ин духтари нозанини маро ба чӣ ҳол расондай-а?! Омадам, ги ӯро бо худ барам…

Ширинбек аз дидори дӯсти хушсуҳбаташ бениҳоят шод гашт. Чеҳраи занашро кушодаву табъашро хуш дида, дилаш боғ-боғ шукуфт.

– Аз куҷое омада бошӣ, хуш омадӣ, дӯстам, – гуфт Ширинбек. – Чашмҳо равшан. Ҳоло духтарат бароямон чизе мепазад.

– Хӯрок тайёр, Ширин, то омадани мо пидам бекор нанишаста, танӯркабоб пухтааст.

– Ана инро мардак мегӯянд! – хитоб кард Ширинбек, – ману писаронам ҳатто об ҷӯшонда наметавонем.

Ғазанфар бо Давлатназар ҳам бағалкаш салом карду мардон ҳар се ба дакони таги бед рафтанд. Давлатназар корсони ошро дида, ҳайрон шуд:

– Инро ҳам худат пухтӣ?

– Дар ин хона ба ғайр аз ман дигар пазандае мебинӣ? – ҷавоб дод бо шӯхӣ Ғазанфар, – легин, хари сиёҳ шавам, агар бе шумо маззаашро чашида бошам.

– Бовар мекунам, Ғазан, – лақаби кӯдакии Ғазанфарро ба забон оварда, гуфт Ширинбек. – Дастат ба ҳама кор мечаспад.

Онҳо сари дасторхон нишастанд. Ширинбек меҳмонашро муроот кард:

– Ҳарчанд мо меҳмон шудему ту мизбон, ба ҳар ҳол бисмиллоҳ бигӯ. Ҳамроҳат дар куҷост?

Ғазанфар «бисмиллоҳи раҳмонирраҳим» - гӯён як чиб ошро фуру бурду гуфт:

– Ягон ҳамраҳ-памраҳ надорам, Ширин. Яг сар ба ду гӯш[1] омадаам.

– Акнун як асп боратро бардошта наметавонад бигӯ, – нӯшханди базебе зад Ширинбек.

1. Як сар ба ду гӯш – зарбулмасалест ба маънои танҳоӣ.

– Аспи дуюм ҳам аз они худам. Чӣ гунам, дарвеш ҳамин қадар дорад, – лабханд зад Ғазанфар ва афзуд: – Ҳоло ошро бе гап ошомем, ташнагиам, ги шигаст, рози аспи бесаворамро мегушоям.

Оши серқатағ дар они воҳид тафси баданҳоро паст кард. Гуланор кабоб овард. Ғазанфар корсони ошро ба ӯ дароз кард:

– Духтарам, бо бачаҳот бихӯр, ману Ширинбег серӣ надорем.

Ширинбек хушҳолии занашро дида, бори дигар мутмаин шуд, ки аз ранҷи пагоҳӣ дар ӯ осоре намондааст. Барои тақвияти дилаш гуфт:

– Занак, дидӣ, пидат чи пойи қадами хубе дорад. Гул барин шукуфтӣ.

– Бале, пидамро дидаму гӯё тамоми дарди дунё аз тор-тори мӯям баромада рафт. Дар номат садқа, падарҷон!

Гуланор корсонро гирифта, ба ошхона рафт. Мардон ба танӯркабоб даст ёзонданд. Ғазанфар «сирр»-и аспи дуюмашро кушод:

– Ширин, шунидам, ки шоҳ Муҳаббатхон фардо зан мегирад. Ман ҳамин гумайти бодпоро барояш сурона овардаам.

Ширинбеку Давлатназар аз ҳайрат даст аз таом боздоштанд. Ғазанфар бо тааҷҷуб пурсид:

– Чӣ, ягон гапи нодуруст задам?

– Гапат дурусту… – гуфт Ширинбек, – аммо, гап байни худамон, шоҳ вақтҳои охир пӯстинашро чаппа пӯшидааст. Боз ба ягон бало гирифтор нашавӣ.

– Ҳа, ман шунидам, ки одамони ба ӯ ёғишударо гуштааст, легин ман ба ӯ туҳфа мебарам-гу?

Ширинбек каме андешид ва посух дод:

– Андувол, агар дар ин кор аз ман раҳнамоӣ хоста бошӣ, ҳаманнову саддақ[1]. Фардо ман туро ба девонбегӣ мерасонам ва муаррифӣ ҳам мекунам. Он тарафаш – худат дониву дави аспат. Ман чанд вақт дар чашми шоҳ натобам, беҳтар.

1. Ҳаманнову саддақ – ибораи рехтаи маъмулест дар Шуғнон ба маънои ҳар чи хоҳӣ, ҳамон тавр шавад.

Ғазанфар гуфт:

– Андувол, ман дар ин диёр ба ҷуз ту гаси дигар надорам. Салоҳи гори худатро худат беҳтар медонӣ. Маро то девонбегӣ бар, иншоллоҳ, горе кунам, ки шоҳ девонбегиро фаромӯш гунад.

Ғазанфар аз забони соҳибони хона фоҷеаҳои ба сари мардум овардаи Муҳаббатхонро шунида, ба гӯшҳояш бовар намекард, ки шоҳ чунин зулмро ба табааш раво дида бошад. Вақте фаҳмид, ки аз дидани ҷисми пора-порагаштаи Диноршо Гуланор мубталои ваҳмак шудааст, дилаш чанд маротиба хала зад.

– Лекин ту аз раъят нагард. – гуфт Ширинбек. – Дили шоҳро ба даст оварда тавонӣ, обрӯву эътиборат бештар мегардад. Мо ҳам фахр мекунем, ки дар водии Ғунд ин гуна дӯсти иззатманд дорем.

Ғазанфар, ки аз шунидани қиссаҳои золимии Муҳаббатхон каме дудила шуда буд, аз ин маслиҳати дӯсташ рӯҳ гирифт.

– Гапат дуруст, Ширин, – гуфт ӯ, – ман туҳфаамро месупораму баргашта ба мулги худам меравам. Шоҳ агар илтифот гард, хуби хуб, нагард ҳам, боге нест. Лекин духтарамро ба ягон муллои зӯр хонон, ки дардаш гуҳна нагардад.

– Хушназарро ба Баҳшор барои овардани Мулло Хишол фиристодам. Ҳоло бояд расанд.

Ҳанӯз офтоб сари кӯҳҳо андешаи ғурубро дошт, ки Хушназар ва Мулло Хишол ҳам расида омаданд. Онҳо пас аз салому ҳолпурсӣ дар сари дастархон аз ҳар хусус суҳбат карданд. Мулло Хишол бо донишу фурутании худ ба Ғазанфар писанд афтод. Ӯро рӯйдодҳои охирин – тирборони одамони бегуноҳ, куштани асирони зиндамонда, таъқиби хонаводаи мақтулон ба ташвиш гузошта будаанд.

– Дилам хун мегиряд, вале намедонам барои пеши зулмро гирифтан чӣ кор кунам? Агар ин шоҳи модарбахато розӣ мешуд, ки дар баҳои ҷони ман халқамро амон гузорад, розиам, ба ҳар навъе, ки дилаш мехоҳад, маро бикушад. Лекин, афсӯс, ба ғайр аз таскин додани дил бо сиёҳ кардани коғаз дигар коре

аз ман намебароияд.

– Ту шеър менависӣ? – аз ҳаяҷон ба ду зонуяш рост шуда, пурсид Ғазанфар.

– Бале, кам-кам ҳар чи менависам, – сар ҷунбонд Мулло Хишол.

– Аҷабо, чи хушбахтие! Бори аввал шоири зиндаро дар рӯбарӯям мебинам! Дар забонат ҷонам, як шеър бихон.

Мулло Хишол пас аз сукути кӯтоҳ аз бағалкисааш коғазе бароварда, рӯи зонуяш гузошт ва гуфт:

– Менависаму лекин то ҳол ба касе нахондаам. Илтимос, айбам накунед. Ин шеър дар бораи шоҳи золими мост.

***Мегазам ангушти ҳайрат рӯзу шаб,***
***Шоҳи моро нест инсофу адаб.***
***Номи ӯ бошад Муҳаббатхон, вале***
***Аз муҳаббат несташ бӯйе, аҷаб.***
***Исми ӯро Золимулзулмат ниҳед,***
***Чунки аз Заҳҳок дорад ӯ насаб.***
***Ҳар қадар моро чу ҳайвон мекушад,***
***Хуни моро он қадар дорад талаб.***
***Шоҳ не, ҷаллоду қассоб аст ӯ,***
***Бал шағоле ҳаст бе чангу занаб.***
***Чун падар будаш зино ибни зино,***
***Модари ӯ ҳам ҷалаб бинти ҷалаб.***
***Хонаи ғам шуд Виёду Поршинев,***
***Нест дар Рӯшону дар Сучон тараб.***
***Рафт хушҳолӣ зи мо, Мулло Хишол,***
***Нолаву фарёду вовайло ба лаб.***

Мулло Хишол «тамом» гуфту коғазашро боэҳтиёт лӯла карда, ба ҳамсуҳбатонаш нигарист. Онҳо ҳар чор моту мабҳут гоҳ ба шоир, гоҳ ба коғазаш нигариста, чи гуфтанашонро намедонистанд.

– Хай-й, – садо рӯшан кард Мулло Хишол, – чӣ хел?

Ғазанфар яхи хомӯширо шикаст:

– Ҳай..., вай..., ман ин хел байтро бори аввал мешунавам... Ин чӣ...?

– Тавба, – гиребонашро дошта, ба гап ҳамроҳ шуд Ширинбек. – Мулло, зинҳор ба касе нишон надеҳ, ки ҷони ҷавонат қурбон мешавад.

Давлатназар, ки то ҳол аз даҳонаш сухане набаромада буд, гуфт:

– Офарин, бародар! Ҳақи гапро гуфтаӣ. Ин гапҳоро ҳама медонанд, вале касе намегӯяд. Шуморо намедонам, лекин дили маро хеле сабук кард. Гӯё ин гапҳоро ман гуфта бошам, на ту.

Ғазанфар, ки дар адабиёт мутолиае дошт, илова кард:

– Ман дар ягон мамлагат чунин шеър нашунидаам. Чизе хонда бошам, фақат дар бораи шаробу габобу гулу булбул будааст. Дар Поршинев боре дар маҷлисе афтодам. Шоир Саидҷаъфар шеър хонд, ҳамааш дар ишқи Худову расул. Ба фигри ман, ҳамон хел нависӣ, беҳтар.

– Ман он хел навишта наметавонам, тақсир. Он чизе, ки мебинаму ҳис мекунам, ҳамонро менависам. Вақте ҳоли зори халқи Худоро мебинам, дар дилам на гул мегунҷад, на булбул.

Ин гапи шоир ба нишастагон таъсири дигаре кард. Онҳо ҳар яке ба андозаи фаҳмиши худ суханони Мулло Хишолро пеши худ таҳлил карда, чи гуфтанашонро намедонистанд. Ниҳоят Ширинбек ақидаашро ба забон овард:

– Мулло, ба кори хатарнок даст задаӣ. Шунидӣ, ки шоҳ барои як рубоии кадом занаке бо оқсақол Сафару авлоди ӯ чӣ кард?

Мулло Хишол коғазро ба кисааш гузошта, ҷавоб дод:

– Гапат дуруст аст, амак, лекин барои ризои Худо менависам, на ба хотири ризои шоҳу акобир. Агар ҳар якамон чунин кунем, шоҳ ҳам бо роҳи бедоду истибдод дигар рафта наметавонад. Ман як шогирд дорам, ҳамин рӯз ду навкарро зада, маъюб кард. Мардум баъд аз ин мусаллаҳ шуданд, то навкаро-

ни шоҳро дигар ба деҳа роҳ надиҳанд.

Ин хабар аз шеър ҳам ҳозиронро бештар мутаассир кард. Ғазанфар бо ҳаяҷон пурсид:

– Дар гуҷо?

– Дар Сарчашма.

– Он ҷавон кӣ будааст? – пурсид Ширинбек нобоварона.

–Мирзоазиз, писари Маҳмаднасими паҳлавон.

– Ҳо-оо, набераи Ҷаҳонгир гӯй, – бо ҳайрат сар ҷунбонд Ширинбек.

– Худи худаш, – гуфт Мулло Хишол. – Ба мисли падару бобояш нотарсу паҳлавон.

– Наход гӯдаке ба чунин гор қодир бошад? – боз ҳам бовар накарда, пурсид Ғазанфар.

– Бидуни муболиға, тақсир. Вай дар ҳамин синну сол думи аспро ба як зӯр меканад. Худо қувваташро зиёд кунад. Ин писар қудрати Рустаму Исфандиёрро дорад.

Суҳбат то як поси шаб тафсид. Вақте Ширинбек ба сари мақсади асосӣ – дуо хондани Мулло Хишол ба занаш омад, Гуланору кӯдакон хоб рафта буданд. Мулло Хишол гуфт:

– Ман дар чеҳраи валъамат нишони ягон беморие надидам. Ӯро фақат дар вақти хурӯҷ кардани беморӣ хондан лозим. Ин хел таъсир намекунад.

– Ба пойи қадами дӯсти деринаам Ғазанфар ва худат занам ҳам сиҳат шуд, - миннатдорӣ баён кард соҳиби хона. – Шумо ҳар ду ба хонаи ман нуру сафо овардед.

## ФОЛИ МИРҶАМОЛ

Оқсақол Муборак лаб-лаби рӯд бо дили гарону хаёли парешон ба деҳаи Бахрчид фаромад. Андешаи он ки Сайид Фаррухшо даъвати шоҳро барои хондани хутбаи никоҳаш қабул накард, дилашро фишор медод. Намедонист онро бо кадом

рӯву бо кадом забон ба Муҳаббатхон арз кунад. Ӯ феъли шоҳро медонист: тобу тоқати иҷро нашудани ягон амрашро надошт. Дар чунин мавридҳо аз ғояти ғазаб даррандаи захмхӯрдаро мемонд. Ҳатто метавонист одамро ханҷаре зада, бикушад.

«Пир, албатта, гапи шоҳро намегирад, – муҳокима меронд оқсақол. – Инро пешакӣ медонистам. Айб дар шоҳ аст, на дар Сайид. Хоҳиши Сайидро ба замин монд. Бандиёнро озод на-кард. Обрӯи пири моро ба эътибор нагирифт. Бар замми ин, он бечораҳоро бо дасти худаш кушт. Ҳоло занону фарзандона-шонро фурӯхтанист. Ба ҷойи вай ман ҳам бошам, доманамро аз ин гуна шахс мебуридам. Дили пир ба халқаш месӯзад. Шоҳ одами омада аст. Шоҳ аз тахт афтад, сарашро гирифта, аз Шуғ-нон мегурезад. Лекин Сайид ватандор аст. Бозии тақдирро бин, байни ин ду забардаст сари бечораи ман дар бало монд».

Муборак бо чунин андешаҳои гарон ҷӯйи калонро гузашта, лаҷоми аспи этакашро ҷонибИ хонаи Мирҷамол кашид. Ӯ ме-хост ин шахси ҳақпарасту ростгӯйро, ки хеши модариаш буд, хабар гирад ва фикру андешаашро дар бораи кору кирдори шоҳ донад. Бо ҳамин лоақал супориши дуюми шоҳро, ки фаҳ-мидани гапу калочаи мардум буд, пурра иҷро мекунад. Зеро Мирҷамол марди босавод, озодфикр ва фуртакигӯе буд, ки ногуфтанитарин гапро ҳам бебокона ба рӯйи мардум мегуфт. Ва парвое ҳам намекард, ки дар баробараш шоҳ қарор дорад ё гадо. Ӯ дар лаби дарёи Панҷ панҷ-шаш анбон замин ва ҳавлии на он қадар калон дошт. Дар пушти хонааш ҳуҷраи алоҳидае сохта буд, ки онро «қироатхона» мегуфтанд. Вақтҳои фориғ аз кор дар «қироатхона» китоб мутолиа мекардааст. Гоҳе чунон баланд мехондааст, ки раҳгузарон садояшро мешунидаанд.

Муборак шунида буд, ки Мирҷамол понздаҳ-бист сол қабл аз куҷое ба ҳамин деҳа меояд. Рост ба назди оқсақол рафта, масъала мегузорад, ки барояш замин диҳад. Оқсақол мегӯяд, ки замин фақат ба мардуми таҳҷоӣ ва он ҳам ба ивази як асп ё

ду гов дода мешавад. Мирҷамол мегӯяд, ки замин дар тамоми олам мулки Худост. Инсон ҳақ дорад, дар ҳар гӯшаи дунё, ки дилаш хоҳад, зиндагӣ кунад. «Ман мехоҳам дар Поршиневи порснишин зиндагӣ кунам. Ту чӣ ҳақ дорӣ, ки замини Худоро ба ман надиҳӣ?». Оқсақол ба хаёле, ки ин мард девона аст, ӯро аз хонааш меронад. Вақти баромадан Мирҷамол ба оқсақол мегӯяд: «Ту як пора замини Худоро аз ман дареғ доштӣ, як пора заминат нобуд хоҳад шуд».

Рӯзи дигар хушксел[1] омада, ним анбон замини оқсақолро зер мекунад. Амр медиҳад, ки фавран Мирҷамолро ҳозир созанд. Навкаронаш Мирҷамолро пайдо карда, меоранд. Оқсақол мепурсад:

– Эй марди ғариб, ту кистӣ, ки бо дуоят замини маро хароб кардӣ?

Мирҷамол посух медиҳад:

– Ман бандаи Худовандам, заминатро на ман, балки тангдиливу ноодамии худат хароб кард.

– Ту аз куҷо омадаӣ?

– Аз кӯҳи Қоф.

– Шуғлат чист?

– Риндӣ.

– Риндӣ чист?

– Озодӣ.

– Дар кадом мазҳабӣ?

– Дар мазҳаби Худо.

– Худо чӣ мазҳаб дорад?

– Ломазҳабӣ.

– Динат чист?

– Дин надорам.

– Ба мулки мо чаро омадӣ?

1. Хушксел – селе, ки дар мавзеи беоб бар асари кӯчидани замин ба вуҷуд меояд.

– Хона мекунам ва Гулҷамолро ба занӣ мегирам.

– Гулҷамол кист?

– Духтари Шомадори чӯпон.

– Ту ӯро аз куҷо мешиносӣ?

– Намешиносам, вале дар хоб дидаам.

Аз ҷавобҳои аҷибу ғариби Мирҷамол дили оқсақол ба ларза меафтад. Филҳол мефармояд аз куҷое, ки хоҳад, заминаш диҳанд. Вай деҳаи Баҳрчидро интихоб мекунад. Гулҷамолро ҳам худаш хостгор шуда, ба занӣ мегирад ва хонаву дар карда, соҳиби фарзандон мегардад. Мирҷамолро барои ростқавлиаш эҳтиром мекарданд, вале барои равшанбинӣ ва пешгӯйиҳои дурусташ аз ӯ меҳаросиданд.

Баъзеҳо бештар аз Сайид Фаррухшо ба ӯ эътиқод доштанд, чунки беморонро ҳам бо даму дуояш табобат карда метавонист. Сайид ӯро ба маҷлисҳои анисонаш даъват намекард, аммо эҳтиромашро нигаҳ медошт.

Оқсақол вақте ба хонаи Мирҷамол расид, ки ӯ бо ду писараш дар ҷӯйбори рӯйи ҳавлӣ бузу гӯсфанд мешуст. Ҳайвонҳо аз об мебаромаданду ба чор тараф об чарахсонда, дар офтоби субҳгоҳӣ гарм мешуданд.

– Қуввати кор, тағоӣ! – хитоб кард Муборак ба Мирҷамол, ки то зону даруни ҷӯй меистод.

– Ҳиммати кор, – ҷавоб дод соҳибхона ва чолок аз ҷӯй баромада, бо дастори сар дастонашро хушконду дастбӯс салом кард.

– Дар мо молро баҳорон пеш аз баровардан ба айлоқ мешӯянд, – гуфт оқсақол хушҳолона.

– Ҳаво ниҳоят гарм, ҳайвони безабон азоб мекашад, вале гуфта наметавонад, ҷиян, – гуфт Мирҷамол ва меҳмонро ба таги дарахти тут бурд.

– Гулҷамол, ҳо, Гулҷамоли соҳибҷамол, баро, ки меҳмон аз худи Баҳрпанҷа омадааст.

Зани болобаланди сурхмӯи ниличашм бо куртаи чити нап-

па-нав ва рӯмоли сафеди гулҳояш бунафш аз хона баромад. Ӯ нимтаъзими зебое карду гуфт:

– Ассалом, бародари азизам, Мубораксо, хуш омадӣ, моро миннатдор кардӣ.

– Салом, хоҳарҷон, мебинам, ки сиҳҳату бардамӣ. Илоҳо, ҳамеша хонаатон ободу худатон дилшод бошед.

– Аввал ду коса мости хунук биёр, баъд чизе паз, ки оқсақол дар пеши шоҳ ҳам таъриф карда тавонад, – амр дод Мирҷамол.

Гулҷамол «хуб» гуфту рафтанӣ шуд, ки меҳмон ӯро нигоҳ дошт:

– Хоҳарам, як рӯз бафурсат ҳунари пазандагиатро нишон медиҳӣ. Ҳоло мостатро биёру дигар ташвиш накаш. Онро, ки хӯрдам, мехезам.

Гулҷамол рафт. Оқсақол афту андоми Мирҷамоли овозадорро аз назар гузаронд. Ӯ марди газгӯшти сурхинапӯсти баландболое буд бо риши паҳну абрӯвони зард. Пешониаш баланди бечин, чашмони шарарбори кабудфомаш осоре аз тарҳи муғулӣ доштанд.

– Ин қадар шитоб дорӣ, оқсақол? Ё аз сур дер мемонӣ? – пурсид Мирҷамол.

– Айнан ҳамин хел, тағо, шоҳ пас аз зуҳр арӯсӣ мекунад. Маро фиристод, ки Сайидро бо худ барам, то никоҳашро хонад. Пир рад кард. Ғазаби Муҳаббатхонро надида бошӣ ҳам, шунидагистӣ. Барои ҳамин ҳам наздат омадам.

Гулҷамол ду коса дӯғ овард ва халтачаеро ба дасти меҳмон доду гуфт:

– Барои занатон аз номи мо шероза ва таркдӯзӣ потахсӣ мебарӣ.

Оқсақол арзи сипос кард:

– Дастонат дардро набинанд, хоҳарҷон, ҳазор қуллуғ.

Гулҷамол таъзиме карду ба хона даромад.

***– Мобайни осмону замин ҷойи зист нест,***
***Як дона чун ҷаҳад зи миёни ду осиё? –***

замзама кард Мирҷамол зери дандон ва афзуд: – Ин хел бигӯ, ҷиян. Ҳолатро ин мори афъӣ табоҳ кардааст - ку!

– Бале, тағо. Намедонам ба дарбор баргардам ё аз ҳамин ҷо ба Бартанг ё Дарвоз гурезам?

Мирҷамол, аз чи бошад, баланд хандид. Сипас косаи мостро бардошта, дар як нафас то охир нӯшид ва рӯйи дасторхон чаппа гузошту гуфт:

– Мостатро хӯр, ором мешавӣ, ман ҳозир мебиёям.

Ӯ ба хона даромад. Оқсақол бо шавқуну валвала молшӯйӣ кардани бачаҳои урёни Мирҷамолро тамошо карда, банохост аз дил гузаронд, ки ӯ ва аҳли хонаводааш чи қадар бадбахтанд! Ӯ рӯзи дароз банди кори дилгиркунандаи оқсақолӣ, онҳо банди қабулу гусели меҳмон. Ба ёд надорад, ки охирин бор бо зану фарзандонаш кай хандаву бозӣ карда бошад. Бар замми маҳрумият аз саодати комили хонаводагӣ боз ин гуна пешомади нохуш! Муборак ҳис кард, ки ба ҳаёти одиву озоди Мирҷамолу зану фарзандони хушҳоли ӯ дар таҳи дилаш ҳасад мебарад.

Мирҷамол, шонаи ялаққосии ҳайвоне дар даст, омад ва гуфт:

– Муборак, ман аз рӯйи ин шона фол мегирам. Агар дилат равшан бошад, шона ба ман чизе мегӯяд, агар не, маъзарат.

Мирҷамол шонаро се бор ба рост, се бор ба чап дар сари оқсақол гардонд. Баъд рӯ ба офтоббаро карду устухонро дар баробари чашмонаш қарор дод. Дақиқае чашм пӯшида, ноҷунбон истод. Сипас шонаро ба пешонӣ гузошту чашмонашро во намуда, ба параки тунуки он зеҳн монд.

– Шоҳатон ба наздикӣ ҷон ба ҳазрати Ҷаббор месупорад, тағо. Бози давлат туро тарк намекунад, лекин мулкро ноороми сахт дар пеш аст, – натиҷаи фолашро ҷамъбаст кард Мирҷамол.

Муборак нобоварона сар ҷунбонд, вале чизе гуфта натаво-

нист. Мирҷамол хандаи беҷояшро такрор карду афзуд:

– Хоҳ бовар кунӣ, хоҳ не, чунон мешавад, ки ман гуфтам. Замин дигар ин золимро бардошта наметавонад.

***Ин чӣ шӯрест, ки дар даври қамар мебинам?***
***Ҳама офоқ пур аз фитнаву шар мебинам.***

Оқсақол бо Мирҷамол худоҳофизӣ карда, бо дили пур ба асп нишасту сӯйи гузаргоҳ ронд. Хандори поршиневӣ, шиноси деринааш, ӯро аз дарё гузаронд. Муборак барои хизматаш ба хандор қурут доданӣ шуд. Вале ӯ ду даст ба ҳаво бардошта, исрор кард:

– Оқсақол, ба хотири ҳампира буданамон аз худат чизе намегирам.

– Як бор аз ман ҳам ба ту чизе расад, маҷрои дарё дигар намешавад-ку!

– Хизматам ба хотири ризои Мавлост. Дар дарбор ҳамагӣ се ҳампираамон мондаанд, ки якеашон худат ҳастӣ. Чи коре дошта бошӣ, бепарво ба ман фармо, иҷро мекунам.

Оқсақол он марди росихимонро видоъ гуфту савор шуда, ҷониби Баҳрпанҷа ҳаракат кард. Пешгӯии Мирҷамол дилашро қувват бахшида бошад ҳам, дар рӯ ба рӯи Муҳаббатхон истода, ба ӯ расондани хабари бади саркашӣ кардани Сайид Фаррухшо аз хондани хутбаи никоҳ кори осон набуд.

## НАРХГУЗОРИИ АСИРОН

Аз обе, ки Сарвиноз дар он шустушӯ карда буд, бӯйи гуворои атру гиёҳҳои муаттар ба машом мерасид. Бонак шоҳро пуштора то лаби ҳавз оварду болои суфа шинонд. Муҳаббатхон ҳаворо ҳарисона бӯ кашида, бархост ва либосашро бадар овард. Бонак ба ӯ ёрӣ дода, лунгӣ баст ва гуфт:

– Шоҳам, канизаконро даъват кунам?

Муҳаббатхонро ҳамеша ду канизак обтанӣ дода, баданашро то дер гоҳ мемолиданд.

– Лозим не. Худат пуштамро хорумол кунӣ, мемурӣ? – изҳори норозигӣ кард шоҳ.

Бонак ба ин кори шоҳ ҳайрон шуда бошад ҳам, сир бой надоду гуфт:

– Дуруст, шоҳам. Ман ҳам метарсам, ки мабодо канизакони нодида чашмат кунанд.

– Муҳобот накун, Бонак, – хурсандона нидо дод Муҳаббатхон, – агар дум медоштӣ, аз ту рӯбоҳтар пайдо намешуд.

– Имшаб шаби муҳаббати туст, шоҳам, – бо лаҳни тамаллуқомез гапашро давом дод Бонак, – мо, бандагон, бояд ҳамагӣ рӯбоҳу гурба шуда, сар ба пойи муборак ту бимолем.

Шоҳ аз ногаҳон хушсухан шудани Бонак ба ваҷд омада, чунон хандид, ки акси садояш чанд бор шифту девори гармобаро давр зад. Бо ёрии Бонак ба ҳавз даромад, вале банохост чунон телааш дод, ки чанд қадам қафо рафта, ба пушт афтид.

– Ту бо пойи хабисат оби ҳавзро ҳаром накун.

Бонак бархост ва ду даст бар сина ниҳоду гуфт:

– Тасаддуқ, шоҳам, фармон аз туст.

Шоҳ даруни ҳавз нишаст. Рухсораҳояш сурх, хотираш болида гашт. Ҳазкунон обро бӯ кашида, баданашро молиш дод. Баъд ба Бонак рӯ овард:

– Эй Меҳрубонаки аблаҳ, чӣ гапи хубе гуфтӣ-а?

Аз он ки шоҳ номи пурраи ӯро ба забон гирифт, Бонак лаҳзае гаранг шуду пурсид:

– Чӣ гуфтам, шоҳам?

– «Шаби муҳаббати ту».

– Бале, шоҳам.

– Гоҳе аз каллаи кадуи ту ҳам оташаке мепаридааст. Аз ин гап хеле хушам омад.

– Хушбахт, шоҳам.

– Агар малоли хотират нашавад, Меҳрубоншо, бист бор такрор кун: «Шаби муҳаббати Муҳаббатхон!».

– Ҷонам фидоят, шоҳам.

Бонак бо овози баланд ҷумларо такрор кардан гирифт. Шоҳ чашмонашро пӯшида, хитобаи чилимдорашро, ки дар чор девори ҳаммом ба ҳар навҳе акси садо медод, бо ҳаловат гӯш кард. Вақте Бонак лаб фуру баст, шоҳ бидуни он ки чашмонашро боз кунад, пурсид:

– Эй Бонак, ту зан дидаӣ ё не?

– Не, шоҳам. Зиндаятими бекасу кӯям, касе дар қиссаам набуду нест.

– Зан доштан мехоҳӣ?

– Не, шоҳам.

– Чаро?

– Аз панҷоҳ гузаштам. Дигар ман куҷову зан куҷо?

Шоҳ чашмонашро кушод. Гӯё Бонакро бори аввал медида бошад, афту андомашро аз назар гузаронд. Чилимдораш марди серҳаракати кӯтоҳқомати сафедмӯйе буд бо пешониву рухсораҳои пурожанг ва чашмони бозингар. Шоҳ ин марди хуфиро аз айёми тифлии худ мешинохт. Ӯ дар даврони ҳукмронии падараш аспдори калони дарбор буд. Барои он ки хешу табор ва соҳибдараке надошту хизматгори содиқе буд, Муҳаббатхон ӯро чилимдори худ таъйин кард.

– Имрӯз ту ҳам зан мегирӣ, Занҷир ҳам!

Ин суханони шоҳ гӯё тирҳои ноаёне буданд, ки пайи ҳам дили Бонакро сӯрох карда, аз пушташ баромаданд.

– Чӣ гуфтӣ, шоҳам?

– Чизе, ки шунидӣ. Канизаки шидвудиро ба ту, Сафарморо ба Занҷири демурғонӣ мебахшам.

Бонак намедонист хурсанд шавад ё ғамгин. Барои ӯ, ки як умр, ба қавле, «як сар ба ду гӯш» зиндагӣ кардааст, дар дами пирӣ зан гирифтан ниҳоят гаронӣ мекард. Аммо агар гапи

шоҳро гардонад, дар бало мемонад.

– Шоҳам, меҳрубониҳое, ки ту ба ман кардаӣ, падарам накардааст, – дузону зада, гуфт Бонак.

Шоҳ ба сару рӯйи Бонак чархасзанон об пошиду гуфт:

– Муқоисаатро ёфтӣ-а? Ту, ки падари бадтухматро қариб ёд надорӣ, чӣ хел бо ман муқоисааш мекунӣ?

Бонак ба чи хатои дағал роҳ доданашро дарк намуду даст бар сар зад ва гиряолуд гуфт:

– Шоҳам, падари лаънатиам агар меҳрубонӣ медошт, магар маро ба ҷуволи гандуме мефурӯхт? Вой бар мани сарсахт!

Ин посухи Бонак дили Муҳаббатхонро мулоим кард магар, ки боз обро чархаса занонда, ба сару рӯяш пошид ва пурсид:

– Рост бигӯ, бо зан ҳамхобагӣ карда метавонӣ? Боз дар пеши канизак мардонро шарманда накунӣ?

– Намедонам, шоҳам… Ман охир боре худамро наозмудаам…

– Акнун меозмоӣ. Парво накун, зан чизе нест, ки мард дар борааш сонияе фикр кунад. Хоҳӣ, бо ӯ мехобӣ, нахоҳӣ, не. Аммо вай бояд барои ту хизмат кунад.

Бонак ба ҳар сухани шоҳ «бешак, шоҳам» гуфта, калла меҷунбонду дар дилаш мегуфт, ки кош Муҳаббатхон аз сари андешааш гузарад. Вале шоҳ дар об каллағӯтае заду сарашро таконда, амр дод:

– Бираву Занҷири ҷаллодро гӯй, ки ба қабули туҳфа омода шавад. Ба хоҷасарой[1] низ расон, ки занони гуфтагиямро омода кунад.

Бонак аз ҷо бархосту дилнигарон гуфт:

– Шоҳам, баргашта биёям ё..?

– Не, афти хунукатро пеш аз никоҳ набинам, беҳтар. Худам меоям. Сайид Фаррухшоро ба боргоҳ даъват карда, наздаш обу таом гузоред.

1. Хоҷасарой – ҳарамдори шоҳ, марде, ки то ба ин вазифа таъйин намудан ахтааш мекарданд.

Бонак шитобон рафт. Шоҳ аз паси ӯ чанд лаҳза нигоҳ карду ба чи хаёле даст афшонд ва боз каллағӯта зад.

Пас аз ним соат Муҳаббатхон бо либосҳои фохир ба боргоҳ даромад. Дар назди дасторхони ороста ба ҷуз Бонак каси дигареро надида, ҳайрон шуд.

– Фаррухшо куҷост?

Бонак, аз тарс дандон ба дандон зада, нимғурма овоз баровард:

– Нест, шоҳам.

Шоҳ аз ғояти нобоварӣ ба монанди хурӯс гардан ёзонду пурсид:

– Чӣ хел нест?

– Оқсақол Муборак гуфт, ки Сайид наомад.

Муҳаббатхон аз ҳайрат пешбарҳои чакмани фарохи гулдӯзиашро афшонду амр кард:

– Муборакро даъват кун!

Бонак рафту пас аз чанд дақиқа оқсақол Муборак ба боргоҳ даромад.

– Сайидро наовардӣ? – ба ҷойи ҷавоби салом бо хашм суол кард Муҳаббатхон.

– Шоҳам, Сайид гапи маро нагирифт, – оромона ҷавоб дод Муборак.

Ранги Муҳаббатхон аз шиддати ғазаб канд, ҳатто лунҷҳояш ларзиданд. Чизе гуфтан хост, вале садои мубҳаме бароварду ба назди Муборак, ки дар таги дар истода буд, омад ва ба чашмонаш нигоҳҳои палангонае карду нимшунаво гуфт:

– Гапи ту?... Ту ҳам гап дорӣ, хари мурдор?! Нест шав, ки саратро аз тан ҷудо накунам!

Муборак нимтаъзиме карду баромада рафт. Шоҳ асабонӣ чанд бор ҳуҷраро давр заду каме ором шуд ва гуфт:

– Инаш беҳтар. Никоҳи як мулҳиди рофизӣ ҳалол ҳам нест. Бонак!

Бонак даромад ва дузону зад. Шоҳ пурсид:

– Аз сунниҳо ягон муллое дар гирду атроф ҳаст?

Бонак даме фикр карда, пурсид:

– Шоҳам, сунниаш чист?

Шоҳ ҳайрон ба ӯ нигаристу бо садои хастаи пур аз ғазаб пурсид:

– Ту чӣ мазҳаб дорӣ?

– Намедонам, – китф дарҳам кашид Бонак.

– Ту падархар, кофарӣ ё мусулмон?

– Мусулмон.

– Мусулмон бошӣ, сунниӣ ё шиа?

Бонак боз китф дарҳам кашид ва бечораҳолона ба рӯйи шоҳ нигарист. Шоҳ даст афшонд ва амр дод:

– Занҷирбек дар куҷост?

– Дар берун нишастааст.

– Бигӯ, биёяд.

Пас аз фурсате қомати баланд ва паҳлавононаи Занҷир дар пойгаҳ пайдо шуд. Шоҳ ӯро пас аз салом сари дасторхон шинонд ва худ ҳам нишасту гуфт:

– Ман хеле гушна шудаам, Занҷирбек. Бихӯрем ва суҳбат кунем.

Онҳо кабккабоб ва гардсӯзи хушлаззатро нӯши ҷон карданд. Шоҳ то сер шудан ҳарфе назад. Чун аз хӯрдан фориғ шуд, пурсид:

– Занҷирбек, пайғоми маро ба ту расонданд?

– Бале, шоҳам, мани бандафақир куҷову ҳамхона шудан бо валъамати хонадони шоҳ куҷо?

– Ин ҳадя танҳо шоистаи туст. Агар ту падари ҳарисамро яктарафа намекардӣ, вай на хаёли мурдан дошт, на хаёли аз салтанат даст кашидан. Барои ҳамин занашро ҳам бояд ту соҳиб шавӣ.

Занҷир бархосту таъзим кард ва гуфт:

– Шоҳам, давлатат зиёда бод, аз ин инояти ту сарам ба осмони ҳафтум расид.

Шоҳ мамнун сар ҷунбонду гуфт:

– Барои ман муллое лозим аст, ки суннӣ бошаду хутбаи никоҳамро бихонад.

Занҷир фикр карду гуфт:

– Шоҳам, ин кор мушкилтар аст. Дар қалъа фақат афсарону навкарон аҳли суннатанд, аммо саводи динӣ надоранд. Чанд муллои суннӣ доштем, бо Юсуфалихон фирор карданд.

– Ягон илоҷ нест?

Занҷир ангуштонашро рӯйи синаи фарохаш бозӣ доронда, дақиқае андешид ва гуфт:

– Модари девонбегӣ суннӣ буду занаш ҳам суннист. Худаш муллои зӯр асту ба чи тариқате, ки хоҳӣ, илму амал дорад.

Шоҳ пас аз каме мулоҳиза розӣ шуд.

– Дар ин фурсати танг беҳтарашро пайдо карда наметавонем. Ту ҳам валъаматро ба хонаат бурда, никоҳ кун.

Шоҳ ва Занҷир ба саҳни ҳавлӣ баромаданд. Дар назди дарвоза аспи қавиҳайкале бо зину абзори нав истода буд. Шоҳ аспро бодиққат тамошо карду пурсид:

– Чӣ ҷонвари зебое! Моли кӣ бошад?

Занҷир посух дод:

– Шоҳам, ин аспро соате пеш марде ба девонбегӣ супурд.

Ин замон девонбегӣ Қозӣ ҳам аз баромадани шоҳ воқиф гашта, давон ба назди онҳо омад.

– Қозӣ, ин сутури хушхиром аз куҷо пайдо шуд? – пурсид шоҳ.

– Ғазанфар ном марди ғундие бароят сурона овардааст, шоҳам.

Муҳаббатхон назди асп рафт, ба пушту паҳлуяш даст зад, рикобу зини нақшинашро палмосид ва хушнудона гуфт:

– Ҷонвари хушзоте будааст. Он мард куҷост?

– Дар пеши дарвоза, – ҷавоб дод девонбегӣ, – мехоҳад дақиқае ба пойбӯсат бирасад.

– Аз Ғунд мегӯӣ? – пурсид шоҳ ва каме фикр карду гуфт: – Ку бинем, чӣ мехоҳад?

Девонбегӣ ба посбон ишорае кард. Вай дарвозаро кушода, меҳмонро ба саҳни ҳавлӣ хонд. Ғазанфар чун бози паррон чусту чобук расиду зону зада, пойи шоҳро бӯсид. Муҳаббатхон

ин гуна шахсро бори аввал медид. Аксари шуғниён рост истода, гапашонро рӯйирост мегуфтанду мерафтанд; иддаи каме нимтаъзим мекарданд. Вале касе то ҳол пояшро набӯсида буд.

– Аз ман чӣ мехоҳӣ? – пурсид Муҳаббатхон.

Ғазанфар бе он ки сарашро бардорад, посух дод:

– Эй шоҳи олам, султони богарам, сояи сари банӣ Одам, саги рӯсиёҳи даргоҳи борифоҳи шумо Ғазанфар ҳастам. Аз ин роҳи дур ҳавои хизмати ҷанобашонро гардам ва барои мазиди хурсандиашон хушзоттарин аспи дастпарвари худамро пешгаш овардам. Агар мақбули завқи шоҳам гардад, сари ин чогару навгари абадулабадашон ба айвони гайвон хоҳад расид.

Сухангӯии ӯ ба Муҳаббатхон писанд афтод. Ҳатто сактаи забонаш табииву гӯшнавоз буд. Дили шоҳ фараҳ ёфт ва осори асабият аз рӯяш нопадид гашт. Даст бар китфи Ғазанфар гузошту гуфт:

– Қабул, хеле аспи хуштарбия будааст. Ту ба чӣ машғулӣ?

– Банда барои шоҳ муҳассилӣ мегунам, аммо гаме тиҷорат ҳам дорам.

– Бо куҷо?

– Бо Гошғар, аълоҳазрат, – ҷавоб дод Ғазанфар ва сарашро бардошту дузону нишаст.

– Кошғар?... Нағз… – ба чи хаёле гуфт Муҳаббатхон, – лекин ман боре ҳам Ғундатро надидаам.

– Магони хушманзару бобарагатест, шоҳам. Ҳар гоҳ дили шумо хост, қадами муборагатонро ранҷа намоед.

– Ту ҳамроҳи оқсақол Шоҳсабоӣ омадаӣ? – пурсид шоҳ.

– На, оламpаноҳам. Се рӯз пештар омадам.

– Шоҳам, – ба гап ҳамроҳ шуд девонбегӣ, – Шоҳсабоӣ бемор будааст, аммо суронаашро дирӯз расонданд.

Шоҳ сар ҷунбонду дигар ҳарфе назада, ба боргоҳ равон шуд. Девонбегӣ ва Занҷир аз пасаш рафтанд. Ғазанфар то пушти дар нопадид гаштани онҳо ҳамоно дузону истод. Пас бархоста, домани гилемашро бодиққат афшонд ва аз дарвоза

берун шуд.

Сарвинозро ба боргоҳ оварданд. Қозӣ-девонбегӣ хутбаи никоҳро хонд. Ҳозирини маърака ба сари шоҳу арӯс табағӣ рехтанд.

– Ягон шогунӣ[1] фармоем, шоҳам? – пурсид девонбегӣ.

– Лозим нест, ба дилам намегунҷад, – рад кард шоҳ ва пас аз сукуте афзуд: – Валъамат Сафарморо ба Занҷирбек, канизи шидвудиро ба Бонак бахшидам. Касе содиқона хизмат кунад, албатта, аз ман подоши нек мегирад. Ман ба майдон мебароям. Шумо то баргаштанам сари дасторхон бошед.

Муҳаббатхон ба Отизул амр кард, ки кордорони дарбор ва мансабдорони ба сур омадаро ба майдон орад. Худ бо девонбегӣ назди асирон рафтанд. Дар майдон мардону занони гуногунсол, наврасону кӯдакони ғамзадаву парешонро ҷамъ оварда буданд. Чанд зан тифли ширхор ҳам доштанд. Кӯдакон мегиристанд, мардону занон ғалоғула мекарданд. Бо пайдо шудани шоҳ оқсақол Исҳоқ фарёд кашид:

– Хомӯӯӯшшшш!

Асирон дам ба дарун заданд. Навкарон аз ҳар кунҷе давида омаданд ва саф оростанд. Муҳаббатхон анбӯҳи одамонро аз назар гузаронда, Исҳоқро пурсид:

– Чанд нафар ҷамъ овардӣ?

– Панҷоҳу се нафар, шоҳам.

Шоҳ норизоёна ғурунгос зад:

– Кам, хеле кам.

Исҳоқ сар ба зер афканду чизе нагуфт. Шоҳ асабиёна бо қамчини дасташ зарбае ба замин заду амр кард:

– Муридони Сайид Фаррухшоро як тараф кунед.

Исҳоқ фарёд зад:

– Касе муриди Пир Сайид Фаррухшо бошад, назди ман ояд.

Асирон нобоварона ба Исҳоқу навкарон нигариста, ҳамчунон хомӯш менишастанд. Исҳоқ бонг зад:

1. Шогунӣ – хурсандӣ.

– Ҳамаатон аз ҷо бархезед! Муридони Пир Фаррухшо, ба назди ман! Мо ҳамаатонро мешиносем, дирангу дурӯғ ба кор намеояд. Зуд бошед!

Муридони Сайид Фаррухшо як-як ба пушти оқсақол гузашта истоданд. Исҳоқ онҳоро ҳисоб кард.

– Шоҳам, бисту нуҳ нафар будаанд.

Муҳаббатхон бо танаффур ба ҷонибашон назар карду амр дод:

– Қозӣ, номашонро навис. Ман нархашонро мегӯям, ту ёддошт кун.

– Ту, хар, чӣ ном дорӣ? – ба марди паҳлавонпайкаре рӯ овард шоҳ.

Мард ба шоҳ назари тезе афканду посух дод:

– Додмаҳмад, писари Ҷумъахон, аз Тем.

Шоҳ гуфт:

– Нархаш даҳ рупия.

– Даҳ рупия?! – бо тааҷҷуб пурсид девонбегӣ.

– Ҳа, даҳ рупия, чӣ миқдоре гуфтам, навис.

– Занат кадом аст? – боз ба Додмаҳмад рӯ овард Муҳаббатхон.

– Ин аст, – ба зани рангпаридаи аз гиря чашмонаш сурхидае ишора кард асир.

– Ту, мочахар, чӣ ном дорӣ? – пурсид шоҳ.

Додмаҳмад ба оҳанги эътироз чизе гуфтанӣ шуд, ки шоҳ ба китфаш тозиёнае фаровարду дод зад:

– Хомӯш, ҳангас назан, вагарна даҳонатро медарронам.

Додмаҳмад аз дард рӯ турш кард ва китфашро дошта, хомӯш истод.

– Номам Меҳрангез, номи падарам Сафдаршо.

– Понздаҳ рупия навис, – нархашро муайян кард шоҳ.

Девонбегӣ пушти сарашро хорида навишт.

– Ту, барзагов, кистӣ ва аз кадом подаӣ? – шоҳ бо дастаи қамчин марди тахминан панҷоҳупанҷ-шастсолаеро нишон дод.

– Оғоназарам, писари Шоназар, аз Дишор.

– Ин барзаговро нуҳ рупия нарх мондам, – гуфт Муҳаббатхон ва афзуд: – Модагов дорӣ?

– Бале, се гов ва сӣ сар мол дорам, – ҷавоб дод Оғоназар.

– Ту гапамро нафаҳмидӣ, каллакадуи нобакор, – овоз баланд кард шоҳ. – Дар ҳамин ҷо модаговат бо туст?

Оқсақол Исҳоқ шарҳ дод:

– Занат бо туст ё не?

Оғоназар аз хашм суп-сурх шуд ва калла ҷунбонду занашро нишон дод. Шоҳ занакро пурсид:

– Ту, модагови қашқа, ном дорӣ ё не? – Ишораи шоҳ ба нақши сурхе буд, ки ними пешонии занакро фаро мегирифт.

– Фаросатмо ном дорам. Падарам Фахриддиншо аст.

– Модагов ҳам Фаросатмо мешудааст? – заҳрхандае кард Муҳаббатхон.

Зан, ки дар ҳаракатҳояш ғуруру гарданшахӣ ҳувайдо буд, қадаме пеш гузошта, чизе гуфтан хост, ки шавҳар бари курташро кашид. Шоҳ гуфт:

– Дуруст кардӣ, набошад, ин гови қисирро дар пешат сар мебуридам. Оқсақол, ин модаговро панҷ рупия нарх гузор.

Ба ҳамин минвол, шоҳ ҳар як муриди Сайид Фаррухшоро хуку шағолу рӯбоҳу таккаву ғуноҷин ва ғайра ном бурда, ба ҳар яке аз панҷ то понздаҳ рупия нарх гузошт, ҳол он ки камтарин арзиши як одам дар Файзобод аз сад рупия кам набуд.

– Исҳоқ, ин ҷамъияти сутуронро дар Файзобод ба чи нархе, ки фурӯшӣ, кор надорам. Пеши ман инҳо аслан арзише надоранд, лекин чун вақти қиматам сарфи дидори манҳусашон гашт, ба далели аз хирс кандани мӯйе барояшон меҳрубонӣ кардам. Акнун аз назарам нопадид шаванд.

Бо ишораи Исҳоқ навкарон муридони Фаррухшоро ба як гӯшаи майдон ҳай карданд. Аз чунин сахтгирӣ сангдилтарин муқаррабони шоҳ низ ангушти ҳайрат газиданд. Муҳаббатхон рӯйхатро

аз дасти девонбегӣ гирифта, бодиққат аз назар гузаронд ва ҷониби Исҳоқ теғ кашида, аз зери пешонӣ нигоҳе карду бонг зад:

– Боқимондаро қатор кун!

Исҳоқ бисту се асири боқимондаро назди шоҳ овард. Муҳаббатхон ба ҳамон шева ҳар як бандиро номнавис карда, нархи фурӯшашро эълон намуд. Напурсид, ки пирашон кист, танҳо аз куҷо буданашро муайян кард. Нархашонро ҳам вобаста ба синну сол ва коромадии онҳо аз сад рупия бештар гузошт. Чун кор анҷом ёфт, амр дод, ки асиронро ба маҳбас баранд. Оқсақол Исҳоқ пурсид:

– Шоҳам, асирон гушнаву бемадоранд, бо ин аҳвол фардо роҳ гашта наметавонанд. Ман барояшон хӯрок фармудаам, агар иҷоза бошад, ишкамашонро сер кунанд.

Шоҳ бо нӯги тозиёна бозӣ карда, лаҳзае андешиду гуфт:

– Зид нестам, лекин ту ба ман бигӯ, ки барои чӣ аз Баҳшори туву Вужи девонбегӣ махлуқе дар ин ҷо нест? Ё шумо аз пеши худ сагбачаҳои Давруқу ҳамсояҳояшро афв кардед?

Ин савол монанди тундаре буд дар осмони соф барои аъёну акобири ҷамъомада. Исҳоқ саволомез ба девонбегӣ чанд лаҳза нигоҳ карду чун дид, ки чизе гуфтанӣ нест, китф дарҳам кашид ва беҷуръат арз кард:

– Шоҳам, ман ду рӯз боз дар ҳамин майдон машғули кори асиронам. Ҳатто ба хона ҳам нарафтам. Навкарон ҳар касеро овардаанд, рад накардаам. Боқӣ хабар надорам.

Муҳаббатхон рӯ ҷониби Қозӣ гардонд ва мунтазири посух шуд. Қозӣ китфони васеи худро ду-се бор ҷунбонд, коғази дасташро ба кисабағал андохт ва шарҳ дод:

– Шоҳам, гап сари он аст, ки дар Баҳшору Сарчашма мардум муқобилат нишон дода, гунаҳкоронро надоданд. Мо…

Аз шунидани ин хабар Муҳаббатхон дар шигифт афтод ва гапи девонбегиро бурид:

– Муқобилат?!

Девонбегӣ сар ҷунбонд.

– Яъне, чӣ хел? Кӣ? Дар ин мулки худозада оё касе мондааст, ки зӯрашро нишон диҳад? – дод зад Муҳаббатхон. – Дурӯғ нагӯй ва ҳамшаҳриҳоятро пинҳон накун!

Қозӣ даст ба сина гузошт ва гуфт:

– Шоҳам, он чи мегӯям, мутлақо ҳақиқат аст, барои он ки сури арӯсӣ халал наёбад, дар ин бора хабар надодам.

– Ту мефаҳмӣ, ки дар ин рӯз бояд назди душманонам тантана кунам?! Мефаҳмӣ?! – бонг зад шоҳ.

Агар аҳли дарбор намебуданд, шояд ба сари девонбегӣ муште мефаровард. Девонбегӣ гунаҳкорона сар хам кард. Ҳозирон аз ҳайбати шоҳ дар пӯсташон намеҷунбиданд.

– Чӣ кор карданд? Касеро заданд? Магар навкар надорем? Оё шамшер, камон, тир, найза адо шуд?

Аз шиддати ғазаб рагҳояш дамиданд, манаҳаш ларзид, тозиёна аз дасташ афтод.

– Шоҳам, арз кунам, ки дар Вуж ду навкарро маъюб карданд, дар Баҳшор якеро куштанд, се навкар базӯр ҷон ба саломат бурданд, – оромона посух дод девонбегӣ.

Шоҳ аз гиребони Қозӣ дошт ва ғуррид:

– Киҳоянд он бадбахтон? Гап зан, кӣ ҷуръат кардааст?

– Дар Баҳшор паҳлавон Ҷаҳонгир…

– Ҷаҳонгир? – шоҳ аз ҳайрат гиребони Қозиро сар дод. – Ҳамон шағоли пир?

– Бале, шоҳам, Ҷаҳонгир, – буғзи то гулуяш омадаро фуру бурда, овоз баровард девонбегӣ.

– Он мурдор магар ҷон дорад? Оё дар бистари марг набуд? – аз ғояти алам фишшос зад Муҳаббатхон.

– Бистарӣ буд, вале ҳоло сари пост.

Шоҳ қамчинро аз замин бардошт, дар пеши сафи мансабдорон беқаророна чанд бор ин сӯ-он сӯ қадам зад ва билохира гуфт:

– Дар Баҳшор Ҷаҳонгир буд, аммо дар Вуж Ҷаҳонгир-ку набуд. Ё дар он ҷо ҳам муборизе пайдо шуда, ки ман ӯро намешиносам?

– Ба ман гуфтанд, ки дар Вуж навкаронро набераи Ҷаҳонгир кӯфтааст, – посух дод девонбегӣ.

– Набера? Чаро ман аз ӯ дарак надорам? – аз ғазаб садои шоҳ базӯр баромад.

– Вай дувоздаҳ ё сездаҳсола аст, шоҳам, – арз кард девонбегӣ, – барои…

– Чӣ? – гапи Қозиро бурид шоҳ, – дувоздаҳсола? Кӯдак?

Девонбегӣ ба аломати тасдиқ сар ҷунбонд.

– Ин чӣ лашкардорист, ки кӯдаке ду ҷанговари мусаллаҳро маъюб кунад? Инро ба касе гӯед, ки бовар кунад, – дод зад шоҳ.

– Шоҳам, ба мо бовар накунед, навкаронро пурсед.

Муҳаббатхон нобоварона сар ҷунбонд ва пурсид:

– Мурдаи навкар дар куҷост?

– Барои он ки дар чашми меҳмонон натобад, ба ахтахона бурдем, – ба гап ҳамроҳ шуд Отизул.

– Мурдаро ин ҷо биёред, – ва ба девонбегӣ рӯ овард: – Қозӣ, ақлат нагирифт, ки ба Вуж як даста навкар фиристӣ, то морбачаҳои Давруқи дӯзахиро зада-зада биёранд, – гуфт шоҳ.

– Шоҳам, як дастаро бо Отизул фиристодам. Мардуми Сарчашма мусаллаҳ шуда, садди роҳашон гаштанд. Чун ҷанг бо мардум бе амри шоҳ воҷиб набуд, бозгаштанд.

Шоҳ чи андоза ҷиддӣ будани вазъиятро акнун дарк намуд. Сукут кард, хеле андешид ва гуфт:

– Он занаки рубоигӯи виёдиро ҳам нагирифтанд?

– Он занро дар Вуж пайдо карданд. Вақте барои гирифтанаш рафтанд, набераи Ҷаҳонгир навкаронро кӯфт ва мардум пас аз ин ба по хест.

Муҳаббатхон бонг зад:

– Дидед, мулкро ба чӣ рӯз расондед? Шумо ба куҷо нигоҳ мекунед? Алови чашми душманро, ки гирифта натавонистед, пагоҳ дар ҷойи хобатон каллатонро мебуранд. Ҷаҳонгири лаънаткарда як умр аз дарбор нон хӯрд ва дидед, ки чӣ баднамакӣ мекунад? Аз раҳмдилии ман тамоми рӯбоҳҳо шер шудаанд. Зӯри шумо ба ин саги бедандон нарасад, зӯри ман мерасад.

Сипас амр кард, ки муридони Сайид Фаррухшоро ба назди оқсаҳолон биёранд. Исҳоқ онҳоро пешандоз карда овард. Ин асно Отизул бо чор навкар мурдаи ҳамсилоҳашонро дар рӯи нардбон ба майдон расонданд ва бо ишораи шоҳ дар пеши оқсақолон гузоштанд.

Муҳаббатхон Отизулро пурсид:

– Ин шаҳид чӣ ном дорад?

– Ғиёсиддин.

– Аз куҷо буд?

– Аз Қундуз, шоҳам.

Шоҳ ба асирон рӯ овард:

– Мурдаи ин сарбоз аз ҳазор зиндаи шумо барин мулҳидони муртад болост. Заифии лашкар аз он аст, ки сипаҳсолори дурусте надоштам. Бидонед ва огоҳ бошед, ки субҳи ҳамин рӯз Отизул – писари Муҳаммадкарим қӯшбегиро сипаҳсолор таъин кардам. Ихтиёри сипоҳ дигар дар дасти туст, Отизул! Ба ягон ҷонзоди ин мулк раҳм накун.

Отизул таъзим карду гуфт:

– Ҳаманнову саддақ, шоҳам.

Муҳаббатхон бо нигоҳҳои оташин тӯдаи асиронро аз назар гузаронду гуфт:

– Дар мамлакат як шоҳ мешавад. Ман дигар ягон пиратонро ба кафши кухнаам намегирам. Ин Фаррухшо кист, ки «Кист? Манам!»[1] мегӯяд. Ҳоло, шумо палидони худобехабар,

1. «Кист? Манам» ё «Кист, ки манам» - ибораи рехтаест, ки ба одамони

ба хотири шодмонии рӯҳи ин ҷаноза пири худатонро гумроҳ мехонед. Даҳ бор такрор кунед, ки «пири мо гумроҳ аст».

Аз ин сухан ҳам оқсақолон ва ҳам асирон ба ҷунбиш омаданд. Касе овоз набаровард. Шоҳ бонг зад:

– Ё сум букм-мум букм[1] шудаед?

Асирон ҳамоно хомӯш меистоданд. Шоҳ аз ғазаб тозиёнае бар замин кӯфт ва фарёд кашид:

– Бигӯед!

Боз садое набаромад. Чун дид, ки шоҳ ихтиёрашро аз даст медиҳад, девонбегӣ Қозӣ гуфт:

– Шоҳам, аз ин мардум чунин сухан барнамехезад, илтимос, исрор накун.

Шоҳ девонбегиро дашноме доду гуфт:

– Мегӯянд. Чунон қамчинкӯбашон кунам, ки забонашон булбул шавад.

Оқсақол Исҳоқ ба миён даромад:

– Шоҳам, ба гапи девонбегӣ гӯш бидеҳ.

Аз байни оқсақолон ҳам садоҳо ба гӯш расиданд:

– Шоҳам, ба пир кор нагир.

– Ҳеҷ кас ба ҳақорат додани пираш ҷуръат намекунад.

– Шоҳам, ин кор воҷиб нест.

Муҳаббатхон дид, ки ин амраш иҷронашуданисту ҳатто муқаррабонаш эътироз карданд, сарашро таконе доду бо садои дупӯстаи аламнок гуфт:

– Ман ин саркаширо ба ҳеҷ кадоматон намебахшам, лекин ҳоло вақти бо ин манҳусон машғул шудан нест. Исҳоқ, фардо касе аз инҳоро дидам, саратро худам аз танат ҷудо мекунам.

Шоҳ ба сӯйи дарвоза шитофт. Муқаррабонаш дунболи ӯро гирифтанд. Асирон, мурда ва навкарон дар майдон монданд.

---

ҳавобаланд гӯянд.

1. Сум букм - мум букм – ҳаммаънои «аз забон мондан».

## ЯК СӮ ШАҲИД, ЯК СӮ СУР

Расм чунин буд, ки дар ҷанозаи навкарони шаҳидгаштаи раҳдур сипаҳсолор иштирок мекард. Барои онҳо дар зери пуштакӯҳи деҳаи Баҳшор – Риҷистанг қабристони алоҳидае ҷудо кардаанд. Дар ин қабристон чандин қарн шаҳидони қавму қабилаҳои гуногун дафн шудаанд, ки барои ҳимояи шоҳони Баҳрпанҷа ва давлати Шуғнон қурбон гаштаанд. Дар ин мазор бухороӣ, дарвозӣ, қаротегинӣ, фархорӣ, қундузӣ, ёркандӣ, чатрорӣ, бадахшӣ, вахонӣ, хитойӣ ва, кӣ медонад боз киҳо, паҳлуи ҳам асрҳо ба хоби абадӣ рафтаанд.

Инак, шаҳиди навбатӣ байни майдони Саройи санг зери шуълаҳои тунду тези офтоби тобистон хобидааст. Ӯ кафан надорад ва касе ҳам аз дарбориён дар фикри такфинаш нест. Ҳатто дилёб намешаванд, ки болояш парчае партоянд. Чакмани сарбозиаш ҷасади ӯро панаҳ намудааст. Асирон баъзе аз кунҷковӣ, баъзе аз рӯи шафқат атрофашро пур карданд. Ҳамяроқонаш ба ин ҳаракати бандиён монеъ нагаштанд. Мардон бо чеҳраҳои гирифта ба ҷасади навкар нигоҳ мекарданд; занон мегиристанд; навкарон ҳам дар чашм об доштанд.

Оқсақол Исҳоқ рӯйхат ва нархи асиронро аз девонбегӣ гирифта, ба коғазе кӯчонд ва ба майдон баргашту хитоб кард:

– Навкарон, мурдаро баред!

– Сойиб, магар сипаҳсолор ба ҷаноза намеояд? – пурсид панҷа[1].

– Чизе нагуфт, – ҷавоб дод Исҳоқ, – шояд фурсат надорад. Ҳама дар тараддуди суранд.

Панҷа ба аломати таассуф сар ҷунбонд ва гуфт:

– Ҳар чи ҳам бошад, ин ҷавон аскари шоҳ буд. Саг барин партофтанду рафтанд.

---

1. Панҷа – сардори панҷ навкар; фармондеҳи дастаи панҷнафарӣ.

Оқсақол Исҳоқ рӯ турш кард:

– Зудтар бардоредаш, ки ҳамин рӯз ба хок равад.

– Охир, аввал қабр кандан лозим, баъд ҷанозаашро бояд хонд, сойиб. Наход ҳамин қадар қадр надошта бошем, – исрор варзид панҷа.

Додмаҳмади темӣ ба оқсақол рӯ овард:

– Панҷа рост мегӯяд. Бандаи муъмин бояд ҷаноза шавад. Сойиб, агар иҷозат бошад, такфинашро ман ташкил кунам. Лекин барои кафан сон ёфтан даркор.

– Ин мард шаҳид аст, шаҳидро дар либоси танаш мегӯронанд, – эътироз кард оқсақол, – ҳатто намешӯянд.

– Андувол, - гуфт Додмаҳмад, – шаҳидро он вақт намешӯянд, ки андомаш пора шуда бошад. Бадани ин ҷавон захме надорад, вагарна ҳоло либосаш гулгун мебуд.

– Писарам, – ба гап ҳамроҳ шуд як зани солхӯрда, – гапи Додмаҳмад дуруст аст. Инҳо дар мулки мо ғарибанд. Гӯру кафани одами ғариб савоб аст.

Бандиёни дигар низ ин суханро тасдиқ карданд. Марде, ки аз ҷониби шоҳ «хук» унвон гирифта буд, гапи занро тақвият дод:

– Оқсақол, «ғарибӣ кӯйи сахт аст» гуфтаанд. Инҳо, ҳар кӣ ҳам бошанд, дар ватани мо ғарибанд. Фардо тақдирашон ба сари мо афтоданист. Маслиҳат ин ки худат кафание пайдо кун, мо мурдаро шуста, ба роҳи охират омода мекунем.

Ин гап ҳам ба асирон, ҳам ба навкарон маъқул афтод. Панҷа хурсандона овоз баровард:

– Қуллуғи бисёр, буродаро. Ин қадар мардуми хубед шумо, – дар чашмонаш ашк ҳалқа зад, – лекин дар байни мо ҷанозахон нест.

– Ҷанозаашро ман мехонам, сойиб, – гуфт Додмаҳмад, – агар ҳамроҳонат розӣ бошанд.

– Албатта, розианд, чӣ ҷойи гуфтугӯст? На фақат розӣ, балки миннатдорем, – гуфт панҷа.

Оқсақол Исҳоқ навкареро ба хона фиристод, то сон биёрад. Ҷасадро ба лаби об фаровsecurityарданд. Полчакӣ[1] ҳам дуруст карданд ва асире дар дегчаи сафолин об оварда, рӯйи он гузошт. Об гарм шуд ва Додмаҳмаду чанд нафари дигар мурдаро дар болои суфасанге шустанд. Ин асно сонро низ расонданд. Ҷасадро такфин карда, рӯйи нардбон гузоштанд ва боз ба ҷойи пештарааш оварданд.

Аз қалъа садои доираву ғижак ва сурудхонӣ ба гӯш мерасид. Сур авҷ дошт. Муҳаббатхон издивоҷ бо модарандари худро тантана мекард. Додмаҳмад «намози ҷаноза» гуфта, се бор фарёд кашид ва навкарону асирон ҳамагӣ дар пушти ӯ саф оростанд.

Пеш аз бардоштани тобут даҳае бо ташвиш аз Исҳоқ пурсид:

– Оқсақол сойиб, оё шӯришгарон роҳи моро намегиранд?

– Не, аз онон чунин пастӣ намебароянд.

Навкарон бо дили пур ба роҳ афтоданд.

Занон ба навҳаву лоба навкареро, ки метавонист ҳар яке аз онҳоро дар хонаашон даст баста, асиру ғариб гардонад, ба роҳи охират гусел карданд. Аз Саройи санг овози сурудхонӣ ба фалак мепечид: «Ой, лайлакум Лайло - ее».

Рӯзи тобистон ба охир мерасид. Исҳоқ иҷоза дод, ки асирон зери  сояи дарахтони лаби дарё ҷой гиранд ва худ бо чанд навкар ба хонааш рафт. Раҳбараҳ бо ҳузну андӯҳ фикр мекард, ки фардо бояд чашми рӯз накафида, Бахшори азизи худро тарк созад. Ӯ борҳо ба ҳар ҷониб сафар карда, балои мусофират дида буд, вале ягон маротиба пеш аз сафар ин гуна навмедӣ ба дилаш роҳ наёфтааст. Эҳсоси мағшуши фироқ дилашро фишор дода, ҷонашро месӯзонд. Чеҳраҳои хаста ва бефарёдраси асирони бегуноҳ дар пеши чашмаш ҷилвагар мешуданд. Баъзеашон хешованди наздики ӯ буданд. Додмаҳма-

1. Полчакӣ – оташдони муваққатӣ аз санг.

ди Темӣ писари холааш, Сангинбахти сучонӣ ҷияни язнааш, Шоҳқубоди сохчарвӣ қудои бародараш, Шоҳпӯлоди хоруғӣ писари аммааш, Шоҳзуҳури дарморахтӣ додарарӯси тағояш. Дигарон низ ба ҳар васила ё ба авлоди ӯ, ё ба авлоди занаш нисбате доштанд. Кӯҳистон ҷойи танг асту мардум бо ҳазор ришта ба ҳам печида. Исҳоқ намедонист ба рӯйи хешовандонаш чӣ тавр нигоҳ кунад. Худро хиёнаткор ҳисоб мекард. Агар асиронро монда гурезад, хонаводааш дар балои азим мемонад; агар амри шоҳро иҷро кунад, дигар рӯйи баргаштан ба Шуғнон надорад.

Ошӯби паҳлавон Ҷаҳонгир ва Хуршедшоро дар як гӯшаи дил тарафдорӣ кунад ҳам, ба натиҷаи дилхоҳи он бовар надошт. Муҳаббатхон аз Дарвозу Қундуз навкару афсар оварда буд ва агар лозимояд, то даҳ ҳазор сарбозро низ барои пахши ҳар гуна шӯриш даъват карда метавонист. Ягона илоҷ ба Бадахшон бурдани асирон буд.

Дар хона ҳалимов[1] пухта, аловашро паст карда буданд. Оқсақол ба асирон хӯрок фиристод ва худ низ бо зану фарзандонаш сари дасторхон нишаст. Изтироби Исҳоқро занаш низ ҳис кард, вале барои он ки бачаҳо нороҳат нашаванд, дилаш накашад ҳам, хӯрокро то охир хӯрд. Нигоҳҳои пурҳасрати зану шавҳар ба ҳам бархӯрда, ҳамоно ба ҷонибе гурезон мешуданд. Ҳис мекарданд, ки ин сарҷамъии охирини онҳост.

– Шарофат, – гуфт ба занаш Исҳоқ пас аз дуои дасторхон, – ман сабоҳи мардон ба роҳ мебароям. Сафарам шояд дарозтар кашад. Агар дертар мондам, Довудро бо духтари Вилоятшо кадхудо кун. Бароят саробон мешавад.

Довуд, ягона писари хонадон, ки понздаҳро нав пур карда буд, эътироз кард:

1. Ҳалимов ё боҷ – хӯрокест иборат аз гӯшт, каллапоча ва гандуми нимкӯфта.

– Татик, ман ҳоло зан гирифтан намехоҳам.

Хоҳаронаш гулдуррос хандиданд.

– Не нагӯ, бачам. Вақти хонадор шуданат расидааст. Ман ҳам дар ҳамин синни ту модаратро гирифтам. Ту ва духтари Вилоятшо ҳамшабаед[1]. Мо аҳд кардаем, ки қудо мешавем. Гап ҳамин. Ҳоло бархез, ману ту ба хонаи Ҷаҳонгир меравем.

– Бобо Ҷаҳонгир дар ғамхона буд. Шояд ба он ҷо равем?

– Боз беҳтар, – гуфт падар, – якбора ҳам фотиҳа мехонему ҳам ӯро мебинем.

– Соқ, – ба гап ҳамроҳ шуд зани Исҳоқ, – мардум хеле хашмгину норозист. Рафту ягон нохушӣ рӯй диҳад…

– Ба ҳар ҳол, рафтан даркор, аз марг муҳлат намехоҳанд.

Падару писар савор шуда рафтанд. Баробари аз назар ғоиб шудани онҳо Шарофатбегим домани гиряи чанд рӯз боз дар дил гиреҳхӯрдаашро сар дод. Ӯ дар пойгаҳи айвон ба зону афтода, бидуни ин ки овоз баланд кунад, ҳиққосзанон гиристу гирист.

***

1. Ҳамшаба – дар як шаб таваллуд шудагон

## ҶАНОЗАИ ДӮСТУ ДУШМАН

Ҷаноза серодам буд. Гирду атрофи қабристони деҳа аз одам пур шуд. Аз Докахона сар карда, то Шидвуд хешу табор ва ошнову бегона дар ин рӯзи сахт дар паҳлуи баҳшориён будан мехостанд. Деҳае набуд, ки панҷаи хунини шоҳи Шуғнон дар он хотиреро наозурда бошад. Ин бадбахтӣ одамонро муттаҳид карда буд. Ҳам Маҳмадзиё ва ҳам Мазҳабшоро Ҷаҳонгир худ ба хок супурд. Ҳарчанд бародарони Мазҳабшо мехостанд ин корро худашон анҷом диҳанд, Ҷаҳонгир гуфт: «Расм ин аст, ки ҷанговарро ҷанговар ба хок месупорад». Хешовандони Мазҳабшоҳ гапи паҳлавони солмандро ба замин нагузоштанд. Онҳо ба ӯ ёрӣ карданду паҳлавон бо чолокии ба синнаш номуносиб корро анҷом дод. Вақте тунбасангро[1] ба айвони гӯрҳо мениҳоданд, Ҷаҳонгир гуфт:

– Рӯйи ҳар ду ҳам ҷониби қибла тоб хӯрд. Инсонҳои биҳиштиянд ин падару писар![2]

Пуштаи қабрҳоро бардоштанд. Халифа ба онҳо як пиёлаӣ об пошида, дуо хонду чиниҳоро бар сари гӯрҳо шикаст. Ҳама нишастанду халифа ва Мулло Хишол ба хондани «Ёсин»-у «Таборак» шурӯъ намуданд. Мулло Хишол мехонду ашк рухсораашро тар карда, ба зонуҳояш мерехт. Овозаш ҳам меларзид. Мардум ашки худро дошта наметавонист. Баъзеҳо пешонӣ бар санг ниҳода, мегиристанд.

Вақте халифа дуоро ба охир меовард, гурӯҳи навкарон бо тобути Ғиёсуддин ба пуштакӯҳи Риҷистанг баромад.

– Ин дарандаҳоро нест кардан даркор! – хитоб кард марде аз поини теппа.

---

1. Тунбасанг ё тунбасед – тахтасанге, ки бо он даҳони лаҳадро пӯшонанд.
2. Дар Шуғнон шахсе, ки мурдаро ба гӯр мегузорад, агар ҷумлаи зикршудаÑро ба забон биёрад, иззату эҳтироми инсони фавтшуда дар назди ҷамоат чандин маротиба зиёд меафзояд.

– Ваҳшиёнро сангсор кунед! – овози ғазаболуди марди дигаре ин даъватро қувват бахшид.

Ҷаҳонгир чун дид, ки агар як каси дигар овоз баланд кунад, халқ якбора ба сари навкарон мерезад, болои санге баромаду фарёд кашид:

– Ҳой мардум, алоҳавл[1]!

Овози ғафс ва марғуладори паҳлавон ҳамаро ба ҷониби ӯ мутаваҷҷеҳ сохт. Вай даст бардошта, давом дод:

– Ин навкар аз дасти ман кушта шуд. Аммо ҷавонмардиву инсофро набояд аз даст дод. Мо пайравони амирулмуъминин Алием. То ба мо ғараз нагиранд, мо ғараз намегирем. Хоки қабристони навкарон испеч аст. Онҳо то шаб ҳам гӯрро канда наметавонанд. Касе ба онҳо мадад расонад, савоби бузург меёбад.

Сухани паҳлавон ба баъзеҳо нафорад ҳам, касе чизе нагуфт. Кӣ будани Ҷаҳонгирро ҳама медонистанд. Ҳамин як наъраи ҳайдариаш бас буд, ки халқ худро соҳиби ҳомиву фарёдрас ҳис кунад.

Бист-бисту панҷ нафар аз издиҳом ҷудо шуда, ба ёрии навкарон шитофтанд. Ҷаҳонгир қатори мардум ба ғамхона омад ва ба азои Мазҳабшою писараш нишаст.

Дар ғамхона сухани мардум ҳамагӣ аз бедоди шоҳ буду вайронии мулк. Одамон бо ташвиш мегуфтанд, ки Муҳаббатхон беш аз сад нафар одами бегуноҳро фардо субҳ барои фурӯхтан ба Бадахшон фиристоданист. Ин корро ба оқсақоли Баҳшор – Исҳоқ фармудааст.

Фотеҳахонон меомаданду мерафтанд. Ҳар кас хабари тозае меовард. Халифа ва Ҷаҳонгир, ки дар баҳрнех[2] нишаста буданд, гапи мардумро мешуниданду ҳарфе намезаданд. Вақте

1. Алоҳавл – ба маънои сабр, вожае, ки аз аввали «ло ҳавла вало қуввата илло биллоҳ ал аливал азим» гирифта шудааст.
2. Баҳрнех – суфаи боло.

касе гуфт, ки дар деҳаи Вуж Хуршедшо мардонро мусаллаҳ намуда, роҳи навкаронро гирифтаанд, халифа ҳайрон монд.

– Паҳлавон, бӯйи ҷанг меояд, – гуфт ӯ бо ташвиш ба гӯши Ҷаҳонгир.

Ҷаҳонгир низ гӯшакӣ кард:

– Вақташ расид.

Халифа китф дарҳам кашид ва хомӯш монд.

Торикӣ доман густурд. Пойи таъзиягарон канда шуд. Халифа дуо хонду далилак даргиронд. Ин дам оқсақол Исҳоқ бо писараш ба хона ворид шуд. Онҳо дасти халифаву Ҷахонгирро бӯсида, дузону нишастанд. Халифа оят хонд, Исҳоқ такбир гуфт. Сипас оқсақол ба сухан омад:

– Паҳлавон, ман барои маслиҳат ба наздат омадам. Ҳоле ки ман дорам, саг надорад. Фардо субҳ бо асирон озими Бадахшон мешавам. Илтимос, садди роҳ нашав. Аз он ки ин бечорагон дар ин ҷо гирифтори таҳқиру кашмокаш шаванд, дар Файзобод бошанд, беҳтар. Юсуфалихон дар он ҷост. Шояд алорағми амри бародараш асиронро озод кунад ва ҷони ман ҳам ба ҳамин баҳона халос шавад. Агар накард, боз ҳам дар он ҷо озодтар нафас мекашанд, то дар бандихонаи қалъа. Кӣ медонад, шоҳ бо онҳо чӣ мекунад.

– Ростии Худо, ман он қадар ки ба Муҳаббатхон эътимод надорам, аз он бештар аз Юсуфалихон заррае одамият умедвор нестам, – гуфт Ҷаҳонгир. – Рӯбоҳу думаш як чизанд. Лекин ба фикрат розиам. Коре кун, ки асирони бегуноҳ озод шаванд. Зану бачаҳоятро ман ҳимоя мекунам.

– Намедонам муқовимат бо шоҳ ба чӣ меанҷомад, лекин эҳтиёт! Касе бо модархонди худ зино кунад, бо мардум чиҳо кунад, – гуфт дар анҷоми суҳбат оқсақол ва бархост.

## ДАР МИННАТХОНА

Хонае, ки Хайримамад дарашро кӯфт, сохти ғайриодӣ дошт. Як девори онро ба дарозӣ шахпора ташкил медод. Девори мутавозии он дар лаби ҷар воқеъ буд. Байни лаби ҷар ва девор ду қулоч пайроҳа монда буданд, ки молу гов аз он гузашта тавонад. Ду лайи[1] аҳромшакли калон аз ошунондор[2] будани соҳиби хона дарак медод. Дар болои шахе, ки девори хона буд, боз иморате бо равзани пастак воқеъ буд, ки ними бомашро ду шохаи бақуввати дарахти себ панаҳ мекард. Барфи тунуки нуқрагун ҳанӯз баргҳои рехтаи боғ ва соқаҳои пас аз дарав дар чакалакҳо боқимондаи ғалларо пурра напӯшида буд.

Пас аз чанд бор тақ-тақ задан, зане, ки бо рӯмоли бунафшранг сарашро баставу зулфонашро кулӯла карда буд, дарро кушод ва мунтазири салому алейк нашуда гуфт:

– Дарро чӣ мекӯбед, рост ба миннатхона бароед.

Зан баргашта рафтанӣ шуд. Хайримаҳмад пурсид:

– Хоҳар, моро ба хонаат роҳ медиҳӣ ё ҷойе дигар равем?

Зан ба чеҳраҳояшон зеҳн монду гуфт:

– Маъзарат, бародарон, гумон кардам, ки аз аҳли деҳед. Ман алов дорам, писарам шуморо ҳамроҳӣ мекунад.

Зан дарун рафт ва дақиқае пас ҷавони понздаҳ-шонздаҳсолаи ҷингиламуйи баландболо дар наздашон ҳозир шуд. Ӯ салом карду гуфт:

– Амакҷонҳо, ба миннатхона меравем.

Ва худ пеш даромад. Дороб ба Хайримаҳмад нигарист, ки миннатхона чӣ бошад? Хайримаҳмад китф дарҳам кашид. Онҳо бори аввал чунин калимаи аҷиброро мешуниданд.

– Бачам, номат чист? – пурсид Хайримаҳмад.

– Маликзеб.

– Чи номи зебое. Дар ин хона касе ҳаст?

1. Лай – дарзаҳои болои ҳам чидаи алаф.

2. Ошунондор – шахсе, ки на фақир аст, на сарватманд.

– Шайх Соҳибназари Қаландар ва се каси дигар.

– Онҳо ҳам мисли мо меҳмонанд ё таҳҷойӣ?

– Шайху хизматгораш меҳмон, дуи дигар маҷлисиёни кишлоқанд.

На Хайримаҳмад, на Доробшо маънии гапи Маликзебро пурра нафаҳмиданд. Хайримаҳмад гашташро суст карда, пурсид:

– Писарам, онҳо дар ин ҷо чӣ кор мекунанд, дар ин миннат… хона? – Ӯ вожаи ноошноро базӯр талаффуз кард.

Маликзеб истод, бо ҳайрат ба меҳмонон нигарист ва пурсид:

– Эҳ, шумо ростӣ намедонед, ки дар миннатхона чӣ мекунанд?

Меҳмонон бо як овоз ҷавоб доданд:

– Не, намедонем.

Ҷавон хандаи базебе кард ва гуфт:

– Дар ин ҷо маърифат мекунанд. Шайх суҳбатҳои аҷиб дорад. Ӯ мехонад, дигарон гӯш мекунанд ва ақида мегӯянд.

– Ин шайх аз куҷо омадааст? – аз рӯйи эҳтиёт пурсид Хайримаҳмад.

– Мегӯянд аз Балх гуфтанӣ ҷой. Лекин худам напурсидаам.

– Падарат ҳам дар миннатхона? – пурсид Доробшо.

– Вай дар осиёб. Пас аз соате меояд.

Маликзеб меҳмононро ба миннатхона даровард. Нахуст чизе, ки Хайримаҳмаду Доробшо ҳис карданд, гармиву бӯйи гуворо буд. Дар болои оташдоне, ки дар як кунҷи хона дуруст кардаанд, деге балақ-балақ меҷӯшид. Бӯйи иштиҳоовари шӯрбо меъдаи фирориёни гушнаро ба ҷунбиш овард. Марди миёнсоле, ки риши мошубиринҷи дароз дошт, болои ду қабат болишт каҷпаҳлу зада, тасбеҳ мегардонд. Дар пеши ӯ се нафар нишаста буданд. Яке аз онҳо бо овози баланд китобе мехонд. Шайх нимнигоҳе карду боз чашм ба қироаткунанда дӯхт. Дигарон ба онҳо аҳамияте надоданд. Маликзеб ба Хайримаҳмаду Доробшо ҷойи нишаст нишон дода, худ берун баромад.

Меҳмонон борхалтаву камони худро дар назди оташдон гузошта, дар бари сенафарон нишастанд ва нафас дарун зада, ба қироат гӯш доданд. Ровӣ овози форам дошт. Чизе, ки мехонд, шеър буд. Хайримаҳмад зуд мутаваҷҷеҳи мазмуни он шуд, вале Доробшо, ки порсӣ намедонист, аввал каме гӯш дод ва чун яқин кард, ки чизе намефаҳмад, садои гуворои дег диққаташро ҷалб намуд. Се марди дигар низ беовоз даромада нишастанд. Ровӣ таваққуф карду ба руйи шайх нигарист. Вай тасбеҳ гардонда, гулу афшонд ва гуфт:

– Ассалому алайкум, бандагони Худо, хуш омадед. Мулло Сироҷиддин боз як қасидаи шайх Саъдиро хатм кард. Соҳиби гуфтор дар ин матлаб чи хуш гуфтааст, ки:

***Парҳезгор бош, ки Додори осмон***
***Фирдавс ҷойи мардуми парҳезгор кард.***
***Нобурда ранҷ, ганҷ муяссар намешавад,***
***Музд он гирифт, ҷони бародар, ки кор кард.***
***Ҳар к-ӯ амал накарду иноят умед дошт,***
***Дона накошт гавҳару дахл интизор кард.***
***Дунё, ки ҷисри охираташ хонд Мустафо,***
***Ҷойи нишаст нест, бибояд гузор кард...***

Аммо чунон ки гуфтаанд «аввал таом в-он гаҳ калом». Аввал бо ҳам чизе бихӯрем, баъд суҳбатро давом медиҳем. Хоса, ки ду меҳмони раҳкӯфта дорем. Худо медонад, дар талодҳо[1] чизе хурда бошанд.

Доробшо, ки аз китобхонӣ тоқаташ тоқ шудаву аз суҳбати шайхи серҷоғ гавдааш варам карда буд, бо шунидани калимаи “бихӯрем” ҷон гирифт. Бо умед ҷониби дар нигарист, ки соҳиби хона ҳам бо дасторхон даромада, салом карду онро рӯйи

1. Талод, талода – мавзеи беодам

суфа густурд. Аз паси ӯ Маликзеб бо чанд табақу чумча ворид шуд ва сарпӯши дегро бардошта, шӯрборо бо сеҷиб кофт ва дар чаҳор корсони калон рӯйи нон кашид. Бӯйи хуши шӯрбо ҳавои хонаро гуворотар кард. Дар ин байн падари Маликзеб чою мева оварда, ба дасторхон гузошт. Шайх "Бисмиллоҳи раҳмонур-раҳим" гуфт ва аҳли маҷлис ба тановул пардохт. Доробшо аз чунин ҳол тааҷҷуб кард, вале Хайримаҳмад ба фаросат воёфт, ки аҳли маҷлис беовоз дар назди шайх адаб нигоҳ медоранд. То ӯ сухан ба миён наорад, касе ёрои гап задан надорад. Ин тоифа одобу тарбияи дигар дорад. Ҳамагӣ мардони хондаву донишманданд. Миннатхона ҳам тозаву озода буду дар рӯйи суфаҳои пасташ бӯрё ва намадҳои бирҷандӣ[1] партофта буданд. Кӯрпачаву болиштҳои таркдӯзӣ хонаро озодатар нишон медоданд. Дар сокинакҳои[2] ду сутуни кошинкорӣ сияҳчароғҳо хонаро равшан мекарданд. Аҳли маърака пӯшоки тозаву шинам дошт. Хайримаҳмаду Доробшо чунин муҳити роҳату зеборо бори аввал дида, худро ноҳинҷор ва бегона ҳис мекарданд.

Пас аз сарфи таом шайх дуо хонду дасторхонро бардоштанд. Маликзеб ба оташдон ҳезум андохта, аловашро тоза кард ва ҳамроҳи падараш дар назди дар нишаст. Шайх суҳбати қатъшударо давом дод. Ӯ аз олами малакут ва дар осмон ба чи кор машғул будани фариштаҳо сухан кард. Сипас аз аҳли маҷлис пурсид, ки агар суоле доранд, бипурсанд, ақидае дошта бошанд, бигӯянд.

– Ҷаноби шайх, – гуфт шахсе, ки саллаи шалғамӣ баста буду дар тан ҷомаи қиматбаҳои зардранге бо нақшҳои сунбул дошт, – ин сухани охирин, ки гуфтед, лоҷарам аз "Уммулкитоб" аст. Ин китоби бузург дарҳои асрори олами рӯҳониро барои бандагони хокии Худои азза ва ҷалла кушодааст. Ё матла-

1. Намади бирҷандӣ – як навъ намади гулдор барои арӯс ва меҳмонхона.
2. Сокинак – пояи чароғ

би арзнамудаи ҷанобашон маъхази дигаре дорад?

– Банда "Уммулкитоб" нахондаам, аммо ин мазмун дар рисолаҳои уламо ва ашъори Хоҷа Ҳофизу Мавлоно Румиву шайх Атгору Саъдӣ ва дигар муаллимони роҳи тариқат ҳузур дорад. Ин олами ҷисмонӣ, ки мо дар он чун баҳоим мечарем, гарду хоке беш нест. Олами аслӣ он олам аст. Ҳадафи будани мо ҳам дар ин дунё он дунёст. Барои ҳамин ягон молу матоъ ва иморату аморати ин даҳри фонӣ арзише надорад. Инсони оқил ба дунболи он нагардад, балки дар андешаи дарёфти саодат дар олами бақо бошад.

Шайх аз ҷавоби додааш қаноатманд лаб фуру баст ва мунтазири суоли дигар ба ҳозирон чашм дӯхт. Марди миёнсоле, ки дар сар тоқии одӣ ва дар тан қатмаи ҷойдорӣ дошт, сулфае карду суол дод:

– Шайх-сойиб, оё касе, ки дар ин олам зиндагии бароҳат дорад, дорои молу мулк ва давлату сарват аст, дар он дунё хору залил мегардад?

Шайх ба аломати тасдиқ сар ҷунбонд. Он мард боз пурсид:

– Пас пирону оқсақолон ва танходорони мулк, ки моли деҳқононро ба ҳар баҳона ба анбори худ мекашанд, оё аҳли дӯзах нестанд?

Шайх ҷавоб дод:

– Аллоҳи таоло бандагони худро ба ҳар ҳол офаридааст: яке ғанӣ, дигаре фақир, яке шоҳ, дигаре гадо. Дар пешонии инсон чи навишта бошад, ҳамонро мебинад.

– Ростӣ, ман як одами бесаводам, вале вақте мебинам, одаме, ки кор намекунад, дуди равғанин дорад, аммо деҳқоне, ки рӯзу шаб арақ рехта, ҳосил мерӯёнад, онро бо ду дасти адаб ба ин мардуми бекор таслим карда, худ гурусна мегардад, дилам аз дунё мемонад. Оё ин ҳам хости Аллоҳи таолост?

Ин савол мисли занбӯре буд, ки гӯё ба қасди газидан виз-

заскунон болои сари ҳозирон ба парвоз омад. Онҳо ба ҷунбиш афтоданд. Шайх, ваҷоҳаташро тағйир надода бошад ҳам, аз он ки ба чунин саволи ногаҳонӣ посухи омодае надошт, пас аз мулоҳизае гуфт:

– Бародари азиз, ин савол ба илоҳиёт робита надорад.

Хайримаҳмад ишкамсерӣ хӯрок хӯрд; ҳангоми тановул гуфтаҳои шайхро дар тарозуи дониши худ баркашид. Пай бурд, ки шайх ба саволи он мард ҷавоби саҳеҳ надорад. Ҳол он ки чунин пурсиш дар дили на танҳо Хайримаҳмад, балки дар замири тамоми аҳли нишаст туғён мезад. Дар мубоҳиса таваққуф афтод. Хайримаҳмад дасту даҳонашро пок карда, гулу афшонд ва забон баркушод:

– Ҷаноби шайх, чаро фикр мекунед, ки масъалаи молиёт ва маишати бандагони Худо ба илоҳиёт дахл надорад?

Аз шунидани ин сухан нишастагон ҳама рӯ ба ин ҷавонмарди паҳлавонҷуссаи ношинос оварданд. Хайримаҳмад фикрашро идома дод:

– Магар шариат андозаи молиётро саҳеҳ муайян накардааст? Кардааст. Пас барои чӣ ҳокимон аз фармудаи шариат фаротар рафта, деҳқонро ғорат мекунанд? Ё ҳокимон мусулмон нестанд, ё воҷиботи шариат нодуруст аст, ё онҳо нодуруст мефаҳманд…

Хайримаҳмад дар интизори ҷавоб сукут варзид. Аҳли нишаст чашм ба даҳани шайх дӯхтанд. Вай риш панҷа зада, лабханди зебое карду гуфт:

– Бародари мусулмони ман ки бошӣ, гӯш кун. Илми исломӣ баҳри нопайдоканор аст. Ман танҳо бо улвиёт кор мегирам. Дар маслаки ман то даст аз олами сифлӣ накашӣ, пири тариқат бароят хати иршод намедиҳад.

***Мо ҳеҷ касонем, ки бар мо зи ҳама халқ***
***Хорӣ расаду он ба ҳақиқат шарафи мост.***
***Аз неку бади мардуми айём нанолем,***
***Эшон ҳама неканд, бадӣ аз тарафи мост.***

Шайх нафасе хомӯш монд ва афзуд:

– Чун аз баҳри ин марҳала гузаштаам, бо чунин хурду резаҳо хотири аҳли маҷлисро мукаддар намесозам.

Хайримаҳмад китф дарҳам кашид ва дигар чизе нагуфт. Шайх ба ровӣ ишора кард, ки давоми китобро қироат кунад. Шайх ҷо-ҷо ӯро аз хондан боздошта, маънии абётро ба ҳозирон мефаҳмонд.

Хайримаҳмаду Доробшои раҳкӯфта дар ҷойи нишасташон ба хоби ширин рафтанд. Ровӣ гӯё бобои афсонахон буду онҳо набераҳои афсонашунав.

## ШАҲБОНУИ БАДБАХТ

Рӯзи дарози чиллаи тобистон бо дирангу таъхир барои шаб ҷой холӣ мекард. Офтоб бар сари теғаҳои нуқрагуни кӯҳҳои Рӯшон хирман зада, бо ранги зарди мойил ба бунафш аз назарҳо пинҳон мегашт. Демурғон низ чун дигар деҳаҳои атрофи қалъаи Баҳрпанҷа ин шабу рӯз андӯҳзада аст. Ҳамкасбони Занҷир Диноршои бегуноҳро дар хонаи оқсақол Ширинбек қатл карданд; навкарон аз чандин хонавода одамонро бо зарби қамчину лагад бадар оварда, барои фурӯхтан ба бадахшиён ба зиндони Сарои санг бурданд. Даҳони мардум пурхуну ҷигарҳо бирён шуда, аз оҳи пурсӯзи мазлумон пари паранда месӯхт.

Занҷир зодаи ҳамин деҳа бошад ҳам, на ба шодии ҳамдиёронаш шарик мешуд, на аз сӯгашон парвое мекард. Ӯ ба ягон кас дилбастагӣ надошт. Бахусус ҳамдеҳагонашро бад медид. Сабабаш як воқеаи нохуше буд, ки дар айёми наврасӣ ба сари ӯ омад.

Модараш мубталои кадом бемори̅ гашт. Чанд рӯз ишкамашро дошта, сарғалтон шуда, азоби алим кашид ва ҷон дод. Пас аз гӯру чӯбаш падару писар танҳо монданд. Он замон Занҷир сездаҳсола буд. На бародар дошт, на хоҳар. Фарзандони пеш аз ӯ зоидаи модараш ҳамагӣ якмоҳа-думоҳа шуда мемурданд. Аз рӯйи нақли падараш, баъд аз он ки як муллои чатрорӣ деву аҷинаҳои ёри модарашро бо азоим гурезонд, Занҷир ба дунё омад ва поист. Аммо баъдӣ ӯ аз зоидан бозистод. Мулло тавсия дода буд, ки агар волидайн хоҳанд бача зинда монад, ба ӯ номи ягон ашёро гузоранд. Вақте момодояи деҳа бо нидои "Тирандоз муборак шавад!" муждаи зодани писарро меорад, падар аз хурсандӣ ҷониби хона медавад ва пояш ба занҷире, ки ба он говашонро дар мазрааи кишт баста буданд, андармон мешавад. Барои ҳамин писарро Занҷир ном ниҳоданд. Магар даму дуои муллои чатрорӣ, ки гӯё "илми Кашмир"-ро об карда хӯрда будааст, мустаҷоб мегардад, ки бача на танҳо зинда мемонад, балки чун паҳлавоне азимҷусса ба воя мерасад.

Падараш баъди як сол зани дигар гирифт. Ин зан аз шавҳари якумаш, ки мурда буд, бо номи Гулчин духтари даҳсолаи зебо дошт. Хулласи калом, ҳамин Гулчин боиси бадбахтии якумрии Занҷир гардид.

Рӯзе Занҷиру Гулчинро волидонашон ба пос[1] фиристоданд. Онҳо молро ба пуштакӯҳи сари деҳа сар дода, худ дар таҳдашт машғули шӯхиву бозӣ гаштанд. Ҳаракоту саканоти духтар банохост вуҷуди писарро ба таҳрик овард. Тамоми рагу пайи ӯ аз боди шаҳват пур шуд. Ба дараҷае, ки ақлаш тира гашту чашмонашро сиёҳӣ зер кард. Дар ҳамин ҳол беихиёр духтарро озод бардошта, даруни калфе даровард. То духтар нияти бадашро пайхас намуд, кор аз кор гузашт. Вақте Занҷир ором шуд, духтар бо нолаву афғон худро аз бағалаш раҳонд ва ҷониби хона давид. Занҷир ба чи бешарафие даст задани ху-

1. Пос, молпос – навбати молчаронӣ

дро дарк намуда, ҳамон лаҳза роҳи гурезро пеш гирифт. Аз ин ҳодисаи нангин тамоми деҳ бохабар шуд ва он муддати чанд сол ба мавзӯи асосии ғайбати мардуми водӣ табдил ёфт.

Давруқ, ки он замон қозии деҳкадаҳои маркази Шуғнон буд, Занҷирро ба сангсор ҳукм кард. Ҳарчанд баъзе хешу табори падариаш хоҳиш карданд, ки барои никоҳи духтар ба Занҷир розӣ шавад, қозӣ исрор кард, ки онҳо тибқи шариат бародару хоҳар ҳисоб мешаванд ва чунин никоҳ ҷоиз нест.

Охируламр Занҷирро пас аз ду соли оворагардиву гурезо-гурезаш дар роҳи ҷониби Шева дастгир карда, ба қалъа оварда, зиндонӣ карданд. Падари Занҷир гуноҳи писарашро набахшида бошад ҳам, ҳеҷ намехост, ки писари ягонааш ба қатл маҳкум шавад. Ба ин хотир, бо ҳазор тадбир ба боргоҳи шоҳ Абдураҳимхон роҳ ёфта, ду барзагови сараро пора доду барои писараш шафоат хост. Шоҳ Занҷирро шахсан ба ҳузур талабид ва чун дид, ки ҷавони қавиҳайкали бакитфу бозуст, шарт гузошт, ки аз хуни ӯ мегузарад, агар ҷаллодии дарборро ба уҳда гирад. Занҷир чӣ ҳам гуфта метавонист? Назди шоҳ зону зад ва аз хурсандӣ пояшро бӯсид.

Абдураҳимхон агар медонист, ки пас аз понздаҳ сол ин ҷавони аз чанги аҷал раҳокардаву шахсан бо амраш ҷаллод таъйиншуда худи ӯро бераҳмона буғӣ карда мекушад, бешубҳа, ҳукми қозӣ Давруқро ҷонибдорӣ мекард ва ҳатто санги аввалро худ ба сараш мезад. Вале ду барзагови падари Занҷирро аз ҳукми қозӣ авлотар донист ва ифои вазифаи ҷаллодиро ба зиммаи ӯ гузошт.

Ба ҳамин тариқ, Занҷир аз мардуми таҳҷоӣ ягона касе буд, ки дар дарбор чунин вазифаи манҳус дошт. Аз он ки ҷаллод барои шоҳон зарур буд ва аз шуғнониён ин мансабро касе ба гардан намегирифт, се шоҳ тахти якдигарро ғасб карда бошанд ҳам, ҳам Абдураҳимхон, ҳам Юсуфалихон, ҳам Муҳаббатхон вайро дар мансабаш боқӣ гузоштанд. Ҳафтае набуд, ки ин

шоҳон касеро ба қатл маҳкум накунанд. Аз ин рӯ, албатта, ба Занҷири ҷаллод ниёз доштанд.

Абдураҳимхон дар охири салтанаташ ба Занҷир дар деҳааш замини танхо васиқа кард. Вай хона бунёд андохта, дар атрофи он девори баланд бардошт. Азбаски девор гирифтани атрофи ҳавлӣ дар Шуғнон расм набуд, ин амалаш чеҳраи Занҷири бадномро дар назари мардум боз ҳам нафратовару манҳустар намуд. Ҳатто номи деҳкадаи Демурғон бад шуда буд. Зеро ӯро ҳама «Занҷири демурғонӣ» мегуфтанду Демурғон ба касофати номи ӯ вожаи даҳшатангези “ҷаллод”-ро ба ёд меовард.

Вақте Муҳаббатхон модархонди худ Сафарморо ба Занҷир тухфа кард, дили ҷаллод қариб аз тапидан бозмонд. Вай мувофиқи русуми мардуми Шуғнон як зан дошт ва гирифтани зани дуюм дар гӯшаи хаёлаш ҳам набуд. Ӯ ҳайрон мешуд, ки чаро Абдураҳимхон қариб ҳар се моҳ пас як зан мегирад ва аз онҳо сер нашуда, бо канизон низ ҳамхобагӣ мекунад. Юсуфалихон аз падараш камӣ надошт, вале Муҳаббатхон ба панҷ зан қаноат карда буд. Ӯ шабҳои худро аксар дар оғӯши модарандараш Сарвиноз мегузаронд.

Занҷир, албатта, тухфаи шоҳро рад карда наметавонист, вале намедонист, ки арӯсашро ба куҷо барад. Дар ҳарами шоҳ мондаnаш мумкин набуд. Сафармо, ҳар кӣ ҳам бошад, зани шоҳи Шуғнон буд ва ӯро ба қӯшхонаи касе бурда, иҷора шинондан амали норавое буд. Ба хона барад, оромии хонаводагиаш барҳам мезанад. Ягона ҷойе, ки аз ғурбату ғавғои дарбор дар он чанд соат меорамид, ҳамин хонаи қалъамонандаш буд. Зану чор бача ва як синҳораш даруни ин ҳавлии деворбаланд аҳлу тифоқ зиндагӣ мекарданд. Ба хонаи онҳо соле ду-се бор аз дарбор касе наояд, дигар одамизоде ба он заҳраи наздик шудан надошт. Хешу табор, аз бозе ки Занҷирро радди маърака намуданд, ягон бор суроғаш накарданд. Танҳо падараш, то зинда буд, гоҳе хабараш мегирифт.

Чанд сол пеш ӯ ҳам дунёи фониро тарк кард. Занҷир ба ҷанозаи аш ҳам нарафт: рӯйи хешу таборашро дидан намехост, дурусташ, медонист, ки онҳо аз ӯ ҳамчун аз махав ҳазар мекунанд.

Вақте Муҳаббатхон бо ҷамъи оқсақолони ба сур омада назди бандиён рафт, Занҷир ба хонааш асп давонд. Ӯ қатъӣ қарор дод, ки шаҳбонуи беваро ба хонааш бурда, никоҳ мекунад. Дигар ҷойи мерафтагӣ надошт.

Вақте занаш шунид, ки шавҳари вай ба хона зани нав меорад, аз ҳуш рафт. Ду писараш лолу ҳайрон чи гуфтанашонро намедонистанд. Синҳораш аз тарс ба гиря даромад. Духтаронаш овози гиряро шунида омаданд ва ба гумони он ки модарашон мурд, нолаву фиғонро ба фалак бардоштанд. Занҷир ба рӯи занаш об пошида, ӯро ба ҳуш овард. Вақте занон аз гиря бозистоданд, ҳар чи ором, вале омирона гуфт:

– Гӯш кунед, ман ба хоҳиши худам зан намегирам. Амри шоҳ чунин аст. Агар иҷро накунам, ба ғазабаш гирифтор мешавам. Аз дасти ӯ ҳар кор меояд. Маро ҷазо диҳад, шуморо ҳам ором намемонад. Барои ҳамин қаҳру малолиатонро фуру бареду хонаро ба омадани арӯс омада созед.

– Дилбовар, – ба писари хурдиаш рӯ овард Занҷир, – ту ба хонаи охонат Мулло Хишол раву ӯро ба хона биёр. Хутбаи никоҳамонро вай хонад.

– Тат, никоҳ кардан вазифаи халифа аст, на охон, – эътироз кард писари калониаш Пореншо.

– Чи хеле ки ман гуфтам, ҳамон хел кунед. Тамом. Ман рафтам.

– Шом фаро расад, баъд биёраш, – таъкид кард зани Занҷир, ки дар чи вартае афтодани шавҳарашро дарк карда, мулоим шуда буд. – Агар беваро арӯс карда, рӯзона ба хона оваранд, кӯдакон ба кабудсулфа[1] гирифтор мешаванд.

– Ман ҳам ӯро дар рӯзи сафед овардан нестам, – бо зарда ғурунгос зад Занҷир ва аз хона баромад.

1. Кабудсулфа – сулфаи хушк

Ба қалъа нарасида, ба ёдаш омад, ки барои арӯс либоси нав бояд барад. Аввал нийят кард, ки ба хона баргашта, аз занаш бигирад, вале андешид, ки беваи нодилхоҳро дар либоси занаш дида наметавонад. Бинобар ин, сари аспашро ҷониби бозор гардонд.

Бозор аз қалъа дар масофаи сесад-чорсад қадам воқеъ гашта, аз бист-бисту панҷ дукончa иборат буд. Занҷир рост ба дукони марди ҳиндуе рафт, ки Шавлӣ ном дошт. Вай газвор мефурӯхт ва ҳатто либоси дӯхтаи ҳархела ҳам дошт.

Шавлӣ, ки бар болиште якпаҳлу зада, бо чашмони нимпӯш аз қақраи кабки қафасӣ ба тирчӯби дукон овезонаш лаззат мебурд, баробари дидани Занҷир парида хест. Қомати дарози лоғарашро дуто карда, даст ба сина гузошту гуфт:

– Ҷанабаш хаста набашад, лутф кард, ки амад.

Занҷир бо нигоҳи доимо хашмолудаш ин ҷомасафеди сиёҳпӯстро як песонду зуд сари мақсад омад:

– Шавлӣ, зан мегирам, либос даркор.

– Бараи худат?

– Не, барои занак. Дӯхтагӣ бошад.

Шавлӣ чӯбдасти дарозашро гирифт ва онро ба рафи аз ҳама боло нигаронда, бо овози хирросиаш гуфт:

– Пераҳани дӯхта ҳам дарам, лекин қади ханумра наданам.

Занҷир каф ба пешонӣ зад: дар ҳақиқат, занак ҳозир набошад, андозаашро аз куҷо медонӣ?

– Ханумра базар бияр, я газвар харида бар, ки дӯзанд.

– То медӯзанд, ки ду рӯз мегузарад, – гуфт Занҷир.

– Пас бигӯ занра бияранд.

– Ӯро ҳам оварда намешавад, – ғурунгид Занҷир.

Ҳинду ҳайрон монд, чӯбдасташро ба замин партофт ва пурсид:

– Ханум магар маълул асташ?

– Маълулаш чӣ? – нафаҳмид Занҷир.

– Пашикаста несташ?

– Несташ, несташ, – гуфт ба тақлиди ӯ Занҷир ва нимшуна-

во афзуд: – Кош мурда будаш.

– Ақа, хануми ман дӯзандаи хубасташ. Ҷамаварра бибар, андазааш бигир, бияр, ӯ бидӯзад.

Аз ин пешниҳод дар дили Занҷир шуълаи умед барқ зад.

– То нишастани офтоб медӯзад? – пурсид ӯ.

– А, албатта, ликин зуд баш.

– Аҷаб коре кардӣ, бародар. Ман чи хариданро намедонам. Ту худат интихоб кун.

– Адатан мардуми шума ҳафт ҷамавар кала мехарад, чунин кунам?

Занҷир дар дилаш ба харидани як тан либос ҳам барои арӯси туфайлиаш розӣ набуд, аммо боз ҳам тарс аз ғазаби шоҳ ӯро маҷбур кард, ки гӯяд:

– Чизе барои як арӯс лозим бошад, интихоб кун.

Ҳинду газвору мӯзаву рӯсариву шол интихоб намуд, онҳоро бухча баст, ба пеши Занҷир гузошт ва гуфт:

– Ҳамааш ҳаштаду панҷ рупия шуд.

Занҷир бухчаро ба қоши зин баст, савор шуд ва гуфт:

– Дӯхтанаш чанд рупия мешавад?

– Даҳ рупия, сайиб.

– Мебиёрам, ҳоло бо худ надорам, – гуфт Занҷир ва аспашро хурсандона маҳмез зад.

Вақте ба Саройи санг расид, Муҳаббатхон саргарми нархгузории асирон буду мансабдорон ин манзараро тамошо мекарданд. Занҷир борашро ба қалъа даровард, онро ба хоҷасаройи доду таъйин кард, ки андозаи қади арӯсро бигиранд. Худ ба ҳуҷрааш рафт ва пул гирифт. Пас аз ним соат хоҷасаро бо як канизу бухча баргашт ва гуфт:

– Валъамат аз интихоби газвору рӯймол хушнуд аст, вале мӯзаҳо тангӣ мекунанд. Ин зан қаду қомати валъаматро дорад, ба қадаш андоза бигиранд.

Занҷир бухчаро ба қоши зин баст ва канизакро дар паси

худ шинонду ба сӯйи бозор асп давонд. Марди ҳинду пулашро гирифта, аз хурсандӣ гӯё болу пар бароварда бошад, пеш-пеши асп дав-давон Занҷиру канизакро ба хонааш, ки дар пушти бозор буд, раҳнамоӣ кард. То саворон пиёда шуданд, ки бозоргон занашро аз хона бадар овард.

– Бахтаман бландӣ кард, ханум. Адами бузурги дарбар ба ма кар гирифт. Қабул кун.

Зан, ки чеҳрааш бештар ба тоҷикон шабоҳат дошт, чусту чолок бухчаро бардошту канизакро ба хона даъват кард.

– Бепарво биё, духтарам, дар хона касе нест.

Занҷир аз пасаш хитоб кард:

– Ду соат пас меоям, зуд бош!

Зан гуфт:

– Бепарво бош, сойиб, аз мо ҳаракат, аз ту баракат.

– Дар вақташ буд кардӣ, пулатро медиҳам, набошад, не, – таъкид кард Занҷир, то чевар дар кор дермонӣ накунад.

– Чанд рупия медиҳӣ? – аз роҳ бозистод зан.

– Даҳ рупия пурсидам, – овоз баровард шавҳараш.

– Даҳ рупия? Барои чунин шитоб? – эътироз кард зан, – не, намешавад!

Занҷир шӯрида бошад ҳам, худро ба даст гирифт:

– Понздаҳ рупия медиҳам, розистӣ?

– Бист, – гуфт бо қатъият занак, – ба Худо, чунин корро ба ин тангии фурсат ҳеҷ кас ба гардан намегирад.

Занҷир аз маҳмаддонии занак ба танг омаду ба сӯйи шавҳараш теғ кашида, нигоҳе кард ва ҳарчи нармтар гуфт:

– Хуб, медиҳам. Акнун пайи кор шав, ки вақт наравад.

Занак қаноатманд сар ҷунбонд ва ҷониби шавҳараш табассуме карду ба хона даромад.

– Ин хел зани ҳушёру тайёрро аз куҷо ёфтаӣ? – бо заҳрханди сабуке маддаи дилашро кафонд Занҷир.

Ҳинду гунаҳкорона пӯзханде зад:

– Аз Читрал, сайиб. Хафа нашавед, ӯ ба қадри заҳматаш мерасад. Ма ҳафт бача дарем, анҳара хӯрандану пӯшандан лазим.

Занҷир номафҳум сар ҷунбонду савор шуд ва ба Саройи санг ронд. Раҳгузарон, онҳое, ки ӯро мешинохтанд, ё аз роҳ канор рафта, то гузаштанаш бо дили ҳаросон ноҷунбон меистоданд, ё агар фурсат наёбанд, ба ҷонибе рӯй гардонда, танаффурашонро ба ӯ нишон медоданд. Занҷир ба чунин манзара одат карда буд. Ҳатто дар як кунҷи синааш дар ин дақиқаҳо эҳсоси ифтихор ҳам мавҷ мезад: бигзор, ба ҷаллодӣ ҳам бошад, байни мардум шуҳратеву таъсире дорад. Вай ба хоҳиши худаш касеро сар набуридааст, ҳатто торсакие назадааст. Танҳо амру фармони қозиву шоҳро иҷро карда, ҳатто агар худашон нагӯянд, напурсидааст, ки шахси маҳкум чи гуноҳе карда бошад. Хуни мақтулон ҳам, уболи шиканҷашудаҳо ҳам ба гардани шоҳ асту қозӣ. Занҷир танҳо амалеро анҷом медиҳад, ки ин тарсуёни буздил аз иҷрои он бо дасти худашон метарсанд. Фақат Муҳаббатхон чанд рӯз пеш ниқоб аз рӯяш гирифт ва чеҳраи аслии худро ба тамоми мардуми Шуғнон нишон дод: сӣ нафарро давоми як соат бо дастони худаш беҷон кард! Ҳатто дар дили Занҷир, ки понздаҳ соли умраш ба ҷаллодӣ гузашт, аз кушта шудани ин миқдор одам воҳима афтод!

Ба Саройи санг расида буд, ки садои дафзанӣ ҳам баланд шуд. Ин чунин маънӣ дошт, ки Муҳаббатхону арӯсашро аз ҳарамсарой бароварда, ба боғи пушти қалъа мебаранд. Маърака дар ин боғ зери сояи дарахтони анбӯҳ баргузор мешавад. Занҷир аспашро ба ахтахона бурда, то баромадани шоҳу арӯс аз дарвоза дар он ҷо истод. Рӯбарӯ омадан бо домоду арӯс, бахусус ҳангоми аз хона баромардани онҳо, фоли бад аст. Ин дам рӯйи ҷаллодро бинанд чӣ? Занҷир аз тасаввури чунин ҳол ришханде зада, бо кароҳат ба замин туф кард. Домоду арӯс дар ҳалқаи созандагону аъёну акобир зери суруди “Шоҳи мо дар сафаре” ҷониби боғ рафтанд. Занҷир ба даҳлези ҳарам

даромад ва хоҷасаройро ҷеғ зад. Вай бо либоси сурхи идона дарҳол ҳозир шуд.

– Ҳавз озод бошад? – пурсид Занҷир.

– Бале, сойиб, обтанӣ мехоҳӣ?

– Валъамати ман гармоба рафта буд?

– Бале, сойиб, ним соат пеш баромад.

– Хуб, – ғурунгоси димоғие кард Занҷир ва гуфт: – Ҳоло ман медароям, ту ду хизматгорро муваккал карда, ба ман либоси тоза биёр.

Хоҷасарой ӯро ба гармоба гусел кард ва худ пайи иҷрои амр рафт. Занҷир либосашро кашиду ба таронасароии созандагони базм, ки дар гармоба равшантар садо медод, гӯш андохта, худро ба оғӯши оби гуворо андохт.

Вақте шуълаҳои офтоби сари кӯҳ аз равзани гармоба париданд, хоҷасарой хабар овард, ки канизак ва зани хайёт омаданд. Занҷир амр дод, чеварро ба назди арӯс барад ва то либоси дӯхтаашро ба ӯ пӯшонда, ризоияти валъаматро нагирад, раҳояш накунад.

Хоҷасаро "ба чашм" гӯён нимтаъзиме карду баромад. Занҷир ҳам аз ҳавз берун омад ва хизматгорон банавбат боз ду бори дигар бадани ӯро хорумол карданд. Аз байни тамоми мардоне, ки вазифадор буданд, касе чунин тану тӯши таҳамтанона надошт; онҳо бозувони тавоно, пушту гардани чун кундаи дарахт мустаҳкам ва пойҳои ба мисли танаи шамшод қавиву варзидаашро бо ҳавсала тамошо карда, ҳайрон мешуданд, ки қаду басти мард ҳам чунин зебову назаррабо мешудааст.

– Кошкӣ ин гуна сурату суммотро ман ҳам медоштам, – беихтиёр гуфт яке аз онҳо.

Ин гап ба Занҷир писанд омад. Ӯ пайкарашро як ларзонду ба ронҳояш тап-тап зад ва гуфт:

– Шамшерзанӣ машқ кунӣ, ман барин мешавӣ.

– Ба мо кӣ иҷозат медиҳад, сойиб? Рӯзи дароз дар гӯлах

алов мекунему об мекашонем.

Занҷир нимғурма «ҳа» гуфту бархост ва либоси тозаашро пӯшидан гирифт. Он аз яктаҳу шалвори қирмизиранг, чакмани нафисбофти кобулииноринҷӣ ва пеххҳои кӯтоҳи човадӣ иборат буд.

«Пеш аз он ки шоҳу арӯс аз боғ баргарданд, ман бояд валъамати худро барорам», – тасмим гирифт домоди зӯракӣ ва ҷониби даҳлез роҳ кашид.

Хоҷасарой арӯсро ҳамроҳи канизаку зани ҳинду ба даҳлез баровард. Занҷир бист рупияи чеварро ба дасташ дод.

– Канизак бо мо меравад, – гуфт Занҷир ба хоҷасарой, – пагоҳ бо ман меояд.

Хоҷасарой ба аломати ризо сар ҷунбонду онҳоро то беруни дарвоза гусел кард. Занҷир арӯсашро ҳамроҳи канизак ба аспи худ савор карду худ ба аспи аз саис гирифта нишаст. Аз боғ овози созандаҳо меомад, ки “Шоҳи мо раворавe”-ро месуруданд. Ин аз он дарак медод, ки базм ба охир расид ва Муҳаббатхону занаш ба дарбор бармегарданд.

Занҷир ҳам бо арӯси нодилхоҳаш бе ягон нишони хурсандӣ ҷониби Демурғон шитофт. Шом лаҳза ба лаҳза ториктар мегашту дили шоҳу арӯс сиёҳтар. Ҳар ду ҳам чунин издивоҷи таҳқиромезро хуш надоштанд. Вақте ба ҳавлии баланди Занҷир даромаданд, гиряи ҷонсӯз тамоми вуҷуди Сафарморо ба ларзиш овард. Ӯ шолро сахт газид, то ҳунгос назанад. Ашкҳояш шашқатор мерехтанд. Синҳори Занҷир, ки дар пеши дарвоза онҳоро бо ширрӯған пешвоз гирифт, ҳайрон пурсид:

– Тат Занҷир, холаам барои чӣ мегиряд?

Занҷир ба фаромадани арӯс аз асп ёрӣ карду гуфт:

– Аз хурсандие, ки ману холаат дорем.

Омадагон ҳар се барои нашикастани таомул яккултӣ ширрӯған нӯшиданду Занҷиру синҳораш арӯсу канизакро ба меҳмонхона бурданд. Писаронаш низ даромаданд ва дар пойгаҳ

истоданд.

– Мулло ку? – пурсид Занҷир.

– Наомад, – бо сари хам ҷавоб дод писари хурдӣ.

– Чӣ хел наомад? – мутаҳаййир ва нобоварона овоз баровард Занҷир.

– Охон нахост, – шарҳ дод бо овози шикаста Дилбовар, – гуфт, ки...

– Чӣ гуфт? – мушт гиреҳ кард Занҷир ва чун дарк кард, ки писараш дар назди меҳмонон ҳама гапро гуфтан намехоҳад, худро нигоҳ дошт: – Чӣ бути амонат барин рост истодаед? Дасторхон андозед, хӯрок биёред.

Ва худ аз қафои писараш берун баромад.

– Вай падарлаъннати норасид чӣ кори зарур дошт, ки наомад? – Аз ҷӯши ғазаб лабони Занҷир ларзиданд.

– Татик, – гуфт бо овози илтиҷоомез Дилбовар, – маро ҷанг накун, ман рости гапро мегӯям.

– Бигӯ охир, – аз шиддати кунҷковӣ чашмони падар дар назари писар бегона тофтанд.

– Вақте ба охон хоҳишатро расондам, гуфт, ки, аввалан, никоҳ кардан дар ҳар ҷо масъулияти халифаи ҳамон маҳал аст, баъдан, ба падарат расон, ки ман дар маъракаи золимон иштирок намекунам.

– Ҳамин хел гуфт? – нобоварона пурсид Занҷир.

– Ҳа, айнан ҳамин гапро гуфт, – тасдиқ кард писарак ва гиря гулугираш кард.

– Боз чӣ гуфт?

– Дигар ҳеҷ чиз. А, як шоирӣ дар бораи подшоҳ хонд.

– Шоирӣ?

– Охон шеър менависад, гоҳе барои мо мехонад.

– Дар бораи подшоҳ чӣ гуфтааст?

– Муҳаббатхони бемуҳаббат, хунхор, золим… айнан дар ёдам нест.

– О, мурдоре, – Дар дили Занҷир оташи қасос аланга зад: –

Наомад, ҳеҷ гап не, аз вай беҳтарашро мебиёрам.

Он шаб Занҷиру Сафарморо ақди никоҳ насиб нашуд. Занҷир ва аҳли хонаводаи ӯ, ба ҷуз зану набераҳояш, барои иззати зани пештараи шоҳи Шуғнон Абдураҳимхон ва бо амри тақдир арӯс шудани ӯ ба хонаи онҳо, то як поси шаб нишастанд ва саргузашти талху шӯрангези ин занро аз забонаш шунида, моту мабҳут монданд.

Дар сурати Сафармо осоре аз ҷамоли арӯсӣ набуд. Бо чашмони аз гиря варамида, рӯйи тира, пешонии оҷангзада ва абрувони гиреҳбастааш зани мотамзадаро ба хотир меовард. Аҳли хонаводаи Занҷир гумон карда буданд, ки арӯс, он ҳам беваи подшоҳ, чун офтоб шаъшаапошон ба хонаи онҳо медарояд ва гули сари сабади хонадон мешаваду модари онҳо аз чашми ҳама меафтад. Вале Сафармо ба чунин ҳол на танҳо бо абинаш сари рақобат надошт, балки бо як дидан дар дили ҳозирон эҳсоси ногувори яъсу шақоватро барҷо гузошт. Занҷир аксар занони шоҳро намешинохт, чун онҳо ҳангоми сафарҳо ё сайру гашти берун аз қалъа чодарпӯш буданд; ба ҳарами шоҳ танҳо хоҷасаройи он – марди миёнсоле бо номи аҷоиби Беғамшо иҷозаи даробаро дошт. Занҷир танҳо бо иҷозаи Беғамшо гоҳе дар гармобаи пушти ҳарам обтанӣ мекарду халос. Аммо Сафарморо мешинохт, зеро рӯзе, ки шавҳарашро дар деҳаи Барсем бӯғӣ карда кушт, аз занонаш Сафармо ҳамроҳи ӯ буд. Аввал бо амри Муҳаббатхону Юсуфалихон ду писари навраси ин занро ба деҳаи Чарсем бурда, бо тир ҳалок кард. Бегоҳи он рӯз ба Барсем омаду падарашонро кушт. Сафармо он шабро дар хонаи дарун рӯз карда бошад ҳам, вақте субҳ хабари мурдани шоҳ ва бачаҳояшро шунид, дилаш раг зад, ки ин кори Занҷири ҷаллод аст. Вале аз бими ҳалок шудан, аз байн чандин сол гузашта бошад ҳам, ин гумонашро дар назди касе ба забон наовардааст. Баракс, сабаби марги шавҳарашро боварибахштар карда мегуфт, ки дар рӯзҳои охири зиндагиаш иштиҳои дуруст надошт

ва гоҳе аз ҳуш мерафт.

Аз ин сабаб Сафармо аз Занҷир чун аз марги муфоҷо метарсид. Вақте хоҷасарой хабар овард, ки Муҳаббатхон ӯро ба Занҷири демурғонӣ ҳадя кардааст, вуҷудаш тагурӯ шуду нафасаш гиреҳ хӯрд. Вале илоҷе надошт. Росташ, кадом кунҷи дилаш заррае рӯшан ҳам шуд, зеро понздаҳ сол боз аз чор девори ҳарамсарой берун по нагузошта буд. Вақте гирди дасторхон нишастанд, Занҷир ба лаҳни узромез гуфт:

– Муллоро кори заруре афтодааст, никоҳро ба пагоҳ мемонем.

– Ман як зани бетолеъам, – бо овози хаста гуфт Сафармо, – ҳатто мулло ҳам дар рӯзи никоҳам андармон мешавад.

– Ин хел нагӯ, хола, – барои он ки табъи нохуши арӯс нохуштар нашавад, хушгӯйӣ кард писари калонии Занҷир, – бетолеъ мебудӣ, магар зани шоҳи Шуғнон мешудӣ?

Зан ба рӯйи Пореншо бо андӯҳ назар карда гуфт:

– Писарам, аз толеи шумам зани Абдураҳимхон шудам, вагарна бо шавҳарам дар Рӯшон зиндагии хубе доштам.

– Чӣ хел, оё пеш аз шоҳ ҳам шавҳар доштӣ? – бо ҳайрат пурсид Занҷир.

Ӯ ин гапро бори аввал мешунид ва бо гӯшҳояш бовар намекард.

– Доштам, – бо ҳасрат гуфт зан, – бале, марди ҳунарманду зиндадиле буд. Намедонам, ҳоло зинда бошад ё не, аз ман хеле калон буд. Овозхонӣ мекард. Садои форам дошт, чандон ки булбул сари китфаш менишаст. Ба тамоми базму маъракаҳои хурсандӣ дар Рӯшон ӯро даъват мекарданд. Ҳатто ба Шуғнону Дарвоз ҳам металабиданд. Марди хубсурати ширинзабон буд. Ана ҳамон ҷавонмард рӯзе ба хонаи мо омад. Он вақт ман дувоздаҳ-сездаҳсола будам. Ӯ маро диду ба падарам гуфт, ки “Ҳамин духтарро Худо барои ман офаридааст, ин зани ман мешавад ”. Падарам аввал розӣ нашуд, чунки синну солаш аз ман хеле калон буд. Вале ҳофиз дар муддати як сол ҳафтае ду-се

маротиба ба саломаш омада, охируламр дилашро ёфт. Падарам ҳам хеши дураш буд, ҳам барои ҳунараш ӯро дӯст медошт. Як сол зиндагӣ карда будем, ки шоҳ Абдураҳимхон шавҳарамро барои гарм кардани маъракаи наврӯзӣ ба Баҳрпанҷа хост. Вай маро ҳам ба тамошои Иди бузург бурд. Ба эҳтироми шӯям маро дар майдони базм дар сафи занони дарбор шиноданд. Кош намешинонданду кош чашми подшоҳ ба ман намеафтод.

Гиря Сафарморо гулугир карду аз дидаҳояш чанд қатра ашк таровида, ба пироҳанаш рехт.

– Шавҳарат чӣ ном дошт? – пурсид Занҷир, ки аз нақли зан дилаш боз сиёҳтар шуда буд.

– Шодаврон, – оҳи пурсӯзе кашид зан.

Занҷир ҳарчанд фикр кард, ин гуна шахс ба ёдаш нарасид.

– Ту ӯро намешиносӣ, худат он вақт шояд дар дарбор ҳам набудӣ, –гуфт Сафармо.

– Не, будам, лекин мо дар идҳои калон ба муҳофизати қалъа банд мешавем.

Зан сар ҷунбонду як пиёла чой нӯшид ва қиссаашро давом дод:

– Ман он вақт гули мирӣ барин хушрӯ будаму аз зиндагии хушбахтонаам зиндадилу шукуфон. Ғарқи тамошои базм аз шодӣ гоҳе баланд механдидам. Дар ҳамин ҳол таваҷҷуҳи шоҳро ҷалб кардаам. Ӯ амр додааст, ки зуд кӣ буданамро муайян намоянд. Вақте фаҳмидааст, ки зани Шодавронам, бегоҳи ҳамон рӯз шавҳарамро даъват карда, аввал туҳфаҳо додааст ва баъд гуфтааст, ки “зани ту лоиқи ҳамсарии шоҳ аст, ӯро ба ман мону худат бирав”. Шавҳарам туҳфаҳои шоҳро ба замин партофта, доду бедод мекунад, вале шоҳ амр медиҳад, ки ду навкар ӯро то Сохчарв пешандоз кунанд. Онҳо як ҳафта роҳашро поидаанд, то шавҳарам барнагардад. Бо ҳамин рӯзҳои талхи ҳаётам сар шуданд ва то ҳол давом доранд. Ду писари нозанинамро ба Ғунд бурда, ғӯрамарг карданд. Барои он ки даъвогари тахт набошанд...

Барои он ки зан дар ҳоли афсурдагӣ сирри кушта шудани писаронашро фош накунад, Занҷир бо остинаш пиёлаи ширрӯғани пеши ӯро ба баҳонаи бардоштанаш чаппа кард. Сафармо ишораашро фаҳмида, лаб фуру басту бесадо ба гиря даромад. Димоғи аҳли нишаст сӯхт. Канизак ва синҳори Занҷир ба гиряи арӯси бадбахт шарик шуданд. Мардон аз сари дасторхон бархоста, берун баромаданд. Занҷир гӯё касеро бо шоф мезада бошад, ба чи хаёли нохуше дасташро ба ҳаво бардошта, даршаст поин андохт. Шояд хаёлан сари касеро аз тан ҷудо мекард.

## ҶАНГ ДАР МАКТАБ

Чанд шаб аст, ки андешаҳои мағшуш хоби Мулло Хишолро мегурезонанд. Шаби кӯтоҳи саратон шиддати гарморо то дараҷаи серунӣ паст нанамуда, шуълаҳои хуршед аз паси қуллаи кӯҳи деҳаи Хоруғ сар мебароварданд. Боз гармо ҳар ду соҳили рӯди пурталотуми Панҷро фаро мегирифт ва бо панҷаҳои ноаёнаш роҳи нафаси тамоми мавҷудоти зиндаро мебаст.

Охон мисли дигарон дар рӯйи ҳавлӣ ё дар болои бом хоб карда наметавонист. Аз чизе ҳарос дошт. Вале аз чӣ? Намедонист. Ба ҷуз ин, шабҳо фикрҳои аҷибу ғариб ба сараш ҳуҷум оварда, ӯро маҷбур мекарданд аз ҷогаҳ бархезаду чароғ даргиронад ва андешаҳоеро, ки мағзашро парма мезаданд, рӯйи коғаз орад. Баробари ба мисраъу байт табдил ёфтан, гӯё ба мақсад расида бошанд, ӯро дигар беқарор намекарданд. Пас аз муддате селаи дигари андешаҳо мағзашро ба ҷӯш меовард ва ӯ маҷбур мешуд боз килку коғаз ба даст гирад.

Ҳодисаҳои нохуши ҳаррӯза шоирро ба таҳлука андохта буданд. Ҷабру зулми касношуниду каснодиди Муҳаббатхон, ҳар рӯз ҳалок шудани инсоне ба дасти лаганбардорони ӯ, дар амон набудани ҷони раият дар синааш ба шоҳу атрофиёнаш тӯфони нафрат барангехта буд. Гоҳе мехост аждаҳое шаваду

бо оташи ғазабаш қалъаи Баҳрпанҷаву кӯшки Сарои сангро сӯхта, хокистар кунад. Ба дараҷае, ки аз золиме устухони нимсӯзе боқӣ намонад. Гоҳе мехост паҳлавони афсонавие бошаду бо гурзи гарон каллаҳои зиштандеши онҳоро дар баданҳои нопокашон парчин созад, чунон ки мурғони ҳаво бар ҳоли зорашон гиря кунанд. Гоҳе мехост ҷодугари забардасте бошаду тилисме созад, ки ҳар золимро дар ҷояш ба сангу кулӯх табдил диҳад.

Вале ҳайҳот! Ба ғайр аз рехтани дарду ғамаш дар рӯйи коғаз ва дарун-дарун сӯхта, худро обу адо кардан аз дасти ӯ кори дигаре намеомад. Шеърҳояшро ҳам ба ҷуз паҳлавон Ҷаҳонгир ва як-ду шахси дилпур ба каси дигаре хонда наметавонист. Чордаҳ нафар шогирд дорад, вале онҳо кӯдаканд. Овони беғаши бачагии онҳоро бо шеърҳои ғамолуду дарднокаш заҳролуд кардан намехост. Боз ин ки дарров ба падару модари худ хабар мекашанд. Падарони онҳо аъёну акобири дарбор, ҳеҷ набошад хешу табори онҳоянд. Агар фаҳманд, ки охонашон чи шеърҳое менависад, тамом! Мактаб аз қалъаи даҳшатангез ҳамагӣ ҳазор қадам дурӣ дорад. Сари бод бурда дар чунон чоҳе андозанд, ки Азроил ҳам раҳи онро ёфта натавонад.

Бо ин ҳама биму ҳаросе, ки дар дил дорад, вақтҳои охир дар лаҳзаҳои ҳассос худро ба даст гирифта наметавонад. Аз куҷое дар дилаш ҷуръат пайдо мешаваду дар бунёди сабраш зилзила меафтад. Дирӯз никоҳи Занҷири каллабурро рад кард. Шояд як-ду сол пеш, бар алайҳи хоҳиши дил, сар паст карда мерафт. Лекин ҳоло наметавонад. Дигар ба золимони мулкаш сар фаровардан намехоҳад. Дилаш мегӯяд, ки инак корд ба устухон расид. Акнун аз ду тариқи мурдан бояд якеро интихоб кунад: ё корди ба устухонрасида бо азоби алим ҷонашро мебарорад, ё қувваи охиринро ҷамъ карда, онро ба ҷигари кордкаш мезанад; қурбон шавад ҳам, чун инсони бангу номус хоҳад мурд.

Аз куҷое мисраъҳо пайи ҳам дар зеҳнаш шарора заданд ва шоир шамъ афрӯхту онҳоро бо найқалам ба рӯйи коғаз рехт:

***Мулк вайрон шуд, туро номус ку?***
***Халқ ҳайрон шуд, туро номус ку?***
***Шуғниро қалмоқ кушту қаттаған,***
***Сина бирён шуд, туро номус ку?***
***То ба кай дар кӯҳ моро ҷар кунанд?***
***Санг гирён шуд, туро номус ку?***
***Пеши чашмат духтаратро мебаранд,***
***Ашк борон шуд, туро номус ку?***
***Панҷа бар Барпанҷа зад то деву дад,***
***Ҷӯл Шуғнон шуд, туро номус ку?***

Садоҳои мубҳаме шоирро аз олами руъё ба дунёи воқеӣ баргардонданд. Ӯ қаламро даруни давот гузошту берун баромад. Сукути субҳи козибро корвоне халалдор карда буд.

– Асиронро мебаранд! – зери лаб гуфт Мулло Хишол. Дилаш таҳ хӯрд. Муштонаш гиреҳ бастанд. Дар нимторикии субҳидам анбӯҳи одам чун доғи андӯҳ оҳиставу гарон ҷунбида, тарки ватан мекард.

Мулло Хишол бисёр мехост роҳи асиронро гираду фарёд занад: “Ба куҷо меравед? Баргардед, силоҳ гиреду золимонро нест кунед!” Вале, афсӯс, ин корро карда наметавонист. Ба танҳоӣ аз дасташ чӣ меояд? Навкарон сари як тираш мекунанд. Ҳатто худи асирон ҳам ӯро девонае мепиндоранд.

Мулло Хишол аз ғояти бефарёдрасиву оҷизӣ даст бар сар зад ва диккак нишаст. Мағзаш меҷӯшид, хунаш туғён мекард, ҳатто гӯшҳояш ҷирингас овоз доданд. Ва дар ҳамин ҳол мақтаи шеър дар зеҳнаш барқ зад:

***Ин ватан бар мардумаш, Мулло Хишол,***
***Чоҳу зиндон шуд, туро номус ку?***

“Шеър комил шуд, вале аз он чӣ суд? – андешид шоир. Он ба гӯши кӣ мерасад? Он як нолаи заифонааст, ки ба сони доду фарёди асирони ин корвон на ба шоҳ асаре дораду на ба каллабурони ӯ”.

Шоир муддате дар ҳамон вазъ нишасту сипас бархост ва ба шоҳроҳ назар афканд. Корвон нопадид, рӯз равшан мешуд.

Боз як рӯзи Шуғнон бо бадарғаи фарзандони он оғоз ёфт.

Мулло Хишол дар ҳавзаке, ки дар роҳи оби ҷӯйбор сохта буд, аввал сару тан шуст. Баъд таҳорат карда, хона даромад ва намози саҳар гузошт. Даст ба рубоб бурд, гӯшакҳояшро тоб дода, зилҳояшро[1] ҷӯр кард ва ин ғазали Ҳофизро суруд:

***Сина моломоли дард аст, эй дареғо, марҳаме,***
***Дил зи танҳоӣ ба ҷон омад, Худоё, ҳамдаме...***

Мулло Хишол ҳар байтро дар хуни дили худ тар ва дар синаи сӯзони худ гарм карда, аз ҳанҷара сар медод. Ба назараш чунин менамуд, ки ҳар байти сурудааш чархи фалакро як бор давр зада, бо маънии тоза ва фавқулодаи дигаре ба дили ӯ фуруд меояд.

Шоир ғазали Ҳофизи муъҷизасуханро ба мақтаъ расонду ашкҳояшро пок кард. Килкашро аз давот берун оварду мақтаи ғазалро навишт. Сипас дегчаи сафолинро бо атолаи шабмонда бардошту берун баромад. Дар полчакӣ алов даргиронда, онро рӯйи сангҳо гузошт. То гарм шудани атола ба худ андешид, ки оё писари Занҷири демурғонӣ дар бораи шеъри дар мазаммати шоҳ гуфтааш хабар расонда бошад ё не?

“Гуфта бошад ҳам, сари тарс надорам, – гуфт шоир, – боз беҳтар. Бигзор донад, ки хизматгори чи махлуқест!”. Ӯ атолаи гармшударо дар сари полчакӣ рост аз даруни дег ошомиду

1. Зил – тор барои рубоб, ки аз рӯдаи борики буз ё гӯсфанд омода мекарданд.

онро шуст ва ба хона бозгашт. Акнун бояд то омадани шогирдон сабақҳои навбатиро омода намояд.

Соате пас шогирдон ҷамъ омаданд. Синнан гуногун буданд, вале муаллим онҳоро мувофиқи соли дохилшавиашон ба гурӯҳҳо ҷудо карда, дарс медод. Чун фарзандони одамони доро буданд, ҳама қаламу коғаз, чанд нафар китоб ҳам доштанд. Мулло Хишол мавзӯи дарсро барои ҳар гурӯҳ худ муайян мекард. Дар муддати як сол ба онҳо хондану навиштани ҳуруфро ёд медод. Соли дуюм кӯшиш мекард, ки онҳо навиштану хондани ҳар гуна матнҳои осонфаҳмро, ки худ аз осори Саъдӣ, Фирдавсӣ, Аттор, Румӣ, Ҳофиз, Саноӣ ва Носири Хусрав интихоб мекард, омӯзанд. Дар соли савум ба "Ҳафтяк" мегузашт ва ду соли дигар шогирдон сураҳои Қуръонро аз бар мекарданд. Дарси ҳисоб ҳам дошт. Он бо омӯзондани чор амал ба охир мерасид. Дар чор сол мактаб хатм мешуд. Мулло Хишол ҳис мекард, ки мактабаш нокомил аст, вале намедонист онро чи гуна такмил диҳад. Дар тамоми Шуғнон ягон мактаби ҳирфаӣ вуҷуд надошт. Дар баъзе деҳаҳо ба монанди ӯ охонҳое дар хонаҳои худ мактаб ташкил карда буданд. Шеваи таълим дар ҳама ҷо қариб як хел буд.

Ҳангоми хатми мактаб Мулло Хишол ба шогирдонаш тавсия медод, ки агар дониши худро  такмил карданӣ бошанд, ба шаҳрҳои калон – Кобул, Исфаҳон, Бухоро, Хуқанд рафта, дар мадрасаҳо таҳсил кунанд. Вале чунин бахт ба камтарин касон даст медод. Аксари кул пас аз хатми чунин мактаб имкон пайдо менамуданд, ки китобҳои диниву мазҳабӣ ва девони шоирони бузургро бихонанд. Ба ғайр аз китобҳои диниву адабӣ адабиёти дигаре вуҷуд надошт. Вуҷуд дошта бошад ҳам, касе дар фикри ба Шуғнон овардани онҳо набуд. Маърифати мазҳабӣ дигар намуди маърифатҳоро ҳам дар мағз ва ҳам дар маҳалли сукунати мардум танг карда буд.

Мулло Хишол чи қадар донишманд мешуд, ҳамон қадар

ҷаҳолату ақибмондагии муҳиташро амиқтар мефаҳмид. Ҳис мекард, ки дунё бамаротиб рангинтар, равшантар ва фарохтар аст аз мулкаке, ки ӯ ва мардумаш дар он чун кирмакони зери таппак зиндагӣ мекунанд. Бинобар ин, мехост ба ҷониби Ҳиндустон ё Эрон сафар кунаду он мамлакатҳои мутамаддинро бинад ва агар толеъ даст диҳад, дар мадрасае таҳсил намояд.

Охон талича[1] ва килку давоташро бардошта, ба мактаб даромад ва дар пешгоҳ чорзону зад. Чун ҳамеша аввалин шогирде, ки ба синфхона даромад, Мирзоазиз буд. Ӯ салом доду дар ҷойи ҳамешагии худ нишаст.

– Дар хона тинҷист? –пурсид охон.

– Тинҷист, бобом қариби саҳар аз ғамхона омад. Ҳоло хоб аст.

– Ту чӣ хондӣ?

– Достони “Комуси Кушонӣ”-ро то нимаш хондам.

– Азбар кардӣ?

– Даҳ байти аввалашро.

– Чи қадар тавонӣ, азбар кун. Маънояшро фикр куну дон. Ту ки паҳлавон ҳастӣ, корномаи паҳлавонони “Шоҳнома”-ро омӯзу ба онҳо пайравӣ кун.

– Охон, вақте ин достонро мехонам, рӯҳбаланд мешавам, мехоҳам ба мисли Ҳушангу Сому Рустам диловару забардаст бошам, гурзи гарон дошта бошаму сари навкарони хунхори шоҳро парчини замин кунам.

Мулло Хишол аз ҳушмандиву шердилии шогирдаш ба ваҷд омад. Беихтиёр даст ба таличааш бурд ва шеъри шаб навиштаашро бароварду гуфт:

– Мирзоазиз, гӯш кун, то омадани бачаҳо шеъри навамро ба ту мехонам.

Мирзоазиз сар ҷунбонд ва саропо гӯшу ҳуш шуд. Вақте ки Мулло Хишол байти охиринро хонд, Мирзоазиз аз ҷо бархост ва дасти охонашро бӯсиду гуфт:

1. Талича – китобдони латтаӣ

– Охон, ин бузургтарин шеър аст. Онро ба ман деҳ, рӯнавис карда, ба бобоям мебарам.

Мулло Хишол бо хушҳолӣ коғазро ба Мирзоазиз дод. Ӯ нишаст ва ба рӯбардори шеър машғул шуд. Шогирдони дигар ҳам омаданд, вале писари Занҷири ҷаллод бедарак буд. “Яқин падараш имрӯз никоҳ дорад, – аз дил гузаронд охон, – барои ҳамин наомад”.

Офтоб ба қиём наздик шуда, дарс ба поён мерасид, ки баногоҳ Занҷири демурғонӣ бошаст ба синф даромад. Вай бе саломи калом рост бо назди Мулло Хишол рафту аз гиребонаш гирифта, якдаста ба ҳаво хезонд. Шогирдон ҳаёҳӯй бардоштанд. Занҷир Мулло Хишолро чарх занонда, фарёд кашид:

– Ту, падарсаг, чӣ ҳад дорӣ, ки даъвати маро рад кунӣ?! Ҳоло то устухонҳоятро реза-реза накунам, аз чанги ман халос намешавӣ.

Мирзоазиз дид, ки агар лаҳзае дер монад, охонаш маъюб мегардад, давдавон парида, бо ҳар ду пояш ба миёни Занҷир зарбае заду худ ба тахтапушт афтод. Ин зарба чунон сахт буд, ки Занҷир мувозинаташро гум кард ва пешониаш ба девор заду Мулло Хишол аз дасташ раҳо шуда, болои кӯрпачаи нишастгоҳаш парӯ ғалтид. Сари Занҷир гаранг шуд, чашмонаш лаҳзае сиёҳӣ заданд. Мирзоазиз зуд бархост ва охонро аз рӯи кӯрпача бардошта, ба по гузошт. Бачаҳо додувойкунон ба рӯйи ҳавлӣ шитофтанд. Пас аз дақиқае ҳуши Занҷир ба сараш омад. Ӯ қафо баргашту наъра кашид:

– Маро кӣ зад?

– Ман, – ором посух дод Мирзоазиз.

– Ту? – пешонии сурхшудаашро дошта, нобоварона суол кард ҷаллод. – Ту, фисинак, маро задӣ?

– Ман барои охонам туро медарронам, – гуфт Мирзоазиз.

Занҷир аз ҳанҷарааш ғуррише сар доду ба Мирзоазиз дарафтод. Мирзоазиз ҳам ба ӯ часпид. Дақиқае ҳар ду зӯр заданд. Мирзоазиз дар назди ҳайкали бузурги Занҷир хурду заиф ба

назар мерасид. Мулло Хишол гумон кард, ки Занҷир шогирдашро бо як зӯр ба рӯйи фарш ғелонда, устухонҳояшро мешиканад. Берун давид ва калтаке бардошта, ба ёриаш шитофт. Ба синфхона даромаду аз ҳайрат дар ҷояш шах шуд: Занҷир ба тахтапушт афтода буду Мирзоазиз ба синааш савор шуда, гулуяшро мефушурд. Қафтинги[1] панҷаҳои ӯ чунон маҳкам буд, ки Занҷири гаронҷусса чун барзагови мазбуҳ дасту почак мезаду худро раҳо карда наметавонист.

Мулло Хишол чун дид, ки лаҳзаи дигар ҷони Занҷир мебарояд, дод зад:

– Мирзоазиз, сараш деҳ, ки мемурад.

– Мееекушаам, – нафасзанон овоз баровард ҷавонписар ва фишорро бештар кард.

Мулло Хишол аз китфони шогирдаш дошт ва кашид. Мирзоазиз панҷа аз гулуи ҷаллод барканд ва аз сари синааш бархост. Ҳайкали азими Занҷир даме ноҷунбон монд ва ҳангоме Мирзоазиз ба паҳлуи ӯ шаллоқе зад, ба ҷунбиш даромад. Ин асно шогирдон ҳам чун диданд, ки ғалоғула басанда шуд, ба синфхона даромаданд. Онҳо Занҷири ба пушт афтодаро диданду аз ғояти ҳайрат шах шуданд. Занҷир, ки умедашро аз зинда раҳо шудан аз чанги Мирзоазиз канда буд, бемадорона дар ҷояш нишаст. Баъд мисли кӯрон чанд бор бо панҷаҳояш фаршро палмосида, гулу афшонд ва ба по хест.

Мирзоазиз гуфт:

– Аз охон миннатдор бош, ки ҷонатро харид. Бори дигар ба мактаб қадам гузорӣ, мурдаатро мебароранд.

Занҷир дар рӯ ба рӯи Мирзоазиз дақиқае истод, қаду қомати ӯро лоқайд аз назар гузаронд ва ҳарфе назада, берун рафт. Хомӯш аз ҳавлии мактаб баромада, ба аспаш савор шуду маҳмез зад. Охону шогирдон аз чунин ранг гирифтан ҳодиса лолу мабҳут монданд.

1. Қафтинг - исканҷа

## ГАРДАНШАХИИ ЗАНҶИР

Қалъаи Баҳрпанҷа аз ҳаррӯза серодамтар буд. Меҳмононе, ки шаб дар сури Муҳаббатхон иштирок доштанд, бо корҳои худ ба назди девонбегӣ ва дигар мансабдорон равуо мекарданд. Дар Саройи санг, баракс, оромии сартосарӣ ҳукм меронд. Дар ин ҷо шоҳ дар шабистони хосаи худ оламро аз ёд бурда, сар дар канори зани дӯстдоштааш ниҳода буд. Аз нолаҳои ҳазини асирон, ғавғои хуррамонаи меҳмонон ва гулударронии овозхонон, ки рӯзи гузашта беруну даруни кӯшкро пур мекарданд, осоре намонда буд. Саройи санг чандин сол боз чунин оромиро надидааст. Чунон сукути бекарон, ки ба қавле парзании Ҷабраил ҳам шунида мешуд. Ҳатто Бонаки дарбон бовар намекард, ки офтоб ба қиём расида бошад ҳам, Муҳаббатхон ғунудаву дунё осудааст.

Девонбегӣ Қозӣ чанд нафар оқсақолро гусел карда, ба саҳни қалъа ворид шуд. Банохост аз қафояш садои суми асп баланд гашту тавсани Занҷири демурғонӣ ба дарвоза даромад. Занҷир аз болои рикоб ба замин париду бошитоб ҷониби девонбегӣ омад. Қозӣ ғуррии сабзранги пешонии Занҷирро дида, дар ҷояш истод ва пеш аз он ки ӯ чизе бигӯяд, бо ханда гуфт:

– А Занҷирбек, зани нав саратро ба девор зад, чӣ?

Занҷир ғазаболуд заҳрханде карду гуфт:

– Қозӣ, ба ман навкарон лозиманд.

– Чӣ гап шуд?

– Баъд мегӯям, – нӯгизабонӣ овоз баровард Занҷир ва ба сӯйи сарбозхона давид.

Қозӣ китф дарҳам кашид ва ба ҳуҷраи худ даромад. “Боз ягон баҳшорӣ исён кардагист”, – аз дил гузаронд девонбегӣ ва ба ҳисоби даромади хазина аз сури шоҳ машғул шуд. Соате пас шӯру мағале ӯро маҷбур кард, ки ба саҳни ҳавлӣ барояд. Рост дар рӯбарӯи дари ҳуҷрааш Занҷири демурғонӣ ду одами

дастбастаи хунолудро бо қамчин зада, ба ҷониби зиндон ҳай мекард. Се навкар, ки яке мелангиду дигаре гӯшашро дошта, ба туркӣ бо ҳарорат чизе мегуфт ва савумӣ каттакамони шикастае дар даст дошт, аз паси Занҷир мерафтанд.

Давонбегӣ бандиёнро аз назар гузаронд: якумаш марди қоқинаи хубсурате буд бо рағзаи сафеди хоколуд ва дигаре ҷавонбачаи пуррапайкари аз сар то пояш ба хоку хун оғушта.

– Кистанд инҳо? – пурсид Қозӣ.

Навкари камоншикаста истод ва посух дод:

– Як охони кофармоҷаро бо шогирди каллахараш, сойиб.

Бо ишораи девонбегӣ ӯ пеши Қозӣ омад.

– Ку, батафсил қисса кун, – хоҳиш кард Қозӣ, – ин қадар кӯфтаву бадҳол метобед.

Навкар пораҳои камонро дар ду панҷааш фишурда, ҳаяҷономез гуфт:

– Сойиб, Занҷир моро ба мактаби Баҳшор бурд. Гуфт, ки бояд ду хиёнаткорро бигирем. Ба ҳавлӣ даромадем, ки ҳамин писарак банохост аз куҷое ба ман ҳуҷум кард ва камонро аз дастам рабуда, бо он моро задан гирифт. Баъд охонаш ба ӯ ҳамроҳ шуд. Ҳар чори моро чунон кӯфт, ки агар Занҷир бо санг ба сараш намезад, Худо медонад ҷон ба саломат мебурдем ё на. Камонамро шикаст.

– Ҳамин ҷавон? – пурсид девонбегӣ. Чашмонаш аз ғояти ҳайрат аз мижа задан бозмонданд.

– Оре, сойиб, ин хел бачамардро бори аввал мебинам.

Қозӣ бо тааҷҷуб сар ҷунбонда, ба ҳуҷрааш баргашт. “Яқинан набераи Ҷаҳонгир аст, – аз дил гузаронд ӯ, – фақат шер шер мезояд. Ин Занҷири каллабур коре кард, ки дигар оромӣ намонд”.

Девонбегӣ медонист, ки шоҳ исёни мардуми Сарчашма ва Баҳшорро намебахшад. Оромии имрӯзаи ӯ ҳам фақат ба хотири оромиш дар бағали зани наваш нест. Вай дар ин хилват

ҳатман нақшаи ҷазо додани ёғиёнро ҳам мекашад.

“Ҳоло бояд ба пешвози Ҷаҳонгир омода шавем. Вай набераашро дар зиндон намемонад”, – бо хавотир андешид Қозӣ ва ба ҳуҷраи Отизул рафт. Отизул таҳи як лунгӣ дар болои намади пурнақши қирғизӣ худро ба тахтапушт партофта, ёзида буд. Вай чун ҳар қирғизи ба сардии чӯлҳои Помир одаткарда аз гармии тобистони Шуғнон азоб мекашид. Ягона гурезгоҳаш аз гармо ҳамин ҳуҷраи салқини қалъа буд, ки ҳам ҷойи кор ва ҳам макони зисташ ба шумор мерафт. Барои зану бачаҳояш дар Саройи санг дар қафои ҳарами шоҳ ҳуҷраи алоҳида дошт.

Отизул аз ташрифи ногаҳони девонбегӣ хавотир шуда, чобук аз ҷо хесту яктаки хокистарранги дарозашро ба тан кард.

– Ассалом, сойиб, мебинам, ки ҳодисае рух додааст.

– Бале, андувол, Занҷири каллабур корро безеб кард.

– Чӣ кардааст?

– Намедонам, кадом ҷонвар газида бошадаш, ба мактаби Баҳшор рафта, набераи Ҷаҳонгирро оварда, ба зиндон андохт.

Отизул аз ин хабар карахт шуд.

– Мефаҳмӣ, ки чӣ балое ба сарамон овард ӯ? – суханашро давом дод девонбегӣ.

– Ҳа, – гуфт Отизул, – девона шудааст магар?

– Ҳоло сабабашро напурсидаам, шояд ту донӣ. Барои ҳамин омадам.

Отизул либосашро пӯшидан гирифт.

– Не, ман дарак надорам, сойиб. Мегӯянд, ки шағолро вақташ сар карда бошад, ҷониби остонаш меҷағад. Тфу!

– Ягона тадбири дуруст ин аст, ки амр деҳ, набераи Ҷаҳонгиру охонашро озод кунанд.

– Охир, Занҷир дар итоати ман нест. Ғайр аз ин, шояд худи шоҳ фармуда бошад.

Девонбегӣ пешониашро молида, лаҳзае андеша кард ва гуфт:

– Биравем пеши Занҷир, ки дер нашавад.

Онҳо ба ҳуҷраи Занҷири демурғонӣ рафтанд. Занҷир бо пешонии вараму панҷаи баста ва чашмони ғазаболуди хаста нав ба ҳуҷрааш даромада буду кӯзаеро бардошта, об менӯшид. Пас аз нӯшидани об кӯзаро дар тоқ гузошт, ба меҳмонони нохонда аз зери пешонӣ нигоҳҳои хашмолуд карду гуфт:

– Фақат нагӯед, ки ин каждумбачаи фисини ҷангарaро озод кунам.

– Мо барои ҳамин омадаем, – гуфт Отизул.

– Не! – дод зад Занҷир, – равед, халал нарасонед.

Варами сиёҳшудаи пешонӣ ва ваҷоҳати хашмолуди Занҷир ӯро ба масхарабозон монанд карда буд. Қозӣ хандаашро нигоҳ дошта натавонист. Дандонҳояшро фишурду дарунакӣ хандид. Отизул ҳам бо истеҳзо заҳрханде зад.

– Ин ғурриро ба пешониат кӣ шинонд? – пурсид девонбегӣ ва қиёфаашро ҷиддӣ кард. Занҷир нохудогоҳ даст ба пешонӣ бурд, вале дарзамон поён оварду ғурунгид:

– Ба девор бархӯрам, – ва фишшос зад, – ман медонам бо инҳо чи кунам!

– Чӣ мекунӣ? – пурсид Қозӣ.

– Ҳар дуро сина ба сина баста, бо ҳамин дастони худам бӯғӣ мекунам!

– Занҷир, ту шотарра хӯрдаӣ чӣ? – овоз баланд кард девонбегӣ, –Ҷаҳонгир барои наберааш оташи осмонро ба сарамон мерезад.

– Шумо танбонҳоятонро аз бими як гурги пир пур карда бошед, ман накардаам. Сари ин морро мекӯбам!

Давонбегӣ чун дид, ки ғазаб ақли ҷаллодро тира кардааст, кӯзаи обро бардошта, ба сараш рехт. Занҷир сарашро таконда, аз ғояти ғазаб суп-сурх шуд.

– Ақлат равшан шуда бошад, гапи маро гӯш кун. Агар амри

махсуси шоҳро надошта бошӣ, гапи ману девонбегиро бигиру онҳоро озод кун. Фаҳмидӣ? – бонг зад Отизул.

Занҷир ғуррид:

– Амри шоҳ надорам, лекин коре мекунам, ки шоҳ ҳам ба қатли ин морбачаву охони ӯ фармон диҳад.

– Чӣ хел? – хавотиромез пурсид девонбегӣ.

– Ин кори ман, – посух дод Занҷир. – Бираведу парсими коратон шавед.

– Занҷир, ҷавонакро озод накунем, бояд ба ҷанги Ҷаҳонгир омода шавем, – гуфт девонбегӣ. – Агар шоҳ донад, ки ту беҳуда чунин кор кардаӣ, каллаи худатро меканад.

Аммо Занҷир паст наомад:

– Беҳтараш ба ҷанги Ҷаҳонгир омода шавед. Вақти мурдани ин мурдори пир ҳам расид.

– Набераи нав аз тухм баромадааш шумо – чор паҳлавонро ин қадар хунину захмӣ карда бошад, ту медонӣ, Ҷаҳонгир чӣ хоҳад кард? Магар ҷанги ӯро аз ёд бурдаӣ? Гӯё ҳамсоли наберааш бошиву надонӣ, ки ба як зарба даҳ мардро меафканад, – ситезид девонбегӣ.

– Шумо чӣ ин қадар метарсед? Ҷаҳонгир дигар он Ҷаҳонгир нест. Пири фартут шудааст. Пояшро базӯр мекашад. Кӯдаке ӯро ба муште кушта метавонад.

– Бошад, – ба гап ҳамроҳ шуд Отизул, – агар омад, туро ба ҷангаш мебарорем.

– Набаронед, – аз ғазаб хиррос зад Занҷир, – ман худам баромада, рӯдаҳояшро ба дастам мепечонам.

– Худо қувватат диҳад, Занҷир, – гуфт Қозӣ, – акнун бигӯ, ки агар мақсадат ҷанг бо Ҷаҳонгир буд, ба охони мактаб чӣ тохтӣ?

Занҷир ду мушташро гиреҳ карду посух дод:

– Ин муллои пилефтаро илтимос кардам, ки шаб хона омада, хутбаи никоҳамро хонад, наомад. Маро дар назди валъа-

мат ва аҳли хонаводаам шарманда кард.

– Оё ту, каллаварам, намедонӣ, ки ин вазифаи халифаи Демурғон аст, на охони Баҳшор?

– Шумо аз куҷо медонед, ки халифаи қишлоқ гапи маро намегирад, – овози Занҷир лаҳни шикваро гирифт, – магар саргузаштамро фаромӯш кардаед? Дар Демурғон мири мушон обрӯ дораду ман не. Барои ҳамин аламамро аз охони маҳмаддоно гирифтанӣ шудам, ки он писарак ба миён даромад.

– Касеро бахт баргардад, шикаст андар шикаст ояд, – мақоли халқро бо кашиши махсус ба забон овард Қозӣ. – Маро мегуфтӣ, мекардам, вассалом.

– Ту дар хизмати шоҳ будӣ. Нахостам ташвишат диҳам.

– Кӯтоҳи гап, корро расво кардӣ. Лекин ҳоло ки Ҷаҳонгир ҳуҷум накардааст, наберави охонашро сар деҳ.

– Сар медиҳам, лекин сар намедиҳам! – Оҳанги гапаш чунон қатъӣ буд, ки идомаи суҳбат дигар маъно надошт.

– Пас мард бошу ба муқобили Ҷаҳонгир баро! – гуфт Отизул.

Давонбегиву сипаҳсолор ҳуҷраи ҷаллодро тарк намуданд. Муддате дар рӯйи ҳавлӣ бо ҳам машварат карданд, сипас Қозӣ барои аз қазия огоҳ сохтани шоҳ ба Саройи санг рафт. Занҷирро ҳам бо худ бурд, то ки агар шоҳ пурсадаш, ҳозир бошад. Отизул дар қалъа монд.

## АЙШИ НОТАМОМИ ШОҲ

Субҳи тобистон барвақт дамида бошад ҳам, дар шабистони хос чароғҳои хушбӯй, ки мумашон омехтаи уду анбар буд, ҳанӯз месӯхтанду димоғи шоҳу арӯси ӯро муаттар менамуданд. Муҳаббатхон наздики субҳ ба хоби ширин рафт. Сарвиноз ҳам тамоми ғаму ғуссаи худро гӯё дар кӯзае ҷамъ оварда, дар гӯшае гӯр карда бошад, сар дар ҳалқаи бозувони тавонои шоҳи Шуғнон, ки акнун шавҳари қонунии ӯ буд, ниҳода, мам-

нуну бехавотир чурт мезад. Дар тӯли ҳаёташ танҳо ҳамин шаб хушбахтии занонаро бо тамоми ҷузъиёташ эҳсос намуд. Эҳсос кард, ки зан барои мард чи муъҷизаҳое дорад, ки ба хотири онҳо бояд танҳо як умр сазовори дӯст доштану меҳрубонӣ дидан бошад. Вале, афсӯс, Худованд мардонро чунон сохтааст, ки ба тамоми кори ҳудаву беҳудаи олам вақт меёбанду ба гӯш кардани дили зан фурсат надоранд. Дуруштиву душвориҳои зиндагӣ мардонро сангдилу тундхӯй мегардонанд. Ба онҳо имкон намедиҳанд, ки барои худ ва атрофиёни худ зиндагии осудаву ороме муҳайё созанд. Зан ҷанг намехоҳад. Мехоҳад, ки мард дӯсташ дораду навозишаш кунад. Мехоҳад барои марди дӯстдоштааш бача зояду ӯро ба меҳр калон кунад. Мехоҳад фарзанди парвардааш касеро наозорад. Шикор кунад, гову моли зиёд дошта бошад, хонаву дар созад, замин бишканад[1], кишт кунад, ғаллаи бисёр бардорад, падару модари пирашро темордор бошад. Лекин ин мардони пархошҷӯй кай ба дили зан гӯш медиҳанд? Одам ҳам ҳисобаш намекунанд. Меҳрубонтарини онҳо занро сояи мард мешумораду бас. Боқимонда махлуқи пасташ меҳисобанд. Онеро, ки инсон мезояд, ба ӯ шир медиҳад, то соҳиби ақлу тавон шудан ӯро дар домани худ мепарварад! Магар ин аз рӯйи адолат аст?

Ҳатто зани шоҳ хушбахт нест. Сарвиноз дар ҳарами шоҳ дар тӯли умраш ягон зани хушбахтро дучор наомадааст. Ҳамаи онҳо ба мисли ӯ ва модараш дар дил захми носур доранд. Аз валъаматҳои дарбориён дида занони фуқаро садҳо бор хушбахттаранд. Онҳо соҳиби хонаву дар, молу ҳоли хонаводаанд. Озоданд, ба хешу табор ва ҳамсояашон равуо мекунанд, аз ҳавои тозаи деҳу дара нафас мегиранд, ба суру тамошо мераванд, мерақсанду суруд мехонанд, момодояву ҳелчизан[2] мешаванд…

Сарвиноз оҳиста ба синаи шавҳараш даст гузошт. Ангор аз

1. Шикастани замин – замини нави кишт кушодан
2. Ҳелчизан ё элчизан – зани ҳелдор (айлоқдор)

синаи шоҳ мавҷи ноаёни гармӣ ба тани ӯ гузашт ва ба рагу пайаш пароканда шуд. Бадани Сарвиноз аз эҳсоси муҳаббату хушбахтӣ пур гашт. Дилаш ҷӯш зад, ширин-ширин тапид. Ду қатра ашки сӯзони хушбахтӣ аз чашмонаш ҷӯшида, ба рухсораҳояш таровид.

Шояд бо чунин ҳоли пурмасаррат шоҳ то охири ин рӯзи шаҳдбор аз канори зани маҳбубаш андешаи бархостан надошт. Вале овози кушода шудани дар ва сулфаҳои дурӯғи Бонак аз пушти парда аз он дарак доданд, ки ҳодисае иттифоқ афтодаву амри ӯро мунтазиранд.

Муҳаббатхон либосашро пӯшида, аз шабистон баромад. Бонак ва Беғамшо бо яктаҳу шалвори тоза ва дастори гармобаравӣ дар паси дар истода буданд.

– Чӣ хабар? – пурсид шоҳ.

– Қозӣ-девонбегӣ гапи ниҳоят муҳим доштааст, – хабар дод Бонак.

– Ту ҳамин ҷо бош, ман обтанӣ карда меоям, – фармуд шоҳ ба хоҷасарой, – яке валъаматро чизе лозим шавад.

Муҳаббатхон ва Бонак ба гармоба рафтанд.

– Канизакро никоҳ кардӣ?

– Не, шоҳам, – ҷавоб дод гунаҳкорона Бонак.

– Барои чӣ? – норозиёна пурсид шоҳ.

– Фурсат нашуд, шоҳам, дирӯз сур буд, дар хизмат будам.

– Бонак, ин баҳона намешавад, ту чӣ ҳад дорӣ, ки амри шоҳро иҷро накунӣ, аблаҳ?!

– Гунаҳкорам, шоҳам.

– Қозиро напурсидӣ, ки чӣ кор дорад?

– Не, шоҳам.

– Бираву занатро ба ҳуҷраат бурда никоҳ кун. То рӯзи дигар ба чашмам нанамо.

Бонак либосу дасторро ба тоқи гармоба гузошту бадар рафт.

Шоҳ пас аз обтании кӯтоҳ ба боргоҳ даромад. Девонбегӣ дар интизори ӯ рост истода буд.

– Ягон ҳавз даргирифт, ки роҳатамро ҳаром кардӣ? – ба саволи девонбегӣ «алайк» ҳам нагуфта, ба тундӣ пурсид шоҳ.

– Дар намегирифт, ташвиш намедодам, – узрхоҳона гуфт Қозӣ. – Гап сари он аст, ки Занҷири демурғонӣ сабоҳи имрӯз набераи паҳлавон Ҷаҳонгир ва охонашро дар мактаб гир оварда, ба зиндон андохт…

– Барои чӣ? – аз ин хабар авзои шоҳ беҷо шуд.

– Охонро хоҳиш кардааст, ки валъамат Сафарморо ба никоҳаш дарорад, охон рад кардааст. Занҷир сари ҷаҳл ба мактабаш рафта, ӯро дар банд гирифтааст.

– Ту ба ман гӯй, ки набераи Ҷаҳонгирро барои чӣ ҳабс кардааст? – тунд рафт шоҳ.

– Вай ба ҳимояи охонаш бархоста, Занҷирро задааст…

– Ҳамон кӯдак?

– Оре, шоҳам, кас бовар намекунад, лекин… На фақат Занҷирро, се навкари дигарро ҳам кӯфтаст.

Шоҳ беихтиёр гиребон гирифт ва ба нобоварӣ пурсид:

– Наход… Чӣ кӯдаке будааст, ки навкареро кушт, инҳоро кӯфт? Занҷир дар куҷост?

– Дар берун.

– Даъваташ кун.

Қозӣ бадар рафт. Шоҳ беқарор қадам зада, нимшунаво ба таҳлили ҳодиса пардохт.

– Хеле хуб… Ин саги пирро нобуд кардан лозим. Муносибтарин пайт. Модари зоратро нишон медиҳам. Морбачаатро ҳам, туро ҳам ба молики дӯзах месупорам.

Шоҳ аз шиддати ғазаб даст ба шамшер бурд, аммо азбаски

дар тан либоси хонагӣ дошт, ҷойи онро дар паҳлуяш холӣ ёфт.

Девонбегӣ Занҷири ҷаллодро ба ҳузури шоҳ даровард. Шоҳ низ пешонии варами ӯро, ки аз зери саллаи то ба болои абрӯ бастааш ҳам метофт, дида, савол кард:

– Каллаатро ба санг задаӣ, чӣ?

– Ба девор ... – посух дод бо камоли бедимоғӣ Занҷир.

– Бигзарем, – шоҳ Занҷирро аз ҳоли нобоб баровардан хост, – кори хубе кардӣ, Занҷирбек. Ҳатто кадом як охонак ҳам ин осиёнро пушту паноҳи худ дида, гапи дарбориёнро намегирад. Вақти Ҷаҳонгир кайҳо гузаштааст, лекин вай фаҳмидан намехоҳад.

– Шоҳам, – ба гап ҳамроҳ шуд девонбегӣ, – албатта, гапатон дуруст аст, вале душманӣ бо Ҷаҳонгир ҳам кори андак нест.

– Ту чиҳо мегӯӣ, Қозӣ? – оташи ғазаби шоҳ якбора аланга зад. – Шарм намедорӣ? Наход девонбегии ман дар ҳалқаи ин қадар навкару акобир аз як моҳии сари сангов ва як кафлесак тарсад?

– Шоҳам, ман ҳақиқатро мегӯям, – эътироз кард Қозӣ. – Гап дар тарси ман нест... Бимам аз он аст, ки дар муқобили Ҷаҳонгир ҳеҷ кас истода наметавонад.

– Бас кун! – шоҳ наъраи баланде зад, ки ангор садопардааш ҳам харош ёфт. – Бас! Ту маро таъна мекунӣ, тарсуи нобакор?! Ту ҳам чунин фикр мекунӣ, Занҷир?

Занҷир ду даст ба камар зад ва гуфт:

– Шоҳам, афсӯс мехӯрам, ки Қозӣ чунин буздилӣ дорад. Ман бо ҳамин дастонам каллаи Ҷаҳонгирро канда, ба дарвозаи қалъа меовезам.

– Шунидӣ? Дидӣ? – хитоб кард Муҳаббатхон ба девонбегӣ. – Ана, инро дилу гурда мегӯянд.

– Агар ту каллаи Ҷаҳонгирро канда тавонӣ, ман номамро дигар мекунам, – гуфт бо зарда Қозӣ.

– Номатро дигар намекунӣ, Қозӣ, – гуфт шоҳ, – ман донам, ки бо ту чи кунам!

– Ихтиёр турост,шоҳам. Худат аз ман беҳтар медонӣ, ки Ҷаҳонгир дар майдондорӣ ҳамто надорад. Ман чун наздиктарин дӯст вазифаи худ медонам, ки туро ба коми хатар тела надиҳам. Боқӣ ту донӣ.

– Ҳайронам, ки барои чӣ девонбегӣ тарафи ин шӯрапуштонро мегирад? – аз бими он ки мабодо бо ин суханон Қозӣ шоҳро аз раъйаш нагардонад, Занҷир лаҷоми гапро ба дасти худ гирифт. – Ҳоло ки сари вақт аст, инҳоро маҳв кардан лозим, шоҳам. Метарсам, ки Мулло Хишол барин муллоҳои бадтинатро ба тарафи худ кашида, шоҳро байни мардум бадном кунанд.

– Мулло Хишол? Инаш боз кист ва чӣ кор кардааст? – гӯшбақимор шуд Муҳаббатхон.

Занҷир аз хами саллааш коғазе баровардa, ба дасти шоҳ дод.

– Шоҳам, худат бихону қазоват кун. Ман чизе намегӯям.

Шоҳ коғазро боз карда, чашм давонд. Бо хондани ҳар хат рӯяш туруштар мешуд ва рангаш аз хашм сурхтар.

– Инро аз куҷо ёфтӣ? – ғазаболуд савол кард шоҳ пас аз мутолиаи коғаз.

– Аз мактаб, шоҳам.

– Нависандааш кист?

–Ҳамон охон, номаш Хишол. Вай шеър ҳам менависад.

– Ту ин коғазро хондаӣ? – шоҳ ҳарчи оромтар ба Қозӣ рӯй овард.

– Не, шоҳам.

– Бихон, – шоҳ коғазро ба девонбегӣ дароз кард. – Лекин дар дилат, ки нашунавам.

Қозӣ ба хати резаи зебои рӯйи коғаз дида дӯхт.

***Мулк вайрон шуд, туро номус ку?***
***Халқ ҳайрон шуд, туро номус ку?***

Бо қироати ҳамин ду мисраи аввал дили девонбегӣ ларзид. То мисраи охирро хонд, ки пушташро арақи сард зер кард.

– Акнун фаҳмат расид, ки охону шогирдаш дар мактаб чӣ кор мекардаанд, девонбегӣ?! – бонг зад шоҳ

Қозӣ сар ҷунбонд ва ҳарфе назад.

Шоҳ суханашро давом дод:

– Барои ҳамин ба Отизул расон, ки агар Ҷаҳонгир ба дарбор ояд, ба гарданаш занҷир зада, ба зиндон афканад. Қозӣ, худи ҳозир навкар бигиру ба ватанат ҳуҷум кун ва исёнгаронро шикаст бидеҳ. Дар акси ҳол ман ба ҷойи онҳо туро ба дор меовезам.

Девонбегӣ чизе гуфтанӣ шуд, вале шоҳ даст бардошта, изн надод.

– Гап якто, Худо якто. Дигар ба ман халал нарасонед, ки ба ҷойи охон ҳар дуятонро сари тир накунам!

Занҷиру Қозӣ боргоҳро холӣ карданд.

## ДАР ЗИНДОН

Мирзоазиз чашм боз карду нигоҳаш ба сақфе бархӯрд, ки вассаҳои қиргунаш дар пушти тори захими анкабут арангге сиёҳ метофтанд. Тӯрҳои ғуборолуди тортанак кӯтоҳу дароз қад-қади тиру вассаҳо шилшила баста, осмони абролуди зимистонро ба ёд меоварданд. Сараш сахт дард мекард. Ангуштони пойи росташ месӯхтанд. Ӯ ба дастонаш такя зада, аз ҷо бархостанӣ шуд, вале сараш чарх заду сари по нишаст.

– Худоро шукр, ба худ омадӣ, – гуфт Мулло Хишол, ки дар паҳлуяш нишаста буд. – Агар дар ин ҷо монем, ҳолат бад мешавад.

– Мебароем, ҳатман мебароем, охон, – дардолуд овоз баровард Мирзоазиз, – ҳоло камтари дигар қувват гирам, дарро мешиканам.

– Не, бачам, хомхаёлӣ накун. Каме сабр, бобоят, албатта, ба

талаби мо меояд, – аз нийяти Мирзоазиз тарсида, гуфт Мулло Хишол.

– То бобоям меояд, ки аз ин бӯйи бад дамамон мегирад.

– Тоқат кун, Мирзо, Худо бо собирон аст.

Мирзоазиз сарашро дошту сукут кард.

– Саллаи худатро ба сарам бастӣ, охон, – Мирзоазиз дасторро даст-даст карда нимовоз хандид.

– Захматро бастан лозим буд, дастори сарам кор дод.

– Агар бо санг ба сарам намезад, мурдаҳошонро рост мекардам, охон. Лекин ин ҷаллод маро номардона зад.

– Қуввататро биафзояд, бачам, ман медонистам, ки диловар ҳастӣ, вале ба ин дараҷа ҷанговар буданатро тасаввур намекардам.

– Илме, ки ин ҳама сол бобоям ба ман омӯхт, кор дод. Чи марди оқилест бобом! Ман хеле беҳуш хоб кардам?

– Ду ош пухтан[1] гузашт. Вақте моро оварданд, чошт буд, ҳоло офтоб сари сангҳост[2].

– Агар бобоям огаҳӣ ёфта бошад, ҳамин замон бояд расад. Худо кунад, ки ин гапро ба модарам набаранд.

– Ин ҳангома ҳоло ба тамоми Шуғнон паҳн шудагист. Даҳони мардумро баста намешавад.

Охону шогирд сукут карданд. Мирзоазиз ҳоли модарашро тасаввур карда, ғам мехӯрду Мулло Хишол аз фарҷоми ҳодиса дар ташвиш буд.

Сукутро Мирзоазиз шикаст.

– Охон, ба як саволам ҷавоб деҳ. Борҳо аз бобоям пурсидан хостам, ҳама вақт чизе халал мерасонд.

– Бипурс.

– Сайид Фаррухшо кист?

1. Як ё ду ош пухтан – ченаки вақт (яъне коре, ки дар муддати пухтани як ё ду оши боқилоӣ анҷом дода шудааст).

2. Офтоби сари санг – киноя аз ғуруб

Мулло Хишол аз ин пурсиш тааҷҷуб кард ва пурсид:

– Ин савол аз куҷо дар дилат пайдо шуд?

– Бобоям дар суҳбат номи ин мардро бисёр ба забон мегирад. Дар назари ман одами афсонавӣ метобад.

– Афсонавӣ нест, вале одами одӣ ҳам нест. Сайид Фаррухшо пири муътабари мост.

– Яъне дар мӯяш ягон тори сиёҳ нест? – бо содалавҳии бачагона пурсид Мирзоазиз, ки «пир»-ро ба маънои аслияш фаҳмида буд.

Аз ин гапи Мирзоазиз баҳри дили Мулло Хишол кушод. Вай аввал самимона хандид, пасон даҳонашро бо остинаш дошта, чанд бор атса заду гуфт:

– Тори анкабут рост ба гулуям даромад. Тфу, тфу! – Ва гапашро давом дод: – Пир пешвои дин аст, бачам. Мардум ба ӯ эътиқод доранд.

– Чӣ коре мекунад вай барои мардум?

– Ба роҳи дин даъват мекунад, рост зистан, некӣ кардан, шинохтани Худоро меомӯзад.

Мирзоазиз гапи охонашро хеле мулоҳиза карду гуфт:

– Одами аҷиб будааст. Вай зӯр ё Муҳаббатхон?

Мулло Хишол чунин саволро интизор набуд. Даме фикр карду бо қатъият гуфт:

– Албатта, Сайид Фаррухшо зӯртар аст. Ӯ ба дин такя мекунад, Муҳаббатхон ба гумроҳӣ.

– Вай зӯр бошад, барои чӣ шоҳро насиҳат намекунад, охон?

Охон ба ин савол ҳам ҷавоби омода надошт. Боз андеша карду чунин посух дод:

– Бачам, шоҳ ҷоҳил аст, одами ҷоҳил насиҳатро намегирад.

– Охон, оё Сайид Фаррухшо наметавонад ба шоҳ китоби зӯре диҳад, ки вай хонаду бадкориашро бас кунад.

Мулло Хишол аз саволҳои содалавҳонаи шогирдаш лаззат бурда, хандид, вале ҳамоно даҳонашро дошт: ҷоғи зарбхӯрдааш дард кард.

– Албатта, Сайид Фаррухшо ин хел китоб дорад, лекин гап дар он ки Муҳаббатхон китоб намехонад, – посух дод охон.

– Аҷаб ноодаме будааст ин шоҳ. Наход одам шоҳи мамлакат бошаду китоб нахонад?

– Дунё ҳамин хел аст, бачам, – гуфт охон ва мавзӯъро дигар кард: – Боз ягон ҷоят дард мекунад?

– Поям месӯзад, охон.

Мулло Хишол пойи дардёфтаи Мирзоазизро ба даст гирифт.

– Ангуштонат варам кардаанд, намакоб бастан даркор.

– Санг теппаи сарамро харошида, болои поям афтид, – шарҳ дод Мирзоазиз. – Ҳеҷ гап не, мегузарад. Туро куҷоят дард мекунад, охон?

– Ба ман он қадар мушту шаллоқ нарасид. Ҷоғам каме дард ёфт, тамом. Ба ту хеле ҷабр шуд.

– Бобом мегӯяд, ки ҷанг бе захм ҷанг нест. Одам чи қадар зарба хӯрад, ҳамон қадар тавоно мешавад.

– Рост мегӯяд. Худи ӯ чи ҷароҳатҳое бардоштааст! Лекин ягон бор тан надодааст.

– Мегӯяд сахттарин ҷароҳатро вақте бардоштааст, ки амакамро куштанд. Як соли тамом мадор аз дасту пояш рафтааст.

– Рост мегӯяд бобот. Амакат чи шахси нозанину паҳлавоне буд. Ман вайро равшан дар ёд дорам.

– Охон, кушандааш Манзаршо ном мардаки рӯшонӣ будааст. Ман ӯро, албатта, ёфта мекушам.

Ин сухани шогирд дили охонро такон дод. «Чи бачаи ҷасурест. Аз бобову падараш камӣ надорад».

– Мирзо, дар ин бора аз бобоят маслиҳат пурс. Кори дунё мураккабиҳои зиёд дорад. Чизе ки мегӯяд, ҳамон тавр кун.

– Чанд бор пурсидам, посухи дурусте надод.

– Боз як бори дигар бипурс. Ҳатман ҷавоб медиҳад.

Ҳуҷраи бадбӯй соат ба соат ториктар мешуд. Офтоб бо сайёраи пурҳаводиси Замин падруд мегуфт. Аз Ҷаҳонгир дараке набуд.

## ШУҒНИЗАРБА

Ба ҷуз киломуни[1] куҳансол дарахтони дигари боғ бо шохаҳои пурмеваи сабз, нилӣ, арғавонӣ, хокистарӣ, бунафш – ба як сухан, ҳазорранги худ ҷилванамоӣ доштанд. Дар ин боғ тамоми анвои дарахтони мевадору бемеваи иқлими Шуғнон мавҷуд буданд. Ба ғайр аз чанд намуд себу зардолу, олуву гелос, ноку чилғӣ, чормағзу тут Ҷаҳонгир якбеҳӣ вину қарақот ва ду бех ток ҳам шинонда буд. Ҳамаи онҳо ҳар сол ҳосил медоданд. Киломун солбаҳра буд. Ин дарахт ҳамсоли ӯст. Онро падараш як ҳафта пас аз таваллуди Ҷаҳонгир чун ҳадя барои ӯ мешинонад. Соле, ки киломун нахустин бор мева баст, падар хатнасури Ҷаҳонгирро барпо карда, бо себи аввалини он коми писарашро ширин намуд.

Синҳораш хӯроки дӯстдоштаи ӯ – арзанатолаи ғафс пухта бошад ҳам, дили Ҷаҳонгир фақат мева мехост. Барои ҳамин, табақи калони чормағзиро бардошту ба боғ омад. Дақиқан ҳар сол дар ҳамин шабу рӯз шавқи хӯрдани мева вуҷудашро фаро мегирад. Баъзан се рӯз, гоҳе панҷ рӯз ин эҳсос давом мекунад. Паҳлавон дар ин муддат ба ғайр аз мева дигар чизе хӯрда наметавонад.

Ӯ як табақ мева чида, дар ҷараёни об шуст ва дар лаби ҷӯй нишаста, ҳарисона хӯрдан гирифт. Мехӯрду ҳис мекард, ки чи гуна нафсаш ором мегирад, чи сон ҳар пораи фурубурда хуморашро мешиканад, дилаш таскин меёбад. Чи лаззате дорад меваи кӯҳистон!

Ҷаҳонгир аз ҷо бархоста буд, ки писараке ҳарсосзанон ба боғ даромада, рост назди ӯ омад.

– Бобо, Мирзоазизро ҳабс карданд! – хитоб кард писарак.

Сиву ду рагу пайи Ҷаҳонгир таранг шуд, ангор ба дилаш нештар заданд.

---

1. Киломун – як навъи себ; кадусеб

– Чӣ хел ҳабс карданд? Кӣ? Барои чӣ?

– Навкарони шоҳ ба мактаб омада, бо охону Мирзо ҷанг карданд.

– Охон дар куҷост? – Ҷаҳонгир нафаси жарфе кашида, худро ба даст гирифт.

– Охонро ҳам бурданд.

Ҷаҳонгир сари писаракро сила кард ва меваҳои боқимондаро ба домани ӯ рехт.

– Ту писари кӣ?

– Набераи Исҳоқ.

– Барака ёб, бачам. Бобот рафт?

– Ҳа, саҳари барвақт рафтааст. Ман дар хоб будам.

– Акнун бирав, рост ба хонаат бирав, бачам.

Писарак домани пурмеваашро қапида, тозон аз боғ баромад.

Ҷаҳонгир зери лаб дуои «Ноди Алӣ»-ро хонд. Ҳар гоҳе нийяти ҷанг кунад, ҳамин дуоро се бор ба забон меовард. Сипас нимшунаво хитоб намуд: «Ҳалло, Муҳаббатхон, аҷаб иштибоҳе кардӣ! Фикр кардӣ, ки ман аз кор мондаам?»

Ҷаҳонгир ба хона даромад, силоҳ гирифт ва барои он ки синҳорашро аз воқеа огоҳ накунад, гуфт:

– Духтарам, ман Мирзоро аз мактаб гирифта, ба Сарчашма меравам. Мо шоми торик бармегардем, баъд арзанатолаатро мазза карда мехӯрем.

Дурдонамо, ки ба давуғеҷҳои ногаҳони хусураш одат карда буд, аз чизе пайхас набурда, гуфт:

– Худо нигаҳбон, падар, роҳи сафед, оби соф[1]. Абзори ҷангро чаро гирифтед, ягон воқеа рӯй дод?

– Духтарам, ҳозир ҳар рӯз як воқеа рух медиҳад. Беаслиҳа гаштан хатарнок шудааст.

Ҷаҳонгир савор шуд, бо аломати хайрухуш даст бардошту

1. Роҳи сафед, оби соф (ибораи рехта) – сафари нек хостан дар Шуғнони қадим.

аспашро резачорпо давонд. Аввал ба хонаи халифа рафт, ӯро дастур дод, ки сӣ нафар ҷавони ҳузарброро мусаллаҳ карда, ҳарчи зудтар аз паси ӯ ба Саройи санг фиристад.

– Вақти шуғнизарба расид, андувол. Сӣ нафарро фирист, дигаронро омода соз. Яке кор сахт шавад, дар ғафлат намонем.

Паҳлавони солманд кулаҳхуд ба сар, зиреҳ бар тан, шамшер дар ғилоф, шивезн ба даст, сипар бар қоши зин овезон бо аспи сурхранги зотии худ, чунон ки мегӯянд, чун кӯҳе бар кӯҳе нишаста, ба дарвозаи Саройи санг расид. Посбонон роҳро бар ӯ гирифтанд.

– Роҳро холӣ кунед, ман ба назди шоҳ медароям.

Сардори даҳа ва чанд нафари дигар ӯро шинохтанд.

– Иҷоза нест, паҳлавон! Шоҳ истироҳат дорад.

– Ман омадаам, ки хобашро ҳаром кунам. Одам фирист ва бигӯ, ки Ҷаҳонгир гапи муҳим дорад.

– Паҳлавон, шоҳ дастур дод, ки маҳз туро ба пешаш раҳ надиҳам, – гуфт афсар. – Барои ҳамин бозгаштанат беҳтар аст.

– Хуб аст, ки шоҳ омаданамро медонистааст. Пас бирав ва ба ӯ бигӯ, ки ман ҳамон Ҷаҳонгири деринаам, агар омадам, ҳатман медароям.

– Паҳлавон, ту танҳоиву мо бисёрем. Худро гирифтори бало накун, баргард, – истодагарӣ кард даҳа. – Шоҳ на гапи моро мегирад, на гапи туро.

Ҷаҳонгир кулаҳхуд аз сар гирифт ва лаҷоми хандаро сар дод. Мӯйҳои ширранг аз зарби ханда то китфонаш парешон гашта, ҳайбати ӯро бештар сохтанд. Қоҳқоҳзании Ҷаҳонгир дар сукути мурдавори рӯзи орому ғажжони[1] тобистон ангор дару девори кӯшкро ба ларза овард.

– Ҳалло, ин Муҳаббатхони модарзинокун шояд андешид, ки Ҷаҳонгир дар пастӣ афтод? Ё гумон дорад аз бистари беморӣ дигар барнамехезам?! Бигӯ, ки омадам!

---

1. Ғажжон – гармии тоқатфарсо

Паҳлавон хандаро қатъ кард ва кулоҳ пӯшиду шивезнашро барафрошт. Навкарон даст ба камон бурданӣ шуданд, ки Ҷаҳонгир чун барқ аспашро рост ба сӯяшон давонд ва дар як дам чор нафарро ба замин афканд. Шивезнаш дар ҳаво бозӣ карда, ба сару тани навкарон фаромадан гирифт. Пас аз ду-се дақиқа фақат афсар, ки ба пушташ лагади ҷонкоҳ хӯрда буд, нимхез сари по истода буду бас.

Афсар фарёд кашид:

– Ҷони худоӣ, паҳлавон, ҷони худоӣ!

Ҷаҳонгир аз болои асп ба пайкари чун бед ларзони афсар бо истеҳзо нигаристу бонг зад:

– Акнун фаҳмидӣ, ки ман кистам? Ин бозии таёқам буд, агар шамшер аз ғилоф баркашам, ба додатон фақат селаи каргасҳо расида мерасонанд. Медонӣ, Шоҳносир дар ҳаққатон чӣ гуфтааст?

***Яке зи мову ҳазор аз шумо, агарчи шумо***
***Чу мору мӯр чи бисёру мо на бисёрем.***
***Сипаҳ набошад понсад сутур бар як мард,***
***Раво бувад, ки шуморо сипоҳ нашморем!***

Акнун, эй чахти бахтбаргашта, ҷонатро бигиру дарун бирав ва шоҳро бигӯ, ки Ҷаҳонгир ба ҷангат омадааст!

Афсар тозон пеши дарвоза рафт ва саросема онро кӯфт. Вале дар он сӯй гӯш ба карӣ андохта буданд. Паҳлавон чун дид, ки аз дасти афсар коре намеояд, аз асп фаромаду наздаш омад, дастори ӯро аз сараш гирифта, арақи сару гардан пок кард ва гуфт:

– Ором шав, андувол. Мардонагии шоҳу навкаронаш ҳамин қадар аст. Каме дам мегирем, хиради тирaамонро равшан мекунем, баъд пайи тадбир мешавем.

Ӯ дар паҳлуи афсар нишаст, кулаҳхудашро кушод ва афсар-

ро аз доманаш кашида, нишонд. Навкарони зарбахӯрда як-як ба худ омаданд. Ҷаҳонгир гуфт:

– Касе намурда бошад, агар ҳаракати ноҷое кард, ҳатман мемурад. Беҳтараш, ба сояе хазеду дардатонро гӯш кунед.

Навкароне, ки ҷунбида метавонистанд, худро як-як ба сояи девор кашиданд. Ин асно гурӯҳи синафараи ҷавонон низ савору пиёда бо сарварии Гулпочо – бародарзодаи Маҳмадзиёи шаҳид, расиданд. Онҳо, ҳоли зори навкаронро дида, ҳайрон шуданд. Гулпочо аз асп фаромада, дасти паҳлавонро бӯсиду хитоб кард:

– Ба назарам, дер кардем, кори инҳо тамом шуд.

Ҷаҳонгир, бархоста, бо ҳамдеҳони худ як-як салом кард.

– Не, кор акнун сар мешавад, бачаҳо. Дарвозаро кушода, қалъаро гирифтан даркор, – нидо дод Ҷаҳонгир. – Аслиҳаи навкаронро байни худ тақсим кунед.

Баҳшориён дар они воҳид навкаронро бесилоҳ карданд. Аз даҳ навкар ду нафар мурда буд.

– Паҳлавон, дарвозаро бо ин аслиҳае, ки дорем, кушода наметавонем, – гуфт Гулпочо, – тадбири дигаре бояд.

Ин ҳангом аз болохонаи қалъа садои тирпаронӣ ба гӯш расид. Азбаски шӯришчиён ҳамагӣ дар зери девор буданд, касе ҷароҳат набардошт.

Ҷаҳонгир камони мошадори[1] англисии худро гирифту амр дод:

– Касе камон дошта бошад, омода шавад. Ҳамин ки парронданд, зуд бо ман панҷ кас бист қадам, ҳӯ, то он ҷо медавем ва даррав ба болохона шиллик мекунем. Боз панҷ кас аз қафо биёяд ва сӯйи душман шиллик карда, даҳ қадам дар пушти мо ҷой гиранд. То онҳо шиллик меандозанд, ки мо тир пур карда, мепарронем. Ин асно гурӯҳи сеюм барояд ва шиллик андозад.

1. Моша – затвор.

Гурӯҳҳои якуму дуюм тир пур карда парронанд. Ба ҳамин тартиб, пушти ҳам панҷнафарӣ ба майдон баромада, душманро нобуд мекунем. Натарсед, ки ҳангоми номус аст.

– Паҳлавон, Мирзоазиз ва охон дар ин ҷо нестанд. Онҳоро ба Баҳрпанҷа бурдаанд, – хабар дод Гулпочо.

Ҷаҳонгир хабарро мулоҳиза карду гуфт:

– Яқин аст?

– Бале, бисёр касон, аз ҷумла ин ду ҷавон ба чашми худ дидаанд. Онҳоро се навкар ҳамроҳи Занҷири демурғонӣ ба Баҳрпанҷа бурдаанд.

– Занҷир? – ғуррид Ҷаҳонгир, – Занҷири каллабур?

– Худи худаш, – гуфт ҷавоне, ки шоҳиди воқеа буд, – ман дар боғ будам, ки Занҷиру се навкар онҳоро дастбаста ҷониби қалъа burdанд.

– Акнун кафанатро сиёҳ мекунам, Занҷири хоҳарбадном, – дандон ба ҳам совид Ҷаҳонгир ва амр кард: – Ба ҳамин тартибе, ки гуфтам, аз майдон мегузарем. Панҷ нафар, пас аз шиллики гурӯҳи дуюм, аспҳоро давонда, дар назди боғ моро интизор шаванд.

– Бо навкарон чӣ кунем? – пурсид Гулпочо.

– Бигзор бошанд, куштани асир ҷавонмардӣ нест.

Ҷаҳонгир гурӯҳҳоро худаш панҷнафарӣ ҷудо карду ба ҳар гурӯҳ бори дигар шеваи рафторашонро фаҳмонд ва дар охир таъкид намуд:

– Ба ёдатон бошад: агар тартибро вайрон кардед, душман якҷоя тир мекушояд. Он гоҳ на ҳама ҷон ба саломат мебарад.

Ҷаҳонгир бо гурӯҳи аввал давида, пас аз даҳ-дувоздаҳ қадам истод ва ҷониби болохона оташ кушоданд. Навкарони шоҳ сар паноҳ карданд. Ин дам гурӯҳи дуюм расид ва ба душман фурсати сар боло кардан надода, боз шиллик андохт. Бо тадбири сипаҳсолори ҷангозмуда тамоми шӯришгарон ва сутурони онҳо зиндаву саломат қитъаи тиррасро тарк намуданд.

## РАҲОӢ АЗ ЗИНДОН

Мулло Хишол пойи зарбхӯрдаи Мирзоазизро хеле палмосиду муоина кард.

– Захмат сарбаста аст, бачам. Хунаш мерафт, беҳтар буд, – хулоса кард охон. – Марҳам бандӣ, дар ду рӯз сиҳат мешавад.

– Дарро аз кафлакаш[1] барорам охон? – пурсид Мирзоазиз. – Нишастан дар ин оғил ба дилам зад.

– Ками дигар сабр кунем, бобоят меояд, – шогирдро аз раъйаш гардондан хост охон. – Дарро шикаста, бароем ҳам, қалъа пури навкар, мекушандамон.

– Охон, ман сари ҳол омадам. Дигар роҳи маро касе гирифта наметавонад. Қалъаро бар сарашон калатон[2] мекунам! – гуфт бо қатъият Мирзоазиз ва ҷониби дар рафт.

– Бачам, биист! Чӯбдасте ҳам надорӣ, чӣ хел ба ҷанг мебароӣ?

Мирзоазиз дарро ҷунбонду мустаҳкамии онро санҷид ва гуфт:

– Охон, ана, ҳамин дар гурзи ман мешавад. – Дари ҳуҷра аз панҷ-шаш тахта сохта шуда, роғҳояш шаҳодат медоданд, ки он қадар мустаҳкам нест. – То навкарон даст ба аслиҳа мебаранд, ки мо бод барин мегурезем.

– Охир, қалъа дарвозаи калони чилманӣ дорад, аз он чӣ хел мегузарем?

– Мегузарем, охон, мегузарем, – бо итминон гуфт Мирзоазиз. – Посбонҳо берун аз дарвоза намеистанд-ку? Дар дарун бошанд, кор осон. Ту аз қафои ман бидав, тамом!

Мирзоазиз нафаси жарфе гирифту ба кунҷи ҳуҷра рафт. Сивуду рагу пайашро таранг карда, башаст давида, бо ду пояш дарро чунон зарбае зад, ки он фиғоне бароварду берун парид. Худ низ ба пушт афтид.

– Рафтем! – хитоб кард ӯ ва аз ҷо барҷасту дарро бардошта, ҷониби дарвоза давид.

1. Кафлак – ошиқ-маъшуқи дар
2. Калатон – чаппа кардан, фуру рехтан

Мулло Хишол ҳам аз қафои шогирдаш ҷонҳавл бадар рафт. Онҳо бе монеа ба назди дарвоза расиданд, зеро касе фикр намекард, ки бандиён ба чунин ҷуръат қодиранд.

Се нафар посбони ғафлатзада коре карда натавонистанд. Ҳатто пай набурданд, ки чи ҳодиса рух дод. Ду нафар, ки дар лаҳзаи охири ба сарашон бархӯрдан дари парронро дида буданд, ҷобаҷо афтиданд. Посбони сеюм, ки дар намоз истода буд, дар ҷояш шах шуда, аз забон монд. Ҷаҳонгир дарро партофта, бе овоз ба ӯ амр кард, ки дарвозаро кушояд. Навкар бе чуну бе чаро дарвозаро кушод ва ба сараш мушти обдоре хӯрда, ҷобаҷо афтид.

Бандиён се шамшер, як камон ва як қаторвазнаи пур аз тир ғанимат гирифта, аз қалъа берун рафтанд. Ҳанӯз аз масофаи тиррас берун нашуда буданд, ки Ҷаҳонгир бо дастаи шӯришчиён дучорашон омад. Мирзоазиз бобои шаҳсуворашро диду лангон ба истиқболаш шитофт. Бобо аз асп чобук фаромада, набераашро оғӯш гирифт.

– Шуморо сар доданд? – пурсид Ҷаҳонгир.

– Худамон баромадем, – посух дод Мирзоазиз.

– Чӣ хел худатон? – ҳайрон шуд бобо.

– Дарро шикаста баромадем, посбонҳоро зада, дарвозаро кушода гурехтем, – шарҳ дод набера.

– Ту худат танҳо? – нобоварона хитоб кард бобо.

– Не, чаро? Бо охон.

Ҷаҳонгир сари Мулло Хишолро ҳам дар канор гирифту ду қатра ашки шодӣ аз чашмонаш фуру рехт. Саворон ҳама пиёда шуда, ин манзараи риққатборро тамошо мекарданд.

Мулло Хишол гуфт:

– Тағо, ба умеди ман мешудем, ҳоло ҳам дар зиндон будем, ё коре бо мо мекарданд. Ҷуръату диловарии Мирзоазиз аз ту кам нест.

Ҷаҳонгир ба ҳозирон рӯ овард:

– Дидед ҷасуриву мардонагӣ чӣ сурате дорад?! Пиндоред,

ки Ҷаҳонгир ҷавон гашту Маҳмадазим зинда шуд. Ин рӯзи некро фаромӯш накунед. Дар ҳузури ҳамаи шумо ман баракатамро ба Мирзоазиз медиҳам.

Паҳлавони солхӯрда даст ба китфи паҳлавони наврас гузошт ва амр кард:

– Даҳонатро кушо, Мирзоазиз. Корнамоии нахустин муборак шавад.

Мирзоазиз даҳон кушод. Ҷаҳонгир рамзӣ ба коми ӯ «туф» кард. Ҳаёҳӯйи одамон ба фалак печид. Мирзоазиз бо даҳони боз гоҳе ба бобо ва гоҳе ба атрофиён нигариста, ҳеҷ намефаҳмид, ки ин амали барояш ногувори бобо чи маънӣ дорад.

– Муборак шавад, Мирзоазиз! – гуфт Мулло Хишол ва пешонии шогирдашро бӯсиду бо ханда гуфт: – Акнун даҳанатро пӯшӣ ҳам, мешавад.

Ҷаҳонгир, сару пойи бастаи набераро аз назар гузаронда, гуфт:

– Ҳеҷ гап не, дард ҳам кунад, нашъаи мардонагӣ дорад. Занҷири демурғонӣ дар қалъа бошад?

– Пас аз он ки моро ҳабс карданд, дигар надидемаш, – гуфт Мулло Хишол.

– Бачам, туву охонат ба хона равед. Модаратро бигӯ, ки аз шах афтодӣ. Охон, ту ҳамроҳи Мирзо бош, ман меоям.

Ду нафар аз шӯришгарон бо дастури Ҷаҳонгир охону шогирдро ба манзил расонданд. Вақте Мирзоазиз бо сурату суммоти худ ба хона даромад, дили модараш қариб аз тапиш мемонд.

– Ба ту чӣ шуд, писарам? – фиғон кашид Азизмо ва ба афтидан моил шуд, ки Мирзоазиз ӯро дошт.

– Аз шах афтидам, наник, сарам кафид. Ҳеҷ гап не, зиндаа-му тандуруст, ғам нахӯр.

– Дар ин қисса набош, хоҳар, – ба тасаллои шогирдаш ҳамроҳ шуд Мулло Хишол, – ҷароҳати сабукак, кирои ташвиш надорад.

Чашми Азизмо ба либоси ғайриодат ифлосу ғиҷим ва рух-

сораи харошидаи Мулло Хишол афтоду гиребонашро дошт.

– Охон, аввал рангу рӯятро дида, баъд гап зан. Чӣ, ман кӯдакам, ки ба дурӯғатон бовар кунам?

– Бовар кун, – паст наомад Мулло Хишол, – ман ҳам афтидам, лекин болои рег.

– Хусурам ку? – аз гапҳои ҳавоии охону шогирд Азизмо бештар ба ташвиш афтод. – Вай куҷо шуд?

– Ҳозир меояд, – ҷавоб дод охон, – дар қалъа коре доштааст, моро ба хона фиристоду худ Баҳрпанҷа рафт.

– Нанаҷон, – навозишомез гуфт Мирзоазиз, – ягон хӯрданӣ дошта бошӣ, биёр, ки аз по меафтем.

Модар сари дасторпечи писарашро, ки ҷо-ҷо хун дар он карахш баста буд, ба оғӯш гирифта гуфт:

– Нанаат садқа, ҳозир гарм карда меорам. Шумо болои суфа баромада шинед.

Азизмо ишками писару охонашро бо арзанатолаи бомаза сер кард. Пас аз таом Мулло Хишол чароҳатҳои Мирзоазизро шусту марҳам молида, аз нав баст. Азизмо ба ӯ ёрӣ расонд.

Шаби тобистон чодар афрошта, моҳи абрӯҳилол намудор гашт, вале аз Ҷаҳонгир дараке набуд.

## ТАСХИРИ БАҲРПАНҶА

Ҷаҳонгир аз асп фаромада, дарвозаро тела дод, ки он кушода шуд. Ин чунин маънӣ дошт, ки гурехтани Мирзоазизу Мулло Хишолро ҳанӯз пай набурдаанд. Дар назди дарвоза се посбон замин газида буданд. Ҷаҳонгир дарвозаро тоқбоз карду ба ҳамроҳонаш ишора намуд, ки дароянд. Ӯ ба сари посбонҳо рафт ва ҳар якашонро аз назар гузаронд. Фақат дили навкаре , ки ба сараш мушт хӯрда буд, метапид. Ду нафаре, ки Мирзоазиз бо дар ба сарашон зад, ҷон ба ҷаббор супурда буданд.

– Ин тарсуҳо лашкардорӣ ҳам карда наметавонанд, – гуфт

бо заҳрханда Ҷаҳонгир. – Ҳатто хабар надоранд, ки маҳбусонашон гурехтаанду посбононашон мурдаанд.

Ҷаҳонгир бо дастааш ба навкархона омад ва чанд бор бонг зад:

– Саф кашед!

Навкарон аз ҳар куҷо давида, дар майдон саф оростанд. Садаи онҳо ҳам чунин фармони ғайриинтизорро шунида, аз ҳуҷрааш саросема баромад ва навкарони сафоростаро диду давида омад. То ба вазъият сарфаҳм рафт, ки дастаи Ҷаҳонгир ӯ ва навкаронашро ба ҳалқа гирифтанд.

– Сада кист? – пурсид Ҷаҳонгир.

– Ман, – ҷавоб дод ӯ.

– Маро мешиносӣ?

– Бале, сойиб, писарат Маҳмадазим сипаҳсолори ман буд.

– Чӣ ном дорӣ?

– Тӯлқун.

– Аз кадом қавмӣ?

– Чиғатой.

– Тӯлқун, туро аз садҳо фарсанг роҳ барои ҳамин овардаанд, ки лашкардорӣ карда натавонӣ?

Тӯлқун ҳайрон ба Ҷаҳонгир менигарист. Дар посухаш чизе гуфта натавонист.

– Бандиҳо дар куҷоянд?

– Дар бордони куҳна, сойиб, ҳо дар паси он девор.

– Онҳоро ба назди ман биёр.

Сада гуфт:

– Ҷон паҳлавон, ба ман раҳм кун, бе иҷозаи сипаҳсолор ё девонбегӣ онҳоро дода наметавонам.

– Девонбегиро даъват кун.

– Ӯ бо сад навкар ба Сарчашма рафт.

Аз ин хабар ба дили Ҷаҳонгир ташвиш афтода бошад ҳам, оромона пурсид:

– Кай рафт?

– Дуруст пас аз чошт.

– Сипаҳсолор кист?

– Отизул, писари Муҳаммадкарим.

– Қалмоқ?! – нидо дод Ҷаҳонгир. – Акнун маълумам шуд, ки барои чӣ лашкар низом надорад.

Пас каме андешид ва гуфт:

– Тӯлқун, бидон ва огоҳ бош, ки бандиҳоят худро раҳо карда, ҳоло дар хонаи мананд. Ту бирав ва мурдаи навкаронатро аз назди дарвоза бигир. Ман ба назди Отизул меравам. Аз навкаронат касе ҷунбад, туъмаи тир мешавад.

Тӯлқун тамоман бедаступо шуд.

– Онҳоро кӣ раҳо кард? – бо изтироб пурсид ӯ.

– Худо, – ба осмон ишора кард Ҷаҳонгир ва роҳи ҳуҷраи Отизулро пеш гирифт.

Тӯлқун сӣ савори мусаллаҳро, ки зиёда аз сад навкари ӯро бе ҷангу монеа дар урдугоҳи худашон асир гирифта буданд, як-як аз назар гузаронда, сар ҷунбонд ва бо се навкар ҷониби дарвоза рафт.

Отизул хоб рафта буду баланд хуррок мекашид. Гармо ӯро сахт шалпар, ҳатто бемадор карда буд. Ҷаҳонгир шамшерашро бар синаи ӯ гузошту каме фишор овард. Отизул чашм кушод ва Ҷаҳонгири паҳлавонро бо шамшери бараҳна дар болои сари худ дида, ба ҳарос афтод.

– Паҳлавон, тасаддуқи ҷаддат, ман дар ин қазия шарик нестам. Ҳамааш аблаҳии Занҷири рӯсиёҳи оқипадар. Гуфтам ҷавонро сар деҳ, равад, гапамро нагирифт.

– Фарз кардем, Занҷир аблаҳ баромад, ту чӣ? – Ором ва айни замон даҳшатнок пурсид Ҷаҳонгир ва шамшерро ба гулуи сипаҳсолор гузошт.

Нафаси Отизул дар гулуяш дармонд, чашмони тангаш аз

шиддати тарс калон шуданду рангаш парид.

– Паҳлавон, – оби даҳонашро ба сахтӣ фуру бурда, хиррос зад ӯ, - Худо шоҳид, ки ӯ на гапи Қозиро гирифт, на гапи маро. Ба шоҳ арз кард, ки охон,… номаш чӣ буд? Ҳа, Хишол, ӯро шоирӣ кардааст…

– Киро шоирӣ кардааст? – Ҷаҳонгир шамшерро аз гулуяш гирифту ба ишкамаш гузошт.

– Шоҳро… Муҳаббатхонро… Шоҳ онро хонд ва гапи моро нагирифт.

– Занҷир куҷост?

– Дар Саройи санг, сойиб. Маро накуш аз барои Худо…

– Ман кай шахси афтодаву бесилоҳро куштаам? Ё ягон бор дидаӣ?

– Не, паҳлавон.

– Ин номардиро шумо карда метавонед – ту, падарат, Муҳаббатхон, Юсуфалихон, Занҷир … Лозим ояд, ман туро дар майдон сар мебурам, ноҷинс!

Ҷаҳонгир ба рӯйи Отизул бо кароҳат туф карду аз ҳуҷра баромад. Шаб фаро расида, моҳи чандрӯза дар сари қуллаҳои кӯҳ чун як пора тило медурахшид. Паҳлавони солхӯрда бо қадамҳои гарон ба назди ҳамроҳони худ омад. Ҳама – ҳам дӯстон, ҳам душманон чашм ба даҳони ӯ дӯхта буданд. Тақдири ин қадар афсару навкар, балки тақдири Муҳаббатхону Шуғнон ин соат ба дасти Ҷаҳонгири лашкаршикан буд.

Паҳлавон андешакунон бо нӯги шамшераш дар замин хатҳо кашид, сипас дар пеши сафи навкарон ду-се бор ин сӯ-он сӯ қадам заду гулу афшонд ва бо овози бардами баланд гуфт:

– То Муҳаббатхон ба ҷанги ман набарояд, аз Баҳрпанҷа намебароям.

Ангор ба сари ҳама аз новадон оби сард рехт. Ҳатто ҳамсилоҳони ӯ чунин сурат гирифтани ҳодисаро чашмдор набуданд.

– Аз ҳамин соат ҳокими ин қалъа манам. Касе ба амрам гӯш надиҳад, ҷазои сахт мебинад. Навкарон аслиҳаи худро оварда, пеши пойи ман гузоранд!

То як поси шаб силоҳсупорӣ давом кард. Ҷаҳонгир нафареро ба хона фиристод, то аҳли хонаводаашро ба қалъа биёраду ҳамзамон мардумро аз тасхири қалъа ва омодагӣ шудан ба ҷанги Муҳаббатхон огоҳ намояд.

## ТАДБИРИ ДЕВОНБЕГӢ

Қозӣ, чун аз шоҳ фармон гирифт, ки ба деҳкадаи худаш ҳуҷум барад ва шӯришгаронро нобуду асир кунад, гӯё дар лонаи занбӯр нишаста бошад, ноҳинҷору беқарор гашт. Меандешид, ки бо кадом рӯ ба сари хешу ақрабои худаш, ба сари онҳое, ки дар бағалашон бузург шуда, дар суру азояшон шарик аст, теғ бардорад. Дар тамоми ин деҳкада, дар ҳар қарияи он – дар Нимдеҳ, Дарев, Таҳмев, Вужрим, Пидруд, Бодом хешовандони падариаш зиндагӣ мекарданд. Ӯ дар Вуж зода шуда, ба воя расида буд. Модараш зани ванҷие буд, ки падараш ҳангоми мусофират дар он мулк бо ӯ издивоҷ кардааст. Вақте Қозӣ шонздаҳсола шуд, модараш духтари бародари калонашро ба никоҳи писараш даровард. Барои ҳамин ҳам Қозӣ ба порсӣ хеле фасеҳ ҳарф мезад ва дар фароизу русуми ҳам шииён ва ҳам сунниён дониши хуб дошт. Аҳли зодгоҳаш ба ӯ он қадар меҳрубон буданд, ки ҳатто мӯйсафедону халифаашон ҳам дар тамоми корҳои муҳим маслиҳаташро мепурсиданд. Фахр мекарданд, ки фарзандашон дар қалъаи овозадори Баҳрпанҷа, дар дарбори шоҳи Шуғнон шахси дувум аст. Онҳо аз ӯ чизе тамаъ ҳам намекарданд. Ёд надорад, ки дар давоми шаш соли девонбегӣ буданаш касе аз ҳамдеҳагон ё хешовандон аз вай чизе пурсида бошад. Баракс, тирамоҳ, вақте ҳосил мегирифтанд, бо ихтиёри худ ба хонаи ӯ ғаллаву коҳ ва меваю анвои

дигари озуқа мебурданд, то дар назари аҳли дарбор камбағал нанамояд ва меҳмонони сершумори шоҳро бо сарбаландӣ қабулу гусел карда тавонад.

Чӣ дунёе!? Акнун бояд ӯ дар раъси лашкар ба деҳкадаи азизи худ тохт оварад ва ба некиҳое, ки як умр аз онҳо дид, бо бадӣ ҷавоб диҳад! Агар чунин кунад, ягон об дар ду олам рӯйи сиёҳгаштаи ӯро намешӯяд. «Наход оқибати мансабдорӣ ҳамин бошад? – Сар ба ҷайби андеша фуру бурд Қозӣ, – агар гапи шоҳро нагирам, сари худам барбод меравад у авлодам дарбадару хокбасар мегардад; агар гирам, ба пасттарин чиз – хиёнату беномусӣ даст мезанам, ки аз мурдан бадтар аст». Банохост шеъре, ки ду соат пеш дар ҳузури шоҳ хонд, ба ёдаш расид:

***Мулк вайрон шуд, туро номус ку?***
***Халқ ҳайрон шуд, туро номус ку?***

Девонбегӣ акнун амиқ эҳсос кард, ки дар ин шеър чи қадар нафрат ба шоҳу аҳли дарбор ниҳон аст! Офарин ба ҷуръати гӯяндааш! Дар замоне ки аз чор сӯ ба сари фуқаро борони зулму тааддӣ, таҳдиду ҳақорат ва тиру теғ мерезад, ин гуна шеър навиштан магар мардонагӣ нест? Кӣ чунин ҷасорат дорад?

Девонбегӣ аз дасти як ҷавон ба дод омадани навкарон ва Занҷири ҷаллодро ба ёд оварда, ришханде кард. «Аз тухми Ҷаҳонгири гурд буданаш ошкор аст, – хурсандона аз дил гузаронд Қозӣ. – Боракаллоҳ, шуғнии ҳақиқӣ!»

Чӣ бояд кард? Муҳаббатхон тамоми ҳадҳоро гузашт. Дар қаламрави Шуғнон ягон пир сиёсати ӯро ҷонибдорӣ намекунад. Сайид Фаррухшо ҳатто никоҳашро нагузаронд. Ба сураш ҳам наомаду ҳадя ҳам нафиристод. Беандешагии вай ҳамин тавр давом кунад, дарбориён низ рӯй мегардонанд. «Барои он ки ҳам ҷони ман, ҳам ҷони мардум аз ин Намруди хунхор

халос шавад, – бо қатъият андешаҳояшро хулоса кард девонбегӣ, – ӯро куштан лозим! Куштани ин бадзот ягон гуноҳ ҳам нест, балки савобу воҷиб аст!»

Қозӣ қарор дод, ки бо сад нафар навкар ба Вуж меравад ва дар он ҷо бо сардори дастаи шӯришгарон, ки ҷиянаш буд, пинҳонӣ забон як карда, ҷангро кашол медиҳад. Дар ин байн одами дилпуреро ба Файзобод, назди Юсуфалихон мефиристад, то ӯ илоҷи аз сари тахт дур кардани бародарашро ёбад. Дар Шуғнон ҳама хуб медонанд, ки Юсуфалихон мунтазири фурсати муносиб аст. Агар аз ҳазор лоақал як имкон даст диҳад, онро истифода бурда, Муҳаббатхонро бо дастони худ пӯст меканад. Лекин агар ҷуръат накунад, Қозӣ нақшаи дигар ба кор медарорад: неруҳои исёнгарро муттаҳид намуда, Муҳаббатхонро бо вафодоронаш торумор карда, ҳукуматро ба ихтиёри худ мегирад. Албатта, аз дасти сулолаи бадахшиёну туркон гирифтани ҳокимият кори сахту хавфнок аст, вале месазад, ки ба хотири чунин мақсади наҷиб кас ҷонашро ба хатар андозад.

Қозӣ-девонбегӣ, давоми ним соат дар ҳуҷрааш қадам зада, амалиётиояндаи худро муайян намуд. Сипас фармон дод, ки сад навкар ба ҷанг омода гардад. Худ савор шуду ба баҳонаи пеш аз ҷанг зиёрат намудани остон роҳи Демурғонро пеш гирифт.

Дар тамоми Шуғнон ягона нафаре, ки Қозӣ ба ӯ куллан эътимод дошт, оқсақоли Демурғон Ширинбек буд. Ин мард вазифаи худро софдилона иҷро карда, ба баду неки халқ кор намегирифт, ба муноқишаҳои аҳли дарбор ҳамроҳ намешуд. Девонбегӣ ҳис мекард, ки ӯ ба Муҳаббатхон нафрат дорад, вале ошкор намесозад. Дар фурсати танге, ки Қозӣ дар ихтиёр дошт, танҳо ба ёрии Ширинбек умед мебаст.

Ширинбекро дар хонааш ёфт. Вай аз банохост пайдо шудани чунин шахси муътабари Шуғнон дар рӯйи ҳавлии худ ба ҳайрат омад.

– Девонбегӣ-сойиб, маро ин қадар сарафроз кардӣ. Ба хона даро, меҳмонат гирам.

Девонбегӣ аз асп нафаромада, бо оқсақол салом карду гуфт:

– Вақт нест, Ширин. Ман ба зиёрати остон омадаам. Савор шаву маро ҳамроҳӣ кун.

Ширинбек донист, ки девонбегӣ гапи махфӣ дорад. Ҳарфе нагуфту як ба хона даромад ва сипас аспашро зин зада, ҳамроҳи ӯ ба сари остон рафт. Ҳар ду пиёда шуда, рӯ ба ҷонибi санги муқаддас дузону заданд. Девонбегӣ дуо хонду ҳар ду расми зиёрат – се бор панҷа ба санг бурдану ба пешонӣ ниҳоданро баҷо оварданд.

– Ягон пора нон дорӣ, ки фурсати таҳтӯл ҳам надоштам? – пурсид Қозӣ.

Оқсақол аз қоши зин халтае фаровард ва фӯтаи миёнашро ба замин паҳн кард. Аз халта нон, гӯшти қадит[1] ва санҷиду бодом бароварда, ба дасторхон ниҳод. Даст ба сина гузошту меҳмонро муроот кард:

– Бифармо, сойиб.

Қозӣ нону гӯшт хӯрд ва чун меъдааш ором гирифт, гуфт:

– Ширинбек, ман наздат ба зинҳор омадам.

Бо ин сон ҳарф ба назди касе омадан дар Шуғнон чунин маънӣ дошт, ки шахс обрӯву эътиборашро дар пеши одами эътимодбахш ба гарав гузоштанист.

Ширинбек пурсид:

– Бифармо, сойиб, чӣ кунам?

Девонбегӣ дарди дилашро назди оқсақол як-як шумурд ва нақшаашро ошкоро гуфт.

– Ман лашкар гирифта, ба Сарчашма меравам. Агар муддаои диламро фаҳмида бошӣ, ягон одами зинҳордорро ба назди Юсуфалихон фирист, то чораи корро ёбад. Пас аз се рӯз одаматро интизор мешавам. Сарам ҳам равад, ман ин сирро бо худ

1. Қадит – гӯште, ки дар офтоб хушк кунанд.

ба гӯр мебарам. Дигар ихтиёр ба туст.

Ширинбек гапҳои девонбегиро дар тарозуи ақл санҷид ва ҷавоб дод:

– Ин корест ниҳоят сахт, аммо савоб, сойиб. Агар чунин ҷуръат карда бошӣ, ман хоҳишатро иҷро мекунам. Як одам ҳаст, ки ин сафоратро хуб анҷом дода метавонад. Ман бо ӯ маслиҳат мекунам.

Девонбегӣ хайрухуш карду аспашро ҷониби Баҳрпанҷа давонд. Аз қалъа сад нафар сипоҳӣ гирифта, бо аҷала ҷониби Сарчашма ронд. Вақте ба Нимдеҳ ворид шуд, ба навкарон амр дод, ки дар баромадгоҳи деҳа дар римзорони[1] лаби дарё, ки ҷойи серун буд, қарор гиранд.

– Аввал бо шӯришиён гуфтушунид кунем, агар кор надод, ба ҷанг мегузарем, – шарҳ дод Қозӣ. – Гапи маро гиранду таслим шаванд, кор бе хунрезӣ анҷом меёбад.

Пас аз он ки лашкар қарор гирифт, Қозӣ ду даҳаро, ки забони шуғнонӣ намедонистанд, гирифт ва ҷониби қароргоҳи шӯришгарон раҳсипор шуд. Дар даромадгоҳи деҳа талоядорон роҳашонро гирифтанд. Пас аз гуфтугӯйи кӯтоҳе онҳо девонбегӣ ва ҳамроҳонашро дар мушоияти се нафар ба хонаи Хуршедшо оварданд. Хуршедшо, сардори осиён, фарзанди писари амакаш буд. Дар боғи тоза даравшудаи сипаҳдор дар ҳудуди сесад нафар ҷангиёни ихтиёрӣ ҷамъ омада буданд. Хуршедшо амакашро бедимоғ пешвоз гирифт. Ба вохӯрӣ ҳам даст надод.

– Омадӣ, ки хешу таборатро бикушӣ, – бо заҳрханди пуркароҳат гуфт ӯ. – Мо ба ту ва шоҳат чӣ бадӣ кардаем?

– Ба хона даро, як ба як гап занем.

Хуршедшо сар ҷунбонду пеш даромад. Қозӣ ҳамроҳи навкаронаш аз паси ӯ ба хона даромаданд.

Қозӣ гуфт:

– Гапат дуруст, Хуршед. Омадам, ки якҷоя тадбири ин қис-

1. Рим - сафедор

саро андешем.

– Агар дилат таслим шудани мо бошад, хато мекунӣ.

– Инро ман аз ту беҳтар медонам. Омадам, ки дар ин ҷо ҳамроҳи ту як ҳафта ҷанги бардурӯғ ташкил кунам.

– Чӣ хел «бардурӯғ»? – бештар ба ғазаб омад ҷавон.

– Дар ин муддат шоҳро ба илоҷе бояд бикушанд, – ором ҷавоб дод девонбегӣ. – Бовар кун, ин хунхор аҳли дарборро ҳам ба ҷон расондааст, – пешниҳоди худро тақвият бахшид Қозӣ. – Ҳама безор шудааст.

– Агар нобудаш карда натавонанд, чӣ? – шубҳаомез пурсид ҷиян.

– Он гоҳ ба Ҷаҳонгир мепайвандем.

– Ҷаҳонгир хабар дорад?

– Не

– Барои чӣ?

– Ҷаҳонгир ҳама вақт ба ин кор омодааст, лекин агар сир фош шавад, кор бар ману ту сахт мегардад.

– Магар ҳамин ду марди камонбадаст гапамонро ба хари калон намерасонанд? Ё ту маро ин қадар сода гумон кардӣ? – боз ғазаб кард Хуршедшо.

– Инҳо як калима шуғнӣ намедонанд. Махсус бо худ овардам, ки шоҳиди гуфтугӯйи тундутези мо бошанд.

– Барои чӣ?

– Шоҳ дар байни навкарон ҷосус дорад. Бигзор, ба ӯ хабар диҳанд, ки ману ту ба сари ҳам хуб дод задем ва оқибат ба ҷанг бархостем.

Хуршедшо магар мақсади амакашро пай бурд, ки ҳар чи тунду хашмолуд ба сари ӯ дод зад:

– Нест бод Муҳаббатхони малъун! – ва шамшерашро аз ғилоф кашида, ба ҳаво бардошт. – Мо ҳамаатонро туъмаи теғ мекунем.

Қозӣ ҳам шамшерашро бараҳна кард ва бонг зад:

– Мард дар майдон маълум мешавад, на дар хонаи худ. Пагоҳ лашкаратро интизор мешавам.

Даҳагон низ даст ба камон бурданд. Хуршедшо ба порсӣ гузашт ва фарёд кашид:

– Ба як тири шумо бо сад тир ҷавоб медиҳам, девонбегӣ! Ҳоло ин рӯбаҳҳоятро гиру аз назарам дафъ шав, ки ба кушта-натон амр надиҳам.

Қозӣ ҳам ба порсӣ дод зад:

– Фардо субҳ мебинем, ки чӣ мардие дорӣ. – Ва ба ҳамроҳо-наш амр дод: – Рафтем, фардо таслим нашаванд, чароғашонро худам равшан мекунам.

Девонбегӣ ва афсаронаш ҳангоми ғуруб ба Нимдеҳ бар-гаштанд. Ӯ фармуд, ки шаб талоя барпо дошта, ба ҷанг омода шаванд.

## ДАЪВАТИ БАҚО

Пуштакӯҳҳои Шуғнону саҳроҳои васеи подоманаҳои кӯли овозадори Шева пушти сар шуданд. То Файзобод – ҳанӯз якрӯ-за роҳ. Чизе ки ба корвониён дар ин ҷо писанд омад, серунии ҳаво буд. Одамоне, ки аз гаршуми[1] дамгири гармо дилтангу бетоқат шуда буданд, мехостанд аз ин водии хушҳавою сера-лаф ба ҷое қадам нагузоранд. Оқсақол Исҳоқ амр дод, ки ша-бро дар ҳамин ҷойи ҷаннатмисол гузаронанд.

Онҳо қад-қади наҳри серобе, ки чун осмон софу шаффоф буд, дар зери дарахтон ҷой гирифтанд. Исҳоқ ба ду навкаре, ки асиронро ҳамроҳӣ мекарданд, амр дод аз ягон чӯпон ду гӯс-фанд харида бикушанд. Навкарон хоҳиш карданд, ки аз байни асирон нафареро ба онҳо ҳамроҳ кунад. Оқсақол сабаб пурсид:

– Ма лапзи парсӣ намдонем, – шарҳ дод яке аз онҳо ба за-бони шикастаи шуғнонӣ.

– Шумо чӣ қавмед? – пурсид Исҳоқ.

---

1. Гаршум – бухоре, ки аз гармии ҳаво бархоста, мавҷ мезанад.

– Мо қарлуқ ҳастем, туркӣ гап мезанем, – ҷавоб дод яке.

– Ҳамин шуғнира аз маҷбурӣ кам-кам яд гириптем, – афзуд дигаре.

– Шумо чӣ қадар қавм доред? – бо ҳайрат пурсид Исҳоқ. – Ман чиғатою узбакашро медонам, лекин қарлуқро бори аввал мешунавам.

– Ма ҳар хел қабилаву қавм дарем, – гуфт оне, ки солманду бузургҷусса буд. – Қатаған, муғул, лақай, қунғурот, қалмиқ, барлос, қарлиғ, ҳазора, қирғиз, қипчоқ... Расташра гӯям, ҳамаашра худам ҳам намданам.

– Дар Эрону Хуросон ҳам ҳукумат дар дасти шумост? – пурсид оқсақол. Ин фикр ҳамин ҳоло, пас аз ҷавоби қарлуқ, дар зеҳнаш шарора зад.

– Эшан, дар Эран набудам, лекин дар Бухараву Хурасану Бадахшан амиран ҳама аз маанд.

– Пас тоҷик дар куҷо подшоҳӣ мекунад? – аз ҳайрат даст ба гиребон бурд Исҳоқ.

– Тажик? – пурсид қарлиқ ва каме фикр карду ҷавоб дод: – Тажик, ашна, дамуллагӣ, шаирӣ, катибӣ, ҳапизӣ мекунад. – Пас аз сукуте илова кард: – Деҳқанӣ ҳам кари тажик аст.

Ё аз таъсири сухани навкар, ё аз ғояти хастагӣ дили Исҳок сих зад. Ӯ бемадор дар ҷояш нишаст ва ба навкарон ишора кард, ки аз пайи кор шаванд.

– Ақсаққал, аз бандиён кира ба худ бигирем? – пурсид навкар.

– Додмаҳмадро, – бо садои шикаста ҷавоб дод Исҳоқ ва афзуд: – Сабзқадамро гӯй, пеши ман ояд.

Навкарон рафтанд. Исҳоқ болои сабза якпаҳлу зад ва ҷониби марғзорони фарохи водӣ чашм дӯхт. Шунида буд, ки дар паси кӯли Шева сарзамини афсонавии Ҳиндустон сар мешавад, ки зимистон надорад. Дар дилаш хоҳише пайдо шуд, ки ин корвони бадбахтонро дар ҳамин ҷо раҳо кунаду ба Ҳиндустон гурезад. Аммо афсӯс, сад афсӯс, ин фикр ботил асту иҷро-

нашуданӣ. Муҳаббатхон аҳли хонаводаашро сари чанд тир мекунад! Чархи фалакро бибин чи қудрате дорад: Исҳок бо ду дасти адаб хешу таборашро ба Файзобод бурда мефурӯшад! Магар инсон аз ин номардтар буда метавонад? Нафурӯшад, чӣ? Аз ин андеша дили оқсақол боз сих зад. Ҳис кард, ки дасти чапаш аз сари шона то оринҷ карахт шудааст. Нимхез шуда, дар ҷояш нишасту бозуяшро молида-молида, ин фикри тоза ба сараш омадаро дар хаёлаш паҳлугардон кард.

Исҳоқ ба чунин хулоса омад, ки асиронро ба Файзобод расонда, озод мекунад. Барои он ки Муҳаббатхон ба хонаводааш зарар нарасонад, ба Ҷаҳонгир қосид мефиристад, ки онҳоро зери ҳимояи худ бигирад ё ба назди ӯ ба Файзобод фиристад. Охир, қариб ҳамаашон хешу ақрабои ӯву Ҷаҳонгиранд. Дар дунё аз одам ё номи нек боқӣ мемонад ё бад. Беҳтар он ки ба некӣ номат баранд!

Сабзқадам омад ва сулфиду Исҳоқро аз баҳри андешаҳо ба соҳили воқеият кашид.

– Писарҷон, дастамро молиш деҳ, – хоҳиш кард оқсақол, – чунон вазнин шудаст, ки гӯё аз худам набошад.

Сабзқадам ба хору моли дӯшу дастони Исҳоқ шурӯъ кард. Падари ин ҷавон аз гирудори ногаҳони навкарони шоҳ дар куҷое пинҳон шуду писараш ба банд афтид.

– Падарат ба ту зан доданӣ буд, чӣ шуд? – пурсид Исҳоқ.

– Ҳамин ҳафта бояд арӯсӣ мекардам, – ҷавоб дод ҷавон, – лекин… насиб набудааст.

Аз ин гапи ҷавон нафаси оқсақол танг гардид. Ишора кард, ки ҷавон аз молиш бозистад.

– Аҷаб кори баде, – ғурунгос зад Исҳоқ, – номзадат монду худат овора…

– Не, номзадам ҳам бо мост, – гуфт ҷавон.

– Чӣ хел? Ӯро ҳам гирифтанд? – хавотиромез пурсид Исҳоқ.

– Ӯ ва модарашро гирифтанд, – гуфт Сабзқадам, – падараш

гурехта, ба ёғиёни Сарчашма пайваст.

– Падараш кист?

– Дегрези таҳмевӣ.

– Шинохтам, чилимдори худораҳматӣ қозӣ Давруқ буд, – ғамангез гуфт оқсақол ва андешакунон пешонӣ молида, гапашро давом дод: – Ҳеҷ гап не, беғам ба Файзобод бирасем, худам суратонро мегузаронам.

– Чӣ хел? – бо ҳайрат пурсид Сабзқадам.

– Ҳамин тавр, – ҷавоб дод Исҳоқ. – Лекин ба касе дар ин бора даҳан накушо. Он тарафаш – кори ман.

– Хуб шудаст, – хурсандона тасдиқ кард ҷавон ва бо рағбати бештар ба хорумоли ӯ машғул шуд.

Ин асно овози ширадори зане баланд гашт. Ӯ бо нолаву ҳасрат замзама мекард:

***Афсӯс, ки дар дашту биёбон мурдем,***
***Дур аз ватану ҷудо зи хешон мурдем.***
***Як пора хате навис, эй дӯсти азиз,***
***Дар хат бинивис, ки мо пурармон мурдем.***

***Эй баччаи хуртекуки барги гулакум,***
***Меҳри ту навиштаанд даруни дилакум.***
***Фардо, ки шавад хоки сиё манзилакум,***
***Кирмо биканан меҳри туро аз дилакум.***

Аз шунидани ин рубоиҳои ғамангез табъи оқсақол аз нав хира гашту дилаш боз сих зад. Андешаи гарони дигар ба хаёлаш роҳ ёфт: сабабгори бадбахтии ин асирон ӯст! Онҳоро аз ёру диёр ҷудо карда, ба истиқболи сарнавишти номуайян мебарад. Муҳаббатхон фарсахҳо дур монд. Фосила аз Шуғнон ҳар қадар зиёд мешуд, шабаҳи сиёҳи шоҳ ҳамон қадар хиратар мегашт. Ҷойи онро оқсақол Исҳоқ гирифт. Акнун тақдири бештар аз

сад асир дар дасти ӯст. Аҷаб дунёе! Ҳоло заҳри зулму беадолатии шоҳро бояд ӯ бикашад. Аз кадом соҳибгуфторе шунида буд, ки ҳар кас парҳезкор набошад, Худо ӯро ба хидмати ҳокими золим гирифтор месозад. Чи ҳикмате омӯзанда! Чандин сол қабл, вақте ки шунидаш, лаҳзае ҳам дар маънии он андеша накард. Ҳоло ки ба ёдаш омад, барои зиндагиаш дигар коре намедиҳад. Афсӯс ...

Гӯсфандонро оварданд. Оқсақол онҳоро бо диққати тамом аз назар гузаронд. Қучқорони фарбеҳу чанбаршох писандаш омаданд. Сипас ба Додмаҳмад, ки дар фароизи суннатӣ донишу таҷриба дошт, рӯ овард:

– Бародари азиз, мехоҳам, ки ин ду гӯсфандро забҳ карда, даъвати бақо[1] гузаронӣ.

Додмаҳмад сахт ба шигифт омад:

– Даъвати бақо? Сари саҳро?

– Бале, магар аз ин ҷойи беҳтаре дар дунё ҳаст?

– Худоии одӣ кардан мумкин, лекин даъвати бақо барои чӣ? – боз суол кард Додмаҳмад, ки гапи оқсақол ҳеҷ дар ақлаш намегунҷид

– Илтимос, рад накун, Дод, – дасташро ба китфи ӯ гузошта, хоҳиш кард Исҳоқ. – Кӣ медонад, умрам чӣ қадар мондааст. Мехоҳам чароғамро равшан кунӣ.

Додмаҳмад чи гуфтанашро надониста, бо ҳайрат сар ҷунбонд.

– Ин кори нав нест-ку? Дар мазҳаб равост, – суханашро давом дод Исҳоқ.

– Равост, лекин... – Додмаҳмад давоми гапашро фуру бурд.

– Ягон «лекин» қабул нест, бародар. Сар кун.

Додмаҳмад ва навкарон аҳли корвонро зери садаи сершо-

1. Даъвати бақо – маросими азо ҳангоми барҳаёт будани шахс. Муқобили «даъвати фано», ки пас аз вафоти пайравони мазҳаби исмоилия гузаронда мешавад.

ху барг хонданд. Вақте асирон фаҳмиданд, ки оқсақол даъвати бақо доданист, моту мабҳут шуданд.

Додмаҳмад фармуд гӯсфандро забҳ кунанд. Худ аз санги нимковоке чароғдон дуруст карду бо дуову дуруд ба сохтани фатила пардохт. Баробари ситорарух сукути подоманаҳои кӯли бузурги Шеваро ҳамсароии аҳли корвон халалдор сохт:

***Бишнос ба ҷону дил Худоро,***
***Султони ҳабиби анбиёро,***
***Ёрони ҷамеъи авлиёро,***
***Хуш гӯ салавот Мустафоро…***

Даъвати бақо бо наъту мадҳияхонӣ қарибиҳои ситорапар ба охир расид. Ҳозирон, ҳар кас чи дарде, чи аламе, чи ашке, чи ғаме, чи ҳасрате дар ниҳонгоҳи сина дошт, бо гиряву дуруд-хонӣ бадар овarданд. Сипас боҷ[1] хӯрданду насиба[2] ҳам тақсим шуд. Оқсақол амр кард, ки то чоштгоҳ бихобанд, чун пас аз маросими тӯлонӣ ба роҳ баромадан душвор буд.

Корвониён ба зери дарахтон хазиданд.

## МАСЛИҲАТИ ШИРИНБЕК ВА ҒАЗАНФАР

Ширинбек медонист, ки чи масъулияти хавфнокро ба зимма гирифтааст. Агар чархи тақдир ба коми ӯ нагардад, аз сад як ҷонаш ҳам наҷот намеёбад. Вале барои дафъ намудани шарри шоҳи золим аз сари мардум ҷасорат лозим аст. Бадбахтиҳое, ки Муҳаббатхон ба дӯши ҳамватанони ӯ афканд, ҳатто тоқати мансабдорону надимонашро тоқ кардааст. Кадом девонбегӣ сарашро зери теғ гузошта, ба муқобили шоҳаш суйиқасд меандешад?! Маълум, ки косаи сабри ӯ ҳам лабрез шудааст.

1. Боҷ – хӯроки марсимӣ иборат аз гӯшту гандуми нимкӯфта.
2. Насиба – кабобе, ки махсус барои иштирокдорони даъват мепазанд.

Ширинбек барои гуфтушунид бо Юсуфалихон дӯсти деринаи худ Ғазанфарро интихоб кард. Ин мард забоне дошт, ки бо он ба сангинтарин қалб ҳам роҳ ёфта метавонист. Ғайр аз ин, вай Юсуфалихонро шахсан мешинохт. Вақте ки Юсуфалихон дар Ёрканд фирорӣ буд, Ғазанфар ва падараш пайваста онҳоро хабар мегирифтанд.

Пас аз чошт Ширинбек ба писараш гуфт, ки ба Виёд меравад, то миқдори ҳосили имсоларо муайян кунад. Вай дар пуштаҳои ин деҳа замини лалмӣ дошт. Онро ба чоряккоре дода буд ва соле ду-се маротиба ба он ҷо мерафт. Ӯ ба кумайти тезтакаш савор шуда, дар дуроҳаи Дарморахт ба ҷойи Виёд лаб-лаби Панҷ роҳи Дарморахтро пеш гирифт.

Ҳисобаш дуруст баромад: Ғазанфар дар деҳаи Докхона дар манзили ягона сокини он – Девонашои меҳмонкӯб буд. Девонашо марде буд қавиҳайкали паҳлавон, бебок, девкор, заҳматкаш. Ӯ бар зидди шоҳи Вахон Муҳаммад Каримхон исён бардошта, шикаст мехӯрад. Муҳаммад Каримхон ӯро дастгир карда, ба дор кашидан мехоҳад. Девонашо аз таъқиби шоҳ гурехта, ба ҳамин деҳаи хушобу ҳаво мерасад. Деҳа замоне обод будааст, вале дар пайи кадом ҳодиса вайрону валангор шуда буд.

Девонашо дар ин деҳа хона сохта, аз Дарморахт духтареро ба занӣ мегирад ва дар муддати кӯтоҳ соҳиби фарзанд, молу гов ва ғаллаву мева мешавад. Бо сахову дасткушодӣ дар тамоми Шуғнон ном мебарорад, вале айбаш ин будааст, ки ҳангоми гусел меҳмононашро мезадааст. Боре марди тақводоре аз ноилоҷӣ шабро дар хонаи вай рӯз мекунад. Сохибхона иззати бисёр карда, саҳар тӯшаву туҳфа дода, ӯро мегуселонад. Меҳмон даст бардошта, дар ҳаққи ӯ ва аҳли хонаводааш дуои нек карда, тарсону нигарон бадар меояд. Девонашо ӯро то баромадгоҳи деҳа гусел ва сипас хайрухуш мекунад. Меҳмон чун мебинад, ки мизбон ӯро назад, ҳайрон шуда, бармегардад ва мепурсад, ки

барои чӣ ӯро назадааст? Девонашо ҷавоб медиҳад:

– Ман меҳмони носипосро мезанам. Ту аз ин қабил нестӣ.

– Носипосаш чӣ хел мешудааст?

– Оне, ки ба ивази меҳрубонӣ дар хонааат дуо намекунад.

Ба ҳамин сабаб Девонашо бо лақаби бимноки «Меҳмонкӯб» дар тамоми водиҳои гирду атроф машҳур гашта буд.

Соҳибхона оқсақолро дар сари замини ҳазорзаҳ[1] дучор омаду бо бағалкашиву чашмбӯсӣ пешвоз гирифт. Гоҳе гузори Ширинбек ба ин тарафҳо меафтид ва, албатта, Девонашо ӯро ба тановули як хурма ҷурғоти фараҳбахш ҳам даъват менамуд.

– Дар пуштат алов дорӣ, ки ин қадар саросема метобӣ? – пурсид Девонашо пас аз салом.

– Дар дидаҳот ҷонам, – посух дод Ширинбек, – Ғазанфарро кор дорам.

– Наход як ғундии ангатхор ҳам ба оқсақоли олитабор лозим шавад, – мутоибаашро давом дод Девонашо. – Вай дар лаби рӯд сабад мебофад.

– Машғулияти аҷибе барояш ёфтаӣ, паҳлавон. Ғазанфар бекор монад, тоқиаш дуд мекунад.

– Рафтем, ман туро ба назди ӯ мебарам, – гуфт Девонашо ва пеш даромад. – Хуб шуд, ки ҳамин рӯз омадӣ, пагоҳ рафтанӣ буд.

Онҳо ба назди Ғазанфар расиданд. Дӯстон ҳамдигарро канор гирифта, гарм ҳолпурсӣ карданд. Ғазанфар аз ташрифи андуволаш каме хавотир ҳам шуд.

– Дар хона тинҷист? Хоҳарам шифо ёфт? – пурсид ӯ.

– Баъди дидори худат, ростӣ, ваҳмакаш гум шуд. Чи пойи қадами неке дорӣ, андувол!

– Дуогӯ – хурсанд шуд Ғазанфар, – нафаси ман ба ҳама таъсир мегунад, ба ғайр аз ҳамин девбарзангӣ. – Ӯ ба ҷуссаи бузурги Девонашо ишора карда, хандид. – Чи қадар даму дуо гунам, заррае сафед намешавад.

1. Ҳазорзаҳ – ғаллазори иборат аз омехтаи боқило, патак, ҷавдор.

Девонашо қоҳ-қоҳзанон хандид ва гуфт:

– Сари саҳро ки хуш омадед, лекин беҳтараш ба хона равем.

– Қуллуғ, худам омадаам[1], ҷавоб дод Ширинбек, – ман фурсати нишастан надорам, дӯстам. Лекин ҷурғоти валъамататро ёд кардаам.

– Ҳо, шумо кордорони ҳукумат, – киноямез гуфт Девонашо, – аз бефурсатии худ Шуғнонро аз бандазод холӣ кардед. Шумо аз дидори ҳам сер шавед, ман хӯрданӣ меорам.

Девонашо рафт. Ширинбек мақсади омаданашро ба Ғазанфар гуфт. Ғазанфар пешниҳоди ногаҳонии дӯсташро тааммул намуду посух дод:

– Рафтани ман ба пеши Юсуфалихон гори шубҳанок нест, легин агар дар Шуғнон сирро нигоҳ дошта натавонанд, ман ги мегурезам, легин сари худат тарбузи ғелон мешавад.

– Гап дар байни ману туст. Ба Девонашо бигӯ, ки ман туро ба Ғорон барои он фиристодам, ки аз галаи шоҳӣ асп биёрӣ.

– Дар бозгашт маро бе асп бинад, чӣ гӯям?

– Ба роҳи Ғорҷвин баргард.

– Юсуфалихон одами хеле дарундору нофаҳмост. Ягон балоро ба сарам наорад? – дар чашмони калони айёри Ғазанфар лаҳзае шуълаи нобоварӣ барқ зад.

– Ғазанфар, вай ҳоло ташнаи хуни бародари худ аст. Ҳар касе барои ба тахт баргаштан ӯро ёрдам кунад, ҳабибу азизаш мешавад. Наход дар ҳамин кори равшан шубҳа кунӣ?

Ғазанфар сари тосашро хорида, ҷавоб дод:

– Андувол, бимам аз ин аст, ки подшоҳон мисли ману ту дуруст фигр намекунанд. Легин ман гапи туро ба замин намемонам. Ҳозир гӯйӣ, ба роҳ мебароям.

– Зиёфати Девонашоро ки хӯрдем, ба роҳ баро. Ман ҳам

1. Таомули берун аз хона илтифот кардани мизбон ба меҳмон дар Шуғнон. (– Хуш омадӣ сари саҳро, – мегӯяд мизбон. – Худам омадам, – посух медиҳад меҳмон).

бояд зуд баргардам, ки касе шубҳа накунад.

Девонашо дар ду сабадак хӯроки ҳархела, аз ҷумла шӯрбои шавдегӣ овард. Дӯстон соате бо ҳам сари дасторхон суҳбат карданду бо деҳхудои дасткушоду меҳрубон паноҳбархудо карда, ба ду самти муқобил – Ғазанфар ҷониби Файзобод, Ширинбек сӯйи Баҳшор асп ронданд.

## ЗАҲРИ МОР

Аз баландӣ на танҳо ҳавз, балки гирду атрофи сербуттаву сердарахти он ҳам чун дар кафи даст намоён буд. Вай аз чашмаи сероби пуштакӯҳи шимоли Файзобод сероб мегардид. Обаш чун гавҳараки чашм шаффоф, ҳарораташ тобистону зимистон қариб як хел. Мувофиқи нақли мардум онро кадом як шоҳи Бадахшон барои тафреҳи худ ва муқаррабонаш канда, ҷӯй кашида, як қисми оби чашмаро ба он сар додааст. Бо мурури замон ин мавзеъ ба фароғатгоҳи дарбориён ва меҳмонони шоҳу мансабдорони ӯ табдил меёбад. Дар ҷангалзори атрофи он ҳайвоноти ваҳшии хурд, ба мисли рӯбоҳ, кафтор, заргӯш, саги обӣ, мири мушонро дучор омадаву шикор кардан мумкин буд. Паррандагони гуногун низ бо ҳузури пурсурури худ онро пурлатофаттар мекарданд. Дар дохили ҳавз ҳам зиндагӣ ҷӯш мезад: селаи мурғобиву қуҳои гардандарози сафед бо шавқуну беқарориҳои хеш гӯё одамонро ба тамошо даъват менамуданд. Сабоҳи барвақт моҳиён ҳар ҷо-ҳар ҷо бозикунон рӯ-рӯи об хез зада, сонияе бадани чун шир сафеди худро намоиш дода, боз шалаппосзанон ғӯта хӯрда, ба умқи ҳавз мерафтанд.

Имрӯз ҷумъа аст. Дар ин рӯз наздики чоштгоҳ занону духтарони аҳли дарбор, ҳатто шаҳбону ва духтаронаш оббозӣ мемоданд. То бозгашти занон ҳеҷ марде ҳақ надошт ба ин ҷо қадам гузорад. Як даста канизони мусаллаҳ дар гирду атроф

гашта, занонро аз ҳузури номаҳрамон муҳофизат мекарданд.

Аз камингоҳи Қубодхон ҳаракати ҳар як зан дар беруну даруни ҳавз равшан намудор буд. Ӯ аз зери буттаи қоти сершоху барги мевааш жолаборон онҳоро бо диққат назора мекард. Ангор шикорчие дам ба дарун зада, галаи оҳувонро бо нигоҳаш таъқиб менамуд, то дар лаҳзаи даркорӣ куланги камонро бехато зер карда тавонад.

Падараш ҳафтаи дуюм боз ӯро назарбанд кардааст. Агар донад, ки ба хонаи Ишратӣ қадам гузоштааааст, тамом: каппааш дуд мекунад! Аммо Қубодхон як рӯз бадани занро набинад, орому қарорро аз даст медиҳад. Хотираш парешон мегардад, ҳатто гоҳе аз мӯйи сар то пошнаи пояш мехорад. Шаш рӯз ба ин минвол гузашт. Имрӯз эҳсоси шаҳват чунон бар тану ҷонаш ғалаба кард, ки ба баҳонаи сайри боғ пинҳон аз чашми ҳама беихтиёр роҳи ҳавзро пеш гирифт. Хеле чену бар карда, ҳамин буттаи қотро интихоб намуд. Баробари даромадан ба таги он панҷ-шаш харгӯш гуррӣ аз паҳлуяш гузаштаву лонаи худро ба ихтиёри ӯ гузошта, ба ҳар тараф гурехтанд.

Инак, дар соҳили ҷониби Қубодхон як даста зану духтар бо либосҳои рангоранг болои регзор нишаста, машғули суҳбатанд. Вай гапашонро равшан намешунид, лекин коҳ-коҳ хандидани онҳо ба гӯшаш расида, ҷони ташнаашро навозиш мекард. Муддате пас чор духтар либосашонро рӯи рег ҳаво дода, лучи модарзод бо шавқун худро ба об андохтанд. Аз дидани пайкарҳои сафеди онҳо қалби Қубодхон аввал гӯё аз тапиш бозистод ва дақиқае баъд чунон сахт зад, ки зарбаҳои онро дақиқ мешунид. Духтарон чобук дастаку почак мезаданд, сабқат мекарданд ва ба сару рӯйи ҳамдигар хандазанон об мепошиданд. Оби шаффофи кӯл латофати баданашонро на ин ки намепӯшонд, балки назаррабову шевотар ба ҷилва меовард.

Пас аз як ҳафта падараш Қубодхонро зан доданист. Лекин вай намехоҳад. Дурусташ, пойбанди як зан шудан намехоҳад.

Кадом як духтарро ба бағали ӯ меандозанду озодиашро кашида мегиранд. Қубодхон мехоҳад, ки шабу рӯз дар ҳалқаи духтарони гуландоми норпистон бошад. Шароб хӯраду масту махмур онҳоро ба канор кашад, рӯяшонро бӯяд, баданашонро эҳсос кунад. Наход писари шоҳи як мамлакат шуда, аз чунин муъҷизаи ҳаёт маҳрум монад?!

Духтарон қаду қомат ва синаҳои таранги худро чамондаву ларзонда, аз ҳавз баромада, дар рӯйи рег ба шикам дароз кашиданд. Ду зани калонсол ҷонибашон дастафшон чизе гуфтанд. Онҳо баланд хандиданд. Қубодон аз тамошояшон ҳанӯз сер нашуда, занони дигар ҷониби ҳавз рафтанд. Аз ин даста танҳо як ҷавонзан урён шуд, дигарон бо пироҳан ба об даромаданд. Ин ҷавонзан пӯсти сиёҳранг, андоми пурра, қади баланд ва мӯйи дарози ғӯлӣ дошт. Вақте либосашро барканд, мӯйи то зону баданашро чун пероҳан пӯшонд. Ӯ хиромон ба об даромаду бо ҳаракоти зебо обро гӯё миннатдор карда, чун моҳӣ ба шино пардохт. Он қадар орому зебо қанотак мезад, ки гӯё арғушт мерафт. Мӯйи дарози ғайриодӣ гоҳе аз пайкараш ҷудо шуда, дар рӯйи об мавҷ мезад, гоҳе ба баданаш мечаспиду гоҳе парешон гашта, арғушти ҷавонзанро мазмуну маънии тоза мебахшид.

Падари бешафқаташ Қубодхони аз чунин неъмати дунё сернашударо ба ҳаҷ фиристоданист. Чи зулме! «Ё зан мегирӣ, ё ба ҳаҷ меравӣ!» – ба ёд овард ӯ таъкиди Юсуфалихонро. Писар маҷбур шарти аввалро қабул кард. Бистсола нашуда, аблаҳист ҳаҷ рафтан!

«Худаш ҳаҷ равад, – бо нафрат аз дил гузаронд шоҳбача, – ба домани чил расидааст. Ба ҷойи андешаи гӯру қиёмат дар фикри ба даст овардани тахти шоҳист. Гӯё фарзи мусулмонӣ ба ӯ дахл надорад. Ҳатто намоз намехонад».

Духтарони дарозкашида якбора бархоста, аз нав худро ба

оғӯши об заданд. Қубодхон аз ғалаёни лаззату шамотат қариб фарёд мекашид, вале дар куҷо буданашро ба ёд оварду дамашро дарун зад. Хайрият худдорӣ кард. Як лаҳза баъд дар пеши назараш ду зани шамшердор пайдо шуданд ва бе овоз аз назди камингоҳи ӯ гузашта, ба лаби ҷар рафтанд.

«Гурехтан даркор!» – ҳаросон аз дил гузаронд Қубодхон. Ӯ ба ақиб нигоҳ кард. Қот он қадар шоху барги зич дошт, ки маълум набуд дар пушти он чи бошад. Пеш рафтан баробари марг аст! Қубодхон бунлағжон ақибнокӣ худро ба гӯшаи муқобил расонд ва шохаеро оҳиста бардошту роҳи гурезашро аз назар гузаронд. Буттаҳои ҳархела ва алафи баланд имкон медоданд, ки ноаён аробаи худро кашад.

Вақте Қубодхон ба боғи кӯшк даромад, нафаси сабуке кашиду ором шуд ва ҷониби хона рафт. Падараш бо шахси ношиносе саргарми суҳбат буд. Чун писарашро дид, норозиёна гуфт:

– Дар куҷо мегардӣ?

– Ба сайри пушта баромадам, – сар пеш афканда, ҷавоб дод писар.

– Ин писарам Қубодхон, – ба шахси ношинос рӯ овард шоҳ, – хеле ғаюру батадбир аст.

Марди ношинос «Ҳай, борагаллоҳ!» - гӯён чанд бор сар ҷунбонд ва ду қадам сӯйи Қубодхон гузошта, дузону зад.

– Ассалому алайгум, шоҳписари зебо ва бофарру нишон, – гуфт он мард, – Яздони пог ифтихорро аз сарат, иқболро аз дарат, нигини давлатро аз афсарат, биму тарсро аз оби ханҷарат барганор нагунод! Сари банда хоги дари падарат, ҷонам фидои ҳар тори мӯйи сарат, эй азизтарин азизони мулги Шуғнон!

Қубодхон, ки дар умраш чунин сухани малеҳу ҳарфи саҳеҳро аз касе нашунида буд, моту мабҳут монда, чи карданашро намедонист.

– Бо амакат салом намекунӣ? – овози падар Қубодхонро ба

худ овард ва ӯ ба меҳмон даст дароз кард.

Меҳмон дасти шоҳбачаро се бор бӯсид, се бор ба чашм молид ва гуфт:

– Худоро ҳазорон шугру сипос, ки мушарраф шудам.

– Қубод, ту ба хона даро ва нон фармо, мо баъдтарак меоем, – амр кард шоҳ.

Қубод сар ҷунбонду ҷониби хона рафт.

Марде, ки бо гуфтору рафтораш Қубодхонро ба ҳайрат гузошт, Ғазанфари ошност, ки соате пеш худро ба ҳузури Юсуфалихон расонда буд. Вақте посбон ба Юсуфалихон аз расидани марде ба номи Ғазанфар хабар дод, шоҳ ҳайрон монд. Ӯ Ғазанфарро дар айёми наврасиаш дар Ёрканд дида буд ва ҳеҷ гумон намекард, ки бо ӯ вомехӯрад ва он ҳам дар Файзобод. Чун аз мақсади ташрифи ногаҳонаш воқиф гардид, бештар ба ҳайрат афтод. Албатта, Юсуфалихон бо ҷону дил мехост бародарашро нобуд созад ва чунон ки медонем, ба ин мақсад кӯшиши бенатиҷае ҳам кард. Вале ба ин тарз саҳлу сода ҳал гаштани муамморо ҳеҷ чашмдор набуд. Вай метарсид, ки найранге дар ин кор ниҳон набошад.

***То фанд набошад андар ин кор,***
***Дунба чӣ кунад даруни шудгор?***

– Ҳеҷ бовар намекунам, ки давонбегӣ, баландпоятарин мансабдори дарбор, хостори нобуд кардани Муҳаббатхон шуда бошад. Ин бетармолӣ чӣ ғараз дорад? Шояд худаш ба тахт нишастан мехоҳад?

– Тасаддуқ, шоҳам, қурбони ҷадди бузургворат, ги намедонам. Аммо он ги Муҳаббатхон хуни мардумро аз дами шамшераш мелесад, муссалам ва яқин аст. Ҷони гасе дар амон нест, на аз агобир, на аз асогир, на аз деҳқон, на аз чӯпон. Дар Шева

корвони асиронро дарёб гардам, ки Муҳаббатхон ба фӯрухтани онҳо дар Файзобод амр додааст…

– Асирон? – шоҳ сухани Ғазанфарро бурид, – Наход? Чанд нафар?

– Аз сад зиёданд, аълоҳазрат.

Аз ҷавоби савол дида, «аълоҳазрат» гуфтани ҳамсуҳбаташ Юсуфалихонро бештар хурсанд кард. «Чӣ марди хушсухане будааст, – аз дил гузаронд ӯ, – барои гуфтушунид бо давлатдорон аз ин беҳтар шахсе надидам».

– Аз сад зиёд? Хеле хуб, – гуфт нимғурма шоҳ ва лаҳзае пас афзуд: – яъне, хеле бад…

Ғазанфар чизе нафаҳмид. Аз сукути шоҳ истифода бурда, исту бисти ӯро аз назар гузаронд. Қаду қомату тарҳи рӯяш ба Муҳаббатхон монанд. Аммо пешонии Муҳаббатхон васеътару пешонии бародараш андак барҷаста, чашмонаш калонтар. Ришаш ҳам паҳнтару торҳои сафедаш бештар. Китфу бозувони тавоно ва қомати расои баландаш аз он шаҳодат медоданд, ки дар паҳлавониву майдондорӣ ҳунарманд аст.

– Хууб, Ғазанфар, ман ба ту бовар мекунам, – ниҳоят овоз баровард шоҳ, – лекин сирри подшоҳонро нигоҳ надоштан бо сари худ бозӣ кардан аст.

– Бале, шоҳам, тасаддуқи ҷоҳу ҷалолат, медонам, – таъзим намуд Ғазанфар.

– Пас аз хӯрок ман ба ту захр медиҳам. Агар касе дар фикри фиреби ман бошад, ҳамон беҳтар, ки худ бихӯрад.

– Чи панди хирадмандонае! – нидо кард Ғазанфар. – Ман онро ба гӯшам ҳалқа мегунам. Зиҳӣ хиради шоҳона!

Онҳо дар айвон хӯрок хӯрда, аз ҳар дар суҳбат карданд. Чун Юсуфалихон донист, ки дӯсти овони бачагиаш дар Ғунд сукунат ихтиёр карда, ба деҳқониву тиҷорат бо Кошғар машғул аст, хеле хурсанд шуд. Дар охири зиёфат Ғазанфар як бозубанди зарринро, ки бо ҳуруфи чинӣ навиштаҷоте дошт, ба Юсу-

фалихон ҳадя карду гуфт:

– Шумо хоҳ дар ин ҷо бошед, хоҳ дар Шуғнон, барои ман шоҳед. Ман иззати шуморо чи дар Помирзамин, чи дар Чин нигоҳ медорам.

Юсуфалихон ба гуселаш баромад ва гуфт:

– Бори аввал мешунавам, ки як нафарро «шумо» гӯянд. Ин чӣ лафзест?

– Лафзи геҳтарон бо меҳтарон, шоҳам. Одоби сухан гуфтан дар назди шоҳон чунин аст.

Шоҳ ба китфаш даст гузошт ва ҳамёни хокистарранге ба кафаш ниҳоду гуфт:

– Эҳтиёт кун, ки нарезад ё тар нашавад. Заҳри мор. Дар як шабонарӯз мекушад. Роҳи сафед, оби соф!

Ғазанфар таъзим карда, ба аспи бодпояш савор шуд ва башаст рафт. Шоҳ аз дунболаш хеле назар дӯхту ба айвон бозгашт ва Қубодхонро фарёд кард. Шоҳписар зуд ҳозир шуд ва мунтазири амр истод.

– Ду надимро бигиру гармоба бирав. Фардо никоҳ дорӣ.

Ин гап чун теғ то мағзи устухони Қубодхонро ба дард оварда бошад ҳам, сар ҷунбонд ва айвонро холӣ кард.

## СУПОРИШ БА ЗАНҶИРИ ҶАЛЛОД

Барфи калони чашмхиракунанда дар чор сӯ сафедӣ мезанад. На пуштае, на ҷарие, на дарахте, на хонае. Аёс он гуна заминро пахш кардааст, ки ҷарангоси пасти тӯлонии ҳузури онро шунидан мумкин. Аз куҷое овози хастаи пиронае ба гӯши Муҳаббатхон мерасад. Ба ҳамон ҷониб меравад. Овоз равшантар мегардад. Муҳаббатхон мебинад, ки падараш то миён дар барф ғарқ шуда, фарёд мекашад: «Номам чист?» Аз чор тараф ба сару рӯяш ғандолҳо[1] мерезанд. Онҳое, ки ӯро ме-

1. Ғандол – кулӯлаи барф

зананд, намудор нестанд. Хандаҳои масхаромез дар фазо танин меандозанд. Баробари садо додани онҳо Абдураҳимхон ба худ мепечад ва ҷонҳавл фарёд мекашад: «Ёрӣ диҳед, номамро фаромӯш кардаам». Дили Муҳаббатхон ба ҳоли падар месӯзад, фарёд мекашад, ки «Номат Абдурҳимхон аст!», вале мӯйсафед намешунавад. Муҳаббатхон наздиктар меравад. Ҳар қадар пеш равад, ба наздаш намерасад. Тамоми қувваашро дар садопардаҳо ҷамъ оварда, дод мезанад: «Абдураҳимхон!!!»…

– Ба ту чӣ шуд?

Овози Сарвиноз Муҳаббатхонро бедор кард. Ӯ чашм кушода, дар рӯбарӯяш чашмони хумории занашро диду дилаш ором гирифт.

– Хоби бад дидам, Ноз.

– Номи падаратро ба забон овардӣ?

Муҳаббатхон арақи сарди сару танашро пок карда, пичиррос зад:

– Ҳамин хобро бори дуюм мебинам… Тавқи лаъмат…

– Ба ман нагӯ, аввал ба оби равон гӯй, дилат равшан мешавад.

Муҳаббатхон сар ҷунбонду бархост. Чашми рӯз мекафид.

– Ту бихоб, ман обтанӣ карда, ба боргоҳ меравам. Рӯзи сангине дар пеш аст.

Сарвиноз дасти шавҳарашро бӯсида, ӯро бо нигоҳҳои меҳрбор гуселонд.

Вақте шоҳ ба боргоҳ даромад, Бонак хоболуд аз рӯйи қолини пеши дар бархоста, салом дод.

– Ту дар бағали занат хоб намекунӣ? – норозиёна пурсид шоҳ.

– Наметавонам, шоҳам, – бо гардани каҷ посух дод Бонак.

– Чиро наметавонӣ?

– Зандориро, шоҳам. Ман ба танҳоӣ одат кардаам.

Шоҳ даме ба руйи Бонак чашм давонда, ба рухсораш шӯхиомез ҳуппоҷе заду амр кард:

– Занҷиру даҳаҳоро даъват кун.

– Ҳозир?

– Худи ҳозир.

Бонак шитобон рафт. Шоҳ дасту по ҷунбонда, рахт шикасту либоси ҷангӣ пӯшид.

Соате пас афсарон аз шоҳ супориши омодагӣ ба ҷанг гирифтанд. Муҳаббатхон ҳамаро ҷавоб доду Занҷирро маътал кард.

– Занҷирбек, кореро, ки сар кардӣ, имрӯз бояд анҷом диҳӣ. Агар то бегоҳ Ҷаҳонгирро ҳалок накунӣ, бо дастони худам туро ба дарвозаи қалъа меовезам.

Занҷир гуфт:

– Шоҳам, иҷозат деҳ, филҳол ҳуҷум барем. Онҳо субҳи барвақт зарбаи моро чашмдор нестанд.

Шоҳ ба китфи Занҷир тап-тап заду гуфт:

– Офарин ба ақлу фаросатат! Ту хаёл мекунӣ Ҷаҳонгир бо дастааш сар рӯйи кунда гузошта, мунтазир аст, ки Занҷири ҷаллод кай омада, ӯро гардан мезанад!? Аз ту аблаҳтар одамеро надидаам. Дирӯз дар ҳамин майдони кушод ба шумо фурсат надод, ки тире холӣ кунед, пас имрӯз, ки бузургтарин қалъаи Шуғнон бо дувист навкари мо ва бештар аз сад ҷангии худаш дар ихтиёри ӯст, ту бо кадом ақл аз бурҷу бораи Баҳрпанҷа мегузарӣ ва Ҷаҳонгирро мекушӣ?!

– Наход лашкари худамон ба тарафи ӯ гузашта бошад, шоҳам? – бо таҳайюр суол кард Занҷир ва ҳамоно аҳмақона будани пурсишашро фаҳмида, забон хоид.

– Эй лелаи ноқисулақл, ту бо кадом ҷойи баданат фикр мекунӣ?

– Узр, шоҳам, ман донистагиамро гуфтам.

Муҳаббатхон бо заҳрханди ҷонхарош дар рӯбарӯйи вай истод, ба сандуқи синааш муште зад ва бо овози паст, вале хашмолуду таҳдидомез ғуррид:

– Ӯро сари номус биёру ба ҷанги тан ба тан даъват кун. Магар ту дар назди ман лоф назада будӣ, ки каллаашро бо ҳамин панҷаҳои худат меканӣ? Ё ман нодуруст шунидам?

– Не, дуруст шунидӣ, шоҳам. Ман аз қавлам нагузаштаам.

– Хеле хуб. Акнун замони панҷа заданат бо Ҷаҳонгир расид. Лашкар бигиру то равшан шудани рӯз дар пеши Баҳрпанҷа бош. Ба овози баланд Ҷаҳонгирро ба ҷанг хон. Натарс, ӯ бо ҳама нерумандӣ пир аст, зуд хаста мешавад. Ҷангро кашол деҳ ва афгораш кун. Он гоҳ бо ишораи ту лашкар тохт меорад ва ҳалокаш месозад. Фаҳмо?

– Фаҳмидам, шоҳам, – хурсанд нидо дод Занҷир. – Тадбири ниҳоят оқилона андешидӣ.

Муҳаббатхон сар ҷунбонд ва ӯро ба сӯйи дар тела дод.

– Бирав, бигӯ ба навкарон хӯрок диҳанд.

Занҷир оҳи сабуке кашиду бадар рафт. Муҳаббатхон бо танаффур аз қафояш туф карда, шамшери ҳиндияшро ба ғилоф андохт.

## ЗАХМӢ ШУДАНИ ҶАҲОНГИР

Субҳи он рӯз ҳарорати ҳаво якбора чанд дараҷа фаромад. Баданҳои ба гармо одаткарда серунии ҷонафзоро дарҳол ҳис карданд. Ҷаҳонгир дарёфт, ки моҳи ношпаз[1] барои харбузапаз[2] ҷой холӣ намудааст. Аз ҳушёрхобии шабона сараш каме гиҷ, посбононро иваз кард ва амр дод, ки ҳама ба муҳориба омода шаванд. Сипас бо Гулпочо аз дари зиндон, ки дусад нафар навкари Муҳаббатхонро бо сипаҳсолори онҳо болоиҳам дар он ҳабс карда буд, хабар гирифт. Чун ба маҳкам будани он бовар кард, фармуд, ки асиронро ҳам аз таҳтӯл бенасиб нагузоранд.

Баъд бо Мулло Хишолу Мирзоазиз вузу гирифтанду намоз

1. Ношпаз – номи моҳ мувофиқи тақвими шуғнонӣ, баробар ба 21 июн – 21 июл.
2. Харбузапаз – номи моҳ, баробар ба 22 июл – 23 август.

гузоштанд. Пас аз намоз мағзи сараш равшан гашт. Ӯ ба пову сари Мирзоазиз марҳам молида, аз нав баст ва гуфт:

– Паҳлавони ҳақиқӣ набояд ба дард тан диҳад.

– Шохи барзаговро меканам, – гуфт Мирзоазиз. – Сиҳатам, бобо.

Субҳ надамида, Ҷаҳонгир дастаашро аз қалъаи Баҳрпанҷа берун овард. Барои муҳофизати он понздаҳ нафарро муваккал гузошт. Як савораро ба Демурғон, савораи дигарро ба Сарчашма фиристод, то аз оғози ҷанг бо лашкари шоҳ мардумро огоҳ намоянд. Ба боғи калон расида буданд, ки лашкари шоҳ низ аз Саройи санг баромад. Муҳаббатхон Турсунбой ном афсари ҷангдидаро фармондеҳи сипоҳ таъйин карда буд. Худаш ба табақаи дуюм баромад, то ҳаракати лашкарро наззора кунад.

На Муҳаббатхон, на Турсунбой ҳеҷ гумон надоштанд, ки Ҷаҳонгир бо дастаи на он қадар калонаш аз Баҳрпанҷа баромада, роҳи сипоҳро дар назди Саройи санг мегирад. Бинобар ин, Турсунбой баробари дидани шӯришгарон чи кор карданро надониста, амр дод, ки сипоҳ биистад. Ҷаҳонгир чун сипаҳдори пуртаҷриба медонист, ки агар душман роҳи қалъаро бигирад, дастаи ӯ ба муҳосира меафтад ва муҳориба ба дарозо кашида, шоҳ бартарӣ пайдо мекунад. Вай роҳҳои ёрӣ ба шӯришгаронро қатъ намуда, онҳоеро, ки Ҷаҳонгиру ҳамроҳонаш ба хотири ҳимояи манфиаташон ба даст силоҳ гирифтаанд, тарсондаву кушта, дастаи ӯро аввал рӯҳан, баъд ҷисман набуд месозад.

Муҳаббатхон аз болохона сипоҳи Ҷаҳонгирро диду аз ғояти ғазаб ба гардани панҷаи ҳамроҳаш мушти фаровард. Ӯ бо алам медид, ки чи гуна Ҷаҳонгир нақшаашро дар оғоз, ҳатто гуфтан мумкин ки оғоз накарда, барбод дод! Акнун тамоми умед ба Занҷири демурғонист.

Занҷир ҳам бе лаъбу диранг асп ба майдони масоф ҷаҳонд, дар мобайни он истод ва фарёд кашид:

– Эй Ҷаҳонгири пири ношуд, мардӣ аз туву номардӣ аз ман! Ба майдон баро!

Ҷаҳонгир Занҷири демурғониро чун ба он ҳайбату салобат дид, гуфт:

– Ин оқипадари кундабун ҳам зани шоҳро гирифту майдондор шуд. Соати маргаш расида бошад?

Касе ин гапро шунид, аз ханда худдорӣ карда натавонист. Занҷир ҳамоно дод мезад:

– Эй Ҷаҳонгири беҷону бемадор, мабодо номардӣ карда, касеро фиристӣ. Ман ба ҷанги ту омадаам. Агар чизе аз мардӣ дар танат боқӣ монда бошад, баро!

Чанд нафар хостанд ба майдон бароянд, вале Ҷаҳонгир эътироз кард:

– Агар касе аз шумо ба майдон равад, ин фурумоя гумон мекунад, ки ман тарсидам. Аз ин тамоми лашкари шоҳ рӯҳбаланд мегардад.

Ҷаҳонгир пиёда бо шивезну шамшер ба майдон пой гузошт ва дар баробари Занҷир истод. Занҷир шамшер баркашиду ба сари ӯ асп монд. Ҷаҳонгир бо шивезнаш ба сари асп зарбае зад ва худро канор гирифт. Асп аз шуддати дард чанд бор дар гирди худ давр зад. Занҷир бо илоҷе ҷонварро ором карда, бонг зад:

– Ту ба ҷанги ман баромадаӣ, ё ба ҷанги асп?

– Нахостам, ки дар ҳуҷуми нахуст ҷонатро бигирам, ноҷинси хиёнаткор!

Занҷир ба паҳлуи асп маҳмез зад ва ба сари Ҷаҳонгир ронд. Ҷаҳонгир шивезнашро бардошт ва ҳине асп ба ӯ баробар шуд, ба дасти шамшердори Занҷир зарбае зад. Вай, дард ёфта бошад ҳам, шамшерро нигоҳ дошта тавонист. Вақте асп даҳ-дувоздаҳ қадам онсӯтар истод, Ҷаҳонгир гуфт:

– Имкон медиҳам, ки ягон касро ба ёри даъват кунӣ. Дудаста ки коре аз ту набаромад, якдаста чӣ мекунӣ?

Аммо Занҷир шамшерашро бардошт ва боз ҳуҷум кард. Ин бор ҳар ду бо ҳам хеле чакочак карданд. Дерпоии Занҷир аз он буд, ки чун Ҷаҳонгир ба ӯ ҳуҷум меовард, савориашро чанд

қадам дур меронд ва ҳамоно боз шамшер мекашид. Ниҳоят зарбаи шивезни Ҷаҳонгир ба рони Занҷир расиду ӯ аз шиддати дард фарёде баровард. Турсунбой инро ишора барои ҳуҷум дониста, ба сипоҳаш амри ҳамла дод. Даҳҳо навкар савору пиёда ба сари Ҷаҳонгир рехта, ӯро аз чор тараф задан гирифтанд.

Гулпочо аз ин сурати муҳориба аввал каме даступо хӯрд, вале чун дид, ки Мирзоазиз ҷонибси бобояш давид, фармон дод:

– Ҳуҷум кунед!

Ҷанги мағлубаи шадид даргирифт. Аввал шӯришиён зӯр оварданд. Мирзоазиз худро ба бобояш, ки аз паҳлуи росташ шамшер хӯрда буд, расонд ва ҳар ду ҷангкунон аз ҳалқаи душман баромаданд. Азбаски хун бисёр рехт, мадори паҳлавони пир хушк шуд. Мирзоазиз ӯро савор карда, ба Мулло Хишол ва як нафари дигар гуфт, ки ба хона бурда, ҷароҳаташро банданд. Сипас ба майдони ҷанг асп ронд ва бо нидои «Қасос барои Ҷаҳонгир!» худро ба қалби сипоҳи шоҳ зад. Шӯришгарон аз ин рафтори Мирзоазиз рӯҳбаланд гашта, ба душман фишор оварданд. Ин асно аз Демурғон ҳам панҷоҳ нафар бо нидои «Нест бод Муҳаббатхон!» расида, ба ҷанг пайвастанд ва лашкари шоҳ маҷбур шуд, ки то дарвозаи Саройи санг ақиб нишинад. Вақте Муҳаббатхон дид, ки шӯришгарон ба дарвоза наздик омаданд, амр дод, то табли осоиш навозанд.

## ҶАНГБОЗӢ

Худи ҳамон рӯз Қозӣ-девонбегӣ низ дар муқобили ҳамдеҳагонаш лашкар орост. Аммо офтоб ду найза баланд шуда бошад ҳам, аз муҳофизони Нимдеҳ дараке набуд.

«Ин ҷиянам ҳам аз аблаҳтарин касон баромад-ку, – бо асабоният аз дил гузаронд Қозӣ. – Наход корро шӯхӣ гумон карда, одамонашро ба майдон наандозад?»

Аз ин дертар истодан боиси пайдо гаштани шубҳаву гу-

мони бад дар байни навкарон мегашт. Бинобар ин, Қозӣ амр дод, ки ду савор ба ҷониби деҳа рафта, вазъи шӯришгаронро муайян кунанд. Саворон хабар овარданд, ки шӯришгарон дар мавқеи дирӯзаашон истодаанд ва шояд лашкари шоҳро дар ҳамон ҷо мунтазиранд. Қозӣ аз фариғболии Хуршедшо ба хашм омад. Аммо боз андешид, ки шояд сабаби ҷиддие ӯро ба тағйир додани нақшаашон маҷбур кардааст.

Вай афсаронро ба маслиҳат даъват карда буд, ки аз ҷониби Баҳшор саворе расид.

– Сойиб, – арз кард савор, – Ҷаҳонгир ба қалъа ҳуҷум кард. Шоҳ ба ту дастур дод, ки кори ин ҷоро зуд тамом карда, ба дарбор баргардӣ.

– Ба шоҳ бигӯ, ки амрашро иҷро мекунам, – посух дод Қозӣ.

Савор рафт. Қозӣ ба андеша афтод, ки чи кор кунад. Агар Ҷаҳонгир пирӯз гардад, ба ҷангбозии ӯ дар Сарчашма ҳоҷат намемонад. Лекин агар шикаст хӯрад, маҷбур аст, то расидани дастури Юсуфалихон бо ҷиянаш мушу гурбабозӣ кунад.

– Ҷони шоҳ дар хатар аст, – гуфт Қозӣ. – То пешин сабр мекунем, агар ёғиҳо қалъаро ба муҳосира гиранд, мо ба онҳо аз қафо зарба мезанем.

Девонбегӣ бисёр мехост донад, ки барои чӣ бародарзодааш ба ҷанги ӯ наомад. Аз ин сабаб, ба сипоҳ дастури омодабош доду худ бо ду навкар роҳи Нимдеҳро пеш гирифт. Ба талоя расиду талаб кард, ки Хуршедшоро ба гуфтушунид даъват намоянд. Чанд дақиқа пас Хуршедшои мусаллаҳ бо камон ва шофи худсохти ба қоши зин овезон дар рӯбарӯи амакаш қарор гирифт.

– Ту барои чӣ аҳдро вайрон карда наомадӣ? – бе салому муқаддима пурсид Қозӣ.

– Ту гумон дорӣ, ки ман ба гапат бовар кардам? Ҷанг мехоҳӣ, ҳуҷум кун, – посух дод ӯ.

– Гӯш деҳ, маҳмаддонои мағрур! Ту бо чунин рафторат

ҷони тамоми мардуми Сарчашмаро зери хатар мегузорӣ. Бо кадом ақл лашкари шоҳро ба даруни деҳа мекашӣ? Медонӣ, инҳо бо занону духтарони мо чӣ мекунанд?

– Ман ягон навкари кӯсаи тангчашматро ба деҳа роҳ намедиҳам, фаҳмидӣ, хоин!

– Чӣ гуфтӣ? – ба гӯшҳояш бовар накарда, пурсид Қозӣ.

– Хоин! Ватанфурӯш! Беномус! – дод зад Хуршедшо.

– Буздили худозада! – хитоб кард Қозӣ. – Ман дирӯз магар бо девор гап задам? Ту тарсида, аз деҳа берун наомадӣ. Барои он ки тарсу буданат ошкор нашавад, акнун маро хоину беномус баровардӣ? Туӣ, ки ба мардумат хиёнат дорӣ, на ман! Ақлатро ба сар бигиру фардо дастаатро ба ҷое биёр, ки маслиҳат кардем.

– Ту, дар ҳақиқат, гумон мекунӣ, ки ман тарсуям? Фардо мебинем! – бонг зад ҷавонмард ва сари аспашро гардонда, маҳмез зад.

Навкарон чизе нафаҳмида, бо изтироб баробар суол карданд:

– Ин мард чӣ мегӯяд?

– Мегӯяд, ки фардо ҳуҷум мекунанд.

Қозӣ ва ҳамроҳонаш ба урдугоҳ баргаштанд. Раҳорах фикр кард, ки агар дар ҷойи Хуршедшо мебуд, ӯ ҳам чунин рафтор мекард. Дар ҳар сурат, як рӯзи ҷангбозӣ ба охир мерасид ва Қозӣ нарехтани хунеро фоли нек гирифт.

Ӯ барои фаҳмидани вазъият навкареро ба Баҳрпанҷа фиристоду худ ба каппае, ки барояш дар лаби рӯд сохта буданд, ба истироҳат нишаст. Пас аз соате навкари фиристода баргашту хабар овард, ки муҳориба дар назди Саройи санг ба вуқӯъ пайваста, аз ду тараф чанд тан кушта ва чандин нафар, аз ҷумла паҳлавон Ҷаҳонгир, захмӣ шудаанд. Аз шунидани ин хабари нохуш девонбегӣ ба ташвиш афтод, зеро агар Ҷаҳонгир аз бозӣ баромада бошад, иҷрои нақшаи ӯ зери суол мемонад. Дар ин сурат, барои нобуд кардани Муҳаббатхон тадбири нав

бояд ҷуст. Ширинбек дери дер бояд ду рӯз пас пайғоми Юсуфалихонро ба ӯ расонад. Барои он ки дар дили Муҳаббатхон шубҳае пайдо нагардад, фардо коре бояд кунад, ки ба дили шоҳ роҳ ёбад. Девонбегӣ то расидани шом дар лаби рӯди Панҷ қадам зада, тарҳи амалиёти минбаъдаро дар зеҳнаш кашид.

## ГУСЕЛИ ҶАҲОНГИР БА РОҲИ ОХИРАТ

Ранги рӯйи паҳлавон абри сафеди тобистонро мемонд. Охирин рамақ ҷони хастаашро тарк мекард. Дурдонамо бо овози паст мегирист. Мирзоазиз дасти рости бобояшро гирифта, бо чашмони моломоли андӯҳу дард онро ба рухсорааш мемолиду мебӯсид. Мулло Хишол хуни ҷароҳати ӯро дам ба дам пок мекарду зери лаб дуо мехонд. Гирду атрофи хона аз одам пур буд. Шӯришгарон шаҳидонро ҳам аз майдони ҷанг рост ба боғи Ҷаҳонгир оварда буданд. Сардори тозаинтихоби лашкар Гулпочо ва халифаи Баҳшор чунин амр доданд.

Ҷаҳонгир бо азоби алим чашмонашро кушод ва пичиррос зад:

– Халифаву Гулпочоро ҷеғ занед.

Мирзоазиз онҳоро ба айвон даъват кард. Ҳар ду дар сари болини Ҷаҳонгир дузону нишастанд. Ҷаҳонгир ҳар як ҳарфро базӯр сари забон оварда, лаб ба васият кушод:

– Акнун номуси Шуғнон… дар дасти шумо. Қафо нагардед, ки алаф барин… медараванд. Якҷо шавед. Ба гапи Саид Фаррухшо кор кунед. Ӯ медонад… Азизмо, духтарам, ту ба Мулло Хишол шавҳар кун… Не нагӯ, ин ормони ман аст, духтарам… Тамом… Мирзои ман, ту корамро давом деҳ…

Ҷаҳонгир ба рӯйи набераваш нигоҳи пурмуҳаббат афканду ҷони ширин бадани нозанинашро тарк намуд. Мирзоазиз сари боборо ба канор гирифта, зимоми гиряи талхро сар дод. Модараш навҳаву фиғон бардошт.

Ҷаҳонгири овозадор - Рустами Шуғнонзамин, пешкори ҷавонмардон, ҳимоягари камбағалон, марги муфоҷои душманон ва қуввати дилу чароғи маҳфили дӯстон шаҳди шаҳодат чашид. Хабари марги ӯ чун бошаи тезпарвоз аз деҳ ба деҳ, аз даҳон ба даҳон гузашт ва ҳар касе, ки шунид, кору борашро партофта, ба ҷанозаи ӯ шитофт. Аз деҳаҳои дуру наздик, аз дараҳои Сучон, Ғунд, Дарморахт, Шохдара, Поршинев, ҳатто Ишкошиму Рӯшон хешовандону пайвандон, паҳлавонони номдору деҳқонони комёр, рӯҳониёну дарвешон роҳи деҳаи Баҳшор – пойтахти Шуғнонро пеш гирифтанд. Ҳама мехостанд қаҳрамони худро ба роҳи охирин гусел кунанд, ба ҳамин баҳона ашки аз бедоди золимон дар банди ҷигар ғуншударо аз дидаҳо равон созанд, ба ғаму андӯҳи саъби умумихалқӣ шарик шаванд.

То фаромадани торикӣ дар Баҳшор беш аз ду ҳазор одам ҷамъ омад. Онҳо дар таги дарахтон, харсангҳо, лаби дарё, дар хонаҳои хешовандон ҷой гирифтанд. Аз теъдоди бешумори одам хавф бурда, Муҳаббатхон амр дод, ки посбононро даҳчанд афзоянд. Вай ҳеҷ гумон надошт, ки хабари марги Ҷаҳонгир ҳангомаи дигаре барпо намуда, издиҳоми хатарнокро дар назди қалъа ҷамъ меорад.

Ҳар хонаводаи баҳшорӣ, чизе ки дошт, рӯйи дасторхон гузошт. Аммо аз шиддати андӯҳ чизе аз гулуи касе намегузашт.

Наъши Ҷаҳонгирро ҳам ба боғ бароварда, дар паҳлуи шаҳидони дигар, онҳое, ки имрӯз ҳамроҳи ӯ ҷангида, ҷони худро аз даст дода буданд, гузоштанд.

Шуғнон мотами сартосарӣ дошт. Пас аз намоз занон дар атрофи шаҳидон нишастанд. Онҳо бо навбат рубоӣ месуруданд ва якҷоя овоз андохта, навҳа мекашиданд. Дар ҳалқаҳои мардон ё шахси доное дар бораи азизону авлиёву анбиё қисса мекард ё сайидозае аз гӯру қиёмат мегуфт, ё овозхоне бо рубоб мадҳия месароид.

Рӯз равшан шуда буд, ки аввал овозаи омадани Сайид Фаррухшо ба гӯши Мирзоазиз расид, сипас худи ӯ ҳамроҳи чанд нафар ба боғ даромад. Ба эҳтиромаш ҳама аз ҷо бархостанд. Пас аз вохӯрдӣ бо калонсолон Сайид Фаррухшо рост ба назди Мирзоазиз омад, сари ӯро ба синаи фароҳаш пахш кард ва гуфт:

– Ризои Худованди таборак ва таоло чунин будааст, писарам. Ҷаҳонгир аз Мавлоно Алӣ буд, хушбахтии он ҳазрат насибаш гардид.

Мирзоазиз чунин чеҳраи гарми нуронӣ ва чашмони меҳрбору заковатмандро бори аввал медид. Дар ҳамин як лаҳзаи муошират бо Сайид Фаррухшо эҳсос кард, ки дилаш қувват гирифт, чашмонаш равшан гаштанд, марги бобои азизаш маънии тозаи дигаре пайдо кард. Ӯ ба умқи ин маънӣ нарасад ҳам, эҳсоси ифтихор аз шаҳодати бобояш дар кадом гӯшаи дилаш чароғак зад.

Сайид Фаррухшо ба сари мурдаи Ҷаҳонгир омад, рӯяшро кушод ва рухсораашро бӯсид. Сипас гуфт:

– Аллоҳи таоло туро бо марги биҳиштиён аз байни мо рабуд, Ҷаҳонгири шерафкани соҳибқирон!

Ва рӯйи шаҳидони дигарро ҳам кушода диду номи ҳар якеро пурсида, дар ҳаққашон сухане гуфта, нишаст ва дуое карду даст ба рӯй кашид. Ҳозирон омин гуфтанд. Бо илтимоси халифаҳо намози ҷанозаро Сайид Фаррухшо хонд. Пеш аз адои намоз вай ба ҷамоат чунин хитоб кард:

– Ҷаҳонгири паҳлавон нигаҳдорандаи суботу салоҳи мулки Шуғнон буд. Ӯ, писаронаш Маҳмаднасиму Маҳмадазим ва падараш Фаромурз сарлашкарони шоҳони мо буданд. Вақте ки ин бузургмардон теғ аз наём мекашиданд, мурғон дар ҳаво аз парвоз ва моҳиён дар об аз шино бозмемонданд. Аз дами шамшеру зарбаи шивезнашон мардони филзӯру гурдони шерафкан ҷони худой металабиданд. Инҳо ҳар яке Амир Ҳамзаи

соҳибқирон, Алии шери Худо, Соми Наримон, Рустами Дастон ва Исфандиёри рӯинтани даврони худ буданд. Ба зимомдорони замон на сухани Худованд, на насиҳати аҳли фазл таъсир надорад. Ин тоифаро танҳо дасту панҷаи хорошикан ва теғу найзаи ҷоншикори паҳлавонони ғаюр ва ҷасур аз зулму тааддӣ, мардумозориву худпарастӣ нигоҳ медорад. Пайғамбари мо Ҳазрати Муҳаммад салӣ ало алайҳи ва олиҳи ва саллам ба имоми мо ҳазрати Алӣ алайҳиссалом фармуда, ки «Ё Алӣ, золим се аломат дорад: ба зердастон бо қаҳру ғалаба рафтор кунад, он чи тавонад, аз моли мардум бирабояд ва аз ҳар куҷо бихӯрад, бок надорад». Ва боз мефармояд: «Ё Алӣ, сангдил се аломат дорад: бар нотавон тараҳҳум накунад; ба андак насозад; панду андарз дар ӯ суд нагузорад». Пас агар дуруст биандешем, оё хулоса намекунем, ки подшоҳи мо золим ва сангдил аст?! Оё он нишонаҳое, ки пайғамбар барои шахси золим ва сангдил баршумурдааст, дар Абдураҳимхон набуд ва оё дар Муҳаббатхон нест? Вақте панду андарз дар ҳоким суд нагузорад, умеди растагорӣ аз зулмаш танҳо ба як чиз мемонад: зарбаи шамшер! Инҳое, ки барои кӯтоҳ намудани дасти шоҳи золим аз гиребони мардон ва домани занонамон сар ба болини хок мондаанд, сарафрозтарин бандагони Худоянд.

Сайид Фаррухшо сухан мегуфту ҷисму ҷони Мирзоазиз меболид. Ҳар калимааш ба навҷавон неруи ниҳоние мебахшид; вай эҳсос менамуд, ки баданаш аз тавоноӣ пур мегардад, ҳатто болу пар бароварда, парвоз кардан мехоҳад.

Тобути Ҷаҳонгир ва ёрони сафари охираташро издиҳоми беохири мардон шона ба шонаву китф ба китф ба қабристони Баҳшор бурданд. Аз тамоми хонаҳо, боғҳо ва киштзорони деҳ нолаи ҷонгудози занон ба дарёву кӯҳҳо ҳамнаво гашта, ба қуллаҳо мепечид ва аз фарози қуллаҳо ҷониби фалакҳо мерафт. Онҳо бо ҷигарҳои хаста рубоӣ мемӯиданд:

*Вой аз ману вой аз ману вой аз ҷонум,*
*Ин ҳазрати Азроил шудаст меҳмонум.*
*Ин ҳазрати Азроил, ки ҷон металабад,*
*Шояд ки ба осонӣ барорад ҷонум.*

*Мо панҷ бародарем, як бобои пир,*
*Ҳар панҷ камон дорем, ҳар панҷмон тир.*
*Дар об шиноварем, дар кӯҳ нахчир,*
*Дар ҷанг баҳодурем, дар марг асир.*

## ХУРСАНДИИ НОГАҲОНӢ ВА АСОРАТИ ҒАЙРИЧАШМДОШТ

Дараҳои танг, фарозу нишебҳои мушкилгузар ва ҳамзамон хушманзар пушти сар шуданд. Корвон ба Файзобод, ба пойтахти Бадахшон мерасид. Пуштакӯҳҳо пур аз дарахту буттаҳои ҳархела буданд. Кӯҳу водиҳои ин диёр бо ҷилваи анвои рангҳои ба ҳам омехтаи гулу гиёҳ ва хоку сангаш чашми бинандаро пурнур ва қалбашро пурсурур мегардонд.

Вале ин манзараҳо дили корвониёни оқсақол Исҳоқро хурсанд намекарданд. Чи қадаре ки водӣ фарохтару Файзобод наздиктар мешуд, соати фироқу фурӯхта шудан ба ғуломӣ ва тақдири номаълуми оянда ҳар як асирро ҳамон қадар бештар ба изтироб меовард. Исҳоқ тамоман камгап ва хаёлзада шуд. Аспашро ба ихтиёри ду зани солманд гузошта, худ дар байни асирон пиёда мерафт. Ангор пас аз гузарондани даъвати бақояш оқсақол аз дунё дасту дил шуста бошад.

Корвон аз канори деҳаи калоне гузашта, ба саройи камодаме расид. Он аз Файзобод ду фарсанг дурӣ дошта, ҳама «Шуғнисарой»-аш мегуфтанд. Дар ин ҷо мусофироне манзил мегирифтанд, ки ё барои даромадан ба шаҳр шитоб надоштанд ё аз шаҳр дер мебаромаданд. Оқсақол амр кард, ки шабро дар

Шуғнисарой гузаронанд.

Гашти рӯз буду ҳаво гарм. Абрҳои сафеди захим халтаҳои бузурги овезони чаккаро ба ёд меоварданд. Аз чор тараф бӯйи гиёҳҳои гуногун ба машом мезад. Шамолаки сабуксайр ҳам гоҳ-ногоҳ пар кашида, ба сару рӯйи одамон дамаки сарде пошида, табъашонро чоқ мекард. Дар сарой ба ғайр аз корвониёни шуғнӣ дигар мусофире набуд. Соҳибони сарой – марди газгӯшти миёнсоли бедандон бо ду писари худ меҳмононро пешвоз гирифтанд. Меҳмонон барои шабгузаронӣ на дохили бино, балки сабзазори зери дарахтонро интихоб намуданд. Пас аз он ки ҳама ҷо гирифтанд ва такудав ба охир расид, оқсақол Исҳоқ ба ҳамсафаронаш рӯ овард:

– Бародарону хоҳарон! Акнун ки қариб ба Файзобод расидем, муддаои дили худро мекушоям. Маро шоҳ Муҳаббатхон маҷбур кард, ки шуморо ба асорат барам. Аввал хостам илоҷе ёфта, ин фурумоягиро ба гардан нагирам. Лекин агар ман рад мекардам, ӯ ба каси дигар вогузор менамуд. Он гоҳ кӣ медонад, бо шумо чиҳо мекарданд. Дар Шуғнон шуморо чӣ қисмате интизор буд, аз ман беҳтар медонед. Ин кофармоҷаро аз хун серӣ надорад. Ман чунин салоҳ донистам, ки шуморо ба баҳонаи фурӯхтан дар Файзобод аз марги яқин раҳо созам. Инак, шумо озодед, озод! Ба ҳар куҷо, ки поятон бикашад, биравед.

Оқсақол тоқиашро гирифту араќи сарашро бо кафи даст пок кард. Ҳозирон аз чунин пешомади ғайриинтизор моту мабҳут ба ӯ менигаристанд. Пас аз чанд лаҳзаи сукут навкари калонсол банохост бархост ва камонашро ба синаи Исҳоқ рост карда, бонг зад:

– Э ақсаққал, ту дивана шудӣ? Шаҳ саратра мебурад!

Қарлуқи ҷавон ҳам даст ба камон бурд. Исҳоқ оромона ҷавоб дод:

– Камонҳоятон тир надоранд, бачамардҳо! Ман шаб халтаҳои тиратонро гирифтам. Медонам, ки дар назди шоҳ бояд

ҷавоб диҳед. Асиронро раҳо мекунему ман ҳамроҳи шумо ба Шуғнон бармегардам. Барои Муҳаббатхон чи аҳамият дорад, ки мо асиронро фурӯхтем ё на. Ба шоҳ пул даркор. Ман пулашро медиҳам, вассалом!

– Агар шаҳ данад, ки ма асиранра азат кардим, мара сиясат микунад, – гуфт қарлуқи ҷавон.

– Шумо нагӯед, вай намедонад, – ҷавоб дод Исҳоқ.

– Ниятат озод кардани мо бошад, барои чӣ дар худи Шуғнон ё Шева накардӣ, оқсақол? Акнун куҷо биравем ва чӣ кунем? – эътирозомез гуфт марде.

– Фаромӯш накунед, ки шоҳ дар ҳама ҷо ҷосус дорад, – посух дод Исҳоқ, – навкар мефиристод ва ҳамаатонро мекушт. Ба Файзобод намефиристад.

Ҳозирон гапи оқсақолро мулоҳиза карда, маъқул донистанд. Навкарон ҳам аз сари даъво гузаштанд. Исҳоқ чун дид, ки ҷамоат аз рафтораш қаноатманд аст, давоми нақшаашро ба миён гузошт:

– Дониста бошед: аз рӯзе, ки дар Саройи санг шоҳ шуморо нарх гузошт, маро ҳам маъзул сохт. Гумон накунед, ки ман вазифадораму шумо мазлумонед. Ман ҳам ба мисли шумо шуғнии ҷафокашидаи бефарёдрасам. – Исҳоқ буғзи гулуяшро фуру бурд ва нутқашро давом дод: – На фақат ман, балки ягон вазифадори шуғнонӣ – на девонбегӣ, на оқсақол, на муҳассил, на афсар, на каси дигар хушбахт нест. Мо ҳама бадбахтем!

Сукути ҳузнангези гарон аз он шаҳодат медод, ки сухани Исҳоқ ба ҳамсафаронаш чи таъсири амиқе дорад. Онҳо акнун эҳсос карданд, ки гаронтарин бор дар корвон бар дӯши Исҳоқ аст. Оё аз бебатан кардани пайвандон кори миёншикане дар олам вуҷуд дорад?!

Занон мегиристанд, мардон музтару ҳайрон дар интизори сарнавишти талхтаре дандон ба дандон ниҳода, чи карданашонро намедонистанд. Хомӯшии гаронро худи Исҳоқ шикаст:

– Аммо дилро ба дасти шайтон супурдан фазилат нест. Охирин коре, ки аз дасти ман мебарояд, ҳамин ҳоло бастани ақди никоҳи Сабзқадаму Сабзагул аст.

Ин хушхабар ҳамаро якбора ба ҷунбиш овард. Нидоҳои хушнудӣ баланд шуданд. Гиряи занон қатъ гардид.

– Савобтарин кор мекунӣ, оқсақол!

– Аҳсан ба ту барин инсон!

– На фақат никоҳ, балки хурсандӣ ҳам мекунем.

Исҳоқ аз саройдор хоҳиш кард, ки барои навхонадорон ба муддати як ҳафта ҳуҷра ҷудо созад. Ӯ аввал пули ҳуҷраро ба дасти саройдор дод, сипас падарвакилиро худ ба уҳда гирифту Додмаҳмадро илтимос кард, ки хутбаи никоҳи ҷавононро бихонад. Корвониён барои гузарондани чунин хурсандии ногаҳонӣ ҳама бо рағбат ба такудав даромаданд. Бо раҳнамоии соҳибони сарой озуқа харида, дар се деги калон ба пухтани хӯрок оғоз карданд. Занон духтарро ба ҳуҷра даровара, шустушӯ доданд. Ҳар кас чизе аз пӯшоку зевар дошт, ба арӯс тақдим намуд. Хӯрок пухту арӯс ҳам ба никоҳ омода гашт.

Мардон шаҳмардро бо доираву суруд сартарошон карданд ва ҷомаву салла пӯшонда, ба ҳуҷраи арӯс бурданд. Ангор ҳузневу андӯҳе вуҷуд надошт. Додмаҳмад хутбаи никоҳ хонд. Базму зиёфат то дергоҳи шаб давом ёфт. Баъдан, вақте ки ҳама хаста шуда, хурсанду масрур ҳар кас дар ҷойе хоб рафт, Исҳоқ низ бемадору шалпар рӯ ба осмони пурситора сар ба болин гузошт.

***

Садоҳои доду фарёд ва гирудор Исҳоқро бедор карданд. Ӯ чашм кушода, аз ҷо барҷаста буд, ки саворе ба сараш расид ва ба синааш лагаде кӯфт. Исҳоқ ду-се газ парида, пуштнокӣ ба дарахте, ки дар зераш хобида буд, бархӯрд ва афтид. Дақиқае ҳуш бохт, вале зуд ба худ омад ва нохудогоҳ ба таёқаш такя

карда, бархост ва бонг зад:

– Роҳзанонро бизанед!

Аммо дер шуда буд. Чанд савори мусаллаҳ ҳамсафарони ӯро миёнагир карда, даст ба пушт мебастанд.

– Таёқат кор намеояд, мӯйсафед, – гуфт оне, ки ӯро аз пой дароварда буд. – Беҳтараш бигӯ, ки оқсақол Исҳоқ кист?

– Ман, – ҷавоб дод Исҳоқ синаи зарбхӯрдаашро молида, – маро лозим дошта бошед, бигиред, вале ба ин бечорагон ғараз накунед.

– Ҳамаатон лозимед, – гуфт он он мард ва амр дод: – Пеш дароед! Зуд бошед!

Навкарон дасти мардонро баста, ба занону кӯдакон фармуданд, ки чизу чораи аҳли корвонро ба аспҳо бор кунанд.

– Шумо кистед? Ман ба ҳокими мулк шикоят мебарам, – таҳдид кард Исҳоқ.

– Мӯсафед, агар вақти мурданат нарасида бошад, гапро дароз накуну пеш даро! – хитоб кард саркарда.

Ин ҳангом саройдор расид ва ба саворон салом доду гуфт:

– Афсар сойиб, ман муздамро нагирифтаам.

Саркарда дар нимторикии саҳар саройдорро синча карду гуфт:

– Дар дохил ҳам шуғниҳо ҳастанд?

Дами Исҳоқ дарун зад, дили бемораш ғалаён кард. «Худоё, Худовандо, навҷавононро дар паноҳат нигаҳ дор!» – дар дилаш илтиҷо кард Исҳоқ.

– На хайр, сойиб, каси дигаре нест, – ҷавоб дод саройдор.

– Рост мегӯяд? – ба Исҳоқ рӯ овард саркарда.

Исҳоқ филфавр тасдиқ кард:

– Бале, сойиб, рост мегӯяд. Пуламон фақат ба иҷораи ҳамин чаманзор расид.

– Эҳ шуғниҳои осмонҷул! – бо заҳрханд хитоб кард саркарда, – ба ғайр аз сурати хуб дигар чизе надоред. Бирав, пули саройро бидеҳ.

Исҳоқ, ки чунин гузаштро аз саркарда интизор набуд, аввал нобоварона, сипас бо қатъият аз паси саройдор равон шуд.

– Зуд бош, мӯйсафед! – таъкид кард саркарда аз паси ӯ.

Баробари ба сарой даромадан Исҳоқ ба саройдор миннатдорӣ изҳор кард:

– Ҳазор раҳмати Худо бар гузаштагонат, эй мусулмони барҳақ! Бисёр мард будаӣ.

– Агар даруни саройро мекофтанд, тамом, – гуфт мард, – Ман нахостам навхонадоронро ба дасташон супорам. Барои ҳамин, вақте ки инҳо даст ба ғалаба заданд, ман домоду арӯсро ба каҳдон бурдам. Навкаронатон шаб дар ҳуҷраи ман буданд. Вақте бигирубизан сар шуд, дум хода карданд.

– Худо лаънаташон кунад, – бо нафрат гуфт Исҳоқ, – дуруст карданд, ки гурехтанд. Илтимос, сойиб ..., исмат чист?

– Гулмурод, вале маро мардум ҳама Меҳмондор мегӯянд.

– Лақаби муносиб, – гуфт Исҳоқ. – Ман Исҳоқам, аз маркази Шуғнон. Агар тақдир раво дид, бармегардам ва он ду ҷавонро бо худ мебарам. Агар не, инҳоро ба зинҳори ту месупорам. Акнун муздатро баршумор.

– Сойиб, – гуфт Гулмурод, – пуле, ки дирӯз ба ман додӣ, бас аст. Боз ин қадар озуқа аз сур боқӣ монд. Он ҳам ба ман мемонад, ҳам ба харҷи навхонадорон медиҳам. Ман ба баҳонаи пул гирифтан хостам туро огоҳ созам, ки ин саворон навкарони духтари шоҳи Бадахшонанд, на роҳзану дузд. Шумо бо инҳо тундиву ҷанг накунед, ки табоҳатон мекунанд.

Исҳоқро ин хабар тамоман ҳайрон кард. Духтари шоҳи Бадахшон ба онҳо чӣ кор дорад? Худо бигирад ин чархи ҳодисазоро! Ӯ бо Гулмуроди меҳрубон паноҳбахудо карду ба назди корвониён омад ва ба саркарда рӯ овард:

– Агар моро ғорат карданӣ бошед, бидонед, ки ба ҷуз либоси тан дигар чизе надорем.

Саркарда гуфт:

– Савор шав, оқсақол! Агар мо ғорат мехостем, ҳоло дар танат либос намемонду дар ин дашт аз мо гарде. Рафтем ба хайр!

Исҳоқ ба асп нишаст ва асирони дубора асирафтода аз паси ӯ, ӯ аз паси навкарон ба роҳ уфтоданд.

Офтоб қади як найза баланд шуда буд, ки корвон ба шаҳри Файзобод даромад. Даҳ-понздаҳ дақиқа қад-қади рӯдхона роҳ гашта, ба чап тоб хӯрданд ва ба боғи калони шиғбандие расида, қарор гирифтанд. Навкарон зуд пиёда шуданд ва сардорашон ба хаймаи сияҳфоме, ки дар як гӯшаи серсояи боғ рост карда буданд, даромада, аз назар ғоиб гашт. Исҳоқ ҳам аз асп фаромаду дар қатори ҳамсафарони аз бозии нави сарнавишт лолу ҳайрон рост истод. Дилаш гувоҳӣ медод, ки имтиҳони навбатии сангине интизораш аст.

Муддате пас аввал саркардаи шинос, аз паси ӯ марди қоматбаланди хушлибоси шамшердор аз хайма баромада, ҷониби онҳо омаданд.

– Худоё, Юсуфалихон! – ба нимовоз нидо баровард Исҳоқ. Ӯ ба чашмонаш бовар намекард, ки дар рӯ ба рӯяш шоҳи гурезаи Шуғнон – Юсуфалихони овозадор истодааст.

Юсуфалихон асиронро бо диққати тамом аз назар гузаронд ва дар охир нигоҳашро ба рӯйи Исҳоқ қарор дода, ба забони шуғнонӣ гуфт:

– А̄, Соқак, аро хуш омади турд лӯвам, хаҳат наҳтӯйч[1].

Исҳоқ сар дар пеш афканду посух надод. Юсуфалихон ба сардори навкарон рӯ оварда, гапашро давом дод:

– Падари ин танхоҳхори ман буд. Вай марди дурусте буд, вале вақте ба ин хабис вазифа додам, ғаллаи деҳқононро кам нишон дод. Ман аз муҳассилӣ маъзулаш кардам. Батхони[2] лаъин ба ин кор дод. Ҳатто фурӯхтани асиронашро ба ин беобрӯ

1. Ҳа, Соқак, хуш омадӣ, кадом шамолат паронда бошад?
2. Батхон – Муҳаббатхон (ба оҳанги таҳқир).

бовар кардааст. Чанд кас овардӣ?

– Ҳамин қадар, – ҷавоб дод Исҳоқ.

– Ягон кас нагурехт?

– Ду навкар гурехтаанд.

Юсуфалихон ба ӯ наздиктар омад, ба чашмони хастааш хеле нигоҳ кард ва бо зарда гуфт:

– Бисёр мехоҳам дар пеши ҳамин шуғниҳои кафангадоят саратро бурида, танатро ба бузкашон бидиҳам. Лекин як андеша маро бозмедорад…

Юсуфалихон таваққуф кард, то таъсири суханашро ба Исҳоқ бисанҷад. Исҳоқ ноҷунбону бефарқ ба ӯ менигаристу садое намебаровард.

– Не, баҳшорӣ, ту фикр накун, ки дар ягон гӯшаи синаам шарораи раҳм шуъла зада бошад. – Ба гапаш давом дод Юсуфалихон. – Ман туро барои он намекушам, ки ба ватанат баргардиву қудрати маро бибинӣ, ки аз дасти ман чиҳо меояд! Ва бовар кунӣ, ки на ту, на шоҳат, на мардумат ба нохуни поям намеарзед.

Исҳоқ боз чизе нагуфт.

– Чаро гап намезанӣ, бетармолӣ? – аз хомӯшии Исҳоқ ба танг омада, дӯғ зад Юсуфалихон.

Исҳоқ ба шоҳ бо нафрати шадид назаре карду оромона посух дод:

– Ман гап надорам.

Шоҳ лаб хоида, дақиқае фикр кард ва гуфт:

– Ин ҷулҳундиҳоятро соате пас мефурӯшам. Ту худи ҳозир баргарду бирав.

Асирон аз ғояти тарс ҳамагӣ ба даҳон об гирифта буданд. Исҳоқ қафо гашта, бо нигоҳҳои пуралам бо ҳамдиёрони хору залили худ паноҳбархудо карду сар ҷунбонд ва бе он ки ба сӯяш нигарад, ба Юсуфалихон хитоб кард:

– Аспамро, албатта, мегирӣ…

– Туро озод кунам, аспатро бидиҳам, ба ман чӣ мемонад? Ҳар чи зудтар поятро бикан, ки аз фикрам нагардам.

Исҳоқ хурҷинашро аз қоши зин гирифту дигар ба қафо нигоҳ накарда, бо қадамҳои гарон ва сари хам боғро тарк намуд. Овози гиряи занон ва наврасон аз байни тӯдаи асирон баланд шуд. Юсуфалихон ба афсар фармон дод:

– Ин ифлосонро обтанӣ бурда, ҷаллобони зобулиро даъват кун.

## ДАВОМИ ҶАНГБОЗИИ ҚОЗӢ

Рӯзи дигар Хуршедшо бо сар задани нахустин анвори хуршед ба ҷанги девонбегӣ баромад. Дашти санглохи даромадгоҳи Нимдеҳ ба макони муҳориба табдил ёфт.

Қозӣ навкареро пиёда ба майдон фиристод. Ба муқобили ӯ ҷавонмарди ҳузарбе майдон гирифт. Ҳарифон то чоштгоҳ занозан карданд. Ниҳоят навкар ҳамоварди худро бо зарби шоф аз по даровард ва худ ҳам аз хастагӣ поҳояшро базӯр кашола карда, ба урдугоҳ баргашт. Сарчашмаиҳо ҷанговари нимзиндаи худро ба ақибгоҳ бурданд. Марди дигаре ба майдон даромад ва ҳариф хост. Вале Қозӣ ба баҳонаи гарм шудани ҳаво фарёд кашид, ки муҳорибаро баъди пешин давом медиҳанд. Хуршедшо ҳам он марди ҷангталабро аз майдон бозхонд.

Пас аз пешин Қозӣ худаш пиёда ба майдон даромад ва бонг зад:

– Эй Хуршедак, вақти он расид, ки худат ба ҷанги ман биёӣ, то бидонӣ, ки ба муқобили шоҳ шамшер гирифтан чи ҷазое дорад!

Хуршедшо ҳам шоф сари китф ба истиқболи амакаш рафт ва дар рӯбарӯяш истод. Қозӣ теғ аз ғилоф баркашид ва гуфт:

– Бодиққат гӯш кун. Агар хоҳем, ки халқамонро аз ин аждаҳои одамхор наҷот бидиҳем, ман бояд туро баста, ба

қалъа барам. Натарс, ба ҷонат хатаре нест. Туро, ки гирифтам, ба одамонат амр кун, ки гурезанд. Мард бош!

– Ман ба гапат бовар надорам, – эътироз кард Хуршедшо, – ин корат фиребе беш нест.

– Э бача, агар ман шикасти шуморо мехостам, дар рӯзи аввал барои маслиҳат намеомадам ва ин корро мекардам. Гумон накун, ки кордори дарбор шуда, аз хешу ақрабои худ рӯй гардондаам. Ман ҳамон амакат ки будам, ҳастам. Ба гапи ман кор кун, набошад, шоҳ аз ман дар гумон меафтад. Он гоҳ ҳам сари ман барбод мераваду ҳам сари шумо.

Оҳанги гапзании Қозӣ тавре буд, ки дар дили Хуршедшо дигар шакку гумоне намонд. Вай сар ҷунбонду шофашро ба кор андохт. Амаку ҷиян гоҳе шамшер мезаданду гоҳе мушту лагад. Ҷанги онҳо дер гоҳ давом кард. Сипоҳиёни ҳар ду ҷониб дилтангу афсурда шуданд. Банохост Қозӣ Хуршедшоро сари дӯш бардошту ба замин зад ва аз гиребонаш дошта, ба по рост кард. Хуршедшо, ҳар чи қувват дошт, фарёд кашид:

– Гурезед, ки ҳамаатонро мекушанд!

Қозӣ ҳам дод зад:

– Ҷаҳонгир дар Баҳшор кушта шуд. Шоҳ бо лашкари калон ба ин ҷо меояд. Гурезед, ки хонахез кушта мешавед.

Ин сухан кор дод. Шӯришгарон аз дастгир шудани сипаҳдор ба воҳима афтода, рӯ ба деҳ оварданд. Қозӣ дастони Хуршедшоро баста, ба лашкаргоҳ овард ва фармон дод, ки ба Саройи санг баргарданд. Ӯ ба гардани ҷиянаш каманд андохта, ба қоши зин баст ва ба асп нишасту пеш-пеши сипоҳ ба роҳ даромад. Шаб ним шуда буд, ки бе ҳеҷ монеа ба кӯшк расиданд. Посбонон аз болохона овоз баровард, ки «наздик наоед, мепарронем».

Қозӣ бонг зад:

– Ман девонбегиам. Аз ҷанг баргаштам. Ба шоҳ хабар диҳед, ки душманро саркӯб кардам ва саркардаи шӯришро асир овардам.

Пас аз муддате дарвозаро кушоданд ва Қозӣ бо асиру сипоҳаш ба кӯшк ворид шуд. Муҳаббатхон Қозиро дар назди дарвоза пешвоз гирифт. Шаб ним шуда бошад ҳам, шоҳ либоси ҷангӣ дар бар дошт ва дар равшании моҳи шомхӯрда пурсалобаттар метофт.

– Боракаллоҳ, Қозӣ! – нидои хурсандонаи Муҳаббатхон аз табъи болидаи ӯ дарак медод. – Ғалаба муборак!

– Худо муборак! – дасти ба ӯ дарозкардаи шоҳро фишурда, посух дод девонбегӣ. – Теғат бурро, душманат ҳамеша зери по бошад.

Муҳаббатхон Қозиро дар канор гирифту ҳолпурсӣ кард.

– Касе ба давлати мо кӯрнамакӣ кард, ба молики дӯзах супурда шуд, – суханашро давом дод Муҳаббатхон. – Аз Ҷаҳонгири худпарасти бадзот ҳам халос шудем.

– Шукри Худо, аҳсан, шоҳам, – хушгапӣ кард Қозӣ, – ин ҳама ба туфайли ситораи иқболи туст, набошад, ҳеҷ кас дар ёд надорад, ки Ҷаҳонгир дар майдон муште хӯрда бошад.

Хуршедшоро ба маҳбас бурданду навкарон ба сарбозхона рафтанд. Қозӣ ва Муҳаббатхон то субҳи козиб дар саҳни кӯшк дар ҳавои серуни шаб гардиш ва суҳбат карданд. Шоҳ нақшаи несту нобуд кардани душманонашро батафсил ба девонбегӣ нақл кард. Девонбегӣ дар таърифи шоҳ сухани бисёр гуфт, вале хаёлаш ба он банд буд, ки бо кадом роҳ ӯро бикушаду қасоси қавмашро бигирад.

– Каме роҳат кун, – гуфт шоҳ пеш аз он ки ба шабистон равад, – ва панҷоҳ навкарро бигиру ба Сарчашма баргард. Ду рӯз дар он ҷо бош, халқро ором кун, баъд биё. Онҳоеро, ки муқобилат мекунанд, бикуш, ё асир гирифта биёр. Дастонам мехоранд.

– Албатта, шоҳам, – бо мамнуният сар ҷунбонд Қозӣ, зеро худ ҳам ба баҳонаи пирӯзии пурра бар шӯришгарон ду рӯзи дигар дар Сарчашма истоданро илтимос кардан мехост. Барои он ки ба Сарчашма дилкашол набудани худро ба шоҳ маълум

насозад, гуфт: – Вале бисёр мехостам, ки Баҳрпанҷаро аз баҳшориён холӣ кунам.

Шоҳ хоҳишашро рад кард:

– Ин корро, албатта, мекунем. Дар Баҳшор халқи қиёмат ҷамъ шудаст, пароканда шаванд, баъд...

Шоҳ ба ҷойи хатми сухан, панҷаашро ба шакли шоф ба гарданаш бурд. Қозӣ нешханде заду сар ҷунбонд ва гуфт:

– Албатта, гардан мезанем, – ва пурсид: – Шоҳам, бо ин асири нав чӣ кор кунам?

– Чанд ҳамроҳи дигараш биёр, баъд модар набинад дарди фарзандро[1]. Вақте ки ин хел муртадҳоро бо дасти худам бўғӣ мекунам, ҷонам ором мегирад.

## ДУДИ ХОНАРО РАВЗАН МЕДОНАД

Аз рўзе, ки хунёгари солхўрда аз қалъаи Вомар бо зани ҷавон баргашт, хонааш гўё ба мазор табдил ёфт. Аз он на садои дилнавози ғижак меояду на овози форами сурудхонӣ. То маҳбус шуданаш Шодаврони яккаву танҳо шўхӣ мекард, суруд мехонд, арғушт мерафт, маъракаҳои хурсандии мардумро ба ид табдил медод. Дар кадом суре иштирок кунад, кўву барзан аз тамошобин пур мегашт. Овози хушу шодибарангезаш шунавандаро ба ваҷд меовард. Ғижакаш нозуктарину бориктарин торҳои дилро ба ҷунбиш меоворд, рўҳро менавохт, ҷонро ваҷд мебахшид. Рўзе набуд, ки дар хонааш базм барпо нашавад. На зан дошт, на фарзанд, вале намедонист, ки танҳоӣ чист. Эҳтиромаш чунон зиёд буд, ки ҳатто косаи хўрокашро намешуст. Ҳамсояҳояш, чи хешу чи бегона, хонаву ҳавлиашро мерўфтанд, кишташро об медоданд, меваашро мечиданд, ғаллаашро даравида мекўфтанд, бому деворашро ҳар сол андова мекарданд. Ў ба одамон ҳунари худододашро тақдим мена-

1. Ибораи рехта ба маънои ҷазои сахт додани касе.

муд, онҳо дар иваз барояш як навъ зиндагии борифоҳ муҳайё карда буданд.

Ҳоло чӣ? Ба қавле, дар хонаш бум ҳам бонг намезанад. Шодаврон дигар намехонад. Ангор зани ҷавон ӯро қасам додааст, ки аз баҳри суруду рақс гузарад. Вақте аз маҳбас зандор шуда баргашт, ҳатто раво надонист, ки наздиктарин ҳамсояҳоро даъват карда, ноне диҳад.

Шодаврони маъракадӯсту маъракаоро одамгурезу дарундор шуд. Занаш ҳам қариб ба кӯча намебаромад. Ҳамсояҳо низ пойи рафторро аз хонаи Шодаврон канданд. Онҳо намедонистанд, ки бо ҳофизи маҳбубашон чи мегузарад. Аз шикастахотирии ӯ ба ташвиш омада буданд, аммо чи карданро намедонистанд. Барои он ки ба дили Шодаврон роҳ ёбанд, аз сардори табақ[1] маслиҳат пурсиданд. Вай, ки марди рӯзгордидаву хирадманд буд, чунин маслиҳат дод:

– Созандаи мо дучори кадом ғами гарон шудааст. Ӯро ба ҳоли худаш гузоред. На ӯро, на занашро такпурсӣ накунед.

Дуди хонаро равзан медонад. Шодаврон дар ҳақиқат андӯҳи бузург дошт. Ҳамсояҳо аз куҷо медонистанд, ки гоҳу ногоҳ ҷосусе шабона аз дарбор омада, ба хонааш медаромад ва месанҷид, ки зану шӯй дар як бистар хобанд ё ҷудо. Ҳатто вақт ба вақт аз равзан ҳам шабона ҳамбистар будан ё набудани онҳоро назорат мекунанд.

Соҳиби зани ҷавон шудан кори зишт ба шумор наояд ҳам, Шодаврон сахт ғусса мехӯрд. Виҷдонаш азоб мекашид. Худро кухрии даргоҳи Худову халқ, радди ҳама гуна маърака мешумурд. Вақте ки бо амри Муҳаббатхон Беҷодамои чиҳил сол аз ӯ ҷавонтарро барояш никоҳ карданд, аз ғояти шармандагӣ қариб ҷонаш мебаромад. Субҳе, ки ҳамроҳи арӯс ба хона омад, рӯяш ба мисли лахча месӯхт. Метарсид, ки мабодо ҳамсояе онҳоро бинад. Хайрият бо касе вонахӯрд. Мардум аз дасти бедоди навка-

1. Табақ – иттиҳоди чанд хонавода барои гузарондани маъракаҳои тӯйу азо

рони Муҳаббатхон ба ҳар кӯҳу санг гурехта буд. Ба хонаи ҳашт моҳ боз маҳкамаш даромаду андаке ба худ омад. Ба духтар ишора кард, ки бар пӯстаки чаҳлак бишинад. Духтар нишаст ва сар ба зер афканду рӯйи худро бо рӯймол пӯшонд. Шодаврон ба либоси тозаву озодааш, ки дар ҳарамсарой ба ӯ лоиқ дониста буданд, ба андоми зебову қади расои ӯ назар карду гуфт:

– Духтарам, иншоллоҳ, аз чанги ин золимон халос хӯрдем…

Бо шунидани калимаи «духтарам» банди дили Беҷодамо ларзид, нафас дар гулуяш раҳгум зад. Ӯ ҳеҷ гумон надошт нахустин гапе, ки аз забони шавҳараш мешунавад, «духтарам» бошад. Лолу ҳайрон рӯяшро нимво кард ва ба мӯйсафед нигарист. Шодаврон ба гапаш давом дод:

– Ту ҳар кас, ки бошӣ, хеле иқбол кардӣ, ки аз чанги ин гургон бе осеб раҳо гаштӣ. Лекин дониста бош, ки акнун духтари қиёматии ман ҳастӣ. Ман фарзанд надорам. Худованди бузург ба чунин васила раво донист, ки духтардор шавам. Дар дарбор метавонистам, ки гарданшах шуда, никоҳашонро рад кунам, лекин туро дида, зоҳиран розӣ шудам. Агар чунин намекардам, ин золими кофархӯй маро мекушту ба сари ту, намедонам, чи балое меовард.

Шодаврон ришашро асабиёна чанд бор кашид, гӯё мехост онро биканад. Чанд қатра ашк аз чашмонаш ҷӯш зада, ба рухсори пуроҷангаш шорид. Беҷодамо намедонист чи гӯяд. Чеҳраи мӯйсафед дар назараш якбора нуронӣ тофт. Гӯё офтоб аз паси абрҳои захими сиёҳ баромаду рӯйи ӯро мунаввар сохт. Лаҳзаи дигар духтар нохудогоҳ аз ҷо барҷаст, ба гардани Шодаврон овехт ва ҳунгосзанон домани гиряро сар дод:

– Ҳо, падар, падарҷон, чи инсони неку наҷибе ҳастӣ… Ман медонистам, ки ту марди худотарсу покизаӣ… Ҳой, падари азизам, ман туро дубора ёфтам… Бале, одами обрӯманд беобрӯӣ карда наметавонад…

Духтар сар ба синаи Шодаврон ниҳод ва гиристу гирист.

То охирин қатра оби дидаашро ба риши паҳну парешони Шодаврон рехт. Шодаврон ҳам хомӯш ашк мерехту сари Беҷодамои шӯрбахтро силаву навозиш мекард.

Ҳамин тавр, зиндагии духӯраи Шодаврону Беҷодамо оғоз ёфт. Аз тарси ҷосусони шоҳ зери як бом буданд, вале дар муддати шаш сол падару духтар боқӣ монданд. Шодаврон волидайни Беҷодаморо хеле хуб мешинохт, дар намозаш ба онҳо дуо мекард ва аз Худованд барои ин «рӯсиёҳии охири умраш» омурзиш металабид.

Беҷодамо, ки устухонаш дар молдорӣ шах шуда буд, аз хешу тобораш дар рӯзҳои килоғузғуз[1] яктоӣ бузу гӯсфанд ва ҳатто ғуноҷин талабида, дар муддати ду сол рӯзгорашро хеле обод намуд. Хонаи падарии худро ҳам аз ёд набаровард. Ҳар моҳ якду маротиба онро мерӯфт, аммо дилаш намекашид, ки шаберо дар дохилаш рӯз кунад. Хотираҳои мағшуш дилашро тала мекарданд. Синааш моломоли ғуссаи дарди ятимӣ ва фироқи бародараш Камонгиру ошиқи содиқаш Доробшо мегардид.

Духтар номи Доробшоро дар назди падархондаш ба забон намеовард. Борҳо аз ӯ савол карданӣ буд, ки дар маҳбас бо Дороб ном ҷавон дучор омадааст ё не. Аммо шарму ҳаё ҳар бор ӯро аз сари забон овардани ин савол бозмедошт. Моҳҳову солҳо гузаштанд, Беҷодамои ҳаждаҳсола ба бисту чаҳор қадам гузошт. Вале меҳри Доробшову орзуи расидан ба дидори ӯ соате ҳам дилашро тарк намекард.

Вомари валангору аз аҳолӣ қариб тиҳигашта батадриҷ боз ободу серодам шуд. Муҳаббатхон ҳокимиятро ба даст оварда, муддате дар Рӯшон истод. Корро мувофиқи табъи дили худ ба роҳ монду писараш Мавҷудхонро ҳоким таъйин карда, худ ба Шуғнон рафт. Таъқибу фишор се соли расо давом кард ва дар соли чаҳорум андаке суст шуд. Мардуми фирорӣ ба хонаҳои худ баргаштанд, вале аз Доробшою Камонгир дараке набуд.

1. Килоғузғуз – рӯзи сеюми иди Наврӯз.

Шодаврон ба Беҷодамо мегуфт, ки то Муҳаббатхон дар сари тахт аст, Камонгир барнамегардад.

– Муҳаббатхон кай аз подшоҳӣ меравад? – пурсид рӯзе Беҷодамо.

Шодаврон хандае карду ҷавоб дод:

– Духтарам, то Худо нагирадаш, аз ӯ халосӣ нест.

– Худо кай мегирадаш? – пурсид дилтангона духтар.

– Рӯзе, ки дар хонаи халқ сур мешавад, – ҷавоб дод мӯйсафед.

Аҳолӣ афзуд. Беҷодамо ҳам ба кӯча камтар мебаромад. Ӯ аз саволҳои мардум метарсид:

– Шавҳарат чӣ хел?

– Барои чӣ шӯятро дар сурҳо намебинем?

– Шавҳарат чанд сол аз ту калон?

– Ин қадар сол ақаллан як бача назоидӣ?

Ва монанди инҳо.

На Беҷодамо, на Шодаврон гуфта наметавонистанд, ки онҳо на зану шавҳар, балки духтару падаранд. Гоҳе ба ҳоли худ мегиристанд, гоҳе механдиданд. Аммо Шодаврон мегуфт:

– Рӯзе мерасад, ки халқ кӣ будани моро медонад, духтарам. Маъюс нашав, то туро ба шавҳар дода, дар сурат ашӯла нахонам, дунёро тарк намекунам. Мо назди Худои таоло ва Мавлои замон ростем. Одами рост ҳама вақт растагор аст.

Шодаврон дар назди Беҷодамо ошкор накунад ҳам, дарун-дарун ғусса мехӯрд. Аз баҳри маъракаҳои хурсандӣ билкул гузашт. Танҳо ба маросимҳои азо мерафт. Ғижакашро ба рубоб иваз кард ва бо он мадҳияву наът месуруд. Дар дили шабҳо бармехост, таҳорат мекард ва рубоб мегирифту нохун мезад. Сарахбори мадҳияро бо рубоии ҳазине шурӯъ мекард. Баъд бо овози ширину беғубораш ба ситоиши Худову расул мегузашт. Мехонду донаҳои сиришк аз дидагонаш чун заррaҳои симоб ҷӯш зада, ба рухсораҳояш медавиданд. Вақте ба оҳанги дилошӯби «Ҳайдарӣ» мерасид, чашмони масташро

пӯшида, мустағриқи олами руъё мегардид. Месуруду аз зери ангуштонаш навоҳои туғёнӣ пар мекушуданд ва фазоро гирд гашта, ба қалби Беҷодамо менишастанд. Навоҳои малакутӣ Беҷодаморо аз олами хоб ба дунёи бедорӣ мекашиданд. Бо лаззати онҳо чашм мекушод ва зери лаб ба падархонди азизаш ҳамовоз мегашт.

Онҳо ҳар рӯз субҳгоҳонро ҳамин тавр пешвоз мегирифтанд.

Беҷодамо дар ин муддат тамоми ашъореро, ки Шодаврон месуруд, азбар кард. Гоҳу ногоҳ андармони ягон кор беихтиёр пораеро аз ягон мадҳия замзама мекард. Рӯзҳое ҳам дар набудани Шодаврон рубоб гирифта, дар тақлид ба ӯ оҳангеро навохтанӣ мешуд. Аввал ноуҳдабаро захма мезад, баъдҳо ангуштонаш ба пардаҳо ошно шуданд ва духтар навохтани оҳанги мураттабро ёд гирифт.

Рӯзе Шодаврон ба хона даромаду Беҷодаморо машғули машқи навозиш ёфт. Духтар ӯро дида, аз шарм суп-сурх шуду рубобро як сӯй гузошт. Шодаврон даме ҳайратзада дар сари ӯ истод, сонӣ рубобро ба дасташ доду гуфт:

– Канӣ навоз, духтарам, дар ҷонат садқа.

– Наметавонам, – сар хам карда гуфт Беҷодамо.

– Тавонистӣ ку, ман шунидам, – исрор кард Шодаврон, – навоз.

– Шарманда шудам, падар, – араќи пешониашро бо нӯги рӯсарӣ пок кард духтар.

– Навохтан чӣ айб дорад? Илтимос, бинавоз.

Духтар гапи падархондашро нашикасту оҳанги сабуки «Раҳпой»-ро навохт. Мӯйсафед ҳайрон ба ӯ нигоҳ мекард.

– Хеле хуб, духтарам, офарин, – хурсандона каф ба ҳам зад Шодаврон.

Дар рагу пайи мӯйсафед гӯё шарори ҷавонӣ афтода бошад, чеҳрааш шукуфту қоматаш рост шуд. Ангор кӯзаи пури зар ёфта бошад, хушбахтона нидо кард:

– Чи бахти бузургу иқболи баланд! Як умр орзу мекардам,

ки писаре дошта бошаму ҳунарамро ба ӯ омӯзам. Худованд маро тавфиқ надод. Акнун аз даричаи дигар ба ман назар кард. Туро ба ман расонд. Шукр, ҳазор бор шукр.

– Охир ман духтарворисам, падар. Мегӯянд, ки суруду рақс кори занон нест.

Шодаврон бо меҳри бепоён ба Беҷодамо нигаристу гуфт:

– Моро ба ин гапҳо чӣ муносибате? «Ба гапи мардум гӯш, ба дили худ кор» гуфтаанд. Бинавоз, бисарой, духтарҷон, инро ман – падарат ба ту мегӯям!

Беҷодамо рубобро ҷӯр карду ба оҳанги «Даргилик» ин абётро хонд:

***Аз па̄ркрӣз мест то ба̄тайом,***
***Му ца̄м тар па̄нд ар са̄рат х̇ом.***
***Даргӣл, даргӣл.***

***Ҷира̄б wурӯак бӣх̇ барнӣлай,***
***Созак лувум аз даргӣлай.***
***Даргӣл, даргӣл.***

***Йорак ғарӣб, па̄нденан бар,***
***Аз ма̄ш а̄wол йа̄ нист хабар.***
***Даргӣл, даргӣл[1].***

---

1. Аз хазонрез то ҳалвоид
Аз омадан-т дорам умед.
Пазмонам, пазмон.

Пур аз нилӣ риштай ҷуроб,
Байте гӯям ҷигаркабоб.
Пазмонам, пазмон.

Ёрам ғариб дар дуриҳо,
Ӯ бехабар аз ҳоли мо.
Пазмонам, пазмон.
***(Тарҷумаи муаллиф)***

Духтар месуруду чашмонаш нам мезаданд. Гоҳе овозаш меларзид. Шодаврон гӯш дода, дилаш гоҳ ғунча мешуду гоҳ шукуфа. Ӯ дарди носуреро дар хониши Беҷодамо эҳсос кард. Медонист, ки аз овози хушу навозиши хуб шунаванда, албатта, мафтун мешавад. Вале чизе, ки шунавандаро ба ваҷд меоварад, дарди ниҳони гӯянда аст. Шодаврон андешид, ки духтар дарди ҷудоии бародари азизашро менолад. Ӯ намедонист, ки Беҷода ба ҷуз дарди фироқи бародар дарди ҷигарсӯзи дигар ҳам дорад.

Духтар сурудро фароварду рубобро рӯйи зонувонаш гузошт. Чашмонаш моломоли ашк имдодталабона ба падархондаш дӯхта шуданд. Шодаврон сари ӯро ба канор гирифту аз пешониаш бӯсид ва гуфт:

– Олиҷаноб, духтарам, хеле олӣ! Шаш сол бо ҳамему ман акнун аз ҳунарат бохабар шудам-а?! Чи инсони сангдиле ҳастам, Худоё! Вой бар ман, бади дунё ба сарам!

Духтар аз баҳои падархонд ба ҳунараш чунон шод гашт, ки дасташро бӯсид. Ҳеҷ бовар надошт, ки аз созандаву навозандаи номии Рӯшонзамин чунин баҳои баланд мегирад.

– Ман ягон ҳунар-пунар надоштам. Ба туфайли ту ёд гирифтам, пидҷон, – гуфт Беҷодамо.

Шодаврон рубобро се бор болои сари Беҷодамо давр гардонда, ба дасташ доду гуфт:

– Худованд чизе аз ҳунар ба ман ато карда буд, ба ту бахшидам. Рӯшон ватани суруду рақс аст, духтарам. Кеши мо кеши шодиву нишот овардан ба дилу манзили халқи Худост. Ман дигар ормоне дар ин дунё надорам.

Духтар рубобро чун кӯдаки навзод ба сандуқи синааш пахш карду домани гиряро сар дод. Шодаврон ӯро танҳо гузошт.

Ҳамин тавр, дар соли шашуми ҳамхонагии маҷбурӣ Беҷодамо бо рағбати тамом ба созандагиву навозандагӣ даст зад. Шодаврон ба духтархондаш навохтани ғижак ва ҳатто тарзи сохтани зилро

ҳам ёд дод. То расидани баҳор вай дар ҳунар тамомдаст шуд.

Рӯзе Шодаврон аз тоқ китобчаеро гирифта, варақгардон карду гуфт:

– Духтарам, чашмонам хира шудаанд, ҳарфҳоро базӯр фарқ мекунам.

Беҷодамо ба наздаш омад, диккак нишаст ва пурсид:

– Ман ба ту чӣ ёрдам карда метавонам, падар?

– Ҳоло ҳеҷ. Лекин дар оянда метавонӣ, агар хондану навиштанро ёд гирӣ.

Духтар аз ғояти фараҳ аз ҷояш парида хест.

– Наход?! Наход чунин кор мумкин бошад?

– Албатта, мумкин. Ман қаламу коғаз ёфта, ба ту хату савод меомӯзам. Ту бояд китобхон шавӣ, духтарам. Бо байтҳое, ки аз ман омӯхтӣ, пеш намеравӣ.

Беҷодамо болу пар баровард. Аз хушҳолӣ ғижак гирифту суруди шӯхе хонд. Хун дар рагҳои овозхони солхӯрда ба ҷӯш омад. Даф ба даст гирифту рақскунон ба Беҷодамо ҳамовоз шуд:

***Эй дилу дилдор, гум кардам туро,***
***Эй гули бехор, гум кардам туро.***
***Навбаҳори тоза будӣ дар баҳор,***
***Кабки хушрафтор, гум кардам туро...***

Дар хонаи овозхони куҳансол шамъи шодиву масаррат аз нав фурӯзон гардид. Шодаврон ба Беҷодамо дар муддати чорпанҷ моҳ хондану навиштанро ёд дод. Акнун духтар се китоби дар тоқча хобидаи падархондаш – «Чор китоб», «Баёзи ашъор» ва як маҷмӯаи мадҳияҳоро хонда метавонист. Ӯ ба хондан чунон дил баст, ки ҳар рӯз, албатта, чанд варақ мехонд ва Шодаврон қироати ӯро гӯш карда, лаззат мебурд.

Вале онҳо рози ин маҳфили унси худро берун намебароварданд. Метарсиданд, ки боз балое ба сарашон наояд. Беҷо-

дамо дар берун бо рӯймол сару гарданашро мепечонд ва корашро анҷом дода, зуд ба хона бармегашт; Шодаврон ҳам агар ба кӯча барояд, ё ба хонаи ҳамсоя равад, гиреҳ ба абрӯвон мезаду ба ягон суҳбат ҳамроҳ намешуд.

Ҷосусони Муҳаббатхон дар рафтору гуфторашон тахаллуфе ошкор карда наметавонистанд. Шодаврони хирадманд ин нақши барояш омодасохтаи коргардони сарнавиштро моҳирона иҷро мекард.

## ХЕШОНИ МАНЗАРШО

Деҳаи Йурх дар лаби Панҷи пуртуғён дар кӯҳдоманаҳои пуровринги Рӯшон воқеъ гардида, аз бистунанҷ-сӣ хонавода иборат буд. Дар поёни деҳ кӯли бузурге бо шаффофии ойина манзараҳои гирду атрофро инъикос намуда, бинандаро мафтуни эъҷози табиат месозад. Аз одамон дида, гӯё паррандаҳо ба қадри ҳусни ин нозанин бештар мерасанд, ки чаҳор фасли сол паяшон аз атрофи кӯл канда нест. Дар ин ҷо дар мавсимаш сор, фохта, булбул, шонасар, чокак, чанд навъи кабӯтар, кабк, тазарв, ҳатто лаклаку қуи ҳиндиро дидан мумкин аст. Мурғобиву санговдав, сагобиву гунҷишк ва чанд намуд мор муқимони доимии онанд.

Аз миёнаҳои баҳор сар карда, то охири тирамоҳ ҳар раҳгузаре, ки аз ҷониби Дарвоз ба Шуғнон ё аз Шуғнон ба Дарвоз меравад, ҳатман дар соҳили кӯли Йурх дам мегирад. Баъзеҳо бо найзаи чӯбӣ, баъзеҳо бо даст моҳӣ гирифта, ҳам бирён карда мехӯрданд, ҳам бо худ савғотӣ мебурданд.

Хайримаҳмад чӯби дарози нӯгтезро бо зарбаи нишонрас ба бадани моҳие мехалонду бардошта, болои барфи тунуки соҳил мепартофт. Чунин тарзи шикор ба Доробшо писанд афтод. Вай ҳам найзае сохту ба моҳидорӣ машғул шуд. Соате нагузашта, шаст дона моҳӣ ба даст оварданд. Хайримаҳмад шаш навдаро аз дарахте бурииду моҳиёнро даҳтой ба онҳо ҳамел

карда, сару думи навдаҳоро ба ҳам баст.

– Дар Йурх молу гов надошта бошӣ, бо моҳӣ ҳам зиндагӣ кардан мумкин будаст, – гуфт Хайримаҳмад.

– Ба чунин фаровонӣ дар ин кӯл моҳӣ аз куҷо пайдо шуда бошад? – бо ҳайрат пурсид Доробшо.

– Ману ту дар Рӯшон аз куҷо пайдо шуда бошем, моҳӣ ҳам дар кӯл ҳамин хел падид омадааст, – ҷавоб дод Хайримаҳмад ва се ҳамели моҳиро ба ӯ доду сеи дигарро ба китфи худаш гузошт.

– Ин қадар моҳиро куҷо мебарем? – суол кард Доробшо.

– Ба миннатхона, – ҷавоб дод Хайримаҳмад. – Мо ҳам ба дасторхон чизе гузорем, савоб мегирем.

– Обҳои мо ҳам моҳӣ доранд, лекин ман надидам, ки касе қапад, – андешаи тоза дар сараш пайдогаштаро сари забон овард Доробшо, вақте ки ба роҳ даромаданд.

– Мардуми мо ҳамин хел, чизи тайёрро намебинад, – гуфт Хайримаҳмад. – Пуштаву дараҳои мо ҳар хел меваву гиёҳ доранд, лекин халқамон ақл намекунад, ки бичинаду захира намояд. Худо ғамамонро хӯрда, неъмат додааст, вале мо истифода намебарем.

Суҳбаткунон ба манзил расиданд. Дар рӯйи ҳавлӣ онҳоро соҳиби хона, ки дирӯз ду-се бор ба миннатхона даромада буд, пешвоз гирифт. Ӯ бо чеҳраи кушоду лабони пуртабассум меҳмононро ба хона даровард.

– Ин савғотиро барои миннатхона овардем, – гуфт Хайримаҳмад ва ҳар ду бори худро ба корсони калоне, ки зани соҳибхона дарров ҳозир кард, ниҳоданд.

– Ҳазорон сипос, бародарон, – хурсандона гуфт занак, – ин хел меҳмонони хушномус будаед шумо.

– Ош шавад, хоҳарҷон, – лутф кард Хайримаҳмад, – мо ин гуна соҳибхонаи меҳмоннавозро бори аввал мебинем.

Занак хандаи базебе кард ва гуфт:

– Аз Шайхзода миннатдор бошед, на аз ман. Як умр рӯзе

ду-се бор мепазаму ҳеҷ не, ки гӯшту орду равғанаш кам шавад.

– Шайхзода? – такрор кард Хайримаҳмад, – номат Шайхзода, а?

– Ҳа, – ҷавоб дод соҳибхона.

– Номи шинос, бисёр шунидаам, – гуфт Хайримаҳмад ва хеле фикр карду афзуд: – Падарам дар бораи Шайхзода ном марди қаҳрамон қиссаҳое дорад.

– Албатта, гуфтагист, ки ба Вомар ҳуҷум карда, қалъаро тасарруф намуд ва Шуғнонро гирифта, шоҳро гурезонд.

– Бале, ҳамин хел мегуфт. Аҷиб!

– Ман ҳамноми ҳамон Шайхзодаи машҳурам, бародари азиз. Рӯзе, ки ӯ шаҳид мегардад, модарам маро ба дунё меорад. Хешу табор ба ифтихори бобоям номамро Шайхзода мениҳанд.

– Бародару хоҳар ҳам дорӣ?

– Як бародари хурд дораму се хоҳар.

– Бародарат алоҳида зиндагӣ мекунад?

– Мекард, – бо оҳанги ҳузн ҷавоб дод Шайхзода, – ҳоло дар ғарибист.

Ӯ сар поин карду пас аз сукуте гуфт:

– Шумо ҳар ду одами дуруст менамоед. Вале ҷосус бошед ҳам, ҳақиқат ҳамин аст, ки бародарам Манзаршо ҳамроҳи Юсуфалихон дар Вомар қалъабанд шудаанд.

Аз шунидани номи Манзаршо ба бадани меҳмонон гӯё сӯзан халид.

– Оҳҳо, бигӯ, ки Манзаршои диловар бародари туст! – хитоб кард Хайримаҳмад ва гӯё дӯсти деринаашро ёфта бошад, бағали фарохашро боз карду Шайхзодаро дар канор гирифт. – Чи пешомади аҷибу чи иқболи баланд! Худованд маро рост ба хонаи мардони ҳақиқӣ расонд.

Меҳмонон бо мизбон саргарми суҳбат шуданд. Соҳибхоназан моҳӣ пухт ва дасторхон густурд. Вақте Шайхзода донист, ки онҳо аз зиндони Муҳаббатхон гурехтаанд, муҳаббаташ

бештар гардид.

– Ин сон авлоди бузург доштаӣ. Лекин барои чӣ Манзаршо дар аввал сагбонӣ мекард? – пурсид Хайримаҳмад.

– Пас аз он ки бобоям дар ҷанг бо бадахшиҳо шикаст хӯрд, ба сари хонаводаи мо рӯзи сиёҳ омад. Чанд сол хӯрду хироҷи бисёр ситонданд. Ба Файзобод бурда, ҳабс карданӣ ҳам шуданд, ки аз Човад сар карда, то Чоснуд тамоми халқ ба тарафдории мо бархост. Молу мулкамонро мусодира карданд. Нодор шудем, вале халқ нагузошт хор шавем. Аз муҳаббати бепоён ба Шайхзодаи овозадор моро зери қанот гирифтанд. Вақте Манзаршо понздаҳсола шуд, қарор дод ба Вомар рафта, хизмати Юсуфалихонро ба ҷо орад, то фишору тааддии ҳокимон нисбат ба мо қатъ гардад. Юсуфалихон вақте донист, ки набераи Шайхзода аст, ба нийяти таҳқир ӯро сагбони худ гирифт. Лекин чун дид, ки дар ҷангҳо корнамоӣ нишон дод, сарлашкар таъйинаш кард. Пас аз ин вазъи мо ҳам беҳ гардид. Ҳокими Почвар заминҳоямонро бозгардонд, ҳатто маро ба маъракаҳои худ даъват мекардагӣ шуд. Ҳоло, намедонам, додари ҷанговари ман чӣ ҳол дорад?

Хайримаҳмад мизбони олиҳимматро хеле тасаллӣ дод. Пас аз таом соҳибхона гуфт:

– Ин шабу рӯз ба тамоми самтҳо роҳ баста аст. То ҳамал меҳмони ман бошед, он тараф ихтиёр бо шумост. Ҳоло, агар хоҳед, қишлоқро тамошо медиҳам.

Онҳо ба тамошои деҳа баромаданд. Дар роҳ меҳмонҳо ба саволи худ дар бораи миннатхона ва шайхи он посух гирифтанд. Шайхзода нақл кард, ки миннатхонаро ҳам бобояш Шайхзода барои раҳгузарон сохтааст. Ӯ бисёр сафар мекард ва меҳнати мусофиратро хеле хуб медонист. Барои осон кардани мушкили мусофирон ҳамин биноро сохт ва онро «миннатхона» ном гузошт. Сокинони Йурх банавбат озуқа медиҳанд ва онро нигоҳубин мекунанд. Се-чор соли охир дар ин диёр

ҳар гуна мубаллиғони дин пайдо шуданд. Онҳо, гӯё мусобиқа мекарда бошанд, яке мераваду дигаре ба ҷойи ӯ меояд. Яке ҳанбалӣ бошад, дигаре ношарӣ[1], сеюм алиоллоҳӣ, чаҳорум моликӣ. Ин шайхи навомада худро сӯфӣ мегӯяд.

– Ва мардуматон ҳамаи инҳоро мепазирад? – суол кард Хайримаҳмад.

– Аз рӯйи таомули меҳмондорӣ ба ҳамаашон як хел муносибат мекунем. Аз ҳар кас ягон гапи судманд мегирем.

– Падарат вафот кардааст?

Шайхзода оҳи бадард кашид ва гуфт:

– Вақте бобоям дар Шуғнон кушта шуд, як моҳ пас падару модарамро ба қалъаи Почвар даъват карданд. Аз он ҷо баргаштанду ҳар ду шикампеч шуда, шаб мурданд. Баъд фаҳмидем, ки ба онҳо заҳр додаанд.

Хайримаҳмаду Доробшо сахт ғамгин шуданд. Онҳо бори дигар дарк намуданд, ки дасти золим чи қадар дароз аст ва бо мухолифони худ чи корҳои разилонае карда метавонад. Шайхзода эҳсосашонро дарк намуд ва гуфт:

– Дар қишлоқи мо ба шумо касе кор намегирад. Аз муттаҳидии мо метарсанд. Беparво бошед.

## БАЗМИ МУСИБАТОВАР

Ин бор Қозӣ бо саворони худ рост ба зодгоҳаш – деҳаи Вуж омад ва дар хонаи падарӣ қарор гирифт. Панҷоҳ нафар навкари худро дар боғи хусусиаш ҷойгузин кард ва таъкид намуд, ки бе иҷозаи ӯ ба касе ғараз нагиранд. Дастаи муҳофизони деҳа пас аз асир афтодани Хуршедшо ва огоҳ ёфтан аз ҳалокати Ҷаҳонгир ба ҳар тараф гурехта, пинҳон шуда буданд.

Мӯйсафедони деҳ барои насиҳат додан ба Қозӣ ба хонааш омаданд. Вай онҳоро гарм истиқбол гирифт, зиёфати нағз

1. Ношарӣ – тарзи талаффузи «исноашарӣ» дар Помир.

дод. Аммо вақте андешаҳояшонро шунид, гуфт:

– Агар ба ман заррае эҳтиром медоштед, бачаҳоятон ба исён даст намезаданд. Баъд аз фаро[1] оби рехтаро ҷамъ карда намешавад.

– Наход ба бародарзодаи худат раҳм накунӣ? – бо лоба гуфт Саидшои солдида, – мо аз беақлии худ ғалат кардем, ҳоло ту боақлии худро нишон деҳу Сарчашмаву халқашро аз чанги шоҳ халос кун.

– Ман ҳам тадбир меҷӯям, лекин илоҷ надорам. Бо ҳамаи ин, савганд мехӯрам, ки касеро озор намедиҳам. Ба ёғиён бигӯед, ки ба хонаҳояшон баргарданд ва осуда бошанд.

Калонсолон ба гапаш бовар карда, бо дили пур рафтанд. Худи ҳамон рӯз савганд ёд кардани Қозӣ ба шӯришгарони гӯшбақимор расид. Баъзеашон ба хона баргаштанд, иддае кӯҳу пуштаҳои атрофро муносибтар донистанд.

Гашти рӯзи дигар билохира оқсақол Ширинбек ҳам пайдо шуд. Ӯ дар ду улоғ барои навкарон озуқа ва барои аспҳояшон ҷав оварда буд. Қозӣ аз ғояти хурсандӣ Ширинбекро сахт дар канор гирифт.

– Марҳабо, дӯстам, марҳабо ба кулбаи мо, – хушсуханӣ кард девонбегӣ. – Магар садоқат ба шоҳу давлат аз ин беш мешавад? Кош тамоми оқсақолони мо ақли Ширинбекро медоштанд.

Ӯ амр дод озуқаро ба навкарон тақсим кунанд ва гӯянд, ки онро оқсақоли Демурғон – Ширинбек овардааст. Қозӣ дӯсташро ба хона даровард, дасторхон орост ва чун як ба як монданд, натиҷаи супориши махфиро пурсид. Ширинбек аз бағалаш ҳамёни хокистарранге бароварда, онро ба девонбегӣ дод ва гуфт:

– Заҳри ҳалоил будааст. Дар муддати як шабонарӯз мекушад.

Девонбегӣ ҳамёнро ба кисабағалаш андохту қаноатманд суҳбаташро идома дод:

1. Баъд аз фаро (ибораи рехта) – пас аз гузаштани кор аз кор.

– Киро фиристодӣ?

– Ғазанфари ғундиро.

– Оне, ки барои шоҳ асп оварда буд?

– Худи худаш.

– Моро намефурӯшад?

– Не, сойиб. Ман вайро аз кӯдакӣ мешиносам. Одами худӣ. Оварду ҳамон соат роҳи Ғундро пеш гирифт. Гуфтам, ки то ман пайғом нафиристам, дигар ба ин тарафи дарё нагузарад.

– Кори оқилонае кардӣ, дӯстам. Акнун бовар дорам, ки корамон барор мегирад.

– Худо бо мазлумон аст, – гуфт Ширинбек. – Худатро эҳтиёт кун. Агар кори дигаре пеш омад, одам фирист. Ягона пушту паноҳи мо – Ҷаҳонгири гурд дигар нест. Умеди мо фақат ба ту мондааст.

– Дар Баҳшор одам ҳанӯз бисёр аст? – пурсид Қозӣ.

– Кам мондааст. Ҳамин шаб мансубаи паҳлавонро мегузаронанд. Дигар, Худо медонад, шӯришгарон чӣ мекунанд?

– Бовар дорам, ки фарҷоми кор нек мешавад, – пешониашро молида, гуфт девонбегӣ. – Сари роҳ оқсақолонро гап зан, ки мисли худат ба сипоҳи шоҳ озуқа биёранд.

– Ба ҷонам, андувол, – чашмбандии навбатии девонбегиро маъқул дониста, гуфт Ширинбек.

Наздики офтобпар оқсақол аз хонаи Қозӣ баромада, хайрухуш кард. Девонбегӣ ба дӯсташ як намаксанги калонро, ки Отизул барояш аз Марғов оварда буд, потахсӣ дод. Оқсақол улоғи дуюмро кутал карда, ба аспи худ савор шуду роҳи Демурғонро пеш гирифт.

Девонбегӣ ба хона даромаду ҳамёнро кушод. Моддаи зардранги дохили он баробари се чимдӣ нос буд. Ӯ нақшаи чи тарз ба хӯроки шоҳ заҳр андохтанро бори дигар дақиқан дар хаёлаш пухт. Сипас ҳамёнро ба киса гузошту берун баромад ва ба сипаҳдор амр кард, ки дар бораи шӯришгарони бозгашта махфӣ маълумот ҷамъ оварда, шаб даҳ нафарашонро асир бигирад.

Бегоҳ гӯсфанд кушту афсарони сипоҳро, ки шаш нафар буданд, зиёфати хос дод. Бо онҳо на чун мансабдор, балки ба мисли як мизбони одӣ аз ҳар дар суҳбат кард. Муносибаташ он қадар одӣ ва самимӣ буд, ки меҳмонон дар ҳайрат монданд. Ӯ адолат, некӣ, инсондӯстӣ, хирадмандӣ ва маҳорати раҳбарии Муҳаббатхонро хеле сутуд ва дар охир чунин насиҳат кард:

– Мо бояд барои шоҳ ҷонамонро дареғ надорем. Шахсан ман аз баҳри ҳама чиз гузаштаам. Шоҳ дуруст кард, ки ба муқобили хешу таборам худи маро фиристод. Ман ба ягон нафарашон раҳм намекунам. Аввал хеш, баъд дарвеш гуфтаанд. Ҳоло навбати дигарон ҳам мерасад.

Зиёфат то як поси шаб давом кард. Қозӣ меҳмонҳоро гуселонду пас аз гардиши кӯтоҳе дар ҳавои серун хоб рафт. Навкарон то субҳ бе овозаву дарвоза даҳ нафар шӯришгарро дар хонаҳояшон дастгир карда, ба урдугоҳ бурданд.

Қозӣ қариби субҳ хоби даҳшатноке диду бо таҳлука бедор шуд. Хоб дид, ки оқсақол Сафар аз ришаш дошта, ӯро бо худ аз шахи Саройи санг ба дарё афкандан мехост. Ҳарчанд зӯр зад, ришашро раҳо карда натавонист. Аз чашми рости Сафар хун метаровиду чашми чапаш бо нафрат ба ӯ менигарист. Қозӣ аз тарс бедор шуд ва хоб будани ҳодисаро дарк намуду шукрона кард. Берун баромад. Дилаш тангӣ мекард. Осмони софи тобистон аранге равшан шуда буд. Танҳо ситораҳои пурнур асроромез чашмак мезаданд. Қозӣ хобашро мулоҳизакунон ба лаби ҷӯй рафта, вузу гирифт. Ба руъё омадани оқсақол Сафар чӣ маънӣ дорад? Сафар бо Муҳаббатхон даст ба гиребон шуда, мехост шоҳро бо худ ба дарё афканад. Девонбегӣ ин афтударафтро аз болохона тамошо карда буд. Росташ, бисёр мехост Сафар Муҳаббатхонро ба ҷарӣ андозад. Агар хизматгорон як дами дигар даранг мекарданд, Шуғнон аз зулми Муҳаббатхон халос мешуд.

«Шояд таъбираш ин бошад, ки ҷони Муҳаббатхон дар да-

сти ман аст? Кореро, ки оқсақол Сафар анҷом дода натавонист, ман бояд анҷом бидиҳам?». Бо ҳамин фикру хаёл Қозӣ ба хона даромад ва намози бомдодро хонду дар ҳаққи оқсақол дуо кард.

***

Наздики чоштгоҳ Муҳаббатхон сипоҳи музаффари Қозиро дар майдони Саройи санг бо хушнудӣ истиқбол гирифт. Девонбегиро канор гирифту ба нишони миннатдорӣ ханҷари дастааш нуқрапӯш ҳадя кард. Девонбегӣ даҳ нафар ҳамдеҳаи асирашро ба шоҳ нишон доду гуфт:

– Ваъдаамро иҷро кардам. Асиронро ба ту месупорам, шоҳам.

Шоҳ онҳоро аз назар гузаронда, бонг зад:

– Эй кӯрнамакони сиёҳтолеъ! Чунон ҷазое ба шумо диҳам, ки ҳафт пуштатон номи Муҳаббатхонро шунавад, заҳракаф шаванд. – Ва рӯй ба девонбегӣ овард: – Ду рӯз сури ғалаба медиҳем, баъд бо ин ноҷинсҳо машғул мешавем.

Шоҳ амр кард, ки тамоми муқаррабони дарборро ба зиёфат даъват намоянд. Сипас бо Қозӣ дар бораи вазъи баамаломада суҳбати алоҳидае карду ба ҳуҷраи хоси худ рафт. Девонбегӣ либос иваз намуда, барои бо чашми худ дидани омодагии зиёфат ба матбах даромад. Ба Малакбоз ва зердастони ӯ барои рангоранг сохтани дасторхон супоришҳо доду ба ҳуҷраи худ баргашт.

Пас аз намози пешин аъёну ашроф ҳамагӣ дар боргоҳи шоҳ сари дасторхон нишастанд. Шоҳ ба ифтихори ғалаба ҳатто кӯзаи шароби тутиро ҳам ба дасторхон роҳ дод.

Дар чунин маъракаҳо девонбегӣ дасторхондорӣ мекард. Қозӣ меҳмононро пазируфта, амр дод хӯрок биёранд. Дамламаи шавдегӣ аз гӯшти нахчир бо бӯйи хушаш иштиҳо меовард. Девонбегӣ косаи аввалро ба назди шоҳ гузошту даст ба

дуо бардошт:

– Дуои давлати подшоҳ, теғаш буро, забонаш гӯё, душманаш зери по, омин, Аллоҳу Акбар!

Ҳама бо нидои «Аллоҳу Акбар» даст ба рӯй кашиданд. Бонак ва Малакбоз ба назди меҳмонон хӯрок гузоштанд. Шоҳ ҳозиронро як-як аз назар гузаронд, сипас кӯзаро ба дасти Малакбоз дод ва гуфт:

– Бигузор гуноҳи мо ба гардани ту бошад. Шароб каш!

Малакбоз аввал ба шоҳ, баъд ба дигарон шароб рехту кӯзаро боз дар пеши Муҳаббатхон гузошт. Шоҳ ҷом бардошт ва гуфт:

– Ман инро барои садоқати ҳар яки шумо менӯшам. Бояд гӯям, ки Қозӣ-девонбегӣ барои мо хизмати фидокорона кард. Ба хотири давлат аз сари хешу табораш гузашт. Фардо қалъаи Баҳрпанҷаро аз душман озод мекунем ва ман танхоҳи наверо ба девонбегӣ тақдим медорам. Боракаллоҳ!

– Шогун шавад! – нидо доданд аҳли нишаст ва ҷом ба лаб бурданд.

Шоҳ то охир шаробро дам кашид. Дигарон ҳам ба ӯ пайравӣ карданд. Қозӣ ҳаққашро ба даҳон бурду дилаш беҳузур шуда бошад ҳам, нисфашро нӯшид. Шароби пурзӯр пас аз чанд дақиқа корашро кард: ҳама сархуш гаштанд. Табъи Муҳаббатхон чоқ шуд. Вай гӯштобаи бомазаро пуфкунон то охир хӯрду боз даст ба кӯза бурд. Қозӣ ҷоми ӯро пур карда, ба дигарон ҳам шароб кашид.

– Шавдегии болаззат пухтаӣ, Малакбоз! – ба хонсолор рӯ овард шоҳ. – Боз як коса биёр.

– Ба чашм, шоҳам, тасаддуқ, – гуфт Малакбоз ва косаи шоҳро гирифта берун давид.

Қозӣ шоҳу муқаррабони сархушашро аз назар гузаронду зери лаб гуфт: «Ё ҳоло, ё ҳеҷ гоҳ!». Ва косаи холишудаи худро бардошту оҳиста берун баромад. Роҳравро гузашт, ки Малакбоз дучораш омад.

– Малак, косаи шоҳро ба ман деҳу косаи маро пур карда биёр. Аҷоиб шӯрбое пухтаӣ, тасанно!

Малакбоз ширин хандиду косаро иваз карду баргашт. Девонбегӣ заҳрро зуд аз кисабағал берун оварда, ба шӯрбо рехту бо дастаи чумчае, ки аз сари дасторхон дар киса ниҳода буд, омехт. Заҳр дар як дам маҳлул гашт. Қозӣ чумчаро ба киса андохту косаро дудаста қапида, ба боргоҳ даромад. Шоҳ сарашро луч карда буду ба девор такя дода, гап мезад. Қозӣ косаро наздаш гузошту бо нимтаъзим худро қафо кашид ва рост истод.

– Бишин, Қозӣ, – муроот кард шоҳ, – диловариеро, ки ту кардӣ, ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам. – Ва мастона қоҳқоҳ заду афзуд: – Аз он ки моиндарам Гулузорро ба амакат... Номаш чӣ буд?

– Шоҳабдулғаёс, – ҷавоб дод Қозӣ.

– ... ҳа, Абдулғаёс додам, пушаймон нестам.

Ба ин шӯхии шоҳ ҳама хандиданд. Шоҳ давом дод:

– Охирин канизи ҷарташро[1] ба Бонаки ноҷинс туҳфа кардам. Лекин ин ношукри нашуд намедонад, ки бо зан чи кор мекунанд.

Садои қаҳқаҳ ҳавои хонаро ларзонд.

– Кӯрро к... додаанд, гуфтааст мӯй дорад, – аз ханда нафасгир шуда, давом дод Муҳаббатхон. – Ё ягон бор дилат ба вай ҷӯш зад, Бонак?!

Бонак дузону зад ва гуфт:

– Не, шоҳам.

Гулдурроси ханда боз ба ҳаво печид.

Шоҳ аз ғояти мастиву ханда суп-сурх шуд. Малакбоз ҳам даромад ва косаи девонбегиро ба дасташ дод. Қозӣ онро ба дасторхон гузошт ва аз он ки ҳушу ёди шоҳ ба ширинкорӣ банд гашт, хавф бурд, ки аз хӯрдан даст кашидааст. Аз ин рӯ, ба Малакбоз хитоб кард:

– Малак, ба меҳмонон нигоҳ кун, шояд касе дубора аз ин

1. Ҷарт - фартут

шӯрбои таърифиат хоҳад.

Шоҳ ба дасторхон мутаваҷҷеҳ шуд.

– Таббохи асил шудаӣ, Малак, – мавзӯи суҳбатро дигар кард шоҳ. – Ба Бонак бештар хӯрон, ки имшаб коре карда тавонад. Рости гап, ман ҳам бояд ҳарчи бештар бихӯрам. Ман ҳам домоди нав…

Ҳозирон хандиданд. Шоҳ косаро бардошту шӯрборо ҳурт кашид. Сипас бо чоқу гӯшт пора карда, бо иштиҳо хӯрдан гирифт.

«Тамом, кори шуданӣ шуд», – бо изтироб аз дил гузаронд Қозӣ ва ба Малакбоз амр дод:

– Шароб бирез!

Малакбоз бо ҳаракати зебо аввал ба шоҳ, сонӣ ба дигарон шароб рехт. Муҳаббатхон ҷомро то охир нӯшид ва мастона нидо кард:

– Фардо Отизули буздилро ҷазо медиҳам. Бо як пирамарду як кӯдак басомад накард. Тфу! Боз сипаҳсолораш таъйин кардам. Нест бод душмани…

Банохост ҷом аз дасташ афтод. Баданаш ларзиду рангаш канд. Қозӣ ба як ҷаҳиш худро ба Муҳаббатхон расонду рӯйи кӯрпачааш хобонд. Меҳмонон саросема бархоста, ба таҳлука афтоданд. Девонбегӣ гуфт:

– Шоҳ маст шуд, илтимос, танҳояш гузоред.

Ба ҷуз Малакбоз, Бонак ва Қозӣ дигарон хонаро тарк карданд.

– Наход шароб ин хел кунад, а? – бо хавотир суол кард Малакбоз.

– Албатта, шароб, – посух дод Қозӣ, – шоҳ ин қадар шароб намехӯрд.

Малакбоз ба рӯйи Муҳаббатхон об пошид. Ин тадбир кор дод: шоҳ чашмонашро нимво карду бо нигоҳи бенуре лаб ҷунбонд:

– Заҳр… Малак…

Малакбоз аз ҷо парида хест ва бо ҳарос пурсид:

– Заҳр?!

Шоҳ сар ҷунбонд ва ангушти ишораташро бемадорона ба сӯйи Малакбоз бардошт.

– Ту … кардӣ.

Девонбегӣ аз гиребони Малакбоз гирифт.

– Ту ба шоҳ заҳр додӣ? Иқрор шав!

Малакбоз аз тарс лол шуд. Рангаш парид.

– Ё ту, ё ягон коргарат, – давом дод Қозӣ.

Хонсолор базӯр садо баровард:

– Не, тақсир, ба Худо савганд. Шоҳ аз шароб бехуд шудагист…

– Худо гӯй, ки аз шароб бошад, дар акси ҳол ман рӯдаҳоятро меканам, – дод зад девонбегӣ.

Бонак, ки дастони шоҳро мемолид, гуфт:

– Дору лозим, дору, тақсир.

Қозӣ гапи ӯро тақвият дод:

– Дуруст, дар ҳар сурат, шоҳро подзаҳр додан лозим. Ягон кас дорад?

– Намедонам, – ҷавоб дод Малакбоз, – ин хел доруро фақат шоҳи Бадахшон дорад.

Қозӣ андешид, ки ба Бадахшон одам фиристад ё нафиристад.

«Беҳтараш фиристам, – аз дил гузаронд ӯ, – то ӯ бармегардад, ки аз сад ҷони Муҳаббатхон яктоаш ҳам намемонад. Ғайр аз ин, Юсуфалихон ҳам аз қазия огоҳ мегардад».

– Зудтар, Бонак, бигӯ, киро бифиристем?

– Ман худам меравам, тақсир.

– Ту дар ҷойи Бадахшон ба Ҳиндустон наравӣ, Бонак! Ягон бор рафтаӣ?

– Шаш бор дар рикоби шоҳ рафтаам, тақсир.

– Ин тавр бошад, савор шав, ки ҳар нафас ғанимат аст.

Бонак ҷониби дар давид. Қозиву Малакбоз сари болини шоҳ нишастанд. Муҳаббатхон ишкамашро дошта, нимхез хобида буд. Зуд-зуд нафаси кӯтоҳ мегирифт. Малакбоз сари ху-

дро дудаста дошта, мисли ҳайкал шах шуда буд. Қозӣ ба чеҳраи пуркидаи шоҳ нигариста, Худо мегуфт, ки заҳр ҳарчи зудтар корашро кунад.

– Ту ҳамин ҷо бош, ман касеро ба Рӯшон бифиристам. Мавҷудхонро огоҳ кардан лозим.

Мавҷудхон ягона писари Муҳаббатхон буд, ки дар Рӯшон ҳокимият дошт. Ба ҷуз ӯ, духтарон ва дигар хешу табори шоҳро низ аз бемор шудани ӯ огоҳ кардан лозим буд.

Базм ба мотам табдил ёфт.

## ТОЛЕИ СИЁҲИ БОНАК

Аспи Бонак чорхез медавид. Шамол аз зери буногӯшҳои савор ҳур-ҳур мегузашт. Баҳшору Демурғон ба зудӣ пушти сар монданд. Баъди чанд дақиқа рӯди ширранг ҳам пеш омаду Бонак сари аспро ба рост, ҷониби Ғорҷвиндара тоб дод. Аз даромадгоҳи он пайроҳа сар мешавад, ки печухамҳои мормонандаш одами аспсаворро пас аз се-чор соат ба лаби кӯли машҳури Шева мебароранд. Баъд аз қатъи дара водии васеи Шева сар мешавад, ки то кӯҳҳои Бомдара роҳи ҳамвор дорад. Бомдара ҳам ба савори шитобзада монеаи хеле ҷиддист. Чобуктарин сутур аз Шуғнон то Файзобод бояд як рӯзи дароз роҳ паймояд.

Бонак ҷонсарак асп меронд. Мехост болу пар бароварда, дар як нафас худро ба Файзобод расонад. Охир, шоҳи ӯ дар дами марг аст! Оне, ки танҳо аз ҷунбиши лаб ё тарзи нигоҳаш дар дилҳо зилзила меафтод, ҳоло бечораву бемадор афтодааст. Оне, ки ягона мунису мутакко, ягона дилгармии ҳаёти ӯст. Дар ин дунё Бонак дигар касеву касоте[1] надорад. Номаш Меҳрубоншо бошад ҳам, ба ҷуз аз Муҳаббатхон аз каси дигаре меҳрубонӣ надидааст. Ҳатто падару модараш ба ӯ меҳрубон

1. Касу касот (шуғнонӣ, ибораи рехта) – наздикону пайвандон.

набудаанд. Барои он ки як-ду рӯз нон бихӯранд, Меҳрубон-шои худро ба як халта гандум фурӯхтанд!

Ин кулфат дар арафаи иди Наврӯз ба сараш омад. Хонавода беозуқа монд. Нону нонтарие[1] надоштанд, ки ба даҳон баранд. Дар тани касе маҷол намонд. Ду хоҳару як бародараш, ки ҳамагӣ аз ӯ хурд буданд, дигар аз ҷо хеста наметавонистанд. Модараш бемор шуд, танҳо ду тан – ӯ ва падараш ҷунбуҷул карда метавонистанд. Падараш ҳар рӯз Бонакро аз равзани бом ба каҳдон медаровард. Ӯ нафастанг шуда, коҳи сафедро бо ангуштони аз сардӣ кафидааш «ғалбер» карда, дона меҷуст. Чунон ки заршӯён аз байни милён регреза зррае меёбанд, Бонак ҳам аз байни ҳазорон хаспора як дона-ним дона нахуд, боқило, гандум ё ҷав меёфту ба халтачае меандохт. То бегоҳ аз чизе, ки ҷамъ меовард, падараш даляе[2] пухта, чандчумчаӣ ба даҳони ҳама мерехт. Ба ҳамин минвол намемонд, ки ҷонашон барояд. Рӯзе мосали шоҳ ба хонаашон омаду аҳволи онҳоро дида, ба падараш гуфт:

– Агар хоҳӣ, ки зинда монед, ягон фарзандатро ба ман бифурӯш.

– Чӣ медиҳӣ? – бемадорона пурсид падар бидуни андеша.

– Як халта гандум.

– Ман розӣ. Ҳамин бачаи маро бибар.

Падар ба Меҳрубон ишора кард. Меҳрубон аз чунин осон ҳал гаштани тақдираш моту ҳайрон монд. Ҳис кард, ки дилаш аз тапиш бозистод.

Мосал аз аспаш як халта гандум фаровара, дар дами дар гузошт ва ба Меҳрубон рӯ овард:

– Савор шав!

Меҳрубон ба падараш нигарист. Ӯ бемаҷол ба паҳлударӣ такя зада, ба писараш ишора кард, ки савор шавад. Дилу бе-

1. Нонтарӣ – хӯроки обакие, ки дар он нон тар карда хӯранд.
2. Даля – хӯроке аз ҷӯшондаи ғалладонаи нимкӯфта

дилон ба назди асп рафт. Мосал ӯро озод бардошта, ба қафои худ шинонду аспро маҳмез зад. Вақте Хуфи азизи ӯ пушти сар монду асп ба роҳи дара по гузошт, дили Меҳрубон гӯё аз синааш канда шуд. Вуҷудашро ғами ҷонгудози фироқ фаро гирифт. Ӯ акнун дарк кард, ки аз дидори падару модари ба ҷон баробару хоҳаракони ширину додараки азизаш маҳрум гардидааст! Сели гарони андӯҳ сиву ду рагашро ба ларза овард, аз чашмонаш ҷӯйи ашк ҷорӣ гашт. Талх гирист. Сарашро ба пушти мосал ҷафс намуда, ончунон ашк рехт, ки чакмани ӯ тар шуд.

– Ҳоло гиря мекунӣ, лекин баъд ба ман ҳазорон раҳмат мегӯйӣ, ки туву хонаводаатро аз чанголи аҷал халос кардам, – гуфт мосал ва шолеро аз хӯрҷинаш баровард. – Худатро печон, ки ях накунӣ.

Онҳо шабро дар Пастхуф дар хонаи оқсақоли деҳа рӯз карданду субҳи барвақт роҳи Шуғнонро пеш гирифтанд. Мосал ӯро рост ба қалъаи Баҳрпанҷа бурду ба ивази васиқае барои замин ба ғуломӣ фурӯхт. Бо ҳамин чиҳилу панҷ соли расо умри вай ба ғуломӣ дар дарбор гузашт. Панҷ подшоҳгардишро аз сар гузаронд. Охируламр ҳамин Муҳаббатхон бар тахт нишасту ӯро ба худ ёвар гирифт. Сабабаш он буд, ки Меҳрубоншо аз давраи ҷавонӣ корҳои махфии шоҳзодаро иҷро карда, сирращро нигоҳ медошт. Аз Муҳаббатхоне, ки падарашро кушту ба сари бародарони худ теғ кашид, Меҳрубоншо чунин меҳрубониро интизор набуд…

Деҳаи Ғорҷвин пушти сар монд. Банохост асп хӯсиду чароғпоя шуда, шиҳа кашид. Бонаки хаёлзада мувозинати худро базӯр нигоҳ дошт.

– Ба ту чӣ шуд? – бо ҳарос овоз баровард Бонак.

Асп сарашро такон доду истод. Бонак фаромада, дар гирди ҷонвар хавотиромез давре зад. Асп пойи рости қафояшро мебардошту мегузошт. Бонак диккак нишаста дид, ки наъли он канда, ба як мех овезон мондааст.

«Тавба, – бо ҳайрат ба худ гуфт ӯ, – се рӯз пеш наълаш карда буданд, наход ҳамин қадар дошт диҳад?»

Бонак бо худ на асбобе дошт, на ускуна. Ба Ғорҷвин баргардад, вақт аз даст меравад. Аз ин рӯ, чораи корро дар кандани наъл донист. Пойи аспро бардошту наълро ба ҳар сӯ тоб дода, бо механш канд ва ба кӯлбораш андохта, савор шуд. Асп ба роҳ даромад. Бонак маҳмез зад, ки зудтар ҳаракат кунад.

То расидан ба ёварии Муҳаббатхон Бонак зиндагии сагонае дошт. Шабу рӯз кор мекард. Худо накарда, дар ҷойе иштибоҳе аз ӯ сар мезад, ё кореро сари вақт иҷро намекард, сардори хизматгорон, ки ҳама Қалъадораш мегуфтанд, борони дашномро ба сараш мерехту калтакаш мезад. Бонак ҳунгосзанон гиря мекард, фиғон мекашид, аммо касе ба додаш намерасид. На танҳо ӯ, балки хизматгорони дигаре, ки мисли ӯ зархарид буданд, низ айни ҳамин ҳолро доштанд. Ба онҳое, ки ё барои адои қарз, ё барои музд, ё барои ба даст овардани дили ягон мансабдор хизмат мекарданд, муносибат дигар буд. Қалъадор аз ягон рафторашон оташин шавад, пӯписа мекард, вале намезад.

Бонак умедвор буд, ки падараш рӯзе ба суроғи ӯ меояду аз ин ситамхона наҷот медиҳад. Вале солҳо гузаштанду аз падараш дараке нашуд. Ӯ шабҳо дар ахтахона зинеро зери сар гузошта, хоб мерафт. Шабе набуд, ки падар, модар, ва хоҳарону бародарашро ёд накарда, аз дурии онҳо хуни ҷигар нашавад. Соли панҷум бо ҳолаш хӯ гирифт. Ҷойи муҳаббатро дар дилаш батадриҷ нафрат ишғол намуд. Эҳсоси он ки падараш ӯро, фарзанди хунии хешро фурӯхту дигар суроғу пай накард, нозуктарин торҳои ҷонашро месӯзонд, ҷигарашро реш-реш мекард. Агар боре ба дидани ӯ меомад, Меҳрубоншо мутмаин мешуд, ки падар ӯро аз ноилоҷӣ фурӯхтааст. Ин бахшиданӣ буд ва Бонак ҳатто сарфарозӣ ҳам карда метавонист, ки ба шарофати ӯ аҳли хонаводааш аз марг наҷот ёфтааст. Аммо чун фурӯхтанду фаромӯшаш карданд, ин ба ҷуз фурӯхтан маънии

дигаре дошта наметавонист!

Осафо, дардо, дареғо…

Асп сарашро такон дода, аввал ҳуррас садое бароварду боз чароғпоя шуд. Бонак базӯр худро аз сарозер гаштан нигоҳ дошт. Ҷонвар хамбиду по кӯфт. Бонак пиёда шуд ва дар равшании маҳтоб пойҳои ҷонварро аз назар гузаронд. Ду наъли пешаш беҷо шуда буд. Бонак тарсид. Аз он тарсид, ки кадом махлуқи ғайбие намемонад асп ҳаракат кунад. Охир, усто наметавонист, ки се наълро нодуруст бикӯбад! Не, дар ин ҷо, албатта, сирре ниҳон аст.

«Паймонаи умри Муҳаббатхон пур шуд!» – Ин андеша барқвор дилашро сӯрох карда гузашт. – Тамом, Худо ҷони ӯро мегирад». Бонак ин ду наълро ҳам барканду ба кӯлбор андохт ва дудила шуд: бозгардад ё роҳашро давом диҳад? Баргардад, девонбегӣ қабрашро меканад, пеш равад, ҳарос дошт махлуқи нопайдое, ки наълҳои аспашро канд, каллаи ӯро ҳам бозӣ ба бозӣ меканад.

Наъли пойи чапи қафо устувор буд. Бонак онро бодиққат муоина кард. Наъл нуқсе надошт. Бонак бо тааҷҷуб сар ҷунбонду пойи аспро сар дод. Бисёр мехост дуое хонаду дилашро қувват бахшад. Аммо ба ғайр аз «Бисмиллоҳи раҳмонирраҳим» дигар чизе намедонист. Чанд бор ин ибораро ба забон оварда, ба чор тараф пуф кард. Дилаш андак таскин ёфт. Моҳ ба пушти қулла хамидан дошт. Шаб ториктар, ситораҳо бисёртар ва пурнуртар мегаштанд. Бонак савор шуда, боз ба роҳ афтод.

Дашти Куранг сар шуду асп ба роҳи ҳамвор даромад. Чун ҳамагӣ як наъл дошт, онро давондан мумкин набуд: дар ин сангистон сумҳояш зуд суда мешуданд. Бонак аспро ба ихтиёри худаш гузошт. Ҳатто лаҷомро ба қоши зин басту ба дарёи хаёлот ғӯтавар гашт. Аз ҷунбон-ҷунбони гоҳворасони асп хоб бар ӯ ғалаба кард.

Қариб тамоми хизматгорони дарбор ҳамдеҳагони ӯ бу-

данд. Дар замони салтанаташ Абдураҳимхон аз Хуф якбора чил касро бо худ ба Баҳрпанҷа оварда, хизматгори дарбор кард. Шоҳро содагӣ ва садоқати хуфиён ба чунин тасмим водошт. Вақте ки як хуфӣ пиру корноомад мешуд, ӯро рухсат медоданд ва ба ҷойи ӯ хуфии ҷавонро ба қалъа меоварданд. Бонакро вақте ба Баҳрпанҷа оварданд, ки шоҳи Шуғнон бародари бузурги Абдураҳимхон – Абдулазизхон буд. Ду сол хизмати ӯро кард, ки Абдураҳимхон аз Бадахшон бо лашкари гарон расида, бародарашро аз тахт афканду ҷойи ӯро гирифт. Абдураҳимхон бисту се сол ҳукм ронд. Умри ҷавони Бонак дар давраи ӯ хазон шуд. Орзу кард, ки зан бигирад, фарзанддор шавад. Аввалан тиҳидастӣ, сониян бекасӣ садди роҳаш гаштанд. Ҳамдиёронаш нахуст хабари марги модар, пас аз чанд сол хабари вафоти падарашро оварданд. Баъдҳо донист, ки хоҳаронаш шавҳар карда, бародараш ҳам кадхудо шудааст. Аввалҳо бисёр мехост, ки боре ба зодгоҳаш рафта, фарзандони волидайнашро бинад. Аммо бо мурури вақт оташи рағбаташ паст гардид, дар дилаш ба онҳо заррае меҳр намонд. Ҳатто номи аслиаш – Меҳрубон аз хотираш зудуда шуду ба шакли кӯтоҳи он – Бонак одат кард. Ҳамдиёронаш аз аҳли хонавода ё хешу табораш хабаре расонанд, барояш дигар фарқе надошт, ки онҳо дар бораи бародараш гап мезананд ё аз боби гови гумшудаи Абдураҳимхон. Об, ки аз сар гузашт, чи як газу чи сад газ. Мурғи дили Бонак мурд. Дигар на орзуи зан гирифтан дар қалбаш монд, на ҳаваси фарзанд. Солҳои дароз аз оғил ба ахтахона, аз ахтахона ба каҳдон, аз каҳдон ба лаби дарё, аз лаби дарё ба ошхона, аз ошхона ба боғ, аз боғ ба майдон, аз майдон ба бордон мисли моку мерафту меомад, меомаду мерафт. Аз Саройи санг ба Баҳрпанҷа медавиду аз Баҳрпанҷа ба Саройи санг. Ба ҳуҷраҳои дохилӣ роҳ надошт. Танҳо ба гармоба иҷозааш медоданд, он ҳам барои кашондани об. Тамом – ҳамин буд пораи дунёе, ки Бонак дар он ранҷ мекашид. Ин баъдҳо иттифоқ афтод, ки Абдураҳимхон ӯро чаҳор

маротиба барои нигоҳубини сутур бо худ ба Файзобод бурд ва ӯ олами фарохро дид. Як бори дигар дар рикоби Юсуфалихон ба Файзобод рафта буд.

Асп хӯсиду ду-се бор ҷастухез зад. Бонак, ки ғарқи мурури зиндагии талхи худ нимхобу нимбедор рӯйи зин менишаст, порикоб сарозер гашт. Асп гӯё барои афтондани савораш чунин карда бошад, ором гирифт. Бонак бо машаққат пойи дармондаашро аз рикоб бароварду бемадор рӯйи замин дароз кашид. Пояш дард ёфт. Дилаш зад, нафасаш танг шуд. Ӯ савори варзида буд, саркаштарин сутур зери пойи ӯ ром мегашт. Дар умраш боре на аз асп афтода буд, на аз хачир, на аз хар. Воҳима зераш кард. Дасту пояш карахт шуд. Қариб ним соат рӯй бар осмони Бомдара беёду андеша ситоразори бекаронро тамошо кард. Он қадар гиҷу гаранг буд, ки ба чи кор баромадану дар куҷо будан ҳам аз ёдаш рафт. Осмони соф гӯё зару зевари аз бешумор ҳам бешумортарро ба сараш пош додан мехост. Баногоҳ ситораи зардранге, ки рост дар болои сараш қарор дошт, чанд бор ҷунбиду ба ҳаракат даромад! Аввал оҳиста лағжид, баъд суръат гирифта, думи дарози сӯзандае пайдо кард ва бошитоб ба як кунҷи осмон париду ба нуқтае табдил ёфта, нопадид гашт. Дили Бонак шуввӣ карду гӯши чапаш занг зад. Ӯ ба худ омад ва аз ҷояш париду пойи аспро аз назар гузаронд.

Наъли чаҳорум ҳам афтода буд!

Пушти Бонак биҷиррос зад. Гиряаш омад. Ашк беихтиёр аз чашмонаш ҷӯш зада рехт. Фиғон кашид, нолид, пешонӣ бар замин кӯфт, муштонашро гиреҳ карду ба сараш зад.

Чи ноомаде! Ин чи балое буд, ки ба сараш омад! Кор омад накарданӣ бошад, наълҳои асп ҳам мерехтаанд. Худованд яқинин ҷони Муҳаббатхонро гирифтанист. Акнун касеву чизе пеши роҳи маргашро гирифта наметавонад: на мол, на пул, на тоҷ, на тахт, на зан, на каниз!

Бонак гургвор соате сӯйи осмони пурахтар нӯла кашиду

охирин наъли афтодаро ба кӯлбораш андохта, савор шуд. Не, ӯ валинеъмати худро аз даст доданӣ нест! Ҳанӯз ки умед боқист, бояд шитоб кард. Бе Муҳаббатхон Бонак дигар на касесту на хасе. Агар ҷони ӯ доруи Муҳаббатхон мебуд, бидуни андешае қурбонаш мекард. Вале, афсӯс, ин ҷони лаънатшуда, ки умре барои Бонак лозим набуд, дар чунин рӯзи сиёҳ ба Муҳаббатхон ҳам кор намедиҳад.

Аспи сумҳояш судаву захмишуда ба сустӣ роҳ мепаймуд. Бонак ба танг омада, ҷонварро маҳмез мезад, ҳатто рӯйи зин кун мекӯфт, вале мурode ҳосил намешуд. Рӯйи шаб сафед шудан дошт. Ситораҳо чун чароғони хирасӯз як-як хомӯш мешуданд. Бомдара ҳам пушти сар монд. То Файзобод ҳамагӣ ду-дувуним фарсанг роҳ аст. Вале асп… Дод аз ин аспу аз ҳаракати сангпуштвори он! Мехост пайдарҳам қамчинаш бизанад, аммо метарсид, ки яке зуъм кунаду биистад. Он гоҳ чӣ кор мекунад? «Қаҳри бад – зиёни бад» гуфтаанд. Бонак ним фарсанг ҳам пиёда гашта наметавонад. Пирӣ бар ҳафт андоми ӯ ғалаба кардааст. Поҳояш каммаҷол шудаанд, дамкӯтаҳӣ ҳам дорад. Алқисса, аз аспи бе наъл мондаи худ ягон бартарӣ надорад. Оҳ, афсӯс, сад дареғ! Дар умраш як бор наҷоти ҷони шоҳи Шуғнонро ба ӯ бовар карданд, аммо аз фарти ношудӣ аз уҳдаи ин вазифа набаромад. Таърих намебахшадаш! Намебахшад!

Аз оғози ҳаёташ хунукдасту хунуклингу хунукрӯй буд. Ҳамин тавр монд, ҳамин тавр ба гӯри хунук меравад. Толеъсӯхтаву бебарор, шумқадаму наҳсият буд, монд. Агар андаке толеъ медошт, магар дар шаст соли зиндагӣ лаҳзае тани гарми занро ламс намекард? Магар боре ошиқ намешуд? Магар канизи фартути пасмондаи Абдураҳимхон ба ӯ мерасид? Гирад, сипоси беқиёс ба Муҳаббатхон, ки ӯро одам шумурду чунин занеро барояш ҳадя кард. Вале ку рағбати мардиву куҷост андешаи ҳамхонагӣ бо зан? Ҳамин корро Абдураҳимхон мекард, дуруст меомад. Он вақт Бонак ҷавон буду коромад. Вале Абду-

раҳимхон худ аз зан сер намешуд. Ҳар ҳафта зану каниз иваз мекард. Хеле бадрашку зандӯст буд, аммо занони падарашро модар медонист.

Дар умри сараш Бонак ҳамагӣ як дӯсти наздик дошт, ки сагаш буд. Ин сагро ӯ аз думоҳагӣ парвариш кард. Вай шонздаҳ солу се моҳу дувоздаҳ рӯз умр дид. Ва як рӯзи сарди зимистон дар болои пӯстаки худ дар паҳлуи Бонак ҷон дод. Бо ҳазор ғуссаву алам гӯраш карду дигар яккаву танҳо монд…

Бонак эҳсоси хастагӣ кард. Ташна ҳам монд. Асп базӯр пой мебардошт. Дар пеш саройе намоён шуд. «Шуғнисарой!» – хурсандона хитоб кард Бонак ва аспро ҷониби иморат ронд. Ӯ дар ин манзил ду бор фаромада, ҳамроҳи корвони шоҳ якрӯзӣ монда буд.

Дар гирду навоҳи сарой ҳар ҷо-ҳар ҷо мусофирон рӯйи замин нишаста, субҳона мехӯрданд. Бонакро писари саройдор пешвоз гирифт. Баробари пиёда шудан об пурсид. Ҷавон зуд дар кӯзачае об овард. Бонак ҳарисона нӯши ҷонаш карду кӯзаро ба писарак дод.

– Худо меваи умратро сероб гардонад, писар, – дуо кард Бонак ва афзуд: – Ба ман асп лозим.

– Дам намегирӣ, амак? – пурсид ҷавон. – Хеле лакот менамоӣ.

– Мехоҳам, вале вақт надорам. Бояд ҳар чи зудтар ба Файзобод расам. Чи саворие дошта бошӣ, биёр. Пул надорам, лекин некии шоҳ ба ту мерасад. Ман чопори ӯ ҳастам.

– Каме дам гир, амак, ман зуд меоям, – гуфт ҷавон ва шитобон рафт.

Баъди даҳ дақиқа ҷавон хачири бақувватеро бо зину абзораш ба ихтиёри Бонак гузошт. Ӯ дарҳол савор шуд ва гуфт:

– Аспи маро обу ҷав деҳ. Вай ба ин зудӣ роҳ гашта наметавонад. Агар шоҳ ба ман асп дод, хуб, надод, хачиратро мегираму аспро ба ту мемонам.

Ҷавон бо аломати ризо сар ҷунбонд. Бонак хачирро чорхез

давонд. Ва намози аср назди дарвозаи қалъаи шоҳи Бадахшон пиёда шуд. Ду посбони мусаллаҳ роҳашро гирифтанд.

– Кистӣ, аз куҷо меоӣ? – қариб баробар пурсиданд онҳо.

– Ман Бонак, чопори шоҳи Шуғнонам.

– Чӣ кор дорӣ?

– Аз шоҳи Шуғнон ба шоҳаншоҳ пайғоми муҳиме дорам.

– Бигӯ, расонем.

– Не, махфист. Ман бояд ҳар чи зудтар худи шоҳро бинам.

Посбонон ӯро ба ҳавлӣ даровварда, якеашон ҷонибн дарбор давид. Вақте посбон хабари иҷозаи вурудро овард, Бонак гӯё болу пар бароварда бошад, ҷониби кӯшки шоҳ давид. Ӯро ходими ҷомаву саллаи сафедпӯше пешвоз гирифт ва ному шуғлашро пурсида, ба назди Ҷаҳондоршо даровард.

Даромадан замон Бонак худро пеши пои шоҳ ба замин афканд ва нолаи дар дилаш гиреҳхӯрдаро сар дод:

– Шоҳо, мо рӯсиёҳ шудем. Шоҳ Муҳаббатхон дар дами марг аст.

Ҷаҳондоршоҳ бо шунидани ин хабар бархост ва пурсид:

– Ба ӯ чӣ шуд?

– Касе заҳр хӯронд, шоҳаншоҳам. Маро барои подзаҳр ба наздат фиристоданд. Ёрӣ деҳ, ки Шуғнон табоҳ мешавад.

– Ҳодиса кай рух дод? – пурсид шоҳ ин бор оромона.

– Дирӯз вақти офтобпар.

– Агар мурданӣ бошад, мурд, – гуфт Ҷаҳондоршоҳ. – Наход барои подзаҳр ин қадар бафурҷа ҳаракат кунӣ?

– Ҳар чор наъли аспам афтод, шоҳам, – гиряолуд ғингос зад Бонак, – базӯр…

– Чӣ тавр? – нобоварона ба рӯяш нигоҳ кард шоҳ.

– Шамшерат маро ду қалам кунад, шоҳам, агар дурӯғ гӯям, – гуфт Бонак. – Дар умрам надидаам, ки наъли асп бе ягон сабаб биканад.

– Рӯзи навмедӣ чу ояд, ошно душман шавад, – гуфт шоҳ мисраи кадом шеърero ба хотир оварда, – бовар мекунам. Ту

дам гир, ман мефармоям, ки подзаҳр ҳозир кунанд.

– Шоҳам, фурсати дамгирӣ надорам. Ҷонам тангӣ мекунад.

Ҷаҳондоршо каф ба ҳам зад. Марди сафедпӯш ҳозир шуд.

– Ин мардро ба боғ бибару ғизо деҳ. Табибро бигӯ, ки подзаҳр бигираду назди ман биёяд.

Вақте Бонакро ба боғ бурданд, посбони дарвоза хабар овард, ки Юсуфалихон аз шоҳаншоҳ бор мехоҳад. Ҷаҳондоршо иҷоза дод ва пас аз фурсате Юсуфалихон бо марди мусофирнамое ба боргоҳ даромад.

Ҷаҳондоршо Юсуфалихонро канор гирифту дар бари худ шинонд. Марди ношинос салом доду рост истод.

– Аз рафтораш маълум, ки ин мард шуғнист, – гуфт Ҷаҳондоршо.

– Оре, шоҳам, ин қавм одати тавозуъ надоранд, – хиҷолатомез лаб инҷ кард Юсуфалихон. – Хунашон ҳамин хел, чӣ кунам?

Ҷаҳондоршо марди шуғниро бодиққат аз назар гузаронду пурсид:

– Номат чист?

– Сияҳсар.

– Аҷаб номе, – лабханде заду гуфт Ҷаҳондоршо, – албатта, хабари марги Муҳаббатхонро овардӣ?

Юсуфалихон аз огоҳии Ҷаҳондоршо тааҷҷуб кард ва пурсид:

– Шоҳам аз куҷо медонад?

– Соате пеш чилимдори Муҳаббатхон омада буд.

– Бонак магар расидааст? – пурсид Сияҳсар, – мо хаёл кардем, ки ӯ ё мурд, ё гурехт.

– Худованд амонаташро гирифтан хоҳад, ягон тадбир кор намедиҳад, – гуфт Ҷаҳондоршо. – Ҳар чор наъли аспаш афтодааст.

Сияҳсар гиребон дошт, Юсуфалихон бо ҳайрат сар ҷунбонд.

– Барои ҳамин ҳар чи зуд асосу палос ва сипоҳу аёлатро омода куну фардо ба роҳ даро, – амр кард шоҳаншоҳ.

Ҷаҳондоршо ин амрро дар ҳоле ба забон овард, ки ба ҷойи

Юсуфалихон чашмаш ҷонибі Сияҳсар буд. Сияҳсар худро ноҳинҷор ҳис кард ва гуфт:

– Шоҳам, ман ягон сипоҳу палос надорам.

Ҷаҳондоршо аз таҳти дил хандид. Юсуфалихон худро нигоҳ дошт. Сияҳсар чи кор карданашро надониста, суп-сурх шуд.

– Марди аҷибе будаӣ, Сияҳсар, – гуфт пас аз паст шудани хандааш шоҳаншоҳ, – парво накун, Юсфалихон барои заҳматат ба ту амале медиҳад.

– Ба чашм, шоҳам, – гуфт Юсуфалихон, – иҷоза деҳ, биравам.

– Бале, – сар ҷунбонд шоҳаншоҳ, – пас аз намози хуфтан биё, машварат бикунем. Чилимдори бародаратро ҳам бибар.

– Ӯ дар куҷост?

– Дар боғ, таомаш фармудам.

Юсуфалихон бархост, таъзиме кард ва бо Сияҳсар аз ҳузури Ҷаҳондоршо баромад.

Вақте Бонак Юсуфалихон ва Сияҳсари ҷосусро дид, ки ба сӯйи ӯ меоянд, гурехтан хост. Лекин аз ғояти тарс ё кӯфти сафар пойҳояш ёрӣ накарданд. Ҳатто вақте Юсуфалихон ба сари ӯ омад, натавонист ба по рост шавад. Забонаш гирифту салом ҳам дода натавонист.

Юсуфалихон ҳоли зори Бонакро дақиқае тамошо карду сипас ба рӯяш туфе андохта рафт. Сияҳсар ҳам ҷонибі ӯ теғ кашида, нигоҳе карду дунболаи шоҳро гирифт.

Сари Бонак чарх зад. Дунё дар назараш торик шуд.

## ПУШАЙМОНӢ ВА МАРГ

Се тангаи тилоии бухороӣ ва шасту се рупияи ҳиндӣ чанд бор аз як каф ба кафи дигар гузаштанд. Мисле ки оби гармро аз пиёла ба пиёла пепе[1] мекарда бошад, Исҳоқ пулҳои боқи-

1. Пепе – аз зарфе ба зарфе батакрор рехтани чизе.

мондаашро кафгардон фикр мекард, ки ба онҳо чи харад. Аспашро Юсуфалихон «тарака» кард. Лоақал харе бояд бихарад, зеро роҳи дарози пурмашаққати ҷонибі Шуғнонро пиёда тай карда наметавонад. Нафасаш мегирифт, дилаш гоҳе сих мезад, дасти чапаш вазнину карахт мешуд. Бо чунин саломатӣ пиёда гаштан худкушист. Барои зану фарзандонаш ҳам бояд дастовезе барад. Агар се тангаи бухорой ва нисфи рупияҳо барои харид сарф шаванд, бисту панҷ-сӣ рупия дар дасташ мемонад. Бо ин пул на танҳо ба Шуғнон, балки ба Фарғона ҳам сафар кардан мумкин аст.

Оқсақол ба бозори пурмағали Файзобод даромад. Тоҷирону харидорони гуногунзабону гуногунтоифа зӯр зада, ба порсӣ ҳар яке моли худро таъриф мекарданд. Он қадар мағалу ҳангома барпо буд, ки гӯшҳои Исҳоқ қуфл заданд. Азбаски тобу тоқати чарх задани тамоми бозорро надошт, баъди тамошои понздаҳ-бист дукон моли лозимиашро харида, ба растаи ҳайвонфурӯшӣ даромад. Аз марди лоғарандоми якдаста ба якуним танга як хари сафеди фарбеҳро бо зину абзораш харида, молу колояшро ба он бор кард ва худ низ савор шуда, ба сафар баромад.

Хар ҷонвари бақуввати чолоке баромад. Исҳоқ суръати гаштро ба ихтиёри ҷонвар гузошта, роҳи Шеваро пеш гирифт. Нахустин фикре, ки машғулаш медошт, расидан ба дидори навхонадорон – Сабзқадам ва Сабзагул буд. Исҳоқ онҳоро бо худ ба Шуғнон бурдан мехост. Агар шоҳ ба онҳо тааддӣ кунад, ба ҳар баҳое, ки бошад, ӯ зери ҳимояашон мегирад. Бисёр мехост лоақал ҳамин ду навҷавони дар ҳукми гулу масти шарбати висоли ҳамдигарро аз чанги золимон наҷот диҳад. Аз он ки нақшаи раҳо кардани бандиёнро дар Файзобод Юсуфалихон вайрон кард, Исҳоқ дарун-дарун месӯхт. Аз борон гурехта, ба новадон дучор шуд. Оқсақол ҳеҷ гумон надошт, ки вай ба чу-

нин бедод даст мезанад.

Агар ин ду бародар душмани ҷони якдигар бошанд, пас мебоист Юсуфалихон ба асирони Муҳаббатхон кор намегирифт. Аммо ӯ онҳоро на фақат озод накард, балки мувофиқи табъаш нарх монда, ба фурӯш гузошт. Вале одобу рафтори ин тоифа ба бисёр қонуну қоидаҳои зиндагии инсони одӣ рост намеоянд. Инҳо чаппа меандешанд, чаппа рафтор мекунанд, гапи мардумро чаппа мефаҳманд. Ҳатто Исҳоқ барин мансабдори собиқадор мантиқи рафтори онҳоро пешбинӣ карда наметавонад.

Вай худро дар назди ҳамдиёронаш рӯсиёҳ ва шармсор эҳсос мекард. Пояш намекашид, ки ба Шуғнон баргардад. Фикри худкушӣ дар сараш чарх мезад, вале як ҳадиси паямбар, ки дар кӯдакиаш азбар карда буд, садди роҳаш мегашт: «Мабодо, чун шиддате рӯ оварад, таманнои марг кунӣ». Исҳоқ намехост дар он дунё дар оташи дӯзах сӯзаду Худованд ба сӯяш дасти мадад дароз накунад. Аз ин рӯ, дар рӯяш ҳазор лахча сӯзад ҳам, бояд ба ватан баргардад. Ва аз он чи Юсуфалихон бо ӯ кард, Муҳаббатхонро огоҳ созад. Ба ҳамдиёронаш низ бо забони худаш ва дар шоҳидии Сабзқадаму Сабзагул саргузашти асиронро қисса кардан мехост. Ва дигар ҳар чи шоҳ раво донад, бо ӯ ҳамон бикунад ва ҳар ҷазоеро, ки халқаш ба ӯ бидиҳад, бидиҳад.

Бо ҳамин андешаҳои гарон Исҳоқ ба Шуғнисарой расид. Гашти рӯз буд. Тасмим гирифт, ки агар навхонадоронро пайдо кунад, шабро дар ин ҷо мегузаронад; агар онҳо набошанд, роҳашро давом медиҳад. Саройдори шинос ӯро бо хушнудӣ истиқбол кард ва Исҳоқ ҳанӯз ба пурсиш лаб накушода, чунин хабар дод:

– Онҳое, ки ба ман амонат гузоштӣ, дар ҳуҷра мебошанд. – Ва сар ҷунбонда, бо ханда гуфт: – Чунон масти ҳамдигаранд, ки берун ҳам намебароянд.

Дили Исҳоқ фараҳ ёфт, чашмонаш равшан шуданд, ба рагу пояш неруи тоза давид. Дари ҳуҷраи навхонадоронро тақ-тақ зад. Дарро арӯс боз карду Исҳоқро дида, бо нидои «Падарҷон!» худро ба оғӯши ӯ андохт. Домод ҳам Исҳоқро диду худро ба гарданаш овехт.

Соате пас саройдор кабобу чаппотӣ оварда, ба дасторхон гузошт ва гуфт:

– Имшаб шумо меҳмони манед, чизе дилатон хост, бифармоед.

Исҳоқ гуфт:

– Кош тамоми инсонҳо мисли худат мебуданд. Чи марди наҷибӣ, бародар!

Саройдор таъзим кард ва гуфт:

– Андувол, аҷдоди ман ҳам дар асл шуғнианд. Бобоям аз Шуғнон бо корвоне омада, дар ҳамин мавзеъ мубталои беморие мегардад. Маҷбур мешаванд, ки ӯро ба масҷиди деҳа супурда раванд. Ба меҳрубонии Аллоҳи таоло шифо меёбад ва чун марди серғайрати кордоне будааст, барои корвониён ҳамин саройро бино мекунад. Ба хотири он ки дар ин ҷо аввалҳо фақат корвонҳои Шуғнон меистоданд, халқ ба он Шуғнисарой ном ниҳод.

Онҳо то дер гоҳ суҳбат карданд. Вақте ки Исҳоқ аз нийяти ҳамроҳи худ ба ватан бурданашон гап кушод, зану шавҳар аз хурсандӣ ба мисли кӯдакон парпарак заданд. Тантанаи хушбахтии онҳо дили аз зиндагӣ сардгаштаи Исҳоқро гарм кард. Ӯ барояшон шаби хуш орзу намуд ва ба ҳуҷраи худ даромада, дар тамоми тӯли ин сафари бебарору пурҳодиса нахустин бор осуда сар ба болин гузошт.

Рӯзи дигар субҳи барвақт бо саройдори меҳмоннавозу писарони ҷавонмарди ӯ худоҳофизӣ карданд. Исҳоқ савор шуд, Сабзқадам ва Сабзагул аз паси ӯ пиёда ба роҳ афтоданд. Ҳамвориро тай намуда, ба роҳи дара даромаданд. Роҳ бар фароз

шасташонро гардонд. Зану шавҳар шӯхиву бозӣ карда, бо ҳузури ҳаловатбахши худ ранҷи роҳро ба Исҳоқи гирифтори ҳазору як андешаи нохуш сабук менамуданд. Вақте ними дараро гузаштанду ҷойи буттаву дарахтони анбӯҳу рангорангро сабзазорони камдарахт ва кӯҳпораҳои камгиёҳ иваз намуданд, Исҳоқ ба нақли саргузашти худ шурӯъ кард. Ҷавонон аввал сарсарӣ, сипас бо шавқи тамом қиссаҳои ин марди солхӯрдаро дар бораи ҷангҳои байниҳамдигарии шоҳони Шуғнон, зиндагии пурмашаққати халқ, бераҳмии амалдорон, вабоҳои сартосарӣ ва солҳои қаҳтии даҳшатнок гӯш карда, хушҳолиашонро батадриҷ аз ёд бурданд.

– Падарам одами ҳунарманд ва серғайрат буд, – гуфт Исҳоқ дар поёни баёни таърихи зиндагиаш. – Ӯ ҳар сол ба Ҳисор гуфтанӣ шаҳри Бухоро намаксангу пашму пӯст бурда, савдо мекард. Боре аз сафар тухми пахта овард. Он вақт дар деҳаи Хоруғ замин харида буд. Аввали баҳор он тухмро корид. Деҳқонони хоруғӣ мазамматаш карданд, ки дар замини кӯҳистон пахта намерӯяд, ӯ ризқашро бо дастони худаш буриданист. Аммо гумони онҳо ботил баромад. Пахта рӯйид! Падарам барои сабзондану ҳосиловар шуданаш заҳмати бисёр кашид. Мардум аз ҳар дарае махсус барои дидани пахта ба Хоруғ мефаромаданд ва ба падарам офарин мегуфтанд. Соли дигар пунбаро бештар кишт кард. Мо ба ҳаллоҷиву ресидани он даст задем. Падарам дастгоҳе сохта, ба мо аз ғӯза ҳосил кардани равғанро ёд дод. Даромади хубе гирифтем. Азбаски ба ҳокимон ҷомаву катон бофта ҳадя мекардем, онҳо садди роҳамон намешуданд. Хуллас, аз ҳисоби пахта сарватманд ва барои шоҳону амалдорон одамони даркорӣ шудем. Барои ҳамин ҳам Муҳаббатхон маро оқсақол таъйин кард. Ба Худо қасам, ки аз оқсақолиам то ҳол ба ғайр аз ташвишу даводав, мардумозориву ҳақораткуниву ҳақоратшунавӣ дигар чизе надидаам. Сахт пушаймонам,

беҳад пушаймонам...

Гашти рӯз ҳамсафарон ба фарози доманакӯҳҳои Шева баромаданд. Нафаскашии Исҳоқ якбора душвор шуд. Дилаш сих зад. Аҳволи ӯро дида, Сабзқадам сари харро ба ҷониби сабзазори лаби чашма гардонд. Дар таги дарахте ҷомаи худро густурда, Исҳоқро ба болои он хобонд. Занаш об оварда, ба оқсақол нӯшонд. Ранги рӯйи Исҳоқ чун барф сафед шуд. Ӯ бо ишораи даст ҷавононро ба худ наздиктар хонда, бо овози хаста гуфт:

– Фарзандонам, вақт расид, ... мемурам...

Сабзагул аз тарс фарёд зада буд, ки Исҳоқ оромаш кард:

– Духтарҷон, медонам, ки метарсӣ, барои ҳамин дуртар бирав. Панҷ рӯз пеш дар ҳамин ҷо чароғи маро равшан кардед. Бозии тақдирро бинед, ки дар ҳамин ҷо мемирам...

Зану шавҳар ба атроф нигариста, акнун дарк карданд, ки айнан дар ҳамон мавзеъанд.

– Хеле хуб... – суханашро бо азобе давом дод Исҳоқ, – маро дар ҳамин ҷо гӯронед. Қафо... нагардед,... ба ватан равед..., рост ба назди... Ҷаҳонгир... Афсӯс, ғарибгӯр шудам. Ба халқ узри маро бирасонед, бигӯед, ки маро бибахшанд... Ман сазовори маргам...

Ӯ ду-се бори дигар лаб ҷунбонду ҷон дод.

Ҷавонон аз тарсу ҳайрат чи кор карданро намедонистанд.

Офтоб ғуруб мекард.

**Поёни қисми якум.**

**14-уми октябри соли 2014 - 4-уми марти соли 2016.**

# МУНДАРИҶА

Достони родмардони кӯҳистон ... 3
Арзи бебарор ... 6
Наҷот аз улчакӣ ... 9
Ғазаби шоҳ ... 11
Таҳлука ... 13
Хунрезӣ ... 15
Супориши махфӣ ... 17
Нафратзадагон ... 20
Мурдаи зиндашуда ... 24
Дар меҳмонии шоҳ ... 27
Ҳалокати Диноршо ... 32
Пайи қадами Мулло Хишол ... 34
Ҳалокати оқсақол Сафар ... 41
Ҷигари садпораи Бибианор ... 46
Номус ... 59
Дар оғили Бандайшо ... 67
Фирор аз зиндон ... 74
Дар мотами қозӣ Давруқ ва писаронаш ... 81
Арӯси падар ва писар ... 86
Тараддуди зангирӣ ... 95
Нахусткорномаи Мирзоазиз ... 100
Дар дакони Сайид Фаррухшо ... 107
Асиргирии бегуноҳон ... 116
Хабари ҳайратовар ... 118
Дар роҳ ба сӯйи Йӯрх ... 122
Дар ҳасрати Манзаршо ... 126
Зантақсимкунӣ ... 133
Дар кӯчаи Ишратӣ ... 144
Ниёиши паҳлавони пир ... 149
Бемории Гуланор ... 157

Азми нави Ғазанфар....159
Хашм овардани Юсуфалихон бар писараш....167
Тохти бебарори Отизул....176
Меҳмони нохонда....180
Фоли Мирҷамол....189
Нархгузории асирон....195
Як сӯ шаҳид, як сӯ сур....211
Ҷанозаи дӯсту душман....216
Дар миннатхона....219
Шаҳбонуи бадбахт....225
Ҷанг дар мактаб....240
Гарданшахии Занҷир....248
Айши нотамоми шоҳ....253
Дар зиндон....259
Шуғнизарба....263
Раҳоӣ аз зиндон....269
Тасхири Баҳрпанҷа....272
Тадбири девонбегӣ....276
Даъвати баҷо....282
Маслиҳати Ширинбек ва Ғазанфар....287
Заҳри мор....291
Супориш ба Занҷири ҷаллод....297
Захмӣ шудани Ҷаҳонгир....300
Ҷангбозӣ....303
Гусели Ҷаҳонгир ба роҳи охират....306
Хурсандии ногаҳонӣ ва асорати ғайричашмдошт....310
Давоми ҷангбозии Қозӣ....318
Дуди хонаро равзан медонад....321
Хешони Манзаршо....330
Базми мусибатовар....334
Толеи сиёҳи Бонак....343
Пушаймонӣ ва марг....354